Таджикистан как суверенное государство и полноправный член ООН играет активную роль в мировых процессах. Например, РТ в области мира и стабильности во всём мире выступает с конкретными инициативами. В рамках таких инициатив проходил ряд международных мероприятий. Президент Таджикистана на саммитах и других международных форумах неоднократно выступал с предложениями по поводу улучшения ситуации в Афганистане для реабилитации экономики этой страны, борьбы против незаконного оборота наркотиков, контрабанды оружия, терроризма, радикализма и других вызовов и угроз, а также разумного использования водно-энергетических ресурсов. Так, 2003 год, по инициативе Таджикистана, был объявлен Годом пресной воды, и по этому предложению была принята резолюция Генерального секретаря ООН. Генеральная Ассамблея ООН провозгласила период с 2005 по 2015 годы - Международным десятилетием «Вода для жизни».

**ЛИТЕРАТУРА**
1. Дипломатия Таджикистана: вчера и сегодня. Душанбе. «Ирфон», Том I, 2009.
2. Огонёк Специальный выпуск. 2001.
3. Современные международные отношения и мировая политика. К 60-летию МГИМО – М. 2004.
4. Алимов Р., Лебедев М., Касымов Э. Таджикистан и ООН: история взаимоотношений. М. 1995.

**ОБРЕТЕНИЕ ГОСУДАРСТВЕННОЙ НЕЗАВИСИМОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И СТРАТЕГИЧЕСКОЕ СОТРУДНИЧЕСТВО С ООН**

Данная статья посвящена независимости Республики Таджикистан и стратегическому сотрудничеству с ООН. Взаимоотношения республики и ООН были направлены на достижение мирного процесса из-за социально–политических проблем. По рекомендации Правительства Таджикистана главный акцент был сделан на долгосрочные проекты, направленные на устойчивое развитие и восстановление национальной экономики, которые высоко оцениваются со стороны ООН и отмечаются, что это активно повлияло на социально–экономическую ситуацию в Центральной Азии.

**Ключевые слова:** ООН, Центральная Азия, стратегическое сотрудничество, долгосрочные проекты, устойчивое развитие, восстановление национальной экономики.

**GAINING STATE INDEPENDENCE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND STRATEGIC COOPERATION WITH THE UNITED NATIONS**

This article is devoted to independence of the Republic of Tajikistan and strategic cooperation with the United Nations. The country’s relationships with the United Nations were aimed at achieving peace process because of socio-political problems. According to the recommendation of the Government of Tajikistan, the main accent was made on the long-term projects directed on a sustainable development and recovery of national economy which are highly appreciated by the United Nations noting that it actively affected a social and economic situation in Central Asia.

**Key words:** United Nations, Central Asia, the strategic cooperation, long-term projects, sustainable development, recovery of the national economy.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Давлатов Муллошо*** **-** доктор исторических наук, профессор ТГУПБП
***Алимов Б.Х.-*** доцент кафедры политологии ТГУПБП

# ҲАЁТ ВА ФАЪОЛИЯТИ МУҲАММАД ЗАКАРИЁИ РОЗӢ

***Б.Р.Қурбонов, Р.И.Сангинова***
**Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон**

Яке аз намоёнтарин кимиёшиносони мамлакатҳои Аҷаму Араб, ки ӯ дар инкишофи ин илм пояҳои устуворро гузоштааст, Абӯбакр Муҳаммад ибни Закариё ибни Яҳёи Розӣ мебошад.Муҳаммад Закариёи Розӣ дар шаҳри Рай соли 251 ҳиҷрӣ (865) дар оилаи косибе таваллуд ёфтааст. Солҳои тифлию айёми ҷавонии ӯ дар зодгоҳаш мегузарад. Аз маълумоте, ки дар «Китоб-ул-Мансурӣ» мавҷуд аст, бармеояд, ки донишманд дар аввалҳои умр бо касби заргариву саррофӣ шуғл варзида, дар як давраи муайян ба ҳаваси кимиёгарӣ дар пайи омӯхтани илми кимиё мегардад. Абӯрайҳони Берунӣ (973-1048) дар «Феҳрасти мусаннифоти Розӣ» ном асараш дар бобати ба илми кимиё майлу рағбат доштани Закариёи Розӣ ба тариқи зер баён кардааст: «Ӯ нахуст ба омӯзиши илми кимиё иштиғол варзид ва чашми худро дар маъризи авориз ва офот ниҳод. Наздикӣ ба оташ ва бӯйҳои тунду тез чашми ӯро маъюб сохт ва ӯ худро ба сӯи муолиҷа ва мудово ва сипас ба илми пизишкӣ кашонид».

Муаллифи мазкур дар саҳфаи дигари ҳамин асар равшану возеҳ сабабу иллати аз илми кимиё ба илми тиб гузаштан ва дар ин соҳа ба яке аз рукну сутуни бузурге, ки минбаъд хазинаи донишандӯзии инсон бар сари он қарор ёфтааст, табдил ёфтани осори тиббии Закариёи Розиро ба тариқи зайл менигорад: «Иштиғоли Розӣ ба илми тиб пас аз даврони ҷавонӣ буд ва дар натиҷаи рамаде буд, ки дар чашмони ӯ падидор омад. Ва гӯянд, пеши кӯҳоле рафт. Кӯҳол гуфт: «Муолиҷати ту мавқуф аст бар понсад динор, ки бояд бидиҳӣ. Ӯ он маблағро ба кӯҳол доду гуфт: «Кимиё илми тиб аст, на он ки ту бад он машғулӣ». Ба ҳамин сабаб аз омӯзиши илми кимиё ба омӯзиши илми тиб пардохт ва дар таҳсили илми тиб ба дараҷае расид, ки яке аз асосгузорон ва поягузорони илми тибби замони худ гардид».

Муҳаммад Закариёи Розӣ аз овони ҷавонӣ ба омӯхтани илму адаб ба василаи китобу навиштаҷот, маҳфилҳо ва баҳсу мунозирот дилбастагии махсусе доштааст. Ҳисси кунҷковию кӯшиши донишандӯзӣ ӯро дақиқае тарк нанамудааст. Тазаккур бояд дод, ки Закариёи Розӣ дар овони ҷавонӣ монанди дигар кимиёгарон аз паи орзуи ёфтани иксир (кимиё, ҷавҳари афсонавиест, ки гӯё ба воситаи он мисро ба

тилло табдил додан мумкин будааст, доруи бисёр фоиданок) шуда буд, ки ба воситаи он маъданҳоро ба тилло баргардонад, валекин баъдтар аз ин амал даст кашид ва ҷилави истеъдоди донишро бар сӯйи майдони илми тиб, ҳикмат, риёзиёт, фалакиёт ва адабиёт баргардонид.

Муҳаммад Закариёи Розӣ аввал ба хидмати ҳокими Рай – Мансур ибни Исҳоқ ибни Аҳмад ибни Асад, ки солҳои 290-296 ҳиҷрӣ (902-908) ҳукуматдорӣ кардааст, ба вазифаи сарвари бемористон адои вазифа мекардааст. Баъд аз чанд соли хидмат ин мутафаккири барҷаставу табиби ҳозиқро ҳокими Бағдод ба назди худ даъват мекунад. Дар сарчашмаҳо оид ба сарварии бемористони Бағдод таъин шудани Закариёи Розӣ ривоятҳои зиёд оварда шудаанд. Муҳаммад Закариёи Розӣ баъд аз солҳои зиёд дар бемористони Бағдод хидмат намудан ва соҳиби тахаллуси «Табиби мористонӣ» шудан ба зодгоҳаш бармегардад.

Файласуф ва табиби мушкилкушо инчунин кимиёгари маъруф Муҳаммад Закариёи Розӣ байни солҳои 320 ҳиҷрӣ (925 мелодӣ) аз олам чашм пӯшидааст.

Фаъолияти илмии ин донишманди бузург ба тадриҷ ба Аврупо нуфуз намуд ва дар он ҷо бо номи Розес шӯҳрат пайдо намуд. Аз омӯзиши осори Закариёи Розӣ бармеояд, ки ӯ дуруст будани назарияи сунъӣ, яъне истеҳсоли тилло ва нуқра тавассути иксир эътиқоди комил надоштааст, ки онро мо аз ду асари ӯ таҳти унвони «Меҳнат-уз-заҳаб ва ал - физати ва мизони табиӣ» ва «Фиана саноатил-кимиёи ақрабул илал вуҷуд минҳо илал имтиноъ» дарёфт карда метавонем. Ин нуқтаи назари Закариёи Розиро мо зимни мутолиаи асарҳои дигари ӯ, ба монанди «Китоб ул-асрор» ва «Китоб сир ал-асрор» низ пайдо намудем. Бояд тазаккур дод, ки китоби дуввуми дар боло зикршуда, яъне «Китоб сир ал-асрор» ҳанӯз дар замони Розӣ ба забони лотинӣ тарҷума шуда, дар кишварҳои Ғарб шӯҳрати васеъ пайдо кардааст. Худи Муҳаммад Закариёи Розӣ дар ҷое зикр кардааст, ки «Китоб сир ал-асрор» аз асари «Китоб ул-асрор» пурмазмунтар асту мақоми баланде дорад. Дар ҳақиқат ин китоб дар тарҷумаи Ҳасаналии Шайбонӣ ба забони форсӣ дар ҳаҷми 630 саҳифа буда, аксари матни онро маълумоти кимиёӣ ташкил медиҳад. Илова бар китобҳои фавқ Закариёи Розӣ раддияи мухталифе ба шахсоне, ки бар хилофи ақидаҳояш буданд, навиштааст. Ҳамчунон ба осори Арасту ва Афлотун шарҳи ҷолибе ёдгор гузоштааст. Китобе дар мантиқ тадвин карда ва китобе дар бораи фалсафаи Фисоғурис нигоштааст. Асари муҳими табиии ӯ «Ал-ҳовӣ» аст, ки бо номи «Ҳақоиқ доиратул-маорифи тиббӣ» ёд мешавад.

Розӣ қариб 238 китоб ва рисола навиштааст. Мутаассифона аксарияти онҳо гум шуда, то имрӯз фақат 30 ҷилд аз осори ӯ бар ҷой мондааст ва онҳо аксар ба забони арабӣ мебошанд. Равиши таҷрибаи Закариёи Розӣ нишон медиҳад, ки ӯ аз рӯйи усули таҷрибии империзм кор мекард. Ба мисли уламои дигари замони хеш, ӯ ба офаринишии олам имони комил дошт, аммо биниши ӯ биниши моддӣ буд ва аз ақидаҳои хурофотӣ сарфи назар менамуд ва пайваста машғули таҳқиқ буда, зиндагии фақирона дошт. Вобаста ба ин Каъбӣ дар борааш чунин гуфтааст: «Ту адои кимиёгарӣ дорӣ, дар ҳоле ки натавонистӣ даҳ динор кобини занатро дар маҳзар қозӣ бипардозӣ. Ту муддаии табобат ҳастӣ, дар ҳоле ки натавонистӣ чашмонатро дармон кунӣ ва нобино шудӣ».

Илова бар муҳаққиқони қаблӣ, Розӣ дар тиб низ пешниҳодҳои муҳим намуда, ба даст овардани тезоби сулфат ва спиртро ба роҳ монд. Ӯ спиртро ба тақтири маводи қандӣ ва ношоиста ва тезоби сулфатро бо таҷзияи зочи сабз ба даст овард. Зочи сабзро метавон сулфати мис донист, чунки ҳамаи намакҳои тезоби сулфатро дар он замон ба номи зоч ё зок ёд менамуданд, аммо ранги сабзро ионҳои мис (П) медиҳад.

Барои анҷоми таҷрибаҳои кимиёии хеш Муҳаммад Закариёи Розӣ инчунин қаръ ва анбиқро истифода бурдааст.

Закариёи Розӣ чӣ дар илми кимиё ва чӣ дар илми тиб саҳми босазое гузоштааст. Омӯзиши ғояҳои фалсафии Ар-Розӣ нишон медиҳад, ки вай назарияи худро дар асоси муҳимтарин ҷараёнҳои фалсафаи исломӣ асоснок намояд. Аз сабабе ки Закариёи Розӣ дар натиҷаи омӯзиши таносуби ҷисм ва рӯҳ ба натиҷаи мусбат нарасидааст, бинобар ин ӯ мухолифи ақидаи таҳаввули рӯҳ будааст. Ин натиҷагирӣ ба ӯ имкон додааст, ки нисбат ба тамоми алкимиёгарони дигари мусулмон бештар дар масъалаи табдили ҳамдигарии моддаҳои гуногун аҳамият бидиҳад, яъне барои табдили алкимиё ба кимиёи ҳақиқӣ заминаи хубе гузоштааст. Дар баробари ин аз ҳама бештар вожаҳои алкимиёиро тафсир намудааст. Асарҳои ӯ «Китоб-ул-асрор» ва «Ал-Мадхалул-таълимӣ» аз тарафи олимони исломӣ дар асрҳои баъд ҳамчун асарҳои

соҳаи алкимиё омӯхта шудаанд, зеро дар онҳо забону вожаҳои ҳамин соҳа истифода шуда будаанд ва мазмуни ин асарҳо ба соҳаи илми кимиё иртибот доштанд. Ар-Розӣ дар тадқиқотҳои худ дар ин ришта бештар ба Ҷобир ибни Ҳайён пайравӣ кардааст. Масалан, дар масъалаи тақсим кардани филизот саҳми босазое гузоштааст. Роҳи воситаҳои аз филиз сохтани асбобҳоро барои таҷрибаи кимиёӣ ва об кардани маъданҳоро баён доштааст. Вай дар хусуси сохтани шишаҳои гуногун пешниҳодҳои судманд дорад. Намудҳои беҳтарини он шишаи беранги ҷилонок буда, бо сифати худ ба булӯр монанд аст. Розӣ бори аввал дар таърихи кимиё моддаҳоро ба се гурӯҳ: маъданӣ, рустанигӣ ва ҳайвонӣ ҷудо кардааст. Моддаҳои маъданиро бошад, дар навбати худ дар шаш гурӯҳ: 1). Моддаҳои аз гармӣ бухоршаванда: симоб, аммиак, сулфур ва ғайра. 2). Филизот: тилло, нуқра, мис, оҳан, қалъагӣ, сурб, руҳ (рӯӣ) ва ғайра. 3). Сангҳо: малахит, мармари сабз, оҳаксанги сурх, оҳаксанги хокистарранг, шиша ва ғайра. 4). Купоросҳо: купориси сиёҳ, купориси руҳ ва ғайра. 5). Танакор: содда, танакор. 6). Намакҳо: намаки ош, намаки талх, оҳак, намаки пешоб ва ғайра. Закариёи Розӣ роҳҳои тозакунӣ ва ҳосил кардани маъданро медонист. Ӯ дар озмоишгоҳи (лабораторияи) худ мис, нуқра, оҳан, тилло, қалъагӣ ҳосил мекард. Барои гудохтан ва тоза кардани онҳо Розӣ аз кӯраи оҳангарӣ бута, анбӯр, чакуш ва дигар асбобҳои сохтаи худро истифода мекард.

Таърихчиёни соҳаи кимиё Розиро ҳамчун як кимиёдон мешиносанд, агарчи кимиёгарони Ирон баъзе назариёти ӯро хато низ ҳисобидаанд. Мутолиаи осори Розӣ ва навиштаҳои муаррихоне, ки роҷеъ ба фаъолияти илмии ӯ китобу мақолаҳо навиштаанд нишон медиҳад, ки Закариёи Розиро дар радифи асосгузорони илми кимиё ҷой бидиҳем ва ҳамчунон ӯро яке аз инкишофдиҳандагони ятрокимиё бидонем. Дар ҳақиқат Розӣ баъд аз донистани асосоти кимиёи он замонӣ ба омӯзиши тиб шурӯъ намуда, дар ин соҳа низ ба комёбиҳои ҷолиб расидааст. Донишҳои кимиёӣ ба ӯ имкон додаанд, ки он малакаҳои амалиро дар санъати давосозӣ ва табобати беморон истифода намояд. Агар Ҷобир ибни Ҳайён дар санъати кимиёгарӣ, яъне кимиёи амалӣ саҳми босазое гузошта бошад, Муҳаммад Закариёи Розӣ натоиҷи таҷрибиро арзёбӣ намуда, кӯшиш намудааст, ки онро аз нигоҳи назарӣ асоснок намояд.

Муҳаммад Закариёи Розӣ инчунин баъд аз Ҷобир ибни Ҳайён ҷараёнҳои кимиёиеро ба мисли: дистилатсия, калсинатсия ва филтратсия дақиқ тасвир намуда, истифодаи онҳоро асоснок кардааст. Донистани асосҳои тиб ва тариқаи истифода ва истеъмоли гиёҳҳо ба Розӣ имкон додаанд, ки дар бораи ятрокимиё низ тадқиқотҳои зиёде анҷом диҳад. Вай аввалин шахсе буд, ки алкулспиртро дар тиб истифода кардааст, аммо ин амали ӯ аз ҷониби дигар табибон дастгирӣ наёфтааст.

Муҳаммад Закариёи Розӣ дар натиҷаи омӯзиши маъданҳо роҳҳои омезиши омехтаҳои тиллодорро шарҳ додааст. Дар асарҳои ӯ моддаҳои гуногун ёдовар шуда, инчунин зарфҳои гуногуни кимиёӣ, таҷҳизот ва тарзҳои гуногуни истифодаи онҳо дар озмоишгоҳ нишон дода шудааст.

Аз боби аввали «Китоб-ул-асрор» дар маърифати ақоқир, яъне дар бораи адвия, ки аз қисми таркиби решаи наботот ба даст меояд, маълумот пайдо мекунем. Аз қисми дигари китоб, ки бо номи «Дар маърифати олот» ёд мешавад, ба хулосае омадан мумкин аст, ки асари мазкур дар иртиботи кимиё таълиф шудааст. Ва аз порчаҳои асарҳои то ба мо расида маълум мешавад, ки Муҳаммад Закариёи Розӣ то андозае ба роҳҳои тадбиқи санъати дарёфти тилло ва нуқра мароқ зоҳир карда будааст. Розӣ дар муқаддимаи «Китоб-ул-асрор» изофа менамояд, ки дар ин китоб дар хусуси асрори пинҳон кардаи файласуфони гузашта: Оғосозимус Ҳирмиз, Аристотел, Холид ибни Язид ва Ҷобир ибни Ҳайён маълумоти кофӣ пайдо мекунем, ки моҳияти он ба диниста гирифтани се маърифат вобаста аст: 1.Маърифати ақоқир, яъне дар бораи адвия. 2. Маърифати олот. 3. Маърифати таҷриба.

Дар навбати худ Закариёи Розӣ маърифати ақоқирро ба се навъ тақсим кардааст: 1.1. Минералӣ, яъне хокӣ, маъданӣ, ки марбут ба гурӯҳи унсурҳои ғайриузвӣ мебошад. 1.2. Churches

Навъи 1.2 ва 1.3 марбути гурӯҳи узвианд. Ба асоси тафаккури худ Муҳаммад Закариёи Розӣ дар натиҷаи омӯзиши маводи табиӣ онҳоро ба ду гурӯҳ тақсим кардааст, ки якеро ҷамъи рӯҳ ва дигареро ҷамъи ҷисмҳо номгӯӣ кардааст. Ин тарзи табақабандӣ ба он сабаб пайдо гаштааст, ки дар он замон ҷудосозӣ ба филизот ва ғайри филизот набуд. Бинобар ин Муҳаммад Закариёи Розӣ ба сабаби нармӣ, ҷоришавӣ ва қобилияти табхир доштани баъзе мавод онҳоро арвоҳ ва маводи

дигарро ба иллати ҷомид зудгудохтанашаванда аҷсод номидааст, ки он ба қарори зайл аст.

I. Арвоҳ (ҷамъи рӯҳ), яъне маводи нарм ва табхиршаванда, ки чаҳоранд:

1. Симоб, ки ба арабӣ зайбиқ ва ба форсӣ инчунин ҷева хонанд.
2. Навшодир, инчунин нушодир.
3. Сулфур, ба арабӣ кибрит ва ба форсӣ инчунин гӯгирд гӯянд .
4. Арсен, ки ба арабӣ зарних хонанд.

II. Аҷсод (ҷамъи ҷасад), яъне маводи ҷомид ва ҷисмӣ, ки табхирнашаванда, ки ҳафтоанд:

1. Нуқра ба арабӣ физат, рамзи кимиёӣ Aq инчунин сим хонанд.
2. Тилло ба арабӣ заҳаб, рамзи кимёӣ Au, инчунин зар хонанд.
3. Сурб ба арабӣ расос ва дар забони имрузии форсии тоҷикӣ баъзан қурғошим низ хонанд.
4. Қалъагӣ ба арабӣ қасдир, ба форсӣ қалъ ва арзиз низ хонанд. Ба фармудаи Фирдавсӣ:

Ба чашми хирад чиз ночиз кард,<br>
Ду сандуқ пур сурбу арзиз кард

5. Оҳан ба арабӣ ҳадид.
6. Мис ба арабӣ нуҳос.
7. Оҳани чинӣ ба арабӣ алхор ас-синӣ хонанд. Табиати ин филиз то ба имрӯз маълум нест. Агарчи Абӯрайҳони Берунӣ дар китоби хеш ба номи «Ал-ҷамоҳир фи маърифат ал-ҷавоҳир» роҷеъ ба он маълумот додааст, вале табиати он ноаён мондааст.
8. Аз маълумоте, ки Ҳасан Алии Шайбонӣ додааст, бармеояд, ки оҳани чинӣ иборат аз пайкарҳои даруntиҳӣ будааст ва дохили онро маъмулан бо симоб пур мекарданд. Ба назари мо, шояд манзур аз оҳани чинӣ ҳамон зуруфи чинӣ ё фарфор бошад, ки дар амалиёти кимиёӣ ба шакли васеъ истифода мешавад.
9. Муҳаммад Закариёи Розӣ анвоъи сангҳоро ба дастаи алоҳида ҷудо карда, навъҳои онҳоро мусовӣ ба сездаҳ медонад, яъне:

1. Маркшишо, инчунин моркшишо ё марксисо низ гӯянд. Сангест, ки рангҳои сафеди нуқрагӣ, сурхи мисӣ, сиёҳи оҳанӣ ва зарди тиллоиро доро мебошад.
2. Магнисиё, инчунин мақнотис ё миқнотис, яъне оҳанрабо, магнит. Рангҳои хокии сиёҳи дурахшанда, сурхи пӯстдорро дорост.
3. Дус, сангест ба ду навъ: астахрӣ (истахрӣ) ва ароқӣ (ироқӣ) ва навъи истахрӣ беҳтар аст.
4. Тӯтиё инчунин тӯтиё, ки ба рангҳои сабзтоб, зардтоб, сурхтоб маълум мешаванд, ки дар таркибаш сурма низ дорад.
5. Лоҷвард, инчунин ложвард, сангест, ки ранги кабудиосмониро дорост. Ин вожаи форсӣ ба Аврупо ба шакли лазур нуфуз кардааст.
6. Духна, сангест сабзранг, ки имрӯз онро малахит хонанд, инчунин мармари сабз низ гӯянд.
7. Фирӯза, сангест, ки фақат як навъ дорад.
8. Шодна ё шодуна, ки онро имрӯз хемотит ё гемотит хонанд.
9. Шак, сангест, ки ба ранги зард ва сафед маълум мешавад ва дар маъдани сим (нуқра) ба даст меояд.
10. Сурма, вожаи форсист ва арабии он ал-куҳл аст. Тибқи фармудаи Муҳаммад Закариёи Розӣ дар таркиби он сурб низ мавҷуд аст.
11. Талк ё тилк низ хонанд, ки анвоъи гуногун дорад: яманӣ, дарёӣ ва кӯҳӣ. Ҳангоми зарба хӯрдан барг-барг мешавад.
12. Гаҷ, як навъ дорад ва яке аз ҷинсҳои кӯҳӣ мебошад.
13. Обгина, санги шишамонанд аст, ки сафед ва чун булӯр соф аст.
14. Муҳаммад Закариёи Розӣ ҳамчунон набототи адвиябобро ба тафсил шарҳ дода, роҷеъ ба асбобу олоти озмоишгоҳ маълумот додааст, ки барои таҳияи мавод ва анвоъи адвия истифода мешуд. Масалан, кӯра оҳангарӣ ва ҳован ё қаръ олаи кадушакле, ки дар он маводро майда мекарданд, инчунин анбиқ олае мебошад, ки маводи моеъро ба қатраҳо бармегардонд ва тариқи тадбиқ онро нишон додааст. Дар асараш «Китоб-ул-асрор» бисёре аз таҷрибаҳои гузаронидаи ӯ оварда шудаанд, ки бешубҳа аҳамияти бузурги илмӣ доранд ва инчунин метавон гуфт, ки баъзе аз хулосаҳои худро вай аз рӯи қиёс берун аз таҷриба низ гуфтааст. Масалан, ӯ гуфтааст, ки номи баъзе маъданҳоеро, ки олимони гузашта бо рамз ишора кардаанд кашф хоҳад намуд. Худи вай дар ин бора мегӯяд: «Офтоб – тилло ва моҳтоб – нуқра

мебошанд». Инчунин тазаккур додааст, ки имконияти як теъдод маъданҳоро ранги тиллоӣ бахшидан ва онҳоро ба тилло мубаддал сохтан имконпазир аст.

15. Муҳаммад Закариёи Розӣ дар асарҳои худ масоили полоиш, полоидани хушк ва об кардану гудохтани маъданҳоро баррасӣ намудааст. Бояд гуфт, ки илм ва амалия дар замони Закриёи Розӣ ба ҳамдигар мисли имрӯз равобити мустаҳкам надошт. Манбаъҳое, ки ба мо дар бораи пайдоиш ва инкишофи илми кимиё ва амалияи он маълумот медиҳанд, ба хизмати бузурги Ҷобир ибни Ҳайён, Муҳаммад Закариёи Розӣ ва дигарон марбут аст. Агарчи то ба имрӯз дар бораи корҳои онҳо таҳқиқоти амиқе ба анҷом нарасида бошад ҳам, саҳми онон дар рушди улуми табиӣ, аз он ҷумла илми кимиё дар ҷомеаи башарӣ бузург будааст. Муҳаммад Закариёи Розӣ муфассал рӯйихати бисёр таомули кимиёиро, ки анҷом додааст тартиб дода, инчунин асбобҳоеро, ки дар озмоишгоҳи кимиёӣ истифода карда буд, тасвир кардааст, ки онҳо чунинанд: бута (тигел), комагирак (шипци), миқроз (қайчӣ), сӯҳон (сӯян), шишаи ғунҷоишӣ (колба), қиф, ҳован (ӯғурча), ҳаммоми обӣ, истакони кимиёӣ ва ғайра.

16. Бута – зарфи гудозиш ва гарм кардани маводи гуногуни кимиёӣ мебошад. Бутаро аз филиз, графит, чинӣ ё материалҳои маводи муқовими оташ месозанд. Дар он замон ин асбобро барои гарм кардани маводе, ки барои гузаронидани таомули кимиёӣ лозим буд, мавриди истифода қарор медоданд.

**АДАБИЁТ**


1. Девонақулов А. Закариёи Розӣ. Мунтахаби осор. Душанбе: Адиб, 1989, 157 с.
2. Диноршоев М. Абу Бакр Ар- Рази. Духовная медицина. Ирфон: Душанбе, 1990, 86 с.
3. Rysko Z. Die alchmie ar-Razis, der Islam, Bd; 22 Heft 4, 1935.
4. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Москва, 1969. Қисми 2.
5. عمر فروخ .تاريخ العلوم عند المرب دارالعلم للمكيين بيروت ۱۳۹۷-۲۳۰ ی
6. Taylor F.S. The alchemists. W. Heihemann itd. London. -1958. P. -68.
7. George Sarton. Introduction to the history of science. Volume 1. Baltimor/ 1927. P. 520-542.
8. Ҳасаналии Шайбонӣ. Абӯбакр Муҳаммад Закариёи Розӣ. «Китоб –ул-асрор ё розҳои санъати кимиё». –Теҳрон. «Интишороти донишгоҳ». -1349. 630 с.



**ЖИЗНЬ И ТВОРЧЕСТВО МУХАММАД ЗАКАРИЯ РАЗИ**

В данной статье говорится о жизни и творчестве одного из самых великих химиков стран Ближнего и Среднего Востока. Мухаммад Закария Рази является выдающимся мыслителем второй половины 1Х в. – первой четверти Х в., с сочинениями которого были хорошо знакомы не только естествоиспытатели Ирана, Египта, Испании, но и многие мыслители Запада, где он был известен под латиризованным именем Разес.



**Ключевые слова:** металл, золото, серебро, свинец, мед, известь, олово, стекло, соль, мочевые соли, бирюза.



**THE LIFE AND WORKS OF MUHAMMAD ZAKARIA RAZI**

This article deals with the life and work of one of the greatest chemists of the Middle East. Muhammad Zakaria Razi is an outstanding thinker of the second half of the IX - X in the first quarter, with the works which were well known to scientists not only Iran, Egypt, Spain and many thinkers of the West, where he was known by the name of Rhazes latinization.



**Key words:** metal, gold, silver, zinc, honey, lime, tin, glass, salt, urinary salt and turquoise.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Б.Р.Курбонов*** – докторант ТГУК

***Р.И.Сангинова*** – старший преподаватель кафедры истории и филологии ТГУК


# ВАЗЪИ ИЛМИЮ-ФАРҲАНГИИ МОВАРОУННАҲРУ ХУРОСОН ДАР АҲДИ САЛҶУҚИЁН


***Козим Баёт Ҳайдарқулӣ***

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Эронзамин ва бахусус Мовароуннаҳр ва Хуросон, ки реша дар таърихи чандҳазорсолаи ҷаҳон дорад, бо он ки рӯбарӯи тохтутози бегонагон қарор гирифтааст, аммо новобаста аз ин бо баҳрагирӣ аз тамаддун ва фарҳанги решадораш на танҳо таҷдиди ҳаёт кардааст, балки ишғолгаронро дар тамаддун ва ҳунари худ омехта карда, онҳоро дар шумори пайравони илму фарҳанги худ даровардаст. Профессор Пуп дар китоби «Шоҳкориҳои ҳунари Эрон» навиштааст: «Ҳангоме, ки Аврупо дар ҷаҳлу торикӣ ба сар мебурд, фарҳанг ва ҳунари исломӣ ниме аз ҷаҳонро мунаввар сохт ва агарчӣ ноҳияҳои дигар дар ин кор иштирок доштанд, лекин манбаи аслӣ ва сарчашмаи ин нур Эрон буд».

Вожаи «илм» дар давраи Салҷуқӣ ба маъниҳои гуногун ба кор рафтааст, ки илова ба донишу таҷриба, аз имон то ақл ва маърифати қалбию ҳиссиро дар бар мегирад. Баррасии вазъи илмии давраи Салҷӯқӣ дар ин бахш бар ҳамин асос анҷом мешавад.

Фалсафа: Урф ва рафторҳои иҷтимоии давраи Салҷуқӣ ба самти дурӣ аз равишҳои мантиқӣ ва таҷрибавӣ, ки дар давраҳои пеш каму беш бино шуда буданд, эҳтиром ба донишмандон коҳиш ёфт. Улуми ақлӣ дар ин давра бо муқовимати аҳли шариат ва адён, махсусан фақеҳони исломӣ рӯбарӯ шуд ва он озодӣ, ки то охирҳои қари 10 ва нимаи аввали қарни 11 барои олимон вуҷуд дошт, бо тадриҷ аз миён рафт. Бо гузашти замон хулафои Аббосӣ низ тадбирҳои сахтгиронае дар бораи ин донишмандон иҷро карда ва ҳеҷ кас аз онҳоро дар корҳои давлатӣ ва ҳукуматӣ роҳ надоданд. Баҳсу мунозираи илмирол манъ карданд. Дар мадориси «Низомия» таълими фалсафа ва дигар илмҳои ақлӣ манъ буд ба ҷузъ адабиёт ва улуми динӣ, (фиқҳ, усул, ҳадис ва тафсир) чизе тадбир намешуд [1]. Ҳадафи ин мадрасаҳо тарбияи мубаллиғон ва дифоъ аз усул, андешаҳои ҳокими аҳли суннат ва ҷамоат буд. Уламои машҳур монанди Имом Муҳаммади Ғазолӣ бештарин таъсирро дар саркӯб кардани фалсафа ва сайри ақлонӣ доштанд. Дар ин давра файласуфон ва донишмандони хирадгароро зери унвони: баддин, мулҳид, қарматӣ, рофизӣ, зиндиқ ва ғайра мешинохтанд. Ба таври куллӣ метавон муҳимтарин иллатҳои қафомондагии илмҳои ақлиро дар ин давра чунин зикр кард:

Эътиқод ба хурофот ва ваҳм, густариши таасубҳои мазҳабӣ дар муқобили мутафаккирон ва аҳли илм, пешрафти ашоира ва аҳли ҳадис, рад кардани файласуфон ва фалсафаи ақлии Юнон [2].

Риёзиёт: дар заминаи риёзӣ ва нуҷум дар ин давра донишмандони бузург зуҳур карданд. Ҳакми Умари Хайёми Нишопурӣ (1191) дар риёзӣ навовариҳои тозае кард ва дар бархе аз таърифҳо ва усули ҳандасаи Уқлудисӣ нуктасанҷиҳо ба харҷ дод. Хайём аввалин касе буд, ки навъҳои муодилаҳои дараҷаи 3-ро ҳал кардааст. Ӯ ба дастури Маликшоҳ ва Низомулмулк бо ҷамъе аз ҳамкоронаш монанди Абулумузафари Исфизорӣ дар расадхонаи Маликшоҳӣ тақвими эрониро ислоҳ намуд. [3]. Дар таърихи илмҳои олам ин давраро асри Хайём номидаанд. Бархе аз осори Хайём иборатанд аз «Шарҳул мушкил минал китоб ал мусиқӣ», «Масоили ҳисоб», «Исботи масоили ҷабр», «Мизонулҳикма».

Аз дигар риёзидонон Абӯҳотами Исфароинӣ буд. Ӯ дар ҳандаса ва ҳаракати ситорагон корҳои зиёд анҷом дод. Китоби «Коиноти ҷав» аз ӯ мебошад.

Тиб. Дар ин давра табибони бузурге зуҳур карданд. Хайём илова бар риёзӣ дар пизишкӣ низ маҳорати зиёд дошт. Абуруҳии Ҷурҷонӣ, машҳур ба Исмоили Ҷурҷонӣ бузургтарин табиби асри 12 аст. Ба қавли Байҳақӣ илми тиб ва табобати чашм, дигар илмҳоро бо таълифоти худ зинда кард. Бархе аз осори ӯ иборат аст аз: «Тиби мулукӣ», «Нурулуюн», «Ақроз», «Ёдгор», «Тадбири явм ва лайла», «Зибдатуттиб».

Аз дигар табибон Абулҳасан Алӣ ибни Байҳақӣ машҳур ба Алӣ Қатони Марвазӣ (1153) буд. Ӯ дар тиб, риёзӣ, илмҳои асосӣ ва илмҳои динӣ саромади замони худ буд. Ӯ бештар ба илми тиб машғул буд. Муҳимтарин асари ӯ «Кайҳоншинохт» аст, ки дар илми ҳикмат мебошад.

Таърихнигорӣ. Дар баррасии таърихнигорӣ бояд гуфт, ки то пеш аз зуҳури силсилаҳои эронӣ ҳеҷ асари таърихӣва таърихнигории эронӣ то ба мо нарасидааст. Аз давраи Сомониён, ки ба забони форсӣ аҳамият медоштанд, таърихнигории форсӣ шурӯъ шуд. Дар давраи Салҷӯқиён се навъ таърихшиносии форсӣ вуҷуд дошт: таърихнигории умумӣ, силсилавӣ (даврагӣ), маҳаллӣ [4]. Туркони ғазнавӣ дар заминаи таърихнигорӣ ба ҷуз теъдоди зиёде аз тарҷумаҳои матнҳои таърихӣ, ки дар воқеъ ривоятҳое аз чигунагии зиндагии эрониён буданд, чизи дигаре ба вуҷуд наоварданд. Вусъат ва маҳсулоти таърихнигории форсӣ дар замони ҳукумати Салҷуқиён ва Хоразмшоҳиён хеле кам аст. Ба ҳар ҳол дар он давра таъринависони эронӣ аз ҳамқаторони аврупоии худ, ки дар ҷоҳилияти насроният ба сар мебурданд, фарсаҳо дур буданд [5].

Рушд ва вазъияти ҳунари ин давра он қадар зиёд буд,ки метавон онро бо нақши меҳварии Италия дар хунари Аврупо муқоиса кард. Ҳунари Салҷуқӣ аз Сурия то шимоли Ҳинд тӯл кашида буд. Тасвирсозии китобҳои бо хусусиятҳои эронӣ ва канор гузоштани хислатҳои нақошӣ, сабки Аббосӣ ривоҷ дошт. Аз наққошони ин давра Абӯтуроб ва Фахруддин Ҳусайни Бадеъ буданд. Тасвирҳо монандии зиёде бо наққошиҳои сафолҳои луобдор доштанд ва ҳамон нақшҳоро бо диққати комил бар

сафолҳо мебинем [6]. Аз ҳунарҳои дигари ин давра ҳайкалтарошӣ бо гаҷ, сафол ва филизсозӣ, қуръонҳои нафис, лавҳҳои тиллоӣ ва ғайра буданд.

Ҳунари меъмории Салҷуқиён давраи тавозун ва таодули меъмории Эронзамин буд, ки аз таҷрибаҳои давраҳои пешин баҳра гирифта ва намунаҳои тозаеро барои оянда эҷод кард. Навовариҳо ва унсурҳои ин давра иборат буданд аз: ҳаёти чаҳорайвонӣ, айвони вурудӣ, усулҳои нави сохтмонӣ, хишти пухта, муқарнасҳои ҷадид, гумбадҳои баланд ва ороиши биноҳо бо нақшҳои гиёҳӣ ва ҳандасӣ. Ин унсурҳо таъсири зиёде бар меъмории давраҳои баъдии Эронзамин ва кишварҳои дигари он давра расонд ва пешрафти ин меъморӣ то он андоза буд, ки метавон онро бо давраҳои ҳамзамони худ дар Аврупо муқоиса кард [7].

**Адабиёт**. Адабиёти асри 11-12 яке аз давраҳои бисёр муҳими адаби порсист. Дар ин давра таълифи китоб дар мавзӯҳои мухталифи илмӣ ривоҷ ёфт ва камтар мавзӯе аз масъалаҳои каломӣ, ирфонӣ, илмӣ ва адабӣ боқӣ монд, ки дар он китобҳо нанавишта бошанд. Ин боиси гуногун шудани асарҳои насрии ин давра шуд ва бо он ки бисёре аз китобҳои порсӣ дар ин давра дар натиҷаи ҳамлаи муғулҳо нобуд шуданд, боз ҳам бисёртар аст. Асри 11 оғози наздик шудани Хуросон ба Бағдод ва нуфузи забони арабӣ дар насри порсӣ аст. Бо ин ҳол Алпарслон пас аз он ки бар тахт нишаст, дастур дод то тамоми осор ба порсӣ навишта шаванд ва ҳамин амр сабаби эҷоди асарҳои зиёде дар насри форсӣ шуд.

**Шеър**. Дар заминаи шеър бо далале парокандагиишоирони ин давра, сабаб шуд то 3 шеваи шоирӣ дар Эронзамин падид ояд.

1. Шеваи шоирони Хуросон. Ин гурӯҳ аз шоирон ба эҳё ва такомули аҳди Сомониён ва давраи аввали Ғазнавиён пардохтанд. Тавре, ки Носири Хусрави Қубодиёнӣ аз сабки сомонӣ пайравӣ мекард, аммо ӯ бо тарҳи масъалаҳои каломӣ ва фалсафӣ дар шеър шеваи наверо падид овард. Анварӣ дар нимаи дувуми асри 12 аз шоирони маъруфи шеваи хуросонӣ мебошад.
2. Шеваи шоирони Озарбойҷон. Ҳамзамон бо таҳаввуле, ки Анварӣ ва пайравонаш дар Хуросон дар шеъри форсӣ эҷод карданд, гурӯҳе аз шоирон дар шимоли ғарбии Эрон сабки комилан тозаеро эҷод карданд, ки ба шеваи Озарбойҷон маъруф аст.
3. Шеваи шоирони Ироқ. Ин шева ба равиши шоирони Исфаҳон, Ҳамадон, Рай ва атрофи ин шаҳрҳо гуфта мешавад. Бузургтарин шоири ин шева Ҷамолуддини Исфаҳонӣ аст [8].

Падидаи муҳими шеъри ин давра Ҳаким Умари Хайёми Нишопурист, ки худ соҳиби шеваи хос дар адаби форсӣ мебошад. Хайём аввалин бор андешаҳои амиқи фалсафиро дар қолаби рубоиҳои равон ва зариф баён кард.

Таваҷҷуҳи шоирони ин давра ба овардани мафҳумҳои дақиқ ва рақобати онҳо бо якдигар боис шуд, ки шеър шакли хосро бигирад. Қарни 12 аз назари таърихиадабиёт ва сабкшиносӣ аз муҳимтарин давраҳои адабиёти форсӣ аст.

Баъзе аз шоирони маъруфи давраи салҷуқӣ Низомии Арӯзӣ, Носири Хусрав, Фахруддин Асадии Ҷурҷонӣ, Боботоири Урён, Саноии Ғазнавӣ, Анварӣ, Ҳоқонии Шервонӣ, Зиёи Хуҷандӣ ва дигарон мебошанд.

Порсии дарӣ. Профессор Абдулаҳмад Ҷовид, ки таҳқиқоти зиёде дар бораи забон ва адаби форсӣ дорад, менвисад: «… Аммо дар қани севум аст, ки гӯяндагоне дар Балх, Бухоро, Ҳирот ва Сиистон падид омаданд ва асоси адаби дариро гузоштанд. Чунончӣ дар ҳамин даврон як байт шеър, як рисола ва ё як китоб дар саросари Эрон имрӯз ба забони дарӣ ба вуҷуд наомадааст, ва усулан ҳам набояд бошад» [9].

Ба ҳамин асос, ба назари бисёре аз пажуҳишгарон, Хуросон ва Мовароуннаҳр маҳалли аслии забони дарӣ будааст. Лафзи дарӣ дар ашъори Фирдавсӣ, Унсурӣ ва дигарон омадааст. Ҳокимони салҷуқӣ номҳои эронӣ монанди Кайковус, Кайхусрав ва Кайқубод мегузоштанд ва ин расм дар давраҳои баъд идома ёфт.

Забони форсии дарӣ дар тӯли таърихи ҳазорсола баъд аз Сомониён ва Салҷуқиён бо вуҷуди душвориҳои зиёд зинда монд ва ба як забони фаромиллатӣ табдил ёфт. Бо таваҷҷуҳ бо матолиби зикршуда метавон, иллатҳои тавсеа ва ривоҷи шигифтангези забони форсиро дар ин давра ба сурати зер баён кард:

1. Ривоҷи забони дарӣ ба сарзаминҳои фатҳшуда тавассути Салҷуқиён ва Ғазнавиён;
2. Роҳандозии талифи китобҳои илмӣ ба забони форсӣ аз аввалҳои асри 11 тавассути донишмандон, ба монанди Абӯрайҳоин Берунӣ ва Абӯалӣ ибни Сино ва шогирдони онҳо;

3. Нуфузи шеър ва насри форсӣ барои иршоди мардум дар хонақоҳҳо. Ба ин тартиб адабиёти форсӣ, ки то он вақт фақат мавриди ҳимояти дастгоҳҳои давлатӣ буд, дар миёни оммаи мардум роҳ ёфт;
4. Дар ин давра вуҷуди нависандагон ва шоирон дар дастгоҳи ҳукуматӣ ифтихор ва навъе бартарӣ буд. Ин амр боиси зиёд шудани шоирон ва ривоҷи забони форсӣ шуд.

Дар як нигоҳи куллӣ фарҳанг ва тамаддуни давраи Салҷуқиён бо вуҷуди он ки дар аввал ба хотири таасуботи мазҳабӣ дучори ақибафтодагӣ шуда буд ва ҳамаи пешрафтҳои илмии давраи Сомониён якчанд вақт аз ёд рафтанд, аммо ба тадриҷ бо ғалабаи Салҷуқиён ва тадбири вазири фарҳангдӯсте монанди Хоҷа Низомулмулк бисёре аз илмҳои таҷрибавӣ ва ғайритаҷрибавӣ, мисли риёзӣ, тиб, нуҷум, ҳунар ва адабиёт аз равнақи камназир бархурдор шуданд. Олимон, донишмандон, ҳунармандони зиёд зуҳур карда, таъсироти иҷтимоӣ ва илмӣ дар сарзаминҳои исломӣ ва аврупоӣ гузоштанд.


**АДАБИЁТ**

1. Блер Шило, Ҷонатан М. Блум. Меъмории исломии Ирон ва Осиёи Марказӣ. Ҷ.1. (давраи Илокхонӣ ва Темуриён), тарҷумаи Саидмуҳаммад Мусо Ҳошимӣ Гулпоягон. Теҳрон: «Иршоди исломӣ».
2. Изуддини Абулҳасан Алӣ ибни Муҳаммади Ҷазарӣ ибни Асир. Алкомил фи торих. Бейрут: «Дорулкутубаларабӣ», 1967.
3. Итинг Ҳавзен Ричард, Олег Гробер. Ҳунар ва меъмории исломӣ, №1, тарҷумаи Яқуби Ожанд. Теҳрон: «Самат», 2002
4. Клур Коҳин. «Таърихнигорӣ дар Ирон», Тарҷумаи Яқуби Ёванд, Теҳрон: «Густрае», 2001.
5. Катли Маркрито, Луи Ҳамби. Таърихи ҳунарии Ирон. Ҷ. 8, «Ҳунари салҷуқӣ ва хоразмӣ». Теҳрон, «Мавло», 1997.
6. Одамият Фаридун. Андешаҳои Мирзоогохони Киромонӣ. Теҳрон: «Паём», Нашри 2, 1979.
7. Ориён Қамар. Доиратулмаорифи бузурги исломӣ. Зери назари Козими Мусавии Буҷнурдӣ. Теҳрон: «Доиратулмаориф», 1988.
8. Сафоҳ Забеуллоҳҳ. Таърихи илмҳои ақлӣ дар тамаддуни исломӣ то асрҳои 5-ум. Ҷ.1. Теҳрон, 1957,
9. Ҷовид Абдулаҳмад. «Афғонистон маҳди пайдоши забони дарӣ аст», Маҷаллаи Ориёнои бурунмарзӣ, № 4, Кобул, 1999.



**НАУЧНОЕ И КУЛЬТУРНОЕ ПОЛОЖЕНИЕ МАВЕРАННАХРА И ХОРАСАНА В ПЕРИОД ПРАВЛЕНИЯ СЕЛЬДЖУКИДОВ**

В данной статье автором на основе изучения исторических источников подвергнуто изучению и рассмотрению научное и культурное положение Мавераннахра и Хорасана в период правления Сельджукидов.

**Ключевые слова:** Мавераннахр, Хорасан, наука, культура, Селдьжукиды, развитие науки и культуры.

**SCIENTIFIC AND CULTURAL STATUS OF MAVERANNAHR AND KHORASAN DURING THE REIGN OF SELJUK**

In this article the author on the basis of studying of historical sources subjected to examination and review scientific and cultural status of Maverannahr and Khorasan during the reign of Seljuk.

**Key words:** Maverannahr and Khorasan, science, culture, Селдьжукиды, the development of science and culture.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Козим Баёт Хайдаркули*** – соискатель ТНУ


# ПРИЧИНЫ И ОСОБЕННОСТИ ВОССТАНИЯ АЛАВИТСКИХ ЗЕЙДИТОВ ДО ОБРАЗОВАНИЯ ГОСУДАРСТВА АЛАВИТОВ ТАБАРИСТАНА


***Абулкасем Малаи Махалли***
**Институт гуманитарных наук АН РТ**


После мученической смерти Али в мечети Куфы, с вероломством и происками Муавия по захвату власти и ее переноса из Куфы в Дамаск, в истории ислама началась новая эра. С приходом к халифату Язида и событиями Ошура в 61 году хиджры, одновременно с тяжелым положением алавитов; политикой, направленной на оскорбление, страдание и мучение алавитов – все вместе привело к формированию восстаний в исламских странах, среди которых роль недовольных алавитов существовавшим правительствам проявляется заметным образом. Фактически, эти события представлялия собой некоторый род политика сведения счетов. Так, основными факторами восстаний зейдитов являютя следующее:

1–Деспотизм, тирания и оскорбление алавитов, сведение счетов Омейядами с семейством алавитов.

2 –Политическая конкуренция жителей города Куфы с Дамаском в связи с переносом центра халифата в Дамаск, что поощряло алавитских лидеров к восстанию.

3 –Поддержка недовольных поданных фанатичного арабского правительства Омейядов, постоянным образом игравшие важную роль в формировании и поддержке возрождения зейдизма.

4 –Расширение исламского мира и конкуренция в приобретении независимости и поддержка любого вида восстаний, направленных против власти Омейядов.

5 –Процесс морального поведения алавитских лидеров и их родственность к семейству Пророка (с).

*Восстание алавитских зейдитов - хусайнитов в эпоху Омейядов.* По истечению недолгого времени событие Ошура в Кербеле превратило Куфу в центр восстаний, нестабильности, волнения против омейядских ставленников. Восстания таввабин под руководством Сулеймана Бен Сурда Хузаи и Мухтара ибн Абу Убейда под предлогом мщения от Хусейна ибн Али (р), на самом деле, направленные для захвата власти, дестабилизировали политическую ситуацию в городе. Гонение и деспотизм Омейядских правителей и их ставленников достигли такого предела, что казалось внешне они соблюдали ислам, но согласно словом куфийского историка, «Омейяды манипулировали исламом таким образом, как дети играют с мячом (1: - С. 332). Первым и самым важным восстанием зейдитов, произошедшим 122 г.г. в период правления Хишама ибн Абулмалека (105 – 125 г.г.), одного из могущественного Омейядских халифов, является восстание Зейда ибн Али.

*Восстание Зейда ибн Али.* Зейд ибн Али являлся одним из внуков Али ибн Хусейна, известного как Саджад. В это время он был одним из ставленников и влиятельных людей Бани Хишама. Зейда всегда мучили оскорбления, тирания и деспотизм Омейядских ставленников. Подобно своему величественному дедушке - Хусейна ибн Али, видел путь исправления в массовом восстании и вооруженной борьбе. (2: - С. 177). Высокий дух и благородство души Зейда ибн Али достигали такой степени, что никогда он не был намерен, наподобие своего дедушки проявлять какую – либо униженность. Так, он направился в Куфу с намерением организовать восстание, целью которого он объявил как месть за своего дедушку (3: - С. 247). По настоянию жителей Куфы и своей внутренним стремлением он принял последнее решение в то время, когда он столкнулся с заговором Халида ибн Абдуллаха Касри и Юсуфа ибн Умара, наместника Куфы (2: - С. 178). В городе Куфе, где дух мести против Омейядов жителей был чрезвычайно высок, получив обязательства куфийцев, основанных верность ему, Зейд начинает готовиться к своему восстанию, хотя некоторые алавитские влиятельные лица и его советники были против этого восстания - они не были знакомы с народным духом в городе Куфе (2: - С. 177). Таким образом, Зейду принесли присягу на верноподданство сорок тысяч человек, состоящих из жителей Куфы и других исламских территорий, как Мосул, Мадаин и Басра (4: - С. 48-96). В таких условиях Юсеф Умар, известный омейядский правитель с прозорливой хитростью, до того, как силы Зейда соберутся вместе, начал войну. Зейд и его немногочисленные сторонники проявили огромную храбрость, чтобы достичь победы в этом сражении (2: - С. 172). Однако, некоординированность действий в армии Зейда и начало восстания до установленного срока привели к подавлению этого восстания. В поле битвы стрела попадает на лоб Зейда, и после ее вытаскивания, он умирает. После этого, соратники Зейда попытались похоронить его с тем, чтобы предотвратить оскорбление над его телом, но по доносу одного из сглядатаев его тело было найдено, повешено, сожжено и распылено на реке Евфрат, а его голова была выставлена для назидания населения в исламских странах (6: - С. 29). Несмотря на то, что Юсуф ибн Омар смог в ходе одной из полевых сражений сломить восстание Зейда, но по справедливости следует отметить, что это восстание стало началом шиитских движений, приведших в конечном итоге к падению Омейядов (7: - С. 190).

*Восстание Яхья ибн Зейда Алави в Хорасане.* Яхья являлся достойным и храбрым сыном Зейда, командовавшим в подростковом возрасте отрядами войск своего отца (8: - С, 260). После мученической смерти Зейда народ отдалился от окружения его сына – Яхьи, и он решил немедленно покинуть Куфу и добраться до Медины, и оттуда тайком направиться в Кумс и Хорасан (8: - С. 261). Под лозунгом «Довольствие от семейства Мухаммада (с)» он начинает свое широкомасштабное восстание против Омейядов.

Следует отметить, что Хорасан ввиду своей отдаленности от центра халифата считался центром борьбы против арабов, и в любом восстании, формировавшемся против арабов, хорасанцы играли важную роль. Поэтому, Яхья, пользуясь создавшейся ситуацией стремился собрать вокруг себя недовольных жителей Хорасана и почитателей семейства пророка (ахла-л-байт). В Балхе ставленники Насра ибн Сайяра -правитель Хорасана, задерживает его и отправляет к нему в Балх (8: - С. 264). После смерти Хишама ибн Абдулмалика и прихода к власти Валида, по приказу нового халифа, Яхья выходит на свободу. После освобождения Яхья направляется из Мерва в сторону Нишапура и начинает серьезную борьбу против халифа с помощью населения Нишапура и Байхака, и их близлежащих районов (10: - С. 296). Яхья после одной из ожесточенных битв с правителем Нишапура, в ходе которой был убит правитель этого города, принял решение будучи под преследованием направиться в сторону города Герат (7: - С. 967).

После противостояния с правителем Герата и последующей неудачи он был вынужден двинуться в сторону Джавза Джанан (6: - С. 300). Возможно выбор Яхьи пал на этот город по той причине, что он имел удобное военное и стратегическое положение, укрепленные районы. Во время пребывания в этом городе, Наср ибн Сайяр со своей 10-ти тысячной армией напал на армию Яхьи, нассчитывающую лишь 700 человек. Яхья со своими сторнниками храбро сражался до заката солнца. В этом сражении Яхья погибает от выпущенной стрелы. Его сторонники также боролись до конца, пока все не погибли на поле сражения (11: - С. 306). В конце периода омейядского правления, когда усилился призыв ахла-л-байт, Аббасиды поняли, что жители Хорасана питают огромную любовь к ахла-л-байт, которые испытывали тиранию со стороны омейядских правителей, полны ненависти по отношению к ним. Они понимали, что мученические смерти Зейда ибн Али(а) и Яхьи ибн Зейда довели их эмоции и ненависть до своей кульминационной точки. Семейство Аббасидов с намерением использовать создавшуюся ситуацию и возможность, были вынуждены согласовать свой курс и призыв со сторонниками ахла-л-байт с тем, чтобы обратить народ в свою сторону. Так, Абу Муслим Хорасани принялся преследовать основных исполнителей убийства Яхьи ибн Зейда, казнил их. В Джавзе Джанан он снимает тело Яхьи ибн Зейда из виселицы и там же хоронить его (12: - С. 213). Эффект восстаний Зейда и Яхьи в Хорасане был настолько, что всем новорожденным стали давать имена Яхья и Зейд. Жители Хорасана поминали их семь дней 912: - С. 213).

*Восстание Абуллаха ибн Муавия ибн Абдуллах ибн Джаъфар ибн Абу Талиб Абдуллах.* Абдуллах ибн Муавия восстал после убийства Валида в 126 г.г. в Куфе (12: - С. 219). Но почувствовав, что ситуация в Куфе является неспокойной, он отправляется в Иран и захватывает центральные районы Ирана (13: Вакаеъ сал, 127 г.г.). По словам Абулфараджа Исфахани, эта его инициатива стала причиной эмиграции некоторого числа жителей племени Хашем (бани Хашем) в направлении Ирана (14: - С. 167). После ожесточенных битв с Омейядами, Абдуллаха настигает поражение в сражении с Амером ибн Зуббара – могущественного военачальника Марвана Химара в Ширазе. Но вопреки ожидания Абдуллаха, Абу Муслим не проявил милость по отношению к Яхья, он засаживает его в тюрьму (зиндан), где он умирает в 131 г.г. (14: - С.168).

*Восстание алавитов зейдитов – хасанидов Аббасидского периода.* После падения династии Омейядов, сейидам – потомкам Хусайна (сейидам-хусайнидам) следовало использовать создавшуюся ситуацию, но по различным причинам, они не пренебрегли этим. Они полностью сторонились вооруженных восстаний и уступили свое место своим конкурентам из хасанидской ветви, выбравшим уединение и затворничество в период правления Омейядской династии. Семейство сейидов – хасанидов в период восстаний Зейда и Яхьи не только не поддерживало последних, но существуют документы, свидетельствующие об их запрете к восстанию. Даже Абдуллах ибн Хасан ибн Али во время восстания при Аббасидах написал письмо Зейду и сдерживал его от восстания. Однако, в период правления Аббасидской династии семейство сейидов-хасанидов, увидев пустое место сейидов-хусайнидов, приходят на сцену. В это время более заметной была роль семейства Абдуллаха ибн Хасана. Из числа пяти восстаний, свершившихся в период правления Аббасидской династии, четыре восстания во втором веке хиджры свершились под руководством сыновей Абдуллаха под именами Мухаммад, Ибрахим, Яхья и Идрис.

Восстание Хусайна ибн Али, известного как Фах, также было свершено одним из ближайших родственников Абдуллаха. В любом случае, как было сказано, иранцы, для своего освобождения от деспотической сасанидской системы приняли ислам, поддерживали при этом Аббасидов, думая, что они назначат человека из семейства Али из

семейства Пророка правителем. Но когда иранцы не увидели его на троне халифата, они встали на путь сопротивления против Аббасидов. Из числа таких восстаний, которых можно упомянуть, является восстание Шарика ибн Шейха аль-Махри в Бухаре. Он был шиитом и призывал людей к содействию прихода к власти потомков Али (р) в халифате. Он говорил: «Мы только освободились от мучений Марванидов, и нам не следует испытывать мучения Аббасидского семейства, дети Пророка должны стать наместниками (халифами) Пророка» (15: - С. 86-87).

Абу Муслиму было сказано, что иранцы приняли перед ним присягу о верности (байъат) для свершения справедливости, а не для кровопролития и деспотических действий. Более тридцати тысячи человек собрались вокруг него и поддержали его (16: - С. 171). Таким образом, алавиты еще раз начали широкомасштабные восстания, на этот раз, против Аббасидов – завоевателей. Согласно мнению Сейида Джаъфара Мортаза, ставленника кровожадного халифа, до правления аббасида Маъмуна произошли три восстания (17: - С. 134).

*Восстание Мухаммада ибн Абуллаха, прозванный Ан-Нафс Аз-Закия в Хиджазе.* Одно из известных восстаний в 142 г.г. в период правления Мансура Аббаси произошло в Медине под руководством Мухаммада ибн Абуллаха ибн Хасан ибн Хасан ибн Али, которого шииты прозывали нафс закия (чистая душа) и аль-Мехди (12: - С. 306). Мухаммад ибн Абдуллах признавал свое право на власть, так как на основе одного из преданий, упомянутых историками, совет, состоявший из Аббасидов и алавитов (Джабиха), до победы аббасидского движения, он был выбран на эту должность (18: - С. 513). По той причине, что когда Саффах (кровожадный) пришел ко власти в халифате, Мухаммад и его соратники отказались принести ему присягу о верности. Так как Аббасиды были увлечены Омейядскими ставленниками и устранением своих претендентов, Нафсу Закия под руководством своих наставников удалось привлечь к себе большую группу людей, в том числе знатных лиц из Мекки и Медины, даже Малека ибна Анаса – крупного предводителя маликитской школы (19: - С. 199).

Повседневный рост сторонников Мухаммада вынудил Мансура держать все семейство Хасана Мусанна под арестом, чтобы различными способами подвергнуть их пыткам и истязаниям, с тем, чтобы возможно таким методом он выведет Мухаммада и его брата Ибрахима от скрытности. В такой ситуации Мухаммад Нафс Закия восстал в Медине и захватил город. Это восстание было горячо встречено жителями Хиджаза (20: - С. 260). Мансур вначале настраивается доброжелательно, посылает ему письмо и гарантирует ему безопасность. (21: - С. 166). Но Мансур получает ответ с резким тоном (22: - С. 195-198). Тогда Мансур посылает Иса ибн Муса – своего наместника, на войну с Мухаммадом (11: - Т. 2 – С. 376). Рассылая письма жителям Медины, Исе удается путем ложных обещаний отдалить их от Мухаммада. Таким образом, 6-го числа месяца рамадан 145 г. две армии столкнулись друг с другом, произошел кровавый бой, в ходе которого погибает Мухаммад (18: Вакаеъ Сал, 145 г.х.). После гибели Мухаммада армии Исы ибн Муса удалось с легкостью захватить город Мекку (13: Вакаеъ Сал, 145 г.г.).

Таким образом, несмотря на то, что все перечисленные восстания были подавлены жесточайшим образом, тем не менее, они обеспечили необходимые условия для формирования полузависимых государств в большинстве исламских странах.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Барраки. История Куфы. – Неджеф, 1356 г.г.
2. Мухаммад ибн Табатаба. Таърих-е фахри (История Фахри). Пер. Мухаммада Вахида Голпайгани. – Тегеран: Центр перевода и изд-ва книг, 1350 г.г.
3. Фазл ибн Хасан Табари. Маджмаъа-л-баян (Свод разъснений). – Т. 8.
4. Хасан Каримиян. Биография и восстание Зейда ибн Али. – Тегеран: Научно-культурное изд-во, 1364 г.г.
5. Зарринкуб Абдулхусайн. История Ирана после ислама. 4-ое изд. – Тегеран: Сипехр, 1363 г.г.
6. Ахмад ибн Аъсам Куфи. Китабу-л-футух (Книга завоеваний). Исследование Алишери. 1-ое изд. – Т. 7. – Бейрут: Дару-л-зава, 199 1.
7. Карл Брокельман. Арабы и арабская империя. 3-е изд.
8. Абуали Мухаммад. Таърихнома-е Табари (История Табари). Корректировка Мухаммада Равшана. 1-ое изд. – Тегеран: Ноу, 1366 г.х.
9. Гардизи Абдулхайй. История Гадизи. Корректировка Абдулхайя Хабиби. 1-ое изд. – Тегеран: Мир книг, 1363 г.г.
10. Муставфи, Хамдуллах. Избранная история. Корректировка Абдулхусайна Наваи. – Тегеран: Эмир Кабир, 1362 г.г.
11. Яъкуби, Ахмад ибн Вазех. История Яъкуби. Пер. Мухаммада Ибрахима Аяти. 3-е изд. – Тегеран: Научно-культурное изд-во, 1362 г.г.

12. Али ибн Хусайн Масъуди. Мураввиджу-з-захаб ва маодину-з-захаб и маодину-л-джавхар. – Т. 3. 2-ое изд. – Кум: Дару-л-хиджра, 1363 г.г..
13. Мухаммад ибн Джарир. История Табари. – Бейрут: Бета, события 127 г.г.
14. Абулфарадж Исфахани. Мукатилу-т-талибин. Комментария и исследования Сайида Ахмада Сафара. 2-ое изд. – Каир: Дару-л-хаяъ аль- кутуби-л-арабия, 1949.
15. Абубакр Мухаммад ибн Джаъфар Наршахи. История Бухары. Пер. Насра Ахмада ибн Мухаммада Сафара Кабави, редакция Мухаммада ибн Зуфара, кррektировка Мударриса Разави. 2-ое изд. – Тегеран: Тус.
16. Ахмад ибн Яхья ибн Джабир Билазари. Ансабу-ш-шараф. – Т. 3. Исследование Абдулазиза Ад-Даври. – Бейрут: Дару-н-наср, 1978.
17. Джаъфар Мортаза Амели. Политическая биография Имама Резы. 2-ое изд. – Кум: Научное общество преподавателей Кума, 1362 г.г.
18. Ибн Асир и др. Аль-Камиль ви-т-таърих (Полная история). – Бейрут: Дом книги Аль-Бунан, 1967.
19. Ибн аль-Кутайба, Абдуллах Муслим. Имамат и политика. – Т. 3. – Каир: Изд-во Мостафа Аль-Баби Аль-Халаби, 1963.
20. Кази Нуруллах Шустари. Маджалису-л-муъминин. – Т. 3. – Тегеран: Исламские книги, 1365.
21. 121. Ибн Аль-Тактаки, Мухаммад ибн Али Табатаба. Аль-Фахри в солтанской этике и исламских государств. – Бейрут: Дару-л-Бейрут, 1966.
22. Табари, Абу Джаъфар Мухаммад Бар Джарир. История пророков и царей. – Т. 6. Исследование Мухаммада Абулфазла Ибрахима. – Тегеран: Дару-л-маариф, 1960.
23. Мухаммад Сухайл Такуш. Государство Аббасидов. Пер. Ходджатоллаха Джудаки. – Тегеран,1387.
24. Дайнури Абулханифа. Аль-Ахбару-л-тивал. Исследование Абдулмунъима Амера. 1-ое изд. – Каир: Дару-л-хаяъ аль- кутуби-л-арабия, 1960.
25. Ибн Абузарраъ. Равзу-л-киртас фи ахбари мулуки-л-магриб. Туренберг, 1843.
26. Хатта, Филипп Халил. История арабов. Пер. Абулкасема Паянда. 2-ое изд. – Тегеран: Агах, 1366.
27. Ибн Исфандияр, Мухаммад ибн Хусайн: История Табаристана. Корректировка Аббаса Икбала. 2-ое изд. – Тегеран: Падида, 1366.
28. Абулаббас Хасан (Масабих). Сообщения об зайдитских имамов. Исследование Вильферда Модалонга. – Бейрут: Нашр, 1987.
29. Махалли, Хамид ибн Ахмад. Цветочные сады в достоинствах зайдитских имамов. Исследование Вильферда Модалонга. – Бейрут: Нашр, 1978.
30. Джалили, Махди. Журнал «Машкух», №№ 76,77.
31. Ибн Анба, Джамалутдин Ахмад. Умда-е Толиб. Корректировка Мухаммада Хусайна Алталкани. 2- ое изд. – Тегеран: Реза, 1362.
32. Ибн Халдун, Абдуррахман. История Ибн Халдуна. 3-е изд. – Бейрут: Дару-л-фикр, 1408.
33. Амели, Авлияуллах. Таърих-е равиян. Корректировка Манучехра Сутуда. – Тегеран: Изд-во культурного центра Ирана, 1384.

**ПРИЧИНЫ И ОСОБЕННОСТИ ВОССТАНИЯ АЛАВИТСКИХ ЗЕЙДИТОВ ДО ОБРАЗОВАНИЯ ГОСУДАРСТВА АЛАВИТОВ ТАБАРИСТАНА**

В данной статье рассматриваются причины и особенности восстаний лидеров алавитских зайдитов в исламском мире до образования государсва алавитов. Автор детально рассматривает восстания зайдитов – хусайнитов эпохи Омеядов, распад зайдитов – хасанитов в этот период, а также причины подавления восстаний зайдитов – хасанитов в эпоху правления Аббасидов, а также их последствия.

**Ключевые слова:** зейдиты, восстание, подавление, эмиграция

**REASONS AND FEATURES OF UPRISINGS OF ALAWIT ZAIDITS UNTILL THE ESTABLISHMENT OF THE STATE OF THE ALAWITS OF TABARISTAN**

The given article deals with the reasons and features of uprisings of Alawit Zaidits until the establishment of the state of the Alawits of Tabaristan. The author reviews in detail the uprisings occurred in the Islamic World, such as of Zaidits – Husainits of the Omayyad epoch, the defeat of Zaidits – Hasanits in the epoch of Abbasids' rule, as well as their consequences. In spite of that all these uprisings were suppressed severely, nevertheless, they provided necessary conditions for formation of quasi-dependent states in the most Islamic countries.

**Key words:** Zaidizm, rebellion, suppressing, emigration

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Абулкасем Малаи Махалли*** – соискатель Института гуманитарных наук АН РТ

# ОМӮЗИШИ ТАЪРИХИ МУБОРИЗАИ МАРДУМИ ХУРОСОН БАР ЗИДДИ ХИЛОФАТИ УММАВИҲО ДАР АСРҲОИ VII – VIII

***С. М.Раҷабов***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Мақолаи мазкур, ба омӯзиши таҷовузкорию истилогариҳои арабҳо ва муборизаи мутаасили мардум, дар ҳудудҳои Хуросону Суғд ва соири музофотҳои қисмати шарқии Хилофат ба вуқӯъ пайвастаанд, бахшида мешавад. Мо кушиш кардаем, ки ташреҳи ҳаматарафаи илмии пажӯҳиши худро дар асоси маводи аз маъхазу сарчашмаҳо ва адабиёти муосири таърихӣ, ки бисёрашон бори нахуст

истифода шудаанд, анҷом диҳем. Инчунин зарур донистем, ки бо далелҳои тозаю эътимоднок, як зумра ҳодисоти аз эътибори кашофони пештара дур мондаро равшан гардонида, манзараи воқеии вазъи иҷтимоӣ- сиёсии мардуми Хуросону Суғдро дар ҳайати Хилофат пурраю ғанӣ гардонем.

Пажӯҳиш албата ба таври объективонаю боадолатона баҳо додан ба равандҳои мутаҳидгардию истифодаи шаклҳои гуногуни муборизаи аҷдодони тоҷик ба муқобили истибдоди халифаҳою ашрофони араб, ки аз усулҳои адлии дини Ислом сарфи назар мекарданд сурат гирифтааст. Бояд афзуд, ки дар ташреҳи илмии равандҳои иҷтимоии дар ҷомеаи исломӣ ва хусиятҳоои муборизаи аҷдодони тоҷик алалхусус хуросониҳо, андешаҳои мустаҳилона ба миён омаданд. Мо ба ақоди олимоне ки тамоми ҳаводиси истилои арабро бо интишори Ислом чун ҳодисаи фоҷиавӣ ва инқирозию пасткаш маънидод карданд, шах нашуда, паҳлуи нафъдорашро ҳам ба назар гирифтем. Масалан, аз ин ҳаводис ҳолати ҷиддие аз madди назар дур мондааст: хуросониҳо, баъд аз он ки Ислом оварданд, аз арабҳои бадавӣ дида ба он содиқтар буданд, воқеона мушоҳида мекарданд, ки кирдорҳои зидди шаръии саркардаҳои Халифат, аз бани уммавиҳо, ба такмилоту пешрафти дини поки Илоҳӣ ҳисор меорад. Алакай инқирози қотеъонаи он, ки дар пайдоиши даҳҳо равияю майлонҳои мазҳабӣ ифода меёфт, ҳувайдо гашта буд. Як зумра донишмандон аз хонавораҳоии хуросонӣ, ки ба маволи хонаворҳои аз ғоратгариҳои мардумони ғайриараб босарвату қудрат гашта табдил ёфта буданд, ба офаридани таърихи Ислом машғул гаштанд, қисми дигарашон устворсозии пояи Шариатро ба зима гирифтанд. Барҷастатарин фақеҳон ба монанди Ибни Молик, Абу Ҳанифа ибни Нуъмон ва шогирдонаш хукуматдории уммавиҳоро бар хилофи Шариат маънидод карда, аз тахти Халифат поин овардани ин қавмро кори савоб шумориданд.

Дар такя ба ин нишондод, иттиҳоди ҳарбии хуросониҳо, суғдиҳо, хутталиҳо якҷоя бо қавму қабилаҳои арабии зидди уммавиҳои дар Хуросон сукунат дошта, бо сардории Абӯ Муслими Хуросонӣ (Маволӣ), дар соли 750 уммавиҳоро аз тахт фуруд оварданд. Хуросону Суғд, Хутталону Иронро аз ҷонибдорони уммавиҳо тоза ва турконро то ба Тироз пеш карданд. Аз ин лиҳоз мо бар онем, ки муборизаи аҷдодони тоҷикро бар зидди арабҳо чун баъзе таърихнигорони араб ба монанди Муҳаммад Хусайни Ҳайкал ифротӣ («шуубӣ) шинохтан низ норавост. Таърихи ин давра шоҳид аст, ки аз қавму қабилаҳои зиёди ба фазои Халифат ворид гашта, аввалин шуда, аҷдодони тоҷик дар такя ба адлияти дини мардумгарои Ислом, бар зидди ифротгариҳои арабҳои бадавии бани уммавия ба набард бархестанд.

Дар ин радиф, ғайр аз ёдовар аз ғаюрию, шуҷоат, меҳану фарҳангпарастии аҷдодони тоҷик, боз омӯзиши дастовардҳои пурқимати онҳоро ба таърихи имрӯза ворид сохтан, ба коркарди муносибати нави ташреҳи илмии равандҳои иҷтимоии дар ҷомеаи тоҷик рухдиҳанда, коҳиши мавқеи ғояҳои мухталифи марказгурез дар шуури ҷамъиятӣ, ба танзим овардани таомули миллӣ ва чорабиниҳои маросимӣ, инчунин таҳкими идеологияи (мафкураи) ягонаи давлатӣ мусоидат хоҳад намуд.

Таҳлили илмию муқоисавии манзараи мӯътамади ҳаёти сиёсӣ ва равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодии Хуросон ва Суғд дар асри VII ва нимаи аввали асри VIII чунин ҳолатҳои ҳанӯз омӯхтанашударо ба ҷило оварданд:

- ба рӯҳияи ниҳоят бузурги меҳанпарастӣ, озодихоҳӣ ва созандагӣ ороста будани аҷдодони тоҷик, ки на танҳо ба хотири ҳифзи Ватани хеш, балки барои нигоҳ доштану рушди минбаъдаи арзишҳои моддӣ ва маънавие, ки аҷдодони онҳо андӯхта будаанд таъмин гардониданд, муборизаи мутаасили шадиду бардавом бурдаанд;
- дар мубориза бар зидди арабикунонии ҳаёти ҷамъиятӣ онҳо тавонистанд, ки на танҳо волоияти забону фарҳанги хешро нигоҳ доранд, балки пешорӯйи зарбаҳои бераҳмонаву хурофоту таасуби мутаассибони динии кучманчӣ истодагарӣ кунанд ва аз густариши минбаъдаи «ғазавот»-и харобиовар лашкариёни эшон ба дигар ҳудудҳо ҷилавгирӣ намоянд;
- ба силки таҳлил кашидани ҳодисаҳои гузаштаи таърихӣ, таҳо дар ҳудуди Осиёи Миёна, бе иртиботи зичи онҳо бо ҳаводисе, ки дар тамоми ҳудуди этникии ниёгон, бо назардошти арзишҳои ягонаи ахлоқӣ ва фазои муштараки фарҳангӣ, рух додаанд, тамоми асалоти муборизаи онҳоро равшан карда наметавонад;
- таъсисёбии ҷабҳаи ягонаи халқии зиддихилофатӣ дар Хуросон, ки бар сулолаи Уммавиён тасаллут ёфт ва тамоми ҳудуди этникии аҷдодии тоҷикро дар мовароии Хуросон Тохаристон ва Ирон дар тӯли панҷ сол (750-755), ба иродаи худ гирифт, чун заминаи оғози ташаккули халқи тоҷик хизмат кард.

Изофа бар ин мо кушиш ба харҷ додем, ки ҳудуди этникии аҷдодии тоҷиконро бо номи Хуросон аниқ созем. Ҳудудҳои хуросонӣ, ки дар «Авесто» чун паҳнои ориёӣ муаррифӣ мегарданд, дар харитаи геопалитикӣ хеле дуртар аз сарҳадҳои Осиёи Миёна тӯл кашида, боз қисмати муайяни Покистон ва Афғонистони муосирро низ фаро мегирифтанд. Ин минтақа аз аҳди бостон ҳудуди аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафта буд ва бисёр мавзеъҳои он ба минтақаи ниммоҳаи «Ҳилоли ҳозилхез» ворид буданд. Аммо бо тақозои таърихи асри VI ва ибтидои асри VII ба дасти туркҳо гузаштанд. Қисмати дигари он - шарқи Ироқ-Сиистон (ҷануби Афғонистон) дар тобеияти Сосониён монд. Бад –ин тариқ, тайи амалиёти доимии ҳарбӣ Сосониён ва туркҳо, тайи солиёни тӯлонӣ ба иқтисодиёт ва фарҳанги Хуросониён хисороти бузург расонида, шаҳру навоҳиро валангор намуда, ба харитаи сиёсии Хуросон ва номҳои ҷуғрофӣ ва анъаноти мардум тағйироти хеле зиёд ворид карданд.

Тибқи маълумоти Қудама ва Ал- Балазурӣ, фармондеҳи ҳарбии араб аз бани Уммавия - Абдуллоҳ ибни Будайл дар с. 651 ба юриш ба Хуросон тасмим гирифт. Ӯ, шаҳру деҳоти зиёдеро ё бо набард, ё бо мусолиҳа ба итоат овард, дар он ҷое ки набард зарур мегашт аҳолии зиёдеро ба марг ҳукм мекард. Баъди ин тайи чандин моҳ Абаршаҳрро тахти муҳосира қарор дод. Ба ризоияти аҳолии шаҳр ба музокираи сулҳомез нигоҳ накарда, Ибн Амр аз онҳо 700000 дирҳам ситонид. Ӯ аз аҳолии соири шаҳрҳои истилокардааш низ маблағҳои ҳангуфт меситонид.[1]

Баъди марги Зиёд Муовия писари 25-солааш Убайдуллоҳ волӣ таъин гардид, ки бо артиши 24000 нафара дар Суғд ҷанги бераҳмонаю хунрезтаринеро истиқрор кард, бисёр одамонро ба асорат гирифта ба Арабистон фиристонд. Чаҳор ҳазор нафарашонро ба худ ғулом гардонид. Баъдан аз тариқи Рометан ба Бухоро роҳ гирифт. Қушунҳояш сари роҳашон ҳама чиро харобу валангор мекарданд. Дар Бухоро онҳо деҳотро сӯзонда, майдонҳои киштро поймол ва аҳолиро ғорат менамуданд. Хокими дигари Умавиён дар Хуросон Саид ибни Усмон дар с. 675 бо қушуни бузурги муштамил аз роҳзану дузд ва маҳбусони собиқ ба Суғд раҳсипор гашт. Дар вилоятҳои Нишопуру Марв ғоратгариҳои зиёде намуда, баъдан ба Бухорою Самарқанд роҳ гирифт. Муҳорибаи Саид бо самарқандиҳо як моҳ давом кард. Саид, чун ҳис кард, ки бо нерӯ Самарқандро истило карда наметавонад, бо шарти он ки самарқандиҳо ба ӯ 500 000 ё 700 000 дирҳам пардохт кунанду ба замми ин аз ҳисоби фарзандони ашроф гаравгон бидиҳанд ва арабҳоро бо баромади бехатар аз шаҳр таъмин намоянд, муоҳидаи сулҳ ба тавсиб расонд. Ва баъди ин ҳама Саид аз тариқи Амударё убур кард.[2]

Волии навбатии Муовия дар Хуросон - Абдураҳмон ибн Зиёд (с.678-679) дар ягон амалиёти ҳарбӣ ширкат наварзида, аз сарвати аз аҳолӣ торoҷкардаи ҷанговаронаш ба хазинаи Халифат 20 милён дирҳам ирсол кард. Дигар волӣ Салм ибн Зиёд бо тохтутозҳои роҳзанонаи хеш дар самти Бухоро чунон сарвате ғорат кард, ки ба ҳар як ҷанговар, саворон 2400 дирҳам ва ба аскарони пиёда 1200 дирҳамӣ мерасид. Қушуни ӯ 10-12000 аскар дошт. Худи Салм ба ҷиҳати бадкориҳои хеш наметавонист намунаи мусалмони асил чун «муборизи ислом» бошад. Дар се сол ӯ ончунон сарватманд шуд, ки агар сарваташро ду бор ба ҳар як сокини шаҳри Шом (Сурия) тақсим кунем, ҳар боре ба онҳо 1 милён дирҳамӣ мерасид.[3]

Хуласи калом, дар Хуросону Суғд хулафо аз авлоди Уммавиҳо: Язид ибн Муовия (с.680-684), Абдумалик ибн Марвон (с.685-705) ва дигарон ба таҳоҷуми роҳзанона машғул шуда. вазифаи асосии хеш ба дини Худо-Ислом мутаваҷҷеҳ гардондани мардуми маҳалро фаромӯш карданд. Истилои пурраи кишвари тоҷикнишин дар аҳди халифа Валид ибн Абдумалик (с. 705-715), ба Кутайба ибн Муслим муяссар гардид. Бад –ин минвол, бо омадани авлоди Уммавиён ба сари қудрат Ислом аз дини ҳамагонӣ ва ҳомии бечорагону мазлумон ба олоти пахш кардани норозигиҳо, ғорату таҳқир, истисмору поймол кардани ҳуқуқҳои онҳо мубаддал гардид. Ин дар олами исломӣ норизоияти кулли мусалмонони ғайриараб, қабл аз ҳама муслимини иронитаборро ба вуҷуд овард ва сабаби иваз гардидани реҷаи мустабиди Уммавиён шуд.[4]

Муборизаи аҷдодони тоҷик бар зидди истилогарон ҳанӯз дар аҳди халифа Умар шурӯъ шуда, бар алайҳи сиёсати истеъмории халифаҳо равона гардида буд. Дар замони Уммавиҳо бошад, дар Хуросон ва Суғд аҳамияти сиёсӣ пайдо кард, зеро, бо қудратманд гаштани Уммавиён фазои сиёсии Хилофат бештар ташаннуҷ ёфт. Сиёсати бераҳмонаи нажодӣ-истибдодии онҳо, ба ҷавобҳои боз ҳам бераҳмонатаре ба онҳо рӯ ба рӯ гардид. Ин ба нафрат нисбати эшон, ба интиқомҷӯйии халқон,

ба ҷунбишҳои сершумори хислати сиёсӣ, ғоявӣ, террористӣ ва ошкоро ҳарбӣ дошта, дар ҳудуди беканори Хилофат оварда расонид. Миёни аҳолӣ нуфузи фирқаи собиқ –«хориҷиҳо» афзуд. Даъватҳои бар таблиғи адолату баробарӣ бунёдёфтаи онҳо миёни мусалмонон самимона ҷонибдорӣ меёфтанд.

«Хориҷиён», шиаён ва дигар фирқаҳои сиёсию миллиии аз истибдоди ҳукмрон норозӣ, ба андозае зарурати алайҳи идоракунии мутлақи Уммавиён истодагарӣ карданро дарк намуда, ба тағйир додании реҷаи онҳо мекӯшиданд ва тавассути таъсис додани ниҳодҳои қонунбарори исломӣ бо ҳам қаробат меҷустанд. Манобеи муҳими муқовимати Уммавиён ба вилоятҳои душворгузари Хилофат, ба вежа ба навоҳии қисмати шарқии он Хуросон, Суғд, Ирон ва дигар мавзеъҳо кӯчиданд.

Аз с. 721 сар карда, муборизаи хуросониҳо ва суғдиён якҷоя бо вилоятҳои Тохаристон хусусияти истиқлолхоҳона касб кард. Шоҳон парокандаю нимистиқлоли Хуросону Тохаристон, худотҳои Самарқанду Бухоро, ки дар ибтидои истилои арабҳо дар танҳогӣ, дар муқобили қушунҳои муттаҳидаю мутташакил ва сершумори бадавиёни араб оҷиз омада буданд, акнун ба тифоқа омаданд. Хатто бо рақибони пештараи худ туркҳо бар зидди душмани умумии худ мусолиҳа карда, дар бисёр мавридҳо, дар мавзеъҳои алоҳида, ба қушунҳои волиёни Хуросон зарбаҳои обдор мерасонидагӣ шуданд.

Масалан, ҳокими нави Хуросон - Муслим ибн Саид дар с. 724 бар зидди исёнгарони Суғд юриш ташкил кард ва то ба Фарғона расид. Дар бозгашт, дар Самарқанд, аз ҷониби иттифоқи ҳарбии суғдихою туркҳо торумор гардид ва қариб ҳама қушунашро аз даст дод. Худаш бошад бо қисмате аз муҳофизонаш мӯъҷизаосо зинда монду халос.[5] Дар с. 726-727 ва с. 737 ба чунин нокомӣ таҳоҷуми Асад ибни Абдулло дар Хуталон мувоҷеҳ гардид. Дар ин ҷо шоҳ Сабол, ки худ турксзода буд муборизаи якҷояи туркону тоҷиконро танзим дод.[6]

Дар солҳои минбаъда, вазъияти сиёсии қисмати шарқии Хилофат ончунон мураккаб гардид, ки Уммавиён дигар натавонистанд онро таҳти назорат гиранд.Ин аҳвол бани Уммавияро сангиниҳои дигар дучор овард ва ба хазинаи он ҳисороти мудхише ворид сохт. Аввал ин ки онҳо, дигар қудрати ба кишварҳои нав, ки метавонистанд ба онҳо чун манбаъҳои тозаи даромад хизмат кунанд, тасаллут додани иродаи худро надоштанд. Дуюм, ки мардуми ба итоат овардаи худро ба дараҷае қашшоқ гардонида буданд, ки аз маҷоли пардохти андозу хироҷ монда буданд.

Фишори аҳли қалам ва таҳоҷуми фақеҳон, ки билкул аз хуросониҳо буданд, низ бар қавми Уммавия устувор омад. Онҳо дар аввал ба сифати хаттотон, таърихнигорон, адибон ва фақеҳон чун ташаккулдиҳандаи маданияти Хилофат ба кор омаданд. Аммо ҳангоми иҷрои вазифаҳои худ, аз манфиати қонеънашавандаи Уммавиҳо дифоъ накарданд. Дар нигориши таърихи Ислом ва такомули Шариати он аз Қуръон, ҳадисҳои пайғамбари Худо, халифаҳои рошидӣ ва ҳамсафҳои онҳо ҳуҷҷату далелҳоеро ба кор оварданд, ки ба кирдори ин тоифа ҳеҷ умумият надоштанд.

Саромадони ин илмҳо чунин олимони хуросонӣ, ба мисли Абӯҳанифа ибн Собит (с.699-767), Заҳҳок ибн Мазолин Ҳилолӣ (вафоти с. 715), Рузбеҳ ё Додбеҳ ибни Ҷашнаш (с. 720/27 – 760/63), Ҳабиби Азамӣ (вафоташ с. 734/78), Иброҳими Адҳам (вафоташ с. 777/83), Асбаён Сиҷистонӣ (а. VII) ва дигарон буданд. Ҷамъи ақоиди онҳо ба он далолат медод, ки бани Уммавия дар идораи Халифат ҳуқуқи маънавию меросӣ надорад. Ин ақидаи умумро фақеҳони араб ҳам, ба монанди Ибни Молик ҷонибдорӣ карданд.

Аз такя ба илмҳои зикрёфта, Абӯҳанифа ибн Собит дар Шариати Ислом равияи ҷадидеро бунёд гузошт, бо тези олами исломиро фаро гирифт ва бо унвони «Мазҳаби сунна-Ҳанифия», бар дигар мазҳабҳои иртиҷовӣ ғолиб гашт. Асоси маънавии ваҳдату муттаҳидии на танҳо аҷдодони тоҷик балки ба рушди неҳзатҳои нажодӣ, бузургманишӣ (шовинистӣ), маҳаллӣ ва дигар ҳаракатҳои ифротгар монеа гардид. Ва дар кули марзҳои Осиёи Миёна, Осиёи Хурди имрӯза, Чини Ғарбӣ, Ҳинди таърихӣ, Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, Миср, Сурия, Иордания ва Ироқ густариш ёфт.

Гуфтаҳои боло далели онанд, ки дар тӯли солҳои 721-750 муборизаи истиқлолпарастӣ тамоми қишрҳои ҷомеаи аҷдодони тоҷикро фаро гирифта, онҳоро бо иродаи таърих, ба сарварии ҷунбиши азими зидди Уммавия тайёр сохт. Пешвои ин ҷунбиш Абӯ Муслими Хуросонӣ бо такя ба тавсияҳои уламои исломӣ ва

дастгирии пешвои чунбишҳои зидди уммавиён дар Куфаю Ироқ, вазири аввали Оли Муҳаммад - Бусалама Ҳафс ибни Суллаймон ал-Ҳалол ва дигарон дар иродаи худ қудратро ба дасти меросхурони асили Халифат – бани Алӣ ибни Абутолиб қарор дода буд. Аммо бо тақозои таърих, якчанд монеагиҳо дар ин роҳ, ба манфиати бани Аббосиҳо хизмат карданд ва дар ояндаи наздик боиси қатли Бусалама (тах. с. 752-53), Абе Муслим (755 с.), Абу Ханифа (767 с.) ва дигарон гашт.

Бояд афзуд, ки иттиҳоди дар тули солҳои 721-750 ташаккулёфта баъди ба қудрат омадани Аббосиҳо дар Халифат, дар тӯли панҷ соли дигар то ба қатл расонидани Абу Муслим бо дасти халифаи дуюми Аббосӣ хело такмил ёфт ва барои соҳибистиқлол гаштани тоҷикон дар асрҳои IX-X заминаи воқеӣ гашт. Чунки дар тайи панҷ соли охир (750-755) тамоми манотиқи ба аҷдодони ориёиҳо тааллуқдошта: Хуросон, Тохаристон, Суғд ва Ирон бо истиқлоли тамом дар зери аморати Абу Муслим қарор доштанд. Айнияти ин далел дар он буд, ки бародарон аббосиҳо – Бел Аббос (Ас-Саффоҳ) ва Абу Ҷаъфар (Ал-Мансур), на ин ки аз ӯҳдаи идороти Хуросон намебаромаданд, балки Халифатро бо ҳимояю андарзҳои Абӯ Муслим дар даст доштанд.

**АДАБИЕТ**


1.Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Исмоил ал-Бухорӣ. Саҳеҳи ал-Бухорӣ. Дар ду чилд. Аз арабӣ тарҷумаи Муҳаммадҷон Умаров ва Файзулло Бобоев. -Ҷ.1- Душанбе: Эр-граф, 2005. -564 с.; –580 с.
2.Абутохир Тартуси. Абумуслимнома (роман). Первая книга. -Душанбе: Адиб, 1994. -326 с.
3.Авеста. Избранные гимны. / Пер. с авестийского и коментарий проф. И.М.Стеблин–Каменского. – Душанбе: Адиб, 1990. -171 с.
4.Джамал ал-Карши. Мулхакат ас-Сурах. Перевод с арабского и примечания Саидова Абдукаххора. –Душанбе: Ирфон, 2006. -266 с.
5.Наршахи Абубакр Мухаммад бинни Ча'фар. Та'рихи Бухоро. Хозиркунандаи чоп, мукаддима, тартибдихандаи тавзехот, лугат, исмхои хос, номхои чугорофи Н. Косимов. Мухаррири масъул А. Мухторов. – Душанбе: Дониш, 1979. – 119 с.
6. Ҳудуд-ул-олам. Ба чоп омодакунанда. Н. Қосимов. -Душанбе: Дониш, 1983. 132 с.
7.Айнӣ С. Қаҳрамони халқи точик Темурмалик. Исёни Муқаннаъ. Очерки таърихӣ-тадкикӣ. – Душанбе: Ирфон, 1968. –С. 81-167.
8.Айни С. Восстание Муканны // Повести, очерки. –Душанбе: Маориф, 1984. –С. 280-341.
9.Бартольд В.В. К истории арабских завоеваний в Средней Азии // Соч. -Т.II. -Ч.2. -М.: Наука, 1964. – С. 380-387.
10.Бекзода К. Аз таърихи худшиносии точикон. –Душанбе: Дониш, 2006. -148с.
11.Беляев Е.А. Арабы. Ислам и Арабский Халифат в раннее средневековье. –М.: Наука, 1966. -260 с.
12.Бобохонов М. Таърихи тоҷикони ҷаҳон. –Душанбе, 1999. –С. 20-87.
13.Бобохонов М. Включение Хорасана и Варазруда в состав Арабского Халифата и его последствия для таджиков // История таджиков мира. –Душанбе, 2004. –С. 44-50.
14.Бойматов Л. Абумуслими Хуросони. –Душанбе, 2006. -24 с.
15.Большаков О.Г. История Халифата. Ислам в Аравии (570-633 гг.). –М.: Наука, 1989. -Т.1. -312 с.
16.Брагинский И.С. Иранское литературное наследие. –М.: Наука, 1984. 296с.
17.Гафуров Б.Г. Исторические связи Средней Азии со странами Арабского Востока // Избранные труды . –М.: Наука, 1985. – С.446-452.
18.Гафуров Б.Г. Таджики. Древнейшая, древняя и средневековая история. М.: Наука, 1998. -384 с.
19.Гоибов Г. К вопросу о хронологии правления периода бухарских правителей арабских завоевателей (VII-VIII вв.) // ИООН АН ТаджССР, 1978. -№ 33. –С.88-92.
20.Гоибов Г. Ранние походы арабов в Среднюю Азию. – Душанбе, 1989-144 с.
21.Ғоибов Ғ. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз. – Душанбе: Дониш, 2006.-С.123-161.
22.Грязневич П.А. Развитие исторического сознания арабов (VI-VIII вв.). –М.: Наука, 1982. -364 с.
23.Джалилов А. Арабское завоевание в Средней Азии, борьба народных масс против иноземных поработителей // Таджикская Советская Социалистическая Республика. Главный редактор М.С. Асимов. –Душанбе, 1974. –С. 85-87.
24.Джалилов А. Борьба народов Средней Азии против арабских завоевателей // История таджикского народа. -М.: Наука, 1964. -Т.II. –С. 93-128.
25.Джалилов А. Из истории культурной жизни предков таджикского народа и таджиков в раннем средневековье. – Душанбе, 1973. -148 с.
26.Джалилов А. О роли и последствиях арабского завоевания в Средней Азии // Вестник ТГУ: история, юриспруденция, 1991. –№ 2.
27. Джалилов А. Народы Средней Азии в составе Арабского халифата // История Таджикской ССР. – Издание второе. Переработка и допольнение. –Душанбе: Маориф, 1983. –С.44-52.
28.Зохидов Н.Ш. Адабиёти арабизабони форсу точик аз истилои араб то ахди Сомониён. –Хучанд, 1999. -146 с.
29. Исоматов М. «Таърихи Табарӣ» ва Абӯалӣ Балъамӣ. – Душанбе: Сино, 1996. -138 с.
30.История таджикского народа. –Т. II. Эпоха формирования таджикского народа. –Душанбе, 1999. - 791 с.
31.Кадырова Т. Из истории крестьянских восстаний в Маверанназхре и Хорасане в VIII – начале IX вв. – Ташкент, 1965.

32.Колесников А.И. Завоевание Ирана арабами. Иран при «праведных халифах». -М.:Наука, 1982. -275 с.
33.Мирзозода Х. Таърихи адабиёти тоҷик.–Душанбе: Маориф, 1989. -С. 3-28.
34.Муттахари Муртазо. Знакомство с исламской наукой. –Душанбе, 1974.
35. Университет. 1-е издание. -1996.
36.Мухиддинов Х.А. Арабы в Средней Азии в VII – VIII вв. –Душанбе: Ирфон, 1992.
37. Мухторов А., Раҳматуллоев А. Таърихи халқи точик. -М., 2002.–С. 95-172.
38.Мухторов Ахрор. Афшин Хайдар Устурушанский – великий полководец арабского Халифата. –Душанбе, 2006.
39.Назаров Ҳ. Накши эрониён-точикон дар таърих ва фарханги чахон. -Душанбе, 2005. -120 с.
40.Негматов Н.Н. Государство Саманидов. – Душанбе, 1977. -279 с.
41.Раҳматуллоев А., Сатторов Х., Тоҷов Н. Пайдоиш ва паҳншавии ислом . Таъсиси хилофати араб // Таърихи халқи тоҷик. –Ч. 1. –Душанбе, 2009. –С.8598.
42.Рахмонов Э.Ш. Таджики в зеркале истории. Книга первая. От арийцев до Сомонидов.- London & Funt Editions Great Britian. -2001. -239 с.
43.Фрай Ричард Нильсон. Наследие Средней Азии: от древности до тюркского нашествия (пер. с англ. Л.Н. Додхудоевой). – Душанбе, 2000. -292с.

**ИЗУЧЕНИЕ ИСТОРИИ БОРЬБЫ НАРОДОВ ХОРАСАНА ПРОТИВ АРАБСКОГО ХАЛИФАТА В VII – VIII ВВ.**

Борьба народов Мавераннахра и Хорасана против арабских завоевателей, происходившая в VII и первой половине VIII вв., связана со сложными и противоречивыми событиями. В данной статье автором подвергнуто изучению и рассмотрению история борьбы народов Хорасана против арабских завоевателей.

**Ключевые слова:** Хорасан, народы Хорасана, борьба против арабских завоевателей, Согд.

**THE STUDY OF THE HISTORY OF THE STRUGGLE OF THE PEOPLES OF KHORASAN AGAINST THE ARAB CALIPHATE IN VII - VIII CENTURIES**

The struggle of the peoples of Maverannahr and Khorasan against the Arab invaders, which took place in the VII and the first half of the VIII C., connected with the complex and contradictory events. In this article, the author subjected to study and reviews the history of the struggle of the peoples of Khorasan against the Arab invaders.

**Key words:** Khorasan, the peoples of Khorasan, the struggle against the Arab invaders, Sogd.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***С. М.Раджабов*** – кандидат исторических наук, доцент, ТНУ

# ИНЪИКОСИ ОИНИ ДАВЛАТДОРИИ ИСЛОМӢ ДАР «МУРУҶ-УЗЗАҲАБ»-И МАСЪУДӢ

***Масъуди Шодмон***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Алӣ ибни Ҳусейни Масъудӣ дар замони худ шоҳиди ошуфтагиҳои сиёсӣ, тағйироти зудҳангоми ҷомеаҳои исломӣ, сиёсаткориҳои дур аз ҳукумат ва пайдо шудани равишҳои ғайриолимона аз ҷониби давлатҳо будааст.

Навъи баррасиҳое, ки вай аз чигунагии пайдоишу вуҷуд ва мондагории ҷомеа дар давлатҳо ва тамаддунҳои Ҳинд, Чин ва Эрони қадим ва ҳамчунин аз халифаҳои исломӣ дошта, ҳикоят аз он аст, ки вай дар таърихнигории худ, бахусус дар китоби «Муруҷ-уз-заҳаб» андешаи сиёсӣ дошта, бо назари шинохт аз хулафои исломӣ. Далели қувват ва нерӯмандии давлатҳои нерӯмандро аз назари хеш мавриди баҳс қарор дода, мушкилоти ин навъ давлатдориро инҳироф аз дин ва тадбири ҳакимона ва адолат пешниҳод кардааст.

Аввал бояд бидонем, чӣ ки ӯро ба навиштани китоби арзишманди «Муруҷ-уз-заҳаб» водоштааст?

Чаро ӯ дар андешҳои хеш таваҷҷуҳи зиёде ба чигунагии пайдо шудани ҷомеаҳо ва давлатҳо, вуҷуди онҳо ва аз байн рафтани он давлатҳо ишора намудааст?

Чаро ӯ ба ситоиш аз он гурӯҳи давлатҳое пардохтааст, ки дорои хусусиятҳои дақиқи давлатдории пешрафта буданд, ҳукумат пойдории дин, рушд ёфтаанд таваҷҷуҳ зоҳир кардааст. Дар ин радиф чаро Ҳусайни Масъудӣ дар сарзаниши он давлатҳое, ки аз хусусиятҳои давлати нотавону заиф ва дур аз ҳукумат ва диндорӣ мебошанд, сухан мегуяд?

Масъудӣ оилди ин давлатҳо, чи давлатҳои исломӣ ва чи давлату ҷомеаҳо ва тамаддунҳои гузашта: Чину Ҳинд ва Эрони қадим, назари хешро дорад. Ӯ нисбат ба ҷомеаи сиёсӣ нисбат ба давлати аслӣ, фаъолияти давлати ҳоким бар ҷомеаи муслимин андешаи хешро дошта, назарияи худро дар асари пурарзишаш «Муруҷ-ул-заҳаб» пешниҳод кардааст. Алӣ ибни Ҳусейни Масъудӣ аз Шому Шарқ ва Африқову

баҳри Сиёҳ то Арманистону Озарбойҷон, минтақаҳои Хазар ва аз он ҷо, то Форсу Ҳинд, Сайлону Чин, Тибет ва аз Ғарб то Антокия(шаҳрест дар Миср) ва императории Бизонс(Рими Шарқӣ) сафар кардааст.

Ӯ дар ин сафарҳо ба мушоҳидаи мустақими осор ва биноҳои таърихии халқҳо, миллатҳову ҷомеаҳо, таваҷҷуҳ намуда, китобҳову манобеи арзишманди ба даст овардаашро мутолиа кард. Бо шиносоии олимони сарзаминҳои мухталиф вохӯрда, бо онҳо гуфтугӯ мекард ва ҳам бо олимони динҳои ғайриисломӣ ба баҳс мепардохт.

Алӣ ибни Ҳусейни Масъудӣ дар натиҷаи ин сафарҳоро ва таҳқиқоти худ китобҳо навишт, ки яке аз муҳимтарин ва боарзиштарини он «Муруҷ-уз-заҳаб» аст. Ба тавре ки гоҳе аз ӯ ба унвони «ҷуғрофидон, заминшинос, муаррих, ҷаҳонгард, ҳукуматдон, муҳаққиқ дар табиат, муаллифи доиратулмаорифи таърихӣ ва ҷуғрофиёӣ ном меоваранд» [1]. Далелҳои таъсиргузор бар афкор ва назариёти Масъудӣ ба ду равиш мавриди баррасӣ қарор мегирад:

*Равиши аввал*: Он чи ки мавриди дидани мустақим дар муҳит будааст.

*Равиши дувум*: Он чи, ки барои Масъудӣ масъалаи фикрӣ эҷод намудааст.

1. **Масъудӣ ва он чи мавриди дидани мустақими ӯ будааст**. Алӣ ибни Ҳусейни Масъудӣ азҷумлаи андешамандоне дониста мешавад, ки масъалаи фикрии тамаддунӣ надорад. Чун дар даврони тамаддуне зиндагӣ мекард, ки он тамаддун дар бахшҳои мухталиф бузургу қавӣ буданд, тавониста буд дар ҳавзаи ҳокимияти сиёсӣ, императории паҳновареро ташкил диҳанд ва улуми мухталиферо тавсеа диҳад, аммо дар дохили ин империяҳо заифиҳо ва камбудиҳову нобасомониҳое дида мешуд, ки ҳама сабаб шудааст қудрати хилофати исломӣ заиф шавад ва ё ба навъе иқтидори он аз байн биравад.

Масъудӣ дар замонае зиндагӣ мекард, ки хусусияти хосе дошт. Давраи дувуми асри Аббосиён асри нуфузи қавии нажодҳои ғайриараб, бахусус туркони Салчуқӣ дар ҳукумат ва хилофати Аббосӣ, бахусус дар умури сиёсӣ ва низомӣ буд. Аз тарафи дигар бо таваҷҷӯҳ ба теъдоди зиёди туркон ва нуфузи онҳо мардум таҳти фишор ва азияту озори бисёре аз ҷониби туркон буданд. Масъудӣ бо дидани ин вазъият дар ин давра ба набудани низом ва ошуфтагиву парокандагии қудрат, набудани иқтидори қудрат дар асли ҳокимият бар сарзаминҳои исломӣ, вазъиятро ба замони марги Искандар ташбеҳ кардааст ва мегӯяд: «Исломиён заиф шудаанд ва шукӯҳи ислом аз миён рафта, румиён бар муслимин ғалаба кардаанд ва вазъи ҳаҷ мухтал аст ва ҷиҳод намекунанд, роҳҳо баста ва ноамн аст, ҳар коргузоре дар қаламрави худ ҳамчун мулукуттавоифӣ пас аз марги Искандар фарёди истиқлол мезанад. Ислом, ки то имрӯз нерӯманд буд, бунёнаш суст шуда, пояҳояш фурӯ рехта, дар ин ҳол танҳо аз Худо бояд ёрӣ ҷуст» [2].

Масъудӣ бо нигориши чунин иборот императории исломиро ноорому нобасомон ва бесуботу беиқтидор ва нокоромад медид ва натиҷаи онро дар истиқрори назму амният ва тарвиҷи дину шариат мебинад.

2. **Масъудӣ ва ончи ки барояш заминаи фикрӣ эҷод намудааст.** Масъудӣ дар асри худ шоҳиди ҳолати сустии мусалмонон дар табақаҳои мухталифи ҷомеа буд ва номуваффақии гузаштаро аз ноуҳдабароии халифаҳои исломӣ мепиндорад. Ва решаҳои ақидаҳои хештаншиносии Масъудиро аз ҷаҳону инсон ва решаҳои маърифатшиносии вай дар кайфияти маориф аз ҳастӣ ва анвои он мебинем. Дар нигоҳи Масъудӣ, олами ҳастӣ аз лиҳози вуҷудӣ ба сурати мартабаӣ ё табақа дида мешавад ва дар як тақсими калон ба ду қисмат олами осмонӣ ва олами заминӣ, ки ҳамон олами хайрот ва олами бадиҳо мебошад тақсим мешавад [3].

Олами осмонӣ, ки оғози пайдоишу камолот аст, бар олами заминӣ, ки макони бадиҳо мебошад ва олами заминӣ ба миқдоре, ки дар пайравӣ аз олами осмонӣ қарор гирад, аз эътидол ва дар натиҷа аз сохтмону ободонӣ ва шукуфоии тамаддун бархурдор мешавад ва инсону зиндагии фардӣ ва иҷтимоии он аз олами осмонӣ ва шароити кайҳонӣ ва ҷуғрофиёӣ ва иқлимӣ асаргузор мегардад [4].

Масъудӣ бо тақсими минтақаҳое, ки имкони созандагӣ ва ободонӣ ҳастанд, олами заминиро ба ҳафт иқлим бовар дорад, ки иқлими чаҳорум мавриди баҳси мо мебошад. Иқлими чаҳорум, аз рӯи назари Масъудӣ манотиқи Бобул ва Ироқ, муътадилтарин иқлимҳо буда, шоистатарин манотиқи замин аст ва мардуми он дорои рафторе мӯътадил ва маъқул мебошанд [5].

Масъудӣ бар ин бовар аст, ки шоҳони бузург бояд дар дар маркази Доиратулмулк қарор гиранд ва тадбирҳои атрофи мулк ва салтанат яксон бошад ва

агар касе бар кулли олами заминӣ ҳукумат кунад, бояд дар мобайни иқлими чаҳорум қарор гирифта, ба тадбиру сиёсат бипардозад [6].

Масъудӣ бо пазириши таъсироти олами осмонӣ ва назарияи эътидоли фалсафӣ бар олами заминӣ ва пазириши ҳокимияти заминӣ ва рафторҳои инсонӣ бар меҳвари он назария, назари ҳокимонро дар таъйиди ин назария бар асоси ин, ки байни ахлоқ ва шаклҳо ва ақл бо ҳукумату сарзамин ва обу ҳаво таносуб вуҷуд дорад, дар ин бора чунин мегӯяд: «Ба гунае ки дар сарзаминҳои муътадил афроди ҷомеа дорои табъ ва ахлоқи муътадил ва тамоюлоти писандида ва ақли дуруст мебошанд ва дар сарзамине, ки эътидол набошад ошуфтагӣ дар вилояту ҳукумат падид меояд» [7].

Ба ақидаи Масъудӣ тамоми таҳаввулоте, ки дар миёни ҷомеаҳо, давлатҳо ва тамаддунҳо рух медиҳанд, сабаби омаду рафти ҷомеаҳову давлатҳо ва тамаддунҳо мешавад, ҳамагӣ аз як робитаи таъсир ва аълову маъмулӣ бархурдоранд [8].

**Биниши Масъудӣ дар иртибот бо мушкилоти давлатҳо.** Алӣ ибни Ҳусейни Масъудӣ дар таҳлили пажӯҳиши хеш аз мушкилоти давлати Аббосиён ва хилофати исломӣ сабабҳои набудани иқтидор ва набудани пешрафт ва рушдро дар 3 амр: бетадбирӣ, зулм ва инҳироф, набудани адолати давлатдорӣ, дур шудан аз дин ва шариат медонад.

Аз назари Масъудӣ дар усули сиёсати гузаштагон, чи эрониён ва чи юнониён ва чи дар давраи исломӣ, бояд дар ҳукумат бар асоси сиёсат барномарезиву тасмимгирӣ ва амали сиёсӣ дошта бошад. Ҳукуматдорон бар ин бовар буданд, ки агар замоне бирасад, ки сиёсатмадорон ва раисони ҷомеаҳо ва ҳокимон ба ҷойи он, ки худ ҳаким бошанд ё пояи сиёсати худро ҳукумат қарор диҳанд, канор рафта, ҷоҳидону ҷоҳилон ва фосиқону гумроҳон ҳоким шаванд, давлат, ҷомеа ва мардум ба гумроҳӣ ва фисқу фасод рӯ меоваранд. Масъудӣ дар қазовату арзёбӣ аз ҳукумати халифаи Аббосӣ Муқдалир биллоҳ осори бетадбирии вайро парокандагии умури мамлакат ва идораи умури ва ҳамчунин ба дасти занон мондани умури сиёсатро медонад ва дар ин робита мегӯяд:

«Вақте хилофат ба Муқтадир биллоҳ Халифаи Аббосӣ расид, хурдсолу камтаҷриба ва хушгузарон буд ва таҷриба надошт ва аз кори мулк бехабар буд. Амирон ва вазирону котибон корҳоро роҳ мебурданд ва коре ба дасти ӯ набуд ва аз тадбиру сиёсат дур буд ва занону ходимону дигарон дар корҳо тасаллут доштанд. Ҳамаи мол ва лавозиме, ки дар хазонаи хилофат буд, аз сӯи тадбир, ки дар кори мамлакат мешуд, пароканда шуд ва оқибат хуни ӯ низ рехта шуд ва корҳо аз паси вай ошуфта шуд ва бисёре расму русуми хилофат аз миён бархост» [9].

Масъудӣ дар арзёбии худ аз ҳукумати халифаи ал-Қоҳир биллоҳ низ монанди ал-Муқтадир биллоҳ қазоват карда, вайро фарде белаёқат дар ҳифзи молҳои байтулмол ва дар ҷазби афроди лоиқ дар ҳукуматдорӣ ва марде ҳавасрон медонад [10]. Масъудӣ бар ин бовар аст ки ҳар гоҳ сиёсат аз ҳукумат дур шавад, давлату сиёсат ба сустӣ мегарояд. Вай натиҷаи бетадбирии Баҳром писари Ҳурмузро мисол оварда, чунин тавсиф мекунад:

«Вай дар оғози подшоҳӣ ба хушиву лаззат ва шикору тафреҳ пардохт ва кори мулк наандешид ва дар умури раият нанигарист ва ходимону хидматгузорону атрофиёни хешро туюл дод. Дар натиҷа амлок рӯ ба харобӣ ниҳод ва аз ободкунандагон холӣ шуд, ки дар амлок аҳли нуфуз иқомат гирифтанд ва ҷуз дар амлоки туюл ободӣ мемонад ва вазирон ба риояти хосони подшоҳ молиёт ва эшон мутолиба накарданд, ки умури мамлакат ба дасти вазирони ӯ буд. Дар натиҷа мамлакат ба вазироне рафт ва ободӣ коҳиш ёфт ва мавҷудии хазона нуқсон гирифт ва сарбозони нерӯманд суст шуданд ва заифон мурданд» [11].

**Дурӣ аз адолат**. Масъалаи адолат аз ҷумлаи масоиле аст, ки аз давраҳои пеш аз Масъудӣ мавриди таваҷҷуҳи файласуфон ва донишмандони сиёсии Ҳинду Чин ва Эрони қадим ва дигар минтақаҳои ҷаҳон буда, ҳамвора онро ба унвони масъалаи сиёсӣ ва сатҳи илоҳӣ талаққӣ карда, таваҷҷуҳоти худро перомуни чигунагии иҷро ва таҳаққуқи адолат сурат медоданд [12]. Абӯнасри Форобӣ иҷрои адолатро аз асоситарин вазифаи ҳукумат медонад, то дар сояи он некиҳо ва ҳинҷорҳо собит ва мустамар боқӣ бимонанд [13].

Хоҷа Насриддини Тӯсӣ низ қавоми давлат ва мамлакатро ҳифзи қонунҳое медонад, ки бар мабнои адолат вазъ шуда бошанд: «Бар подшоҳ воҷиб буд, ки дар ҳоли раият (зердастон) назар кунад ва бар ҳифзи қонунҳои одилона фаровонӣ намояд, чун қавоми мамлакат одилона бувад» [14]. Масъудӣ ишора мекунад: «Сустии динӣ низ таваҷҷуҳи асосӣ ба адолат мешавад, суботи давлат ба барқарории адолат

мутаваққуф аст». Имом Алӣ (а) ин робитаро чунин баён мефармояд: «Мондагории ҳукуматҳо бо сустии адолат бар по мемонад» [15].

Алӣ ибни Ҳусейни Масъудӣ дар фазои фарҳанги исломӣ ҳам мутаассир аз суннати динӣ ва ҳам суннати фалсафии сиёсӣ ба ҳисоб меравад. Аз назарияи фалсафавӣ ба адолат, таваҷҷуҳи асосӣ дода, онро меъёри асосии давлатдорӣ ва шоистагӣ ва коромадии он медонад. Набудани адолат дар давлатдорӣ ба як мушкили асосӣ оварда мерасонад. Набудани меъёрҳои шоистагӣ ва коромадии адолатро сабаби ва иллати заволи давлат медонад. Масъудӣ дар пайи баррасии иллати нокомии давлат ва ҳокимони Бани Уммия, қазовати яке аз бузургон онҳоро пас аз он ки хилофаташон фурӯ пошид ва ба Бани Аббос расида буд нақл мекунад, ки аз ӯ пурсиданд:

«Сабаби заволи мулки шумо чӣ буд? Гуфт: ба лаззатҳои худамон саргарм шудем ва аз расидагӣ ба корҳои лозим бозмондем, зердастонро ситам кардем, то аз адли мо маъюс шуданд ва орзу карданд аз дасти мо осуда шаванд. Бори хароҷпардозони мо сангин шуд ва аз мо буриданд. Амлоки мо вайрон шуд ва байтулмол холӣ монд ва ғайра ва ин муҳимтарин сабаби заволи мулки мо буд [16].

Аз назари Масъудӣ замоне ки давлат аз адолат фосила гирад ва сиёсати золимонаро пеша мекунад, зулм дар миёни ҷомеа ва ҳокимони ҳукуматӣ фарогир шуда, ба суқут ва заволи ҳукумати ҳокимон мунҷар мешавад. Вай хиёнатеро, ки Мустақар биллоҳ фарзанди «Мутаваккул биллоҳ» халифаи Аббосӣ дар қатли падараш анҷом дод ва Шерӯя дар ҳаққи падараш Хусрави Парвиз анҷом дод, дар радифи чунин зулмҳое медонанд [17].

**Инҳироф аз дин**. Алӣ ибни Ҳусейни Масъудӣ сабабҳои дигари суқути давлатро фосила гирифтан аз дин ё халал ба аҳком ва фармонҳои дин ва шариат медонад. Назди эрониёни қадим яке аз вазифаҳои аслии ҳукумат ва давлат, ҳифзи дин аст ва ҳар гоҳ ҳукумат ва ҳокимон аз дини худ дур шаванд, асбоби суқути худро фароҳам сохтаанд. Масъудӣ дар мутолиоти таърихии худ ва зикри мавридҳое, ки аз сарнавишти ҳукуматҳои салотинӣ, ки худро аз доираи русум ва одоби шариат дур месохтанд, нишон медиҳад, ки онон бо надоштани таваҷҷуҳ ба дин ва шариат, сарнавишти худро рақам зада, дар айни ҳол аз байн рафтаанд. Масъудӣ инро сабаби асосии суқути ҳукумат ва салтанат талаққӣ карда, меъёре дар шаклшиносӣ ва арзёбӣ аз давлатҳои исломӣ қарор медиҳад.

Масъудӣ бар ин бовар аст, ки дини Ислом дар ду садаи аввали давраи исломӣ тавонист қувватеро дар сипоҳи Ислом эҷод кунад, ки дар муборизаҳои душвори мухталиф шикаст нахӯрад ва ин ба баракати қуввати эътиқодоти динӣ дар мардум буд ва ҳар гоҳ, ки ин амр ҳифз шавад, ин чунин коркардеро аз дин метавон интизор дошт. Ҳарчанд дин дар зиндагии оммаи мардум ҳузури фаъол ва қавӣ дошт, аммо назди тамоми халифаҳои исломӣ чунин набуд ва навъи эътиқодоташон ба тазъифи дин сабаб мешуд. Масъудӣ дар мавриди Бани Уммая инчунин қазоват мекунад, ки онон модоме, ки мулки худро ба фарзандонашон насупорида буданд, тавонистанд аз мулки худ ҳифозат кунад ва корҳои бузурге анҷом диҳанд, вале замоне ки мулк ва хилофат ба фарзандонашон мунтақил шуд, мулкдорӣ аз масири худаш хориҷ шуд ва инчунин мегӯяд: «Бани Уммая мулки хешро мазбуту маҳфуз доштанд ва корҳои бузург мепардохтанд ва аз корҳои ҳақир барканор буданд, то кор ба фарзандони айёши онҳо расид, ки ҳамаи туҳматашон шаҳватпарастӣ ва лаззатҷӯӣ аз гуноҳкорони Худованди азза ва ҷалла буд, ғофил аз он , ки Худо ба гуноҳашон мекашонд ва муроқиби аъмолашон аст. Дар айни ҳол ҳифозати Худовандро раҳо карда дар ҳаққи Худо ва вазифаҳои раёсатро сабук гирифтанд ва дар кори сиёсат сустӣ карданд. Худо низ иззаташонро гирифт ва хорашон кард ва аз эшон бибурд» [18].

Масъудӣ бар ин бовар аст, ки дар ислом ҳеҷ гуна ҷудоӣ миёни дин ва сиёсат вуҷуд надорад ва ҳадаф таҳаққуқи ормонҳо ва мақсадҳои динӣ аст, ки бо иҷро ва риояти ҳукмҳои динӣ ба даст меояд. Вай бо мурурe, ки аз таърихи Ислом ва давраи Аббосиён дорад, коркарди баъзе аз халифаҳои онҳоро на дар ҷиҳати тақвият дини Ислом, балки дар ростои тазъифи дин медонад. Масъудӣ дар биниши худ аз ҳукуматҳои Аббосӣ бисёре аз онҳоро гирифтори шаробхорӣ, ҳавасбозӣ ва набудани риояти ҳуқуқи миллат медонад, ки хилофати онҳоро, ки муддаии ислом буданд хориҷ аз адолат ва шариат ва шеваи онҳоро дар ҳукуматдории ғайриҳакимона ва мунҳариф медонад.

Дар фарanjом бояд хулоса кард, ки Алӣ ибни Ҳусейни Масъудӣ агарчи ба номи муаррих дар садаҳои севум ва чаҳорум шуҳуд шуда буд, аммо масъалаи фикрӣ, ки ӯро ба сӯи таърихнигорӣ ва мутолиаи фарозу фуруди ҷомеаҳо ва тамаддунҳо ва давлатҳои пеш аз давлатҳои исломӣ то асри худ кашонд, масъалаи фикрии сиёсии ӯ будааст. Аз назарияи Масъудӣ мутаваҷҷеҳи он мешавем, ки вуҷуди фасоди ахлоқӣ ва бетаваҷҷуҳӣ ба мардум ва ғайриҳакимона будани ҳокимини худ сарогози мушкил ва дар ниҳоят сукут барои ҳар ҳукумат мебошад.

**АДАБИЁТ**


1.Алӣ ибни Ҳусейни Масъудӣ. Муруҷ-уз-заҳаб. Тарҷумаи Абулқосим Поянда.Теҳрон: Интишороти илмӣ ва фарҳангӣ. 1374, ҷилди 1, саҳ. 306 ва ҷилди 2 саҳ. 73.

2. Алӣ ибни Ҳусейни Масъудӣ. Муруҷ-уз-заҳаб. Тарҷумаи Абулқосим Поянда.Теҳрон: Интишороти илмӣ ва фарҳангӣ. 1374, ҷилди 1, саҳ. 306 ва ҷилди 2 саҳ. 73.

3. Алӣ ибни Ҳусейни Масъудӣ. Муруҷ-уз-заҳаб. Тарҷумаи Абулқосим Поянда.Теҳрон: Интишороти илмӣ ва фарҳангӣ. 1374, ҷилди 2, саҳ. 360.

4. Ҳамон ҷо, саҳ. 360.

5. Алӣ ибни Ҳусейни Масъудӣ. Аттанбеҳ вал ашроф. Тарҷумаи Абулқосими Поянда. Теҳрон: Бунгоҳи тарҷума ва нашри китоб, 1369, саҳ. 24-25.

6. Ҳамон ҷо, саҳ. 36.

7.Алӣ ибни Ҳусейни Масъудӣ. Муруҷ-уз-заҳаб. Тарҷумаи Абулқосим Поянда.Теҳрон: Интишороти илмӣ ва фарҳангӣ. 1374, ҷилди 1, саҳ. 325.

8.Ҳусейн Наср. Илм ва тамаддуни исломӣ. Тарҷумаи Аҳмади Ором. Теҳрон: Интишороти Хоразмӣ, 1378, саҳ. 648.

9.Алӣ ибни Ҳусейни Масъудӣ. Ат-танбеҳ вал ашроф. Тарҷумаи Абулқосими Поянда. -Теҳрон: Бунгоҳи тарҷума ва нашри китоб, 1369, саҳ.375 ;

10.Алӣ ибни Ҳусейни Масъудӣ. Муруҷ-уз-заҳаб. Тарҷумаи Абулқосим Поянда.Теҳрон: Интишороти илмӣ ва фарҳангӣ. 1374, ҷилди 1, саҳ. 131-133; 139-140, 238, 252, 259 ва ҷилди 2, саҳ. 259, 262, 265, 460, 468.

11.Алӣ ибни Ҳусейни Масъудӣ. Муруҷ-уз-заҳаб. Тарҷумаи Абулқосим Поянда.-Теҳрон: Интишороти илмӣ ва фарҳангӣ. 1374, ҷилди 1, саҳ. 132.

12.Ҳамон, ҷо, саҳ. 132.

13. Абӯнасри Форобӣ. Фусули Мунтазаъа. Таҳқиқи доктор Файзи Наҷҷор. Бейрут: Дорулмашриқ, 1971, саҳ. 81.

14. Хоҷа Насриддини Тӯсӣ. Ахлоқи Носирӣ. Тасҳеҳи Муҷтабо Минуӣ, Алиризо Ҳайдарӣ. Теҳрон: Интишороти Хоразмӣ, 1373, саҳ. 355.

15.Абдулкарим ибни Муҳаммад Яҳё Қазвинӣ. Бақо ва заволи давлат дар каламоти сиёсии Амири Муъминон. Ба кӯшиши Расул Ҷаъфариён. Китобхонаи умумии Оятуллоҳ Маршаӣ, 1371, саҳ. 33.

16.Алӣ ибни Ҳусейни Масъудӣ. Муруҷуззаҳаб. Тарҷумаи Абулқосим Поянда.Теҳрон: Интишороти илмӣ ва фарҳангӣ. 1374, ҷилди 2, саҳ. 33.

17.Ҳамон ҷо, саҳ. 529, 527, 528.

18.Алӣ ибни Ҳусейни Масъудӣ. Муруҷ-уз-заҳаб. Тарҷумаи Абулқосим Поянда.Теҳрон: Интишороти илмӣ ва фарҳангӣ. 1374, ҷилди 2, саҳ. 287.


## ОТРАЖЕНИЕ ТРАДИЦИЙ ИСЛАМСКОЙ ГОСУДАРСТВЕННОСТИ В ПРОИЗВЕДЕНИИ «МУРАВВАДЖ-УЗ-ЗАХАБ» МАСЪУДИ


Ислам – как один из великих религий Востока, вобрал в себя достаточно многое из религиозно-культурного наследия прошлого. Эта религиозная специфика сформировала основные параметры исламской цивилизации с ее очевидной ориентацией на покорность Богу и представляющей его земной власти. Практически это нашло свое отражение в свойственной именно исламу, исламской цивилизации,религии и политики, религии и власти. В данной статье автором подвергнуто рассмотрению и изучению отражение традиций исламской государственности в произведении «Мурраввадж-уз-захаб» Али ибн Хусейна Масъуди.



**Ключевые слова:** религия, ислам, исламская государственность, произведение «Мурраввадж-уз-захаб» Али ибн Хусейна Масъуди, отражение традиций.


## REFLECTION OF THE TRADITIONS OF THE ISLAMIC STATEHOOD IN HIS WORK THE «MURAVAJ-UZ-ZAKHAB» MASUDI


Islam - as one of the great religions of the East, absorbed quite a lot of religious and cultural heritage of the past. Religious rigidity gave Islam intolerance for dissent, as well as set the stage for the strengthening of their communities. This religious specifics of the formed and the main parameters of the Islamic civilization, with its clear orientation to the obedience of God and of his earthly authority. In practice, this is reflected in the way it is Islam, Islamic civilization, religion and politics, religion and government. In this article, the author reviewed and study reflected the traditions of Islamic statehood in his work the «Muravaj-uz-zakhab» Ali Ibn Hussein Masud.



**Key words:** religion, Islam, Islamic statehood, the work of the « Muravaj-uz-zakhab » Ali Ibn Hussein Masudi, the reflection of the traditions.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Масъуди Шодмон*** – соискатель Таджикского национального университета

# ОТРАЖЕНИЕ МЕЖЦИВИЛИЗАЦИОННЫХ ВЗАИМОДЕЙСТВИЙ В ИСТОРИИ КУЛЬТУРЫ ТАДЖИКИСТАНА И ИНДИИ

***У.К.Маджиди***
**Институт истории, археологии и этнографии им. Ахмада Дониша АН РТ**

Сегодня возрастает роль культурного сотрудничества между странами, которые ранее входили в рамки единой системы. Культурные связи во многом воздействуют на формирование позитивного образа страны, восточной демократии, страны людей с огромными моральными устоями. Она определяет отношение к нашей стране.

Культурное сотрудничество способствует сближению стран через взаимопознание и взаимопонимание. Взаимное складывание благоприятных образов наших стран и населяющих их народов является важным фактором в процессе становления и развития дружественных отношений. Поэтому, автор считает важным исследовать культурные общности и их влияние между народами Индии и Таджикистана.

Если посмотреть на взаимные заимствования в языке в истории Индии и Ирана (имеется в виду территории Хорасана, где Таджикистан является частью территории), то мы удостоверимся, что Индия заимствовала больше персидских слов, нежели наоборот. Примеры – следующие: *карша* (karsha – староперсидское) – монета, кшатрапа (kshatrapa) – председатель, сатрап (от староперсидского - kshatrapavan), *dipi, lipi* – надпись, (староперсидское - dipi), *napista* – написанное, ayatana (*ayadana* = *ayazana* ot korni *yaz* = sanscrit *yaj*) – храм, *asavari* – всадник (asabari = asvabhara (sanscrit)); mudra (musra = muzra) – Миср, Египет, египетская монета, *pramana* – от framana – указ.

В период роста религии буддизма, особенно на основе связей с Парфией и сасанидами некоторые слова были заимствованы на пракритском языке (язык распространения буддизма): *pusta* – книга, запись (кожа зверя на которой писали содержание книг), *sekyakara* – танцевание (на индоарийском бенгальском языке - sekra); *pirojaka* – бирюза, бирюзовый цвет; *mocaka* – ботинок, сапог, (mocak – новоперсидское mozah)[1]. Похожие сравнения заимствований флоры и фауны пришедшие из Ирана в Индию и Китай посредством торговли принесены в книге Б.Лауфера Sino-Iranica.

На востоке, особенно в странах с буддийской идеологией, искусство играет большую роль, и художник в нем очень высоко ценится. Когда художник активно использует свой разум и создает новый шедевр–многофигурное полихромное произведение, и создание такого произведения награждается в будущей жизни[2]. Действительно благодаря буддийским художникам Центральной Азии и Индии искусство живописи дошли до нас в Афрасиябе, Аджинатепе, Калаи-Кафирнигане и Балалык-тепе.

Индийская музыка прошла долгую историю развития, начиная от ведического времени, где были начаты научные подходы к музыке в эпосах Махабхараты и Рамаяны, далее в известном трактате в области искусства – Натьяшастра (2 век до н.э. – 3 век н.э.) написанное легендарным музыкантом – Бхарата[3].

Во времена индо-мусульманского культурного синтеза в индийской музыке начали появляться новые тенденции. Если в ведическом периоде музыкальные трактаты писались на языке санскрит, то теперь используется упрошенный язык хинди, язык доступный не только брахманам, но всем остальным кастам и другим категориям людей. Здесь особенно важна работа персоязычного поэта двора средневековья – Амира Хусрава Дехлави «Сарангадхара-Паддхати» (1363 г.). Именно в этом периоде мы отмечаем связи в области музыки Индии с музыкальной культурой Средней Азии в целом, и таджикской музыки в частности.

Индийской музыке свойственно смешение различных культур. Племена, населяющие территории Индии, имели свою специфическую музыку и танцы. Музыка племен или этническая музыка, сыграла большую роль и постепенно сплавлялась с музыкой Ариев пришедших с северо-запада.

Материальные и духовные ценности разных культур совершенно отличные друг от друга в далеком прошлом на протяжении веков сливались и растворялись друг в друге. Музыка Индии простирается от примитивнейших форм – звукоподражательных криков племен *нага* (на крайнем востоке) и *тода* (на южных возвышенностях) – до высокоутонченных классических систем *рага* (маком) и *тала*. В результате постоянно происходящих взаимодействий и сложилось современное классическое музыкальное искусство Индии – с его двумя главнейшими традициями, известными под названиями

Хиндустани и Карнатак. В традиции Карнатак представлено искусство южных районов Индии (Тамилнад, Керала, Андхра, Карнатак); остальная часть Индии следует музыкальной традиции Хиндустани[4].

Между таджиками и индийцами много общего именно на основе традиции Хиндустани. Наиболее древними из известных нам инструментов является вену (флейта) и вину (арфа), о которой упоминается еще в ведических текстах. Такими же древними являются и ударные инструменты. Особенный интерес представляет миграция инструментов из Центральной Азии в Индию. В качестве одного из таких инструментов можно назвать рубаб. Есть сходство между индийским *шенаи* и центральноазиатским – таджикским *сурнай[5]*.

Очень близкими и по духу и по технике музыке Центральной Азии являются кашмирские песни *суфийяна калам*. Это образец высокоорганизованной музыки со специфическими мелодическими моделями – *макамами* – и четкой ритмической структурой. Они исполняются под аккомпанент *рабаба, саранга* и *нута* и представляют групповые песни, которые известны в Таджикистане под именем *Шашмакам[6]*.

В жизни индийской музыки прослеживается схожая система – *гуру-куля-васа*. Это означает что шишья (ученик) жил вместе с гуру и служил ему – стирал одежду, ходил на рынок, набивал трубку. Гуру или устад (мастер), в свою очередь, обучал ученика всему что знал сам. Как известно такая система мастер-ученик всегда служил той атмосферой в Средней Азии, благодаря которой знания мастеров передавались от поколения к поколению

Стиль религиозного выражения у сикхов близок традиции суфиев, а возможно, сложился под ее влиянием. Гуру Нанак встречался и был дружен со многими из великих суфиев. Рассказывают, что высокой чести заложить первый камень в основании Золотого храма в Амритсаре был удостоен – по предложению Гуру Арджуна Сингха – суфий Мийян Мир. Он был из суфийской секты Куадири. Другой значительной религиозной сектой суфиев были Ходжа Моинуддин (умер в Аджмере в 1206 г.) и Низамуддин Аулийя, бывший наставником Амир Хусрава Дехлави. И в наши дни в память о Моинуддине и Низамуддине проводятся ежегодные празднества (*урс*), на которых до сих пор можно услышать традиционные *каввали*. Они представляют собой религиозные песни, исполняемые группой, в которой выделяется солист. *Каввали* сейчас можно услышать и в повседневной жизни, причем они нередко отличаются вульгарностью и даже неприличием текста, оставаясь привлекательными в музыкальном отношении. Кроме хорошего голоса и владения им исполнение *каввали* требует мастерства импровизации, особенно в тех случаях, когда группы исполнителей вступают в своеобразное соревнование. Помимо *каввали*, исламская традиция допускает исполнение *соуза, натха, марсии* и других песен речитативного склада[7].

Таджики с уважением относятся к литераторам индийского полуострова. Мирзо Тунсур-Заде создал поэму «От Ганга до Кремля» (1969-1970) – широкое эпическое полотно, масштабное во времени и пространстве. Герой поэмы Махандра Пратап – историческое лицо, человек, прошедший к Ленину от Ганга до Кремля в поисках правды и свободы[8].

Тема освобождения народов Востока, особенно народов Индии – основная тема стихов Турсунзаде. Он пишет - «Я не мыслю себе, что тот алькадр, то счастье, которое принесла Октябрьская революция моему народу и всем народам Советского Союза, я могу считать полным, если вижу страдания других, еще не обретших свободы народов».

«Я счастлив... но мучаюсь мукой другого народа», так поэтически проникновенно сформулировал М.Турсунзаде свое интернационалистическое кредо в 1948 году. Шел он к нему от первого сборника «Знамя победы», изданного в 1933 г., когда «поэзия стала, по признанию поэта, его неразлучной спутницей». Еще ранее в 1932 г. в очерке «Несчастные» он выражает сочувствие борьбе народов Афганистана и Индии. Достаточно сослаться лишь на некоторые из его стихотворений раннего периода, созданных до Великой Отечественной войны, чтобы в этом убедиться. Таково стихотворение «Наш тост»:

*Союзу братского труда*
*Нет в мире равного по силе.*
*Горит весенняя звезда*
*Всегда над нашею Россией.*
*Мы – дети матери одной*

*Разноязычные народы.*
*Мы – песнь одна земли родной.*
*Мы – свет один, мы – счастья всходы.[9]*

Больших высот достигла интернационалистическая поэзия Мирзо Турсунзаде в замечательном цикле «Индийская баллада» и во всех его произведениях – стихотворных и публицистических – последних двадцати пяти с лишним лет. Идея интернационального братства трудяшихся всех континентов, освобождения угнетенных народов, мира и дружбы между народами земли пронизывает любое стихотворение Турсунзаде и не только стихи, написанные на международную тематику. В этом и сила воздействия его поэзии. Мирсаид Миршакар в эпизодах «Английская пуля» правдиво обрисовывает облик империалистических хозяев в Индии. Рассказывает образ индийского повстанца с давней юности носящего в своем теле английскую пулю, перебежавшего на советский берег с просьбой:

*«Услышал, что у вас в стране*
*Великих много мудрецов живет.*
*Что любят и жалеют свой народ.*
*И, может быть, они помогут мне,*
*Душой ко мне, быть может, снизойдут.*
*И наконец ту пулю извлекут*
*Проклятую из тела моего*
*И больше не прошу я ничего».*

В 1977 году в Душанбе было проведено празднование 100-летия великого поэта и философа Индостана Мухаммада Икбала. К этому случаю были опубликованы сборник стихотворений Икбала под названием «Голос Востока» («Садои машрик»). Работы великих сыновей Индии – Рабиндранатх Тагор, Премчанд, Кришан Чандр, Ходжа Ахмад Аббас, Мулк Радж Ананд, Амрита Притам, Яшпал, Мохан Ракеш, Раджендра Ядав и других были переведены на таджикский язык.

Зарина Рахматуллоева, таджикский индолог с кафедры языков хинди-урду ТНУ ко дню Независимости Республики Таджикистан (2005) выпустила книгу «Хусусиятхои услуби ва бадеии хикояхои Рочендра Ядав» («Художественные особенности рассказов Раджендры Ядав»), который является хорошим вкладом в дело укрепления научно-культурных отношений между Таджикистаном и Индией. Данная работа была опубликолвана при поддержке Посольства Республики Индия в Республике Таджикистан и Индийского совета по культурным отношениям.[10]

С другой стороны в Индии Рахулом Санкритяном были переведены с таджикского языка на хинди повести основоположника советской таджикской литературы Садридинна Айни – «Одина» и «Дохунда» (1948), «Смерть ростовщика» (1952), «Рабы» (1953), «Ятим» (1956). Все они были изданы в Индии и представлены индийским читателям[11].

Можно и дальше продолжать тему о культурных связях, общностях между двумя народами, однако уже из сказанного можно сделать вывод о том, что на цивилизационном уровне имеется прочная основа еще больше укрепить имеющиеся связи.

### ЛИТЕРАТУРА


1. S.N.Chatterji. Iranianism: Iranian culture and its impact on the work from Achaemenian times. The Asiatic Society, Kolkata, 2008. Стр28
2. Литвинский Б.А. Настенная живопись Калаи-Кафирнигана // Сборник. Кавказ и Средняя Азия в древности и средневековье (История и культура), Издательство Наука, Москва, 1981. Стр. 126
3. Чайтанья Дева Б. Индийская музыка. Пер. с англ. Е.М.Гороховик. – М.: Музыка, 1980. Стр.9
4. Там же. Стр. 42
5. Там же Стр. 44
6. Там же Стр.140
7. Чайтанья Дева Б. Индийская музыка. Пер. с англ. Е.М.Гороховик. – М.: Музыка, 1980. Стр.138-139
8. Брагинский И.С. Исследования по таджикской культуре. Москва, «Наука», 1977. стр.234
9. М.Турсунзаде. Избранное. Сталинабад, 1949. Стр. 5
10. Ҷайшанкар Б. Мақсади мо: бунёди кӯпрукҳои дӯстӣ // Ҷумҳурият, 20 августи 2005
11. РаҶабов Ҳабибулло. Ин аст Ҳиндустон. ДДМТ, Душанбе, 2007. Стр. 220-221


### ОТРАЖЕНИЕ МЕЖЦИВИЛИЗАЦИОННЫХ ВЗАИМОДЕЙСТВИЙ В ИСТОРИИ КУЛЬТУРЫ ТАДЖИКИСТАНА И ИНДИИ


В статье предпринята попытка проанализировать цивилизации взаимодействия между народами Индии и Таджикистана, их общностей в духовной жизни - в основном в языке, музыке и литературе, и их влияние на углубление культурных связей между народами.

**Ключевые слова:** Индия, Таджикистан, культурное сотрудничество, музыка, Мирзо Турсунзаде, Премчанд

**A REFLECTION OF INTER-CIVILIZATIONAL INTERACTION IN THE HISTORY OF CULTURE OF TAJIKISTAN AND INDIA**

The article attempts to analyze civilization interaction between people of India and Tajikistan, the commonalities in spiritual life – mainly language, music and literature and how they impact in deepening cultural links between people.

**Key words:** Tajikistan, India, cultural cooperation, Music, Mirzo Tursunzadeh, Premchand.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Маджиди У.К.*** - аспирант Института истории, археологии и этнографии им. Ахмада Дониша АН РТ. Телефон: **+992 901500042**, E-Mail: **umedjon@majidi.tj**

# ИНТИШОРИ НАҚЛИЁТИ АВТОМОБИЛӢ ДАР ТОҶИКИСТОНИ ИБТИДОИ АСРИ XX

***(тибқи маводи БМД ҶТ – Бойгонии маркази давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон)***

***Ю. Шодипур***

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Воқеан, пайдоиш ва густариши навгониҳои қиёсӣ ва дигаргунсозиҳои азими иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, пас аз ҳамроҳ гардидани Осиёи Марказӣ ба Русия вусъати тоза пайдо намуда, дар пешрафти рӯзгори мардуми таҳҷоиву маҳаллӣ шароити нисбатан мусоидро ба вуҷуд овард. Маҳз дар даврони сармоядорӣ нақши навигариҳои илмиву техникии рус ва аврупоӣ дар Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистони тоинқилобӣ, хусусан дар рӯзгори мардуми маҳаллӣ, урфу одат, маишат ва тарзи зист тайғироти куллӣ ва дигаргунсозиҳои мислаш дар таърих рӯйнадодаро ба миён овард. Зикр кардани он ҳақиқати воқеӣ басанда аст, ки тамоми пешравиҳо ва тағйироти бузурге, ки дар замони сармоядорӣ дар Осиёи Марказӣ, хусусан дар ҳудуди имрӯзаи Тоҷикистон ба вуқӯъ пайваста буданд, ба бунёду кашидани хатҳои роҳи оҳан, ҳаракати нақлиёти муосир, интишори техникаю технологияи нави замон, аз ҷумла қатораву автомобилу автобус ва монанди он куллан марбут мебошанд.

Дар рӯзгори мардуми Осиёи Марказӣ, хусусан тоҷикон, роҳ ёфтан ва интишори навигариҳои илмиву техникӣ, аз ҷумла нақлиёти наву муосир, ба мисли қатораву пароход, мошину автомобил, автобус, вилосипед, телефону телеграф ва дигар намудҳои он, қабл аз ҳама, ба кору фаъолият ва пайкору талошҳои доимии доираҳои тиҷоративу саноатии рус ва маҳаллӣ, хусусан Т.А. Могилин, Бакланов, Шодӣ Хӯҷаев, Аҳмадбек Қурбонбоев, Султонбек Тӯрабеков, Шоҳмирзо Шокаримов, Виктор Багадарёв, Тихон Мусяченко, Мулло Ғафур Хоҷимуҳаммад Юнусов ва бисёр дигарон комилан марбут буда, печидагӣ ва ҳамбастагии зиёдеро доро аст. Аз ин рӯ, нигоранда тасмим гирифтааст, ки саҳифаҳои рангини навгониҳои илмиву техникӣ, инчунин нақлиёти наву муосир – роҳи оҳан, роҳҳои аробагард, қатора (поезд), автомобил ва монанди онро дар асоси маводу санадҳои бойгониҳо, хотираву ёддоштҳои шоҳидону ҳамзамонон ва дигар маводи таърихӣ мавриди гузоришу муқоисаи қиёсӣ қарор дода, доираи васеи ҳаводорони онро аз навгониҳои ин соҳаи ҳаётан муҳими хоҷагии халқ иҷмолан шинос намояд.

Дар охири асри XIX – ибтидои асри XX дар Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистони тоинқилобӣ дигаргуниҳо ва навгониҳои илмиву техникӣ пайиҳам интишор меёфтанд ва дар рӯзгори мардуми маҳаллӣ нақши муассир мегузоштанд. Масалан, дар ибтидои солҳои 60-уми асри XIX дар кишвари мо аробаи чорчархаи русӣ паҳн шудан гирифт. Қирғизҳо аз муҳоҷирони рус чанасозӣ ва истифодаи онро ёд гирифтанд. Ба тариқе академик З. Раҷабов қайд мекунад, ба навъҳои кӯҳнаи нақлиёт, навъҳои нави он – роҳи оҳан, аробаҳои дучарха ва чаҳорчарха, фойтунҳои дучарха, автобусу қатора, автомобил, велосипед ва амсоли он дохил гардиданд. Инчунин мардуми маҳаллӣ аз хизмати кирокашҳо, фойтунҳо, дилиҷансҳо (фойтуни калони болопӯшида), поезд (қатора), телефону телеграф ва бисёр навигариҳои илмиву техникӣ васеъ истифода мебурданд (14; 11 ва ғ.).

Бо вуҷуди он, дар ҳудуди фарохи кӯҳистони Тоҷикистони тоинқилобӣ воситаҳои асосии нақлиёти савора ва боркашонӣ – аспу уштур, маркабу қутос, ароба ва ғайра буда, одамон аксарияти роҳҳо, пайраҳаҳо ва гузаргоҳҳои кӯҳиро пойи пиёда тай мекарданд. Пайдо шудани аввалин нақлиёти нав пас аз инқилоб, ки ба ибораи

халқӣ «кӯнка» номида мешуд, боиси хурсандии мардуми заҳматкаш гардид ва ба дили ҳомиёни дин воҳима андохт (11,7).

Дар соли 1898 хати роҳи оҳани Тошканд-Андиҷон бо тамоми қудрат ба фаъолият оғоз намуд, ки он ноҳияҳои шимолии Тоҷикистон – музофоти Хуҷандро бурида мегузашт. Кашидан ва бунёди хати роҳи оҳан ба инкишофи роҳу наклиёт дар Осиёи Марказӣ, хусусан дар музофоти Хуҷанд мусоидат кард. Ба ивази нақлиёти маъмулии маҳаллӣ ва чархдор, хусусан ароба, шаҳриёни Хуҷанд ва Ӯротеппа аз хизмати фойтунҳо (кушода) ва дилиҷонсҳо истифода мебурдагӣ шуданд. Аз рӯи маълумоти ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, дар соли 1879 ба шаҳриёни Хуҷанд ҳамагӣ 40 адад фойтун хизмат мерасонд (8,184). Дар соли 1907 дар байни шаҳри Хучанд ва Исписор миқдори муайяни нақлиёти муосир – фойтунҳо ва дилиҷансҳо ба мардум хизмат мерасонданд. Дилиҷонсҳо, ба монанди фойтунҳо ба асп пайваст карда мешуданд, аммо фарқашон нисбат ба фойтунҳо дар он зоҳир мегашт, ки онҳо бисёртар мусофир гирифта метавонистанд ва дар роҳҳои дурдаст истифода бурда мешуданд. Дар он вақт равуои як нафар мусофир тавассути дилиҷонсҳо 50 тинро ташкил медод. Нақлиёти нав – дилиҷонсҳо арзон ва ба мардум маъқул буданд. Аммо баръакс, дар як вақт нархи рафтуомади фойтун арзон нашуда, балки мисли пештара ба як нафар 1 сӯму 50 тин боқӣ монд, ҳол он ки дар он замон 0,5 кг гӯшт дар бозор ҳамагӣ 25 тин буду халос.

Интишори нақлиёти нави аврупоӣ дар Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистони тоинқилобӣ ба доираҳои тиҷоративу саноатӣ, соҳибкорону тоҷирони рус ва маҳаллӣ зич алоқаманд аст. Чунончи, соли 1902 дар кишвари Туркистон, дар ноҳияи Намангони водии Фарғона нахустин автомобил ҳаракат карда буд, ки он ба намояндаи рафоқати тиҷоративу саноатии Русия, соҳибкор ва тоҷири рус Бакланов мансуб мебошад (4,2). Ин навгониро ибтидои ҳаракати аввалин автомобил дар Осиёи Миёна ва Қазоқистон номидан мумкин аст.

Дар Осиёи Марказӣ кушода шудани аввалин хатсайри автобус ҳам ба фаъолияти доираҳои саноативу тиҷоратӣ, хусусан соҳибкорону тоҷирон марбут аст. Масалан, санаду бурҳонҳои таърихӣ шаҳодат медиҳанд, ки дар соли 1910 дар Тошканд се хатсайри ҳаракати автобусҳо кушода шуд, ки дар он ҳашт адад автобуси тамғаи хориҷӣ хизмат мерасонданд, ки ташаббускори он соҳибкору савдогари маҳаллӣ Шодӣ Хӯҷаев ба шумор мерафт (4,2).

Ба қаламрави Тоҷикистони муосир ворид гаштани нахустин нақлиёти автомобилӣ ва мошинҳои боркашу мусофиркаш ба ибтидои асри XX мансуб аст. Вале дар адабиёти таърихӣ пиромуни интишор ёфтани нахустин автомобил дар хоки Тоҷикистони имрӯза то кунун ақидаи нодуруст ва ғалат ҳукумфармо аст. Масалан, муҳаққиқи таърихи роҳдорию нақлиёти ҷумҳурӣ дар замони шӯравӣ С. Назруллоев қайд кардааст, ки моҳи августи соли 1914 сокини шаҳри Хуҷанд М. Юнусов ба ин музофот ду автомобили хориҷӣ овардааст, ки он нахустин автомобил дар шимоли Тоҷикистон ба шумор меравад (9,20-21). Дигар мутахассиси ин соҳа З. Ҳомидов бошад, иттилоъ додааст, ки дар соли 1922 нахустин автомобил ба шаҳри Хуҷанд ва дар соли 1925 ба шаҳри Сталинобод оварда шуданд (15,29). Хосатан, боиси таассуф ва нигаронӣ аст, ки муҳаққиқону мутахассисон бидуни андеша ва санаду бурҳонҳои қотеъ пиромуни масъалаи тадқиқшаванда ақидаи бебунёд ва ғалатро талқин мекунанд ва хонандагонро ба иштибоҳ андохта, ба роҳи нодуруст ҳидоят месозанд, ин кору амал комилан нобахшиданӣ аст. Чунончи, мутахассисони ин соҳа Я. Броншитейн ва А. Замонов қайд кардаанд, ки нахустин автомобил дар Тоҷикистон дар соли 1922 дар Хуҷанд пайдо шудааст. Пас аз се сол бошад, аввалин автомобил ба Душанбе оварда шудааст (5,12). Инчунин публитсисти тоҷик Нақиб Саид бошад, дар хусуси оварда шудани аввалин автомобил ба ҳудуди имрӯзаи ҷумҳуриамон маълумот дода, ишора бар он намудааст, ки «соли 1922 дар Тоҷикистон аввалин мошини сабукрав бо номи «Драк» оварда шудааст. Ин мошинро ба ин ҷо аз Ӯзбекистон фиристода буданд» (10,51). Солисан, мулоҳиза ва муҳокимаи чунин амалҳои носавобу беасос ба хонандагони ҳушманд ҳавола карда хоҳад шуд, ки қазоват ба худи шумост. Вале таҳқиқу омӯзиши маводи наву тозаи бойгониҳо нишон медиҳанд, ки фикру андешаҳои дар боло овардашуда комилан ғалат буда, асоси боэътимоди илмӣ надоранд. Муаллифи ин сатрҳо дар соли 1993 дар конференсияи апрелии илмиву амалии ҳайати профессорону устодони Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (ҳоло ДМТ) маърӯзаи илмӣ қироат намуда, дар асоси маводи нави бойгонӣ собит кард, ки аввалин автомобил дар ҳудуди имрӯзаи Тоҷикистон дар соли 1914 не, балки дар соли 1909 оварда шудааст (16,178).

Ҳангоми ҷустуҷӯву пажӯҳишҳо дар Бойгони марказии давлатии ҷумҳурӣ санаду ҳуҷҷатҳои зиёде дастрас гардиданд, ки пиромуни интишори нақлиёти автомобилӣ дар музофоти Хуҷанд, хусусан шаҳрҳои Хуҷанд ва Ӯротеппа баҳс мекунанд ва ҳақиқати ҳолро нишон медиҳанд (Дар ин хусус муфассал руҷӯъ намоед: 1,1-25; 2,1-10).

Қаблан санаду бурҳонҳо шаҳодат мидиҳанд, ки дар ибтидои асри XX дар ноҳияҳои шимолии Тоҷикистон нахустин автомобил ворид гардидааст. Аз рӯи ахбори санадҳои бойгонӣ, 1 январи соли 1909 сокини Тошканд Г.А. Могилин ба ҳукумати шаҳри Хуҷанд ба мақсади дар байни ин шаҳр ва истгоҳи роҳи оҳани Исписор ба роҳ мондани алоқаи автомобилӣ бо илтимос муроҷиат намудааст. Сардори музофоти Хуҷанд дархости мазкурро мавриди баррасӣ гузошта, бо қарори худ аз таърихи 13 феврали соли 1909 ба соҳибкор Г. Могилин дар бораи дар ин шаҳр ба роҳ мондани алоқаи автомобилӣ рухсат медиҳад. Ҳамин тариқ, автомобили мусофиркаш дорои 14 ҷойи нишаст ва 5 ҷойи росто, инчунин 250 пуд қувваи борбардорӣ ба фаъолият оғоз намуда буд. Соҳибкор Г. Могилин дар ҷавобияи он уҳдадор мегардад, ки дар тавозуни хазинаи шаҳрӣ ҳар сол ба миқдори 50 сӯм андози шуғлӣ хоҳад супорид. Ба ғайр аз он, ин соҳибкор таъмир намудани пулҳои мавҷудае, ки автомобилҳо тавассути онҳо мегузаштанд, ба уҳда мегирад (8,185). Аз ин санадҳои бойгонӣ бармеояд, ки нахустин автомобил дар ҳудуди Тоҷикистони тоинқилобӣ, дар шаҳри Хуҷанд интишор ёфтани ин навъи нақлиёт ба шумор меравад.

Инчунин зикр кардани он бамаврид аст, ки пиромуни интишори нақлиёти автомобилӣ дар шаҳри Хуҷанд чанд санадҳои бойгонӣ дарёфт шуданд, ки хеле муҳим ва рӯзмарра мебошанд. Аз рӯи маълумоти бойгонӣ, 13 ноябри соли 1909 дворянини (ашрофи) музофот ва губернияи Калга Виктор Яковлевич Багадарёв ба шаҳри Хуҷанд яке аз нахустин автомобилро оварда, ҳаракати онро ба роҳ мондааст (1,4). Ин соҳибкор ният дошт, ки дар байни шаҳри Хуҷанд ва стансияи ҳамноми роҳи оҳан ҳаракати нақлиёти автомобилиро ба роҳ монад (1,2а,4-5). Санадҳои воқеӣ далолат мекунанд, ки дархости ин соҳибкор дар бораи ба роҳ мондани ҳаракати нақлиёти автомобилӣ дар хатсайри шаҳри Хуҷанд – истгоҳи роҳи оҳан амалӣ гардонида шудааст. Вале оғози ҳаракати нақлиёти нав дар хатсайри мазкур баъзе нобасомониву душвориро ба миён овард. Азбаски нақлиёти нав бори нахуст дар ин хатсайр ба ҳаракат оғоз карда буд, мавқеи нақлиёти маҳаллиро маҳдуд карда, дар фаъолияти он нобасомонӣ ва душворӣ эҷод месозад, ки он норозигии доираҳои манфиатдорро ба миён наоварда наметавонист. Дар ин бора ахбори санадҳои бойгонӣ ҷолиб ва муҳим мебошанд. Чунончи, намояндагони яке аз ширкатҳои Хуҷанд ба сардори музофоти Хуҷанд номаи шикоятӣ ирсол намуда, нисбат ба эҷоди нобасомониҳо ва зарари расонидаи нақлиёти нави мусофиркаш изҳори нигаронӣ мекунанд. Инак, мазмуни мухтасари ин санади бойгониро пешкаш менамоем: «13 ноябри соли 1909, - қайд карда шудааст дар он, - автомобили мансуб ба ашрофи (дворянин) музофот ва губернияи Калга В.Я. Багадарёв дар шаҳри Хуҷанд ба фаъолият оғоз карда буд, ҳангоми ҳаракати хеш ба самти аз Сирдарё ба ҷониби Чоршанбе-бозор, ки ширкати мо дар шафати роҳи мазкур ҷойгир аст, бо садоҳои хишир-хишир аз худ овози гӯшхароше бароварда, гирду атрофро нороҳат намуд. Аз ин ҳолат аспҳо ба ҳарос афтоданд, дар натиҷа, идора кардани нақлиёти маҳаллӣ душвор гардид ва ба мо зарари зиёди моддӣ ва маънавӣ расонд. Хусусан аспи фойтунчии кирокаш Пётр Медведов аз ин ҳаракати махлуқи аҷуба ба воҳима афтода, ҳамоно худро ба як тарафи самти роҳ ҳаво дода, фойтунро чаппа намуд ва соҳиби он Алексей Казантсевро маҷрӯҳ кард, чархи фойтунро шикаст, аз ин ҷо аробаро рост ба сӯи устохона кашола карда бурда, ба таъмири он 35 сӯм маблағ сарф намуд. Аз ин лиҳоз, ин амали ноҷо кори хеле мудҳиш ва зиёновар буда, агар ҳаракати он боздошта нашавад, минбаъд ниҳоят хатарнок ва зараровар буда метавонад» (1,4-5).

Яке аз соҳибкорони тошкандӣ, шаҳрванди губернияи Воронежи империяи Русия Тихон Василевич Мусияченко ба ноҳияҳои шимолии Тоҷикистон ба мақсади ба роҳ мондани ҳаракати нақлиёти мусофиркашӣ се адад автомобили шахсӣ ворид месозад, ки дар ин хусус маводҳои бойгонӣ шаҳодат медиҳанд. Мувофиқи маълумоти бойгонӣ, сокини шаҳри Тошканд, кӯчаи Зирабулоқ, хонаи рақами 36 Т.В. Мусияченко моҳи декабри соли 1909 ба губернатори ҳарбии вилояти Самарқанд дар бораи дастрас намудани рухсатнома ба мақсади ба роҳ мондани ҳаракати автомобили шахсӣ дар музофоти Хуҷанд муроҷиат менамояд. Вай дар номаи худ аз 11 декабри соли 1909 хабар медиҳад, ки ба мақсади таъмини ҳаракати нақлиёти автомобилӣ дар ҳудуди шаҳри Хуҷанд ва берун аз он дархости моро ба эътибор

гиред. Илова бар он, дар бораи ин навъи автомобил маълумоти техникӣ, аз қабили ин автомобил сохти «Fof» буда, дорои 16 қувваи асп аст ва инчунин қувваи борбардориаш 56 пуд, суръати миёнаи ҳаракат дар як соат 30-35 км, миқдори ҷойҳои нишаст – 10 нафар ва ғайра иборат аст (1,23).

Инчунин ба роҳ мондани ҳаракати нақлиёти автомобилӣ аз шаҳри Ӯротеппа то истгоҳи Хавос (Черняево) низ боиси дастгирӣ буда, саҳифаҳои ибратангези хешро доро аст. Санаду далелҳои бойгонӣ шаҳодат медиҳанд, ки як идда соҳибкорони маҳаллӣ ва рус дар ин ҷода ташаббус нишон дода, бахри амалӣ кардани матлабҳои хеш ҷаҳду талош намуданд. Чунончи, моҳи марти соли 1909 сокинони шаҳри Ӯротеппа Аҳмадбек Қурбонбоев, Султонбек Тӯрабеков ва Шоҳмирзо Шокаримов ба губернатори ҳарбии вилояти Самарқанд нома фиристода, хоҳиш карданд, ки дар хатсайри шаҳри Ӯротеппа то истгоҳи Хавос (Черняево) ба ҳаракати нақлиёти автомобилӣ иҷозат дода шавад. Моҳи майи соли 1909 дар хатсайри номбурда имконпазир будани ҳаракати нақлиёти автомобилӣ ҳамаҷониба амиқ ва муайян карда шуд (1,2). Чуноне маълум мегардад, ин дархост мавриди назар қарор гирифта, ба роҳ мондани ҳаракати нақлиёти автомобилӣ иҷозат дода шудааст. Бар замми он, аз рӯи дархости соҳибкорони маҳаллӣ низ, ин автомобилҳо минбаъд дар ҳудуди шаҳрҳои Хуҷанд ва Ӯротеппа ҳаракат менамуданд (1,4).

Ибтидои моҳи ноябри соли 1909 корманди хадамоти бағочи (почта) истгоҳи роҳи почтагарди Ӯротеппа-Хавос Шубин ба губернатори ҳарбии вилояти Самарқанд номаи шикоятӣ ирсол намуда, хоҳиш мекунад, ки соҳибкори рус Багадарёв дар хатсайри почтагард аз шаҳри Ӯротеппа то истгоҳи Хавос (Черняево) ҳаракати автомобилҳои мусофиркашро ба роҳ мондааст (1,1-1а). Аз ахбори маводи бойгонӣ маълум мегардад, ки ибтидои моҳи феврали соли 1910 корманди истгоҳи бағоч (почта) Шубин дар номаи навбатии худ аз 10 феврали соли 1910 ба губернатори ҳарбии вилояти Самарқанд арз мекунад, ки собиқ хизматчии роҳи оҳан Багадарев ду автомобилро ба ин ҷо оварда, дар самти истгоҳи Черняево то Ӯротеппа ба мусофиркашонӣ машғул аст. Аз сабаби он, ки ин амалиёт ба ӯ зарари калони моддӣ мерасонад, роҳу усулҳои манъ намудани ҳаракати нақлиёти мазкурро ба миён гузошта, дар ин бора додани ҳуҷҷати расмиро тақозо менамояд (ниг.: 1,1-1а).

Сардори политсияи шаҳри Ӯротеппа аз 10 феврали соли 1910 ба сардори музофоти Хуҷанд тавассути номааш - чунин ахбори расмӣ ирсол кардааст, ки мувофиқи он 5 феврали соли 1910 ба Ӯротеппа аз ҷониби соҳибкори рус Мусияченко ду автомобил оварда шудааст, ки яке дорои 5 ҷойи нишаст буда, тамоман нав аст, дигаре бошад, 10 ҷойи нишаст доштааст. То ҳол ба ҳаракати он иҷозат дода нашудааст, вале соҳиби ин автомобилҳои шахсӣ хоҳиш кардааст, ки ба ҳаракати онҳо рухсат дода шавад. Ман шунидам, ки ин автомобилҳо масофаи байни шаҳри Ӯротеппа то Хавосро дар 50 дақиқа ва роҳи бозгаштро бошад, андаке зиёдтар аз як соат тай карда метавонанд (1,13,13а).

Соҳибкори рус Т. Мусияченко ба унвони сардори музофоти Хуҷанд аз 13 феврали соли 1910 илтимоснома ирсол намуда, хоҳиш мекунад, ки ба ҳаракати автомобилҳояш дар хатсайри истгоҳи Хавос (Черняево) то шаҳри Ӯротеппа ва ҳамчунин ҳудуди шаҳри Хуҷанд дар давраи идҳои маҳаллии сайругаштӣ иҷозат дода шавад (1,9,11). Инчунин мавсуф пиромуни автомобилҳояш маълумоти техникӣ низ пешниҳод мекунад, ки мувофиқи он, яке амнибуси сабукрави сохти «Лаурин» ва «Климент» буда, дорои 16 қувваи асп, дигаре бошад, «Дубл-Файтон» - 14 қувваи асп мебошанд (1,11).

19 феврали соли 1910 сардори музофоти Хуҷанд тавассути номаи махсуси худ ба губернатори ҳарбии вилояти Самарқанд муроҷиат намуда, хоҳиш мекунад, ки дархости соҳибкори рус Т.Я. Мусияченкоро ба назар гирифта, ба роҳ мондани ҳаракати автомобилҳои шахсиашро дар хатсайри истгоҳи Хавос (Черняево) то Ӯротеппа, инчунин дар ҳудуди шаҳри Хуҷанд ҳангоми идҳои миллии сайругаштӣ иҷозат доданро ба мақсад мувофиқ медонад (1,9).

Зикр кардани он бамаврид аст, ки минбаъд рафти амалиёти соҳибкории Т. Мусияченко дар кадом сатҳи фаъолият ҷараён гирифтааст, ягон санаду далелҳои боварибахшро дар даст надорем. Танҳо ҳаминро қайд кардан кифоят мекунад, ки соҳибкори рус Т.В. Мусияченко дар моҳи апрели соли 1910 бо кадом сабабҳои номаълум ҳаракати автомобилҳои худро дар ноҳияҳои шимолии Тоҷикистон, хусусан шаҳрҳои Хуҷанд ва Ӯротеппа комилан қатъ намуда, автомобилҳояшро ба Тошканд гирифта мебарад. Аз рӯи ахбори ҳуҷҷатҳои бойгонӣ маълум мегардад, ки 2 апрели соли 1910 «…Мусияченко ҳаракати нақлиёти автомобилиро дар Хуҷанд ва

Ӯротеппа комилан қатъ намуда, мошинҳои худро ба Тошканд интиқол медиҳад» (1,14).

Дар охири моҳи январи соли 1914 сокини шаҳри Хуҷанд Мулло Ғафур Ҳоҷӣ Муҳаммад Юнусов ду автомобили мусофиркаши сохти «Берлиэ»-ро ба музофоти Хуҷанд ворид сохта, аз сардори музофоти Хуҷанд ва муҳандиси вилояти Самарқанд хоҳиш мекунад, ки ба ҳаракати автомобилҳо дар самти мазкур иҷозат дода шавад. Вай аз ҷумла ба чунин мазмун дархост ирсол карда буд, ки ман ба мақсади таъмини ҳаракати нақлиёти мусофиркаш дар миёни шаҳри Хуҷанд – истгоҳи Хуҷанди роҳи оҳани Осиёи Миёна ду автомобил (яке дорои 22 қувваи асп ва дигаре бошад, 15 қувваи асп) овардам. Аз ин хотир, хоҳиш мекардам, ки ба мусофиркашонӣ дар самти Чоршанбе-бозор то истгоҳи Хуҷанд рухсат диҳед (2,2). Аз 18 феврали соли 1914 ба мақсади амалӣ намудани ин дархост, аз ҷониби сардори музофоти Хуҷанд комиссияи махсус ташкил карда шудааст. Аз ахбори санадҳои бойгонӣ аён мегардад, ки дархости соҳибкори тоҷик Юнусов пурра амалӣ гардонида шуда, ба ҳаракати автомобилҳои мусофиркаш дар самти номбурда иҷозат дода мешавад. Дар охир, комиссия қарор қабул намуд, ки мувофиқи он ҳаракати ду автомобили мусофиркаш мавриди муоина қарор гирифта, ба мусофиркашонӣ дар шаҳр ва гирду атрофи он иҷозат дода шудааст, ки онҳо ба Мулло Ғафур Юнусов мутааллиқ аст. Инчунин ин автомобилҳоро ронандагон Прокофий Афанасев ва Леон Аваков идора мекарданд (2,6,7,10). Бар замми ин, дар ҳуҷҷатҳои бойгонӣ суръати ҳаракати автомобилҳоро вобаста ба самти ҳаракаташон низ муайян карда, «дар роҳҳои ҳамвор бо суръати на зиёдтар аз 12 чақрим ва дар гардишҳо бошад, 6 чақрим дар як соат пешбинӣ гардида буд» (2,6,7,10).

Албатта, ин автомобилҳо дар муддати муайян ба мардуми ин минтақа хизмат расонида, мушкилоти онҳоро осон намуда, дар пешрафти ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ нақши бузург гузоштанд. Ба тариқе аён аст, пайдоиш ва интишори нақлиёти автомобилӣ дар қатори дигар навъҳои он – қатора, пароход ва амсоли он ҳодисаи ниҳоят мусбат арзёбӣ мегардид: **аввалан,** маҳсулнокии нақлиёти автомобилӣ афзуд; **сониян,** рафту омади мусофирон осону қӯлай гардида, мушкилоти онҳо ҳарчи тезтар ҳал мешуд; ва дар **охир,** ба интиқоли борҳои гуногун мусоидат намуд. Хулласи калом, пайдоишу интишори нақлиёти автомобилӣ дар шимоли Тоҷикистон аҳамияти бузурги иқтисодиву тиҷоратӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ дошт.

Ба сарзамини Осиёи Миёна, алалхусус ҳудуди имрӯзаи Тоҷикистон роҳ ёфтани воситаҳои нави роҳҳои алоқа ва нақлиёт; роҳи оҳан, қатораву оташароба, автомобил, велосипед, телефону телеграф ва амсоли он дар назари мардуми маҳаллӣ ҳайратангез метофт. Маҳз «пайдоиши қатора (поезд) ба мардуми маҳаллӣ таассуроти ғайриоддӣ боқӣ мегузошт. Қатора бо номи «пуп-пуб ароба», яъне аробае, ки овози «пуп-пуп» мебаровард, машҳур мегардад» (6,45). Ба ифодае, ҳатто «уламо аз роҳи оҳан, телефону телеграф ва ғайра хабаре надоштанд ва намедонистанд, ки бо роҳи оҳан, 100 фарсах (1 фарсах 6-7 км) роҳро дар 20 соат тай кардан мумкин аст ва ғайра» (14,158-159). Дар тақвияти ин ақида, академик З. Раҷабов дар ёддоштҳои хеш «Саҳифоти рӯзгори пешин» менигорад, ки модарам ҳатто корвони қатораро надида буд, доир ба асбобҳои барқӣ, телеграфу телефон ва монанди он тасаввуроте ҳам надошт (12,8). Дар соли 1916 писари оқсаққоли қисмати Қалъаи Нави шаҳри Хуҷанд Мулло Абдуқодир, аз маҳаллаи Мухтор, ки яке аз соҳибкорони содиркунандаи меваҳои хушк ба Маскав буда, ба мақсади истифодабарии шахсиаш як адад автомобил овардааст (8,185). Ба мардуми маҳаллӣ, аз ҷумла Зариф Раҷабови ҷавон низ бори нахуст дидани паровозу қатора (поезд), автомобилу автобус ва ғайра чун як ҳодисаи бағоят аҷоибу ғароиб намудор шудааст. «Боре ман, - менависад вай, - шоҳиди аҷобати ҳайратангезе гаштам. Дар ҳамон гузаре, ки бобоям Абдуқодир-оқсаққол бо оилаи азимаш мезист, ҳамчун яке аз сарватмандони калони шаҳр вазифаи оқсаққолии қисмати Қалъаи Нави Хуҷандро бар уҳда дошт. Писарони ӯ чун соҳибкорону тоҷирони машҳури Хуҷанд баҳри корҳои тиҷоратӣ борҳо ба Русия сафар карда буданд. Ва боре ҳангоми бозӣ кардан дар назди хонаи оқсаққол, дар кӯчаи калони ҷониби бозор, бо суръати тез ҳаракат карда омадани ким – кадом қуттии калони сиёҳро пайхас намудам. Пас аз чанде он қуттӣ дар шафати хонаи оқсаққол омада истод. Аз дохили он писари калони бой – рафиқи амакам – Мирзокарим баромад. Маълум гашт, ки он қуттии сиёҳ автомобил асту онро аз Русия яке аз ошноёни руси он бой оварда будааст» (12,18; 13,31-32).

Ба ғайр аз он, дар дафтари хоҷагии сардори музофоти Хуҷанд мансуб ба моҳи январи соли 1915 дарҷ гардидааст, ки ба сифати андози шуғлӣ аз ҷониби сокини

шаҳри Хуҷанд Август Репман барои ҳаракат кардани автомобили шахсиаш ба миқдори 24 сӯм андози нақлиётӣ супорида шудааст (8,185).

Итминон ҳосил кардан душвор нест, ки теъдоди чунин автомобилҳо, мошинҳо ва дигар навъи нақлиёт дар музофоти Хуҷанд кам набуданд, онҳо ба мардум хизмат расонида, мушкилоти онҳоро осон менамуданд. Хулласи калом, нақлиёти автомобилӣ аз ҷониби соҳибкорони рус ва маҳаллӣ, аз ҷумла Г. Могилин, М.Ғ. Юнусов ва дигарон асосан дар байни шаҳри Хуҷанд ва истгоҳи роҳи оҳани Исписор дар масофаи 12 км ҳаракат мекарданд. Рейсҳо ба мақсадҳои соҳибкорӣ, фоидагирӣ ва корҳои тиҷоратӣ амалӣ мегардиданд (8,185).

Қаблан мардуми ноҳияҳои шимоли Тоҷикистон, чун мардуми Осиёи Марказӣ аз бисёр навгониҳои илмиву техникии он замон бохабар буданд. Чунончи, падари Зариф Бобораҷаб дар водии Фарғона, дар истгоҳи роҳи оҳан кор мекард. Ба тариқе аён гардид, падари Зарифи ҷавон дар Андиҷон чун мудири хоҷагии бой аз стансияи Драгомир қаторахои пурангиштро қабул намуда, онро дар миёни тоҷирони хурд тақсим мекард. Корҳои падараш ба роҳи оҳан зич вобастагӣ дошт, бо сардори вокзали роҳи оҳани Андиҷон ниҳоят наздик буд (13,39-40).

Дар нимаи дуюми соли 1916 падараш Зариф ва додараш Латифро бори нахуст тавассути қатора ба шаҳри Андиҷон меорад. Мо бори нахуст, - менависад З. Раҷабов, - қаторасавор мерафтем. Аҷобаташ дар он буд, ки мо дар аробаи калони болопӯш ҷой гирифта, дар шохроҳи фӯлодӣ бе кумаки асп ё дигар ҳайвоноти боркаш ҳаракат менамудем. Вай ниҳоят тез медавид, ки ҳатто ҳавлиҳову дарахтони шафати хатти роҳи оҳанро фарқ намудан мушкил буд. Ман аз падарам дар хатти роҳ бе қувваи беруна чӣ тарз ҳаракат кардани қатора (поезд)-ро пурсидам, ӯ як лаҳзаи ҳаёти ҷавониашро ба хотир оварда, нақл кард, ки бобоям дар замони пайдоиши оташароба дар кишварамон дар мадраса таҳсил мекардааст. Ҳамон солҳо дар мадраса ҳеҷ ягон шахсе муаммои ин кашфиёти бузург ва «асрорангезе»-ро тасаввур карда наметавонист. Боре бобоям ва рафиқони ҳамсабақаш ба мударрис – донишманди ҳодисаҳои тамоми олам рӯ оварда, мепурсанд:

- Ҷаноби Ҳазрати Эшон дар саҳро дар болои қуттии сиёҳи русҳо давидани қуттии сурхро чӣ тавр шарҳ медиҳанд?

- Дар қуттии сиёҳ аспест, ки аз қафояш қуттии сурхро мекашад, - бериё посух медиҳад мударрис (13,38). Бубинед аз ин посух ба кадом натиҷа расидан мумкин аст, қазоват ба худатон ҳавола карда хоҳад шуд.

Зикр кардан бамаврид аст, ки яке аз навъҳои нақлиёти нав – велосипед ба ҳисоб мерафт. Интишори нахустин велосипед дар кишвари мо ниҳоят ҳаяҷоновар ва диққатҷалбкунанда аст. «Замоне, ки велосипед пайдо шуд, дар байни мардум таассуроти калон ба миён овард, аз ин хотир, онро «шайтон-ароба», яъне «аробаи шайтон» меномиданд» (6,45). Аз рӯи маълумоти профессор А. Мирбобоев дар ибтидои соли 1917 дар музофоти Хуҷанд як навъи нақлиёти нав, хусусан вилосипед ба истифодаи мардум ворид шудааст. Хурофотпарастони Хуҷанд онро «шайтон ароба», яъне, чархи чаҳорум номида, маломат менамуданд. 30 июли соли 1917 дар шаҳри Хуҷанд ҳамагӣ 8 нафар шаҳриён дорои ин навъи нақлиёти нав – велосипед ба шумор мерафтанд. Онҳо дар хазинаи шаҳрӣ 1 сӯму 50 тин андози роҳро месупориданд (8,185).

Пас аз ҳамроҳшавии кишвар ба Русия, ҳукумати нави музофоти Хуҷанд дар роҳи беҳтар намудани ҳаёти шаҳр ва музофот, таъмиру тармим намудани роҳу пайраҳаҳо ва пулу кӯпрукҳо чораҷӯиҳои зиёде андешиданд. Ба ҳаракати мунтазами нақлиёти нав - фойтуну диликонсҳо, ҳатто аробаи дучархаву чаҳорчарха ва ғайра каналҳои зиёди обёрикунандае, ки маҷозан чун «шарёни хунгард» шаҳрро аз ҷануб то шимол бурида мегузаштанд, монеаи ҷиддӣ ба ҳисоб мерафтанд. Аз рӯи шаҳодати яке аз муосирон – журналистон, пулҳои ларзону ноустувори музофот ва шаҳри Хуҷанд ҳатто «аспҳо ва кирокашҳои эҳтиёткорро ба тарсу ҳарос меоварданд» (ТВ.-1906.-№5). Дар соли 1898 масъалаи таъмири пулҳои шаҳр ва музофоти Хуҷанд дар иртиботи бевоситаи робитаи нақлиётӣ бо истгоҳи роҳи оҳан ба тариқи ҷиддӣ ба миён гузошта шуд. Нақлиёт танҳо дар масофаи 12 км роҳ бояд 9 пулро тавассути чунин каналҳои калони обёришаванда, ба монанди Даштак, Румон, Сойи Читгарон, Қорӣ, Мазор ва ғайра бо душворӣ мегузашт (8,185). Дар натиҷа, соли 1894 хоҷагии шаҳрдории Хуҷанд ба сохтмони 9 пулҳои хиштин тавассути ин каналҳо ба миқдори 2991 сӯм маблағ ҷудо намуд (8,185).

Ба ҳамин тариқ, дар ибтидои асри XX дар Осиёи Марказӣ, хусусан ноҳияҳои шимолии Тоҷикистони имрӯза нақлиёти наву муосир, аз ҷумла қатора (поезд),

автомобил, автобус ва ғайра иштишор ёфта, дар маҷрои рӯзгори мардуми маҳаллӣ ворид мегарданд, дар натиҷа, дар ҳаёти тоҷикон ва дигар мардуми маҳаллӣ дигаргуниҳои назаррас ба вуқӯъ пайвастанд. Албатта, ин тағйироту дигаргуниҳо маҳз дар замони сармоядорӣ ташаккул ва тақвият ёфта, ба дараҷаи баланди рушд ва такомули худ расиданд, ки онҳо дорои аҳамияти бузурги илмиву амалӣ буда метавонанд.

## АДАБИЁТ


1. БМД ҶТ – Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – З. Т. 1. – Р. 1. – Д. 1985. – В. 1-25.
2. Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - З. Т. 1. – Р. 1. – Д. 1921. – В. 1-10.
3. Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - З. Т. 1. – Р. 1. – Д. 1757. – В. 9.
4. Баъди 90 сол // Овози тоҷик. – 1992. – 22 октябр. – С. 2.
5. Бронтштейн Я.Т., Замонов А.Н. Транспорт Таджикистана и его развитие в десятой пятилетке. – Душанбе, 1972. – 32 с.
6. Қориниёзов Т.Н. Размышения о пройденном пути. – М.: Изд-во политической литературы, 1970. – 312 с.
7. Қурбоналӣ А. Душанбе соҳиби фойтун мешавад // Ҷавонони Тоҷикистон. – 2011. - №20. – 19 май.
8. Мирбобоев А. Русские в Худжанде // Памир. – 1993. - №5-6. – С. 178-187.
9. Назруллоев С. Дорожное строительство и развитие транспорта в Таджикистане в 1917-1941 гг. – Душанбе: Дониш, 1979. - 168 с.
10. Нақиб Саид. Шоҳроҳ. – Душанбе: Ирфон, 1986. - 96 с.
11. Нақиб Саид. Ворисони роҳи мурод. – Душанбе: Ирфон, 1987. – 112 с.
12. Раҷабов З. Дорогой знаний: (Из воспоминаный). – Душанбе: Ирфон, 1975. – 152 с.
13. Раҷабов З. Страницы прошлого: (Из воспоминаний ветерана культурного строительства в Таджикской ССР). – Душанбе: Ирфон, 1986. – 256 с.
14. Раҷабов З. Маорифпарвар Аҳмади Дониш. – Душанбе: Ирфон, 1964. – 308 с.
15. Ҳомидов З. Таджикская ССР в семье братских республик // Автомобильный транспорт. – 1957. - №10. – С. 29.
16. Шодипур Ю. Аз таърихи пайдоиши нақлиёти автомобилӣ дар Тоҷикистони мустамликавӣ // Тезисы докладов апрельской научно – теоретической конференции профессорско-предподавательского состава ТГНУ. – Душанбе, 1993. – С. 178.


## РАСПРОСТРАНЕНИЕ АВТОМОБИЛЬНОГО ТРАНСПОРТА В ТАДЖИКИСТАНЕ В НАЧАЛЕ XX ВЕКА

***(на основе материалов ЦГА РТ - Центрального государственного архива Республики Таджикистан)***


В статье освещается история создания в Таджикистане, в том числе в Ходжентском уезде (нынешняя Согдийская область) на основе изученных малоизвестных архивных материалов, воспоминаний современников и др. новых видов по тем временам транспортных средств, занимающихся перевозкой пассажиров и грузов. Автор приходит к выводу о том, что первые автомобилы по перевозке пассажиров на территории Таджикистана стали функционировать в Ходжентском уезде в начале XX века (в 1909 году), сыгравших важную роль в социально-экономическом и культурном развитии таджикского народа.



**Ключевые слова:** уезд, современный транспорт, пассажирский транспорт, научно-технические новшества, предприниматель, арба, фаэтон, пассажир, архивные материалы, маршрут, железнодорожная станция.


## DEVELOPMENT OF TRANSPORTATION IN TAJIKISTAN IN THE BEGINNING OF XX CENTURY

***(in accordence to central Archives of Republic of Tajikistan)***


The new ways of use of the modern transport like public transport and lorries and other kinds in the before revolution Tajikistan in Khujand (former) and now Soghd are described in this article in accordence with archives materials, people's information. The author points out that the use of the first public transport took place in Khujand at the beginning of XX century in 1909 and had a great role in the economic and cultural life of Tajik people.



**Key words:** district, modern transport, passanger, automobile, scientific-technological newance, entrepreunership, phaeton passanger, archives materials, route, railway station.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Юсуфи Шодипур*** – кандидат исторических наук, доцент Таджикского национального университета. Телефон: **917-11-55-54 (моб.).**

# Ҳ У Қ У Қ

## ОСНОВЫ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА О ГРАЖДАНСТВЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

*М.Ю.Ежова*
**Российско-Таджикский (славянский) университет**

Республика Таджикистан прошла сложнейший этап приобретения реального суверенитета и формирования национальной государственности. Значимым атрибутом суверенности и основой правового положения населения стало гражданство Таджикистана. Становление института гражданства и разработка национальной нормативно-правовой базы происходили в тяжелых условиях гражданского противостояния и начавшихся после обретения независимости республики военных действий. Основы законодательства о гражданстве были заложены Законом Республики Таджикистан от 28 июня 1991 года «О гражданстве Республики Таджикистан» и Постановлением Верховного Совета РТ «О порядке введения в действие Закона Республики Таджикистан» (Ведомости Верховного Совета РТ, 1991 г., №14, с.232). Данные законодательные акты призваны были регламентировать процедуры приобретения, изменения или утраты гражданства. Но первоначальной задачей было установление наличествующей совокупности своих граждан на территории республики.

Таджикистан, как и большинство постсоветских государств, продемонстрировал следование нормам международного обычного права, согласно которому гражданство в порядке правопреемства в первую очередь предоставляется лицам, постоянно проживающим на данной территории. Законодательство содержало следующие положения: гражданами Республики Таджикистан являются лица, которые постоянно проживают на территории Республики Таджикистан, а также прибыли в данную Республику для постоянного проживания. Приобретение гражданства Таджикистана было возможно по рождению, в результате приема и по основаниям, предусмотренным международными договорами Таджикистана. Прием в гражданство Республики Таджикистан осуществлялся по свободному волеизъявлению и при условии постоянного проживания заявителя на территории данной республики.

Важнейшим событием законотворческой практики стало принятие 6 ноября 1994 года Конституции Республики Таджикистан. Основной Закон закрепил понимание института гражданства как одного из главных элементов суверенитета таджикского государства в целом [3]. Согласно ст. 15 Конституции гражданство Республики Таджикистан приобретается и утрачивается в соответствии с конституционным законом. Данная статья установила важнейший критерий в определении принадлежности лица к гражданству, а именно: гражданином Таджикистана считается лицо, которое на день принятия Конституции является гражданином Республики Таджикистан.

По Конституции (ст. 16) иностранные граждане и лица без гражданства пользуются провозглашенными правами и свободами и имеют равные с гражданами Таджикистана обязанности и ответственность, за исключением случаев, предусмотренных законом. Таким образом, принятие Конституции утвердило характер взаимоотношений личности и государства, основанных на признании и уважении достоинства каждого человека. Новизна заключалась в закреплении правовых отношений государства и гражданина как равноправных субъектов, наделенных взаимной ответственностью.

Конституционные нормы нашли отражение и развитие в новом Законе «О гражданстве Республики Таджикистан» от 4 ноября 1995 года № 104 [4]. Так, например, положения статей 2 и 11 Закона почти дословно воспроизводят соответственно статьи 15 и 16 Конституции. Считается, что отличительной чертой законодательства о гражданстве является его статичность, реформы нечасто касаются принципиальных положений. В этом смысле законодательство о гражданстве Республики Таджикистан характеризуется стабильностью: с момента принятия в 1995 году Закон претерпел только одну, на наш взгляд, незначительную редакцию. Конституция и Закон о гражданстве принимались в новых исторических условиях переходного периода. У законодателей - разработчиков национального Закона о гражданстве просто не было времени на скрупулезную проработку правовых норм, приведение их в полное соответствие с международными принципами. Наверное, не будет ошибкой сказать, что за основу были взяты положения

российского законодательства о гражданстве. Это, к сожалению, не помогло избежать многих несовершенств, поскольку российский закон о гражданстве 1991 года принимался незадолго до распада СССР и корректировался «вдогонку» меняющейся общественно-политической ситуации. И последующая правоприменительная практика, как в Российской Федерации, так и в Республике Таджикистан, выявила в законодательстве о гражданстве множество несоответствий и пробелов.

В настоящее время вопросы, связанные с гражданством, регулируются в соответствии с положениями Конституции Республики Таджикистан, конституционным Законом «О гражданстве Республики Таджикистан», Законом РТ «Об иностранных гражданах». Рассмотрение оснований, условий, порядка приобретения и прекращения гражданства Таджикистана происходит в соответствии с Положением «О порядке рассмотрения вопросов гражданства Республики Таджикистан» от 21 ноября 1996 года №611. Аналогично российской практике, для лиц, постоянно проживавших на территории Таджикистана на день принятия Конституции Республики Таджикистан и имевших паспорт гражданина СССР, не требовалось подачи заявлений или каких-либо иных документов для оформления гражданства Таджикистана.

Главной реализованной задачей закона о гражданстве стало установление правовых рамок, в пределах которых население определялось со своим правовым статусом, наделялось определенными правами и обязанностями, а также получало механизм их реализации через принадлежность к гражданству своего государства [5]. Важной характеристикой закона является закрепленное в нем намерение признавать свои международно- правовые обязательства. Согласно ст.12, если конституционный Закон и другие законы Республики Таджикистан не соответствуют признанным международным правовым актам, применяются нормы международно – правовых актов. Следовательно, любой человек вправе воспользоваться преимуществами, вытекающими из норм международного права.

В основу построения системы национального таджикского законодательства по гражданству положены общепризнанные принципы гражданства. Ст. 14 Закона определяет само понятие гражданства как устойчивую правовую связь человека с Республикой Таджикистан, выраженную в совокупности их прав и взаимных обязательств. В Законе нашли отражение такие основные принципы, как право на гражданство и право изменить его. Редакция Закона от 6.10. 2008г. закрепила единый и равный, независимо от оснований приобретения, характер гражданства Таджикистана (ст.1). Зафиксирована общая норма сохранения имеющегося гражданства мужа или жены при заключении или расторжении брака с гражданином другого государства или лицом без гражданства (ст.8).

В соответствии с распространенной международной практикой государство гарантирует право каждого гражданина Республики Таджикистан на защиту и покровительство, в том числе за пределами страны. Государственные органы РТ, дипломатические представительства и консульские учреждения, их должностные лица обязаны содействовать тому, чтобы гражданам Республики Таджикистан, находящимся за ее пределами, была обеспечена возможность в полном объеме пользоваться всеми правами, установленными законодательством государства их пребывания, международными договорами РТ, международными обычаями, защищать их права и охраняемые законом интересы, а при необходимости принимать меры для восстановления нарушенных прав (ст.6).

Одной из форм защиты и покровительства государства является недопустимость выдачи своих граждан другому государству. Согласно ст. 7 Закона ни один гражданин Республики Таджикистан не может быть выдан иностранному государству. Интересен тот факт, что первоначально формулировки положения относительно невыдачи своих граждан, содержавшиеся в ст. 7 Закона о гражданстве РТ и ст.1 Закона о гражданстве Российской Федерации от 28.11.1991 г., совпадали. Однако, новый российский закон о гражданстве 2002 года ужесточил данное положение, отнеся его согласно ч.5, ст.4 к принципам гражданства и исключив любую возможность выдачи гражданина Российской Федерации. Вместе с тем редакция Закона Республики Таджикистан от 6.10.2008г., напротив, внесла поправку, разрешающую выдачу преступника иностранному государству на основании двустороннего соглашения.

Согласно международно – правовым нормам, закрепленным Всеобщей декларацией прав человека и Конвенцией о сокращении безгражданства, одним из важнейших

принципов является обязанность каждого государства способствовать сокращению числа апатридов на своей территории. Республика Таджикистан не является страной – участницей Конвенции о статусе апатридов 1954 года и Конвенции о сокращении безгражданства 1961 года. При этом Таджикистан присоединился к Международному пакту о гражданских и политических правах, Конвенции по правам ребенка, Конвенции о сокращении всех форм дискриминации в отношении женщин, Конвенции о сокращении всех форм расовой дискриминации, которые, в том числе, определяют и возможности реализации права на гражданство и доступа к нему. Вместе с тем, в ст.9 Закона о гражданстве закреплена норма, согласно которой Республика Таджикистан поощряет приобретение гражданства РТ апатридами и не препятствует приобретению ими иного гражданства.

В отличие от российского законодательства, последующая коррекция Закона не затронула положения о почетном гражданстве. Негражданину Таджикистана, имеющему выдающиеся заслуги перед Республикой Таджикистан или мировым сообществом, может быть предоставлено таджикское гражданство. Разработано также Положение о почетном гражданине Республики Таджикистан, которое утверждается Президентом.

Что касается условий приобретения гражданства Республики Таджикистан, то здесь обращает на себя внимание чрезвычайно либеральный характер законодательства. Оно в полной мере соответствовало задачам кризисного управления и отразило намерения государства максимально адаптировать население к сложившейся на постсоветском пространстве ситуации. Закон о гражданстве Таджикистана не содержит особых требований, как, например, владение языком титульной нации или наличие источника средств к существованию. Не требуется выполнять какие-либо идеологические условия: приносить клятвы верности стране, присяги, сдавать экзамен на знание истории и культуры или Конституции и других законов Республики Таджикистан. Обычным условием приема в гражданство является достижение совершеннолетия, состояние дееспособности (при самостоятельном обращении с ходатайством). А также постоянное проживание на территории республики, срок которого для иностранных граждан и лиц без гражданства составляет пять лет непрерывно непосредственно перед обращением. Для беженцев, признаваемых таковыми в соответствии с законодательством Таджикистана, указанный срок сокращается вдвое. Также Законом (ст.23) устанавливается довольно широкий перечень обстоятельств, облегчающих прием в гражданство, то есть дающих право на сокращение сроков проживания, вплоть до их снятия. Такими условиями являются, например, состояние в гражданстве СССР; усыновление ребенка, являющегося гражданином Республики Таджикистан; наличие высоких достижений в области науки, техники или культуры; получение убежища на территории Таджикистана.

И в этом смысле законодательство Республики Таджикистан о гражданстве уникально, поскольку все постсоветские государства даже в первых законодательных актах, принятых непосредственно после распада Союза, предусмотрели достаточно жесткие критерии приема в гражданство. К примеру, ценз оседлости устанавливался: в Белоруссии – 7лет, в Казахстане, Молдове, Грузии он составлял 10 лет. Распространенными условиями приема в гражданство являлись: обязательство знать и соблюдать Конституцию и законы, защищать интересы страны, ее территориальную целостность, укреплять могущество, суверенитет и независимость, уважать обычаи и традиции (Казахстан, Белоруссия, Молдавия, Украина, Грузия, Туркменистан); владение государственным языком в объеме, достаточном для общения и включения в общественную жизнь (все государства, кроме РФ и РТ); принесение клятвы верности и доказательства преданности государству и народу, знание истории народа (Молдавия, Грузия). При этом большинством законов не предусматривалось каких-либо облегченных условий для приобретения гражданства для бывших соотечественников по СССР[5].

Несмотря на мягкость и лояльность, законодательство Таджикистана по вопросам гражданства не свободно от юридически спорных и проблемных, с точки зрения правоприменительной практики, положений. Рассмотрим некоторые из них. В соответствии с Законом (ст.15) гражданство Республики Таджикистан приобретается: по рождению; в порядке регистрации; в результате приема в гражданство; в результате восстановления в гражданстве РТ; путем оптации. Приобрести гражданство в порядке *регистрации* согласно п. «а», ст.21 могут лица, супруг или супруга которых является гражданином Республики Таджикистан. Редакция Закона от 06.10.2008 внесла поправку, дополнив ст. 23 пунктом «ё», в результате которой состояние в браке с гражданином РТ

является основанием для ходатайства о *приеме* в гражданство, хотя и трактуется Законом как обстоятельство, облегчающее прием и дающее право на сокращение сроков постоянного проживания. Указанная редакция Закона не исключила п. «а», ст.21, в результате чего положения статей 23 и 21 противоречат друг другу. Поскольку приобретение гражданства в порядке регистрации упрощается не только по существу, но и процедурно. Согласно Положению о порядке рассмотрения вопросов гражданства регистрационный порядок предполагает предоставление заявления, копии свидетельства о рождении и документа, подтверждающего принадлежность супруга к гражданству Республики Таджикистан. В то время как приобретение гражданства в порядке приема требует не только о серьезный пакет документов, включая ходатайство на имя Президента Республики Таджикистан, но и устанавливает трехлетний минимальный срок брачных отношений. Учитывая большое количество смешанных браков в приграничных районах Таджикистана, данная двусмысленность положений закона становится для простых граждан неразрешимой проблемой, мешающей натурализации членов семьи и приводящей в крайних случаях к ситуации вынужденного безгражданства.

Основополагающим в любом законодательстве является приобретение гражданства по рождению. Таджикская система права в данной сфере базируется на так называемом "принципе крови", согласно которому ребенок независимо от места рождения считается гражданином Республики Таджикистан, если его родители являются гражданами Таджикистана (ст.16). При различном гражданстве родителей, каждый их которых имел постоянное место жительства за пределами Таджикистана, гражданство ребенка, родившегося за пределами РТ, определяется по письменному соглашению родителей. Именно это положение выявило проблемы правоприменительной практики. Дело в том, что согласно Положению о порядке рассмотрения вопросов гражданства, такие родители, при выборе гражданства ребенку, должны до исполнения ему 1 года подать в органы внутренних дел или консульское учреждение заявление (соглашение) о выборе гражданства вместе со свидетельством о рождении ребенка. Только в Российскую Федерацию на работу и учебу выезжают ежегодно сотни тысяч граждан Таджикистана. Весьма распространенным явлением в современном российском обществе стал так называемый гражданский брак. Дети, рожденные в таких браках у родителей с различным гражданством, часто становятся предметом споров вплоть до судебных разбирательств. Правовые нормы, закрепленные в Семейном кодексе РФ, в случае отсутствия зарегистрированного брака позволяют матери не указывать сведения о втором родителе. В такой ситуации для отца становится проблематичным не только получить согласие на оформление гражданства, но и вообще доказать свои права на ребенка. Поэтому все более распространенным методом решения спора о гражданстве ребенка становится его вывоз за пределы страны. В абсолютном большинстве заявлений о розыске детей, поступающих в консульские загранучреждения, «похитителем» является один из родителей. В некоторых случаях последствием данного положения может стать ситуация безгражданства для ребенка, если по каким-либо причинам не может быть оформлено свидетельство о рождении, или один из родителей, не являющийся гражданином Республики Таджикистан, не предоставляет свое согласие, или ребенок не имеет возможности получить гражданство родителя, не являющегося гражданином Таджикистана.

На этом этапе Китай проводил достаточно сдержанную и осторожную политику в регионе, не выделяя кого-либо особо. Тем не менее политические и экономические реалии такие, как рост угрозы исламского фундаментализма в регионе, необходимость координации общей политики и оперативных действий китайских спецслужб с коллегами из соседних стран по проблемам уйгурского сепаратизма, Тибета, другим вопросам «разделенных наций», налаживание взаимных торговых контактов, заставляли Китай оптимизировать соответствующие связи. Хотя во всех официальных документах китайского правительства говорится о «равном и дружественном отношении» ко всем новым Центральноазиатским государствам, тем не менее со стороны Пекина с середины 90-х годов стала заметна тенденция на дифференциацию в отношениях со странами Центральной Азии: появились «приоритетные государства», которым отводилось первостепенное значение в развитии политических и экономических связей, и республики «второго эшелона», с которыми поддерживался необходимый уровень официальных контактов. Подобная избирательность, естественно, не была связана с какими-либо историческими «обидами» или субъективными настроениями в китайском руководстве, а обусловлена объективным геостратегическим расположением новых государств на западных границах КНР и складывающейся непростой политической обстановкой в регионе. Последняя характеризуется ростом угрозы исламского экстремизма, развитием процессов глобализации и стремлением Запада занять господствующие позиции в центре Азии, а также «разновекторностью» и неоднозначностью (а порой и непредсказуемостью) внешней политики молодых Центрально-азиатских государств.

В такую «приоритетную» группу вошли государства, связанные с Китаем общей границей (Казахстан, Таджикистан и Кыргызстан) и общими проблемами сохранения взаимной национальной безопасности в регионе в условиях нарастающей угрозы исламского терроризма. Не случайно именно эти государства совместно с Россией и Китаем подписали в апреле 1996 г. в Шанхае соглашение об укреплении доверия в военной области в районе границы, положившее начало возникновению так называемой «Шанхайской пятерки» [1].

Оценивая возможную роль и место Центральной Азии в различных «проектах будущего», можно с уверенностью утверждать, что она останется в периферийной зоне глобализации. Даже те робкие успехи, которые сейчас демонстрируют экономики отдельных стран региона (например, Казахстана), требуют значительных структурных перемен и согласованной поддержки со стороны мирового сообщества. Этому будет препятствовать современное восприятие Центральной Азии, основанное на ее оценке как новой сырьевой «кладовой» мира.

Анализ особенностей системной трансформации в Кыргызстане, оценка итогов реформы, причин политической нестабильности, ресурсного потенциала и сравнительных

преимуществ страны для участия в экономической интеграции в Центральноазиатском регионе при участии Китая, России и других стран показал, что реформируемая постсоциалистическая страна должна сочетать три уровня трансформационного процесса: первый состоит в координации и сочетании осуществления экономических и политических реформ, второй уровень охватывает включение страны в региональное сотрудничество, третий – участие в глобализации. Для Кыргызстана это участие в основном ограничивается пока опекой и помощью мировых экономических лидеров.

Отношения между державами в Центральной Азии дают Китаю важные стратегические интересы, в этом отношении план стратегической безопасности и ситуация геополитики занимают первое место. Кроме того, они играет прямую или косвенную роль в других интересах Китая в ЦА, в которые вступают интересы энергетики, интересы экономики, борьба против «восточных тюрков» и развитие ШОС. Что касается безопасности границы, в этом смысле эта проблема мало влияет на отношения держав. С точки зрения отношений между державами и геополитики, перед Китаем стоят ряд выборов: выбор безопасной ориентации стратегии, выбор безопасной формы стратегии, выбор стратегических партнеров и выбор стратегической структуры. Во-первых, выбор безопасной ориентации стратегии, это значит, как Китай определяет функцию этого района. В этом смысле, Китай имеет 3 основных выбора: **стратегический буфер, безопасная граница стратегии и поступательная база стратегии**. Кончено, Китай выбрал стратегический буфер, направление которого ориентировано на баланс силы, на смягчение противоречия в отношении держав, и на избежание от посредственного конфликта. Во-вторых, выбор безопасной формы стратегии. Китай имеет следующие основные формы: политика групп, стратегическое сотрудничество, многосторонний баланс и односторонняя форма. Китай должен выбрать стратегическое сотрудничество. То есть, сотрудничать с державами, несмотря на них как на стратегического врага. И другие выборы совсем не соответствуют интересам безопасности и стратегии Китая.

В третьих, выбор стратегических партнеров. С точки зрения теории, каждая держава может стать стратегическим партнером Китая. Но, по важности, Китай должен выбрать Россию как своего важного партнера и одновременно сотрудничать с другими державами. Причина выбора России состоит в том, что Китай и Россия уже формировали структуру стратегического партнерства, они имеют общую заботу и интересы в безопасности и стабильности в районе ЦА, в обеспечении стабильности ЦА, представления и форма, которых очень похожи друг на друга.

Что касается взаимоотношений Таджикистана и Китая, то в отношениях двух стран есть и целый ряд других проблем геополитического свойства. Одна из главных - это не китайская военная агрессия, а напряженная социально-экономическая обстановка в Таджикистане. В этой связи действительной угрозой могут стать скрытые виды мирной экспансии. Речь идет, прежде всего, о демографической, инвестиционной и торговой экспансии.

Геополитические реалии новых независимых государств Центральной Азии, образовавшихся на евразийском континенте после распада СССР, перед которыми встала задача выстраивания своих международных отношений таковы. Для новых Центрально-азиатских стран (Казахстан, Узбекистана, Туркменистана, Кыргызстана и Таджикистана) особенность заключалась в том, что они начинали решение тех или иных задач, опираясь на Российскую Федерацию, так как изначально именно позиция Москвы была доминирующей в регионе. Однако, это обстоятельство отнюдь не снимало с них ответственности за формирование своей собственной внешней политики. Государствам ЦА предстояло самостоятельно вырабатывать и принимать внешнеполитические решения, характер которых зависел от многих факторов.

Это и географическое положение государства, и наличие военной, а также экономической мощи, культурных, исторических традиций; это и тип политической системы, и социальная структура общества, индивидуальные особенности политических лидеров – одним словом, весь комплекс геополитических факторов, свойственных тому или иному государству и историческому периоду. В нынешней внешней политике Таджикистана сформулированы основные направления реализации национальных интересов, продиктованные внутриполитическими соображениями. Прежде всего, это достижение энергетической и инфраструктурной независимости, обеспечение региональной политической безопасности, борьба с терроризмом и наркотрафиком. Эти

основные цели, выступая приоритетами во внешней политике, диктуют формирование геополитической доктрины, включая выбор партнеров и союзников.

Реализуя линию многовекторности, Таджикистан сможет выбирать те страны, которые действительно готовы более действенно участвовать в его проектах, касающихся энергетики. Уместно заметить, что активный интерес к энергетическим инициативам Таджикистана проявляют некоторые ближние соседи, ощущающие большие проблемы в обеспечении себя дешевой электроэнергией, - Иран, Китай, Пакистан.

Однако, Республика Таджикистан в настоящее время по ряду объективных причин не представляет себя без остальных центральноазиатских государств: во-первых, она непосредственно граничит с двумя из четырех республик, а именно: с Узбекистаном и Кыргызстаном; во-вторых, она является многонациональной, в которой наряду с таджиками живут узбеки, кыргызы и туркмены – титульные нации региона; в-третьих, Таджикистан связывают с другими государствами региона далекое и близкое историческое прошлое, общность цивилизации и менталитета; в-четвертых; РТ, как и большинство стран региона, до сих пор пользуется единой транспортно - коммуникационной системой; в-пятых, она импортирует из центральноазиатских государств нефтепродукты, природный газ, электроэнергию (в зимний период), и др. исходя из всего этого, руководство Таджикистана с первых дней независимости осознанно выступало за активные интеграционные процессы в регионе [2].

Республика Таджикистан, как и все остальные молодые независимые государства, стремится к быстрому и органичному включению в структуры мировой политики и экономики. Следовательно, постсоветские государства ЦА выстраивали и выстраивают политику сотрудничества с мировыми и региональными державами, тем самым, избегая или же игнорируя сотрудничество внутри Центральноазиатского региона. Постсоветские страны Центральной Азии являются разрозненными (хотя и являются членами одних и тех же объединений), определяясь в приоритетах во внешней политике с более мощными странами, не могут взаимодействовать эффективно в рамках тех или иных организаций, предпочитая сотрудничать в двустороннем формате.

В настоящее время еще имеются юридически не уточненные, спорные участки между Таджикистаном и Узбекистаном, Таджикистаном и Кыргызстаном, что периодически вызывает напряжение в двусторонних отношениях между государствами.

Говоря о проблемах собственно региона, к наиболее актуальной можно отнести проблему энергоресурсов, причем как углеводородных, так и гидроэнергетических. Сложилось так, что у горных стран — Кыргызстана и Таджикистана — есть гидроресурсы, но они нуждаются в углеводородных, нефти и газе, которые есть у Узбекистана, Туркмении и Казахстана. Однако, последние три страны зависят от двух первых, поскольку им нужна вода для мелиорации. Наглядным примером может стать ситуация, сложившаяся со строительством Рогунской ГЭС в Таджикистане. Таджикистан хочет использовать ее преимущественно для выработки электроэнергии, а Узбекистану вода нужна для полива. Налицо конфликт интересов. В этой ситуации странам нужно найти баланс, который бы позволил разумно использовать и то, и другое, и делать это на взаимовыгодной основе [3].

На рубеже XX-XX1 веков мировое сообщество объявило войну международному терроризму, религиозному экстремизму и наркобизнесу. Центральная Азия оказалась в самом центре этой войны и приобрела еще одно важное значение в формирующейся новой системе международных отношений. В широком стратегическом контексте новая геополитическая ситуация в Центральной Азии характеризуется следующими моментами:

во-первых, необходимость принятия мировым сообществом действенных и решительных мер по устранению угрозы международного терроризма, исходящей из Афганистана, привела к активному присутствию Запада в регионе Центральной Азии;

во-вторых, проявилась долгосрочная американская политика в Центральной и Южной Азии, которая увязывается ее идеологами с национальной безопасностью США в целом;

в-третьих, как результат обозначенных выше процессов, а также вследствие значительного ослабления воздействия внешних угроз, ранее исходивших из Афганистана, в Центральной Азии начинают формироваться уникальные возможности для комплексного развития и модернизации региона при действенной поддержке мирового сообщества [4].

По утверждению китайских исследователей, стратегические цели в области безопасности у обоих государств во многом близки и даже идентичны. Таджикистан

намерен создать стабильный "пояс добрососедства" вокруг себя. КНР также стремится создать "периферийные условия мира и спокойствия". Пекин стремится устранить любые трения с соседними странами и сохранить благоприятные условия для экономической модернизации.

Таким образом, Китай в течение уже длительного времени является одним из лидирующих экономических партнеров Казахстана, Кыргызстана и Таджикистана. Китай стремится к проникновению в важнейшие сектора экономик рассматриваемых стран, инвестируя в транспортную и энергетическую отрасли. Это выгодно для КНР, так как, во-первых, прочное присутствие Китая и китайского капитала во внешнеторговом балансе и стратегически важных секторах экономик стран региона, а также наличие транспортно-коммуникационной инфраструктуры, связывающей рассматриваемые страны с КНР, создает обстановку, в которой китайский фактор начинает приобретать все большую значимость в регионе. Во-вторых, инвестиции в ключевые сектора экономик рассматриваемых стран также будут содействовать региональному развитию, что поможет снизить вероятность политической и социальной дестабилизации, которая может повлиять на ситуацию в СУАР и замедлить экономический рост КНР.

**Л И Т Е Р А Т У Р А**

1.Злобин Н. США и Россия на постсоветском пространстве – взаимное Китай, Россия и Центральная Азия: разграничение региональных интересов.// Геополитика. Россия в Центральной Азии.Сборник статей часть 1. Душанбе 2007-С 27-28.
2.А. Сатторзода «РТ и государства ЦА: проблема региональной взаимозависимости»// ЦА: Внешний взгляд. Международная политика с Центрально-азиатской точки зрения, 2009.
3.Князев А. О настоящем и будущем ЦА региона и о роли в нем России. 10.10.2008 (www.CentrAsia.ru).
4.Ахметов Ж.Х. Сущность и содержание геополитических изменений в Центрально-Азиатском регионе, обусловливающих новые угрозы безопасности // Вестник Академии военных наук. - 2009. - № 4. - С. 24-29.

**ПОЗИЦИЯ КИТАЯ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ РАЗВИТИЯ ГЕОПОЛИТИЧЕСКИХ ВЗАИМООТНОШЕНИЙ СО СТРАНАМИ ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ**

В данной статье автор рассматривает позицию развития геополитических взаимоотношений КНР со странами Центральной Азии. Автор подтверждает тот факт, что КНР хорошо осознает связь как между экономическим сотрудничеством и расширением влияния, так и между экономическим сотрудничеством и безопасностью.

**Ключевые слова**: геополитика, социальная дестабилизация, стратегические цели в области безопасности, модернизация региона, мировая политика и экономика, официальные дипломатические отношения, пояс добрососедства.

**CHINAS POSITION POINT OF VIEW GEOPOLITICAL INTERRELATIONS WITH DEVELOPMENT STATES OF CENTRAL ASIA**

In this article author considers position of development of geopolitical interrelations of China with the States of Central Asia. Author confirms the fact, that China realizes contacts as well between economical cooperation and expanding of its influence and also between economical cooperation and security.

**Key words:** geopolitics, social destabilization, strategically aims in sphere of security, modernization of region, world's policy and economy, official diplomatically relations, belt of good-neighborhood.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Сайдгуфрон Абдулло*** – соискатель ТГПУ Садриддина Айни

# МУКОЛАМАИ СИЁСИИ ҶИЭ ҲАМЧУН ШАКЛИ МАХСУСИ МУКОЛАМАИ ФАРҲАНГӢ

***Маҳмуд Шаҳбандӣ***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Баъди пош хӯрдани собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ Ҷумҳурии Исломии Эрон имкон пайдо намуд, ки муносибатҳои худро бо кишварҳои Осиёи Марказӣ ба таври озод ташаккул диҳад. Зеро дар давраи ҳукумати Шӯравӣ минтақаи мазкур ва умуман тамоми муносибатҳои хориҷии Иттиҳоди Шӯравӣ аз ҷониби раёсати марказӣ ва мақомотҳои дахлдори равобити хориҷии ИҶШС дар зери назорати қатъӣ қарор дода шуда буд. Бояд гуфт, ки баъди аз байн рафтани Иттиҳоди Шӯравӣ фазои холии дар Осиёи Марказӣ бавуҷудомадаро на танҳо Эрон, балки нерӯҳои дигари хориҷӣ низ мехостанд ишғол намоянд ва мавқеъҳои худро дар минтақаи мазкур мустаҳкам намоянд. Аммо Ҷумҳурии Исломии Эрон навобаста аз он ки бо минтақаи Осиёи

Марказӣ ҳаммарз нест, тавонист муносибатҳои худро дар тамоми ҷабҳаҳо хеле хуб ба роҳ монад.

Қайд намудан бамаврид аст, ки минтақаи Осиёи Марказӣ на танҳо дар мавқеи геополитикӣ ҷойгир шуда дорои манбаҳои манфиатовар ва таъсиррасонӣ, канданиҳои фоиданоки зеризаминӣ, махсусан гази табиӣ ва нафт мебошад, балки манбаи таҳдидҳои имконпазир чи барои амнияти минтақавӣ ва чи барои амнияти ҷаҳонӣ маҳсуб меёбад. Ҳанӯз аз замонҳои қадим гуногунқавмии таркиби аҳолӣ яке аз хусусиятҳои муҳими минтақаи мазкурро ташкил менамуд. Осиёи Марказӣ макone ба шумор мерафт, ки дар он бархӯрди халқиятҳои гуногун мушоҳида гардида, мубодилаи фарҳанг ва анъанаҳо ба амал меомад. Тӯли асрҳои зиёд инчунин дар минтақаи мазкур динҳо ва мазҳабҳои мухталиф аз мавҷудияти худ дарак дода, арзишҳои худро тарғибу ташвиқ ва дар байни аҳолии он паҳн менамуданд. Кам нестанд ҳолатҳое, ки дар онҳо кӯшиши ба давлатҳои исломӣ табдил додани кишварҳои Осиёи Марказиро намудаанд ва ин аст, ки дар минтақаи мазкур манбаъҳои муҳими экстремизми исломиро низ мушоҳида намудан мумкин аст. Ғайр аз ин дар минтақаи мазкур масъалаҳои дигар низ мавҷуданд, ки аҳамияти стратегӣ доранд. Масалан, ҳолати экологии баҳри Каспий барои минтақаи Осиёи Марказӣ ташвишовар буда, на танҳо ба навоҳии гирду атрофии он, балки ба муҳити экологии ҷаҳонӣ низ таъсирпазир аст.

Баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ шиддати иҷтимоӣ тезу тунд гардид, ки дар натиҷа то дараҷаи муайян ноустувор гардидани вазъияти иқтисодии кишварҳои минтақаи мазкурро мушоҳида намудан мумкин буд. Ба вуҷуд омадани низоъҳои этникӣ, миллӣ ва конфессионалӣ ҳамчун таҳдид ба амнияти минтақа аз эҳтимол дур набуд. Дар чунин ҳолат Эрон бо низоъҳои этникии дохилӣ алоқамандии худро нишон медод ва агар дар кишварҳои Осиёи Марказӣ масъалаи ноором сохтани минтақа ба миён меомад, ҳар лаҳза масъалаҳои дохилии он метавонистанд аз зери назорат ва танзим берун бароянд. Чунин вазъияти сиёсӣ Эронро ором гузошта наметавонист ва аз ин рӯ, минтақаи Осиёи Марказӣ объекти муҳим ва дар маркази диққати Эрон қарор дода шуда, ба яке аз самтҳои муҳими сиёсати хориҷии он табдил ёфт. Имрӯз низ арбобони сиёсии мақомоти олии Эрон чунин муносибати худро ошкоро иброз медоранд. Мутаассифона, Эрон бо ҳамсоядавлатҳои худ муносибати хеле мураккаб дорад. Масалан, дар минтақаи Шарқи Наздик ва Миёна ва Халиҷи Форс вай маҷбур мегардад, ки бо вазъияти баамаломада, ки бо иқдоми кишварҳои араб ва ИМА ташкил карда шудааст, ба созиш ояд. Ҳамаи ин ба Эрон имкон намедиҳанд, ки дар сиёсати хориҷии худ нисбати минтақаҳои мазкур нақши фаъол дошта бошад. Минтақаи Осиёи Марказӣ бошад, баръакс ба Эрон имкониятҳои хеле хубро дастрас гардонидааст. Масалан, вазъият ва баҳсҳое, ки дар атрофи баҳри Каспий сурат гирифта истодааст, метавонад манфиатҳои Эронро низ ифода намояд. Зеро таъмин намудани музофотҳои шимолии Эрон бо энергияи барқ ва гази табиӣ, махсусан қонеъ намудани талаботи аҳолӣ барои вай масъалаи хеле ҷиддӣ мебошад. Аз ин рӯ, барои Эрон таъмин намудани музофоти шимолии мамлакат бо газу барқ, ки дар ҷануби кишвар тавлид мегардад, аз минтақаи баҳри Каспий дастрас намудани он арзонтару авлотар мебошад.

Дар давраи ҷанги сард масъалаҳои амниятӣ бо масъалаҳои шадиди сиёсӣ ва ҳарбӣ алоқаи зич дошт. Аммо дар тӯли даҳсолаи охир манбаъҳои амниятӣ ба воситаи меъёрҳои нав баҳогузорӣ шуда, омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, маданӣ ва ҳарбӣ асоси онро ташкил менамоянд. Бинобар ин, чунин омилҳо, ба монанди технология, идеология, миллатгароӣ, шакли муосири миллатгароӣ, баланд гардидани дараҷаи вобастагии давлат дар шароити ҷаҳонишавӣ, масъалаи ҳифзи муҳити зист, алоқаҳои иқтисодию сиёсии Шимол бо Ҷануб ҳамчун омили устуворкунанда ва вайронкунандаи амният маҳсуб меёбад.

Субъектҳои сиёсии ҳокимият дар натиҷаи нотавонии идораи давлатӣ, ки қудрати қонеъ сохтани талабот ва интизориҳои мардуми худро надорад, бо сабаби шиддатнокии иҷтимоӣ гунаҳкор дониста шуда, боиси ба вуҷуд омадани бетартибҳо ва таҳдидҳои дохили давлат мегардад. Аммо дар ҳолати баръакс, агар қудрат ва ҳокимияти режимҳои сиёсӣ дар дараҷаи муайян қарор дошта бошанд, пас омили беҳтар сохтани бехатарии ҷомеа ба вуҷуд меояд. Бояд гуфт, ки ҳамин гуна қудрат ва ҳокимият дар замони муосир тариқи васоити техникӣ, илмӣ, сиёсӣ, ҳарбӣ ва фаҳмондадиҳӣ таъмин карда мешаванд.

Аз ҷониби дигар, Осиёи Марказӣ бо тасаввуротҳои худ нисбати амнияти стратегӣ Русияро дар ташвиш меандозад. Масалан, Тоҷикистон, Туркменистон ва

Ӯзбекистон бо Ҷумҳурии Афғонистон ҳамсарҳад мебошанд, ки ин барои онҳо таҳдиди стратегӣ маҳсуб меёбад. Махсусан чунин омил барои Тоҷикистон, ки дар давраи солҳои 1993 то 1997 ҷанги шаҳрвандиро аз сар гузаронид ва аз нуқтаи назари сиёсӣ то ҳанӯз хисоротҳои онро эҳсос менамояд, аҳамияти махсус дорад.

Бояд гуфт, ки Русия бо ҳамроҳии Ӯзбекистон аз ибтидои ҷанги шаҳрвандӣ Тоҷикистонро кумак намуданд ва ба сари ҳокимият омадани Э.Раҳмонро дастгирӣ карданд. Дар моҳи июни соли 1997 баъди ба имзо расидани Созишномаи истиқрори сулҳ Русия дар Тоҷикистон таъсири худро нигоҳ дошта, онро боз ҳам мустаҳкамтар намуд.

Россия дар ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон иштироки фаъол дошт. Зеро дивизияи тирандози 201-ум, ки ба Русия мутааллиқ буд, дар арафаи ҷанги шаҳрвандӣ нерӯи сулҳофар эълон гардида буд. Амалиётҳои минбаъдаи қувваҳои мусаллаҳи Русия дар Тоҷикистон ҳамчун қувваҳои зидди экстремизми диннӣ ва терроризми байналхалқӣ муаррифӣ мегардиданд.

Як қатор таҳлилгарон қайд менамоянд, ки дар натиҷаи пош хӯрдани собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва аз байн рафтани ҷаҳони дуқутба таъсири Эронро ба масъалаи мазкур суст намуд. Чунин ҳам шуморида мешуд, ки Эрон каме дертар баъди ба вуқӯъ омадани чунин вазъият мавқеъ ва қобилияти рақобатпазирии худро дар минтақаи мазкур наметавонад муайян кунад. Аммо ояндабинии мазкур натиҷаи баръакс дод. Дар ҳақиқат, ба вуҷуд омадани минтақаҳои Осиёи Марказӣ ва Қавқоз ҳамчун ҳавзаҳои муҳими стратегӣ, ки дорои захираҳои азими газу нефт мебошанд, нақш ва мавқеи Эронро дар минтақаҳои мазкур афзоиш дод. Эрон дар байни минтақаҳои муҳими стратегӣ, яъне Халиҷи Форс ва Осиёи Марказию Қавқоз қарор гирифта, ҳамчун қувваи бузурги геополитикӣ таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳониро ба худ ҷалб намуд. Дар ҳақиқат маҷмӯи шароитҳое, ки дар ҳавзаи ҷанубии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ба вуҷуд омад имкон медод, ки Эрон дар амалиётҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ нақши худро ҳамчун бозингари сиёсӣ нишон диҳад. Ғайр аз ин бояд дар назар дошт, ки давлатҳои тозаистиқлол ба баҳрҳои иртиботӣ дастрасӣ надоштанд, ки чунин ҳолат имкониятҳои онҳоро барои ҳамкориҳои иқтисоди хориҷӣ маҳдуд месозад. Аммо Эрон барои расидан ба ҳадафҳои худ чунин амалҳои афзалиятнокро қобили қабул медонист:

-ба таври васеъ ба роҳ мондани ҳамкориҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии минтақавӣ;

-бо мақсади пайваст намудани минтақаи Осиёи Марказӣ бо Халиҷи Форс васеъ намудани шабакаи алоқаҳои байналхалқӣ ба воситаи сохтани роҳҳои оҳани ба талаботи муосир ҷавобгӯ;

-иштироки фаъол доштан дар ҳалли мусолиҳатомези низоъҳои дохилидавлатӣ, моҷароҳои этникӣ ва мухолифатҳои конфессионалӣ, ки аз ҷониби аксари сарварони давлатҳои Осиёи Марказӣ ҷонибдорӣ гардида буд [1].

Муколамаи сиёсии Эрон ва Росия ва инчунин кӯшишҳои дуҷонибаи онҳо баҳри нигоҳдории устувории сиёсӣ ва таъмини амният дар минтақаҳои Осиёи Марказӣ ва Қафқоз боиси васеъ гардидани боварҳои тарафайн гардид. Россия бар он бовар буд, ки Эрон дар муқоиса бо дигар абарқудратҳои ҷаҳони муосир дар минтақаи мазкур кафолати устуворӣ ба шумор меравад.

Эрон дар низоъҳои байни Озарбойҷон ва Арманистон нақши миёнаравро иҷро намуда, як қатор муколамаҳои сиёсӣ гузаронид ва то дараҷаи муайян вазъияти бухрониро аз миён бардошт. Ин омил боиси он гардид, ки обрӯ ва нуфузи ӯ дар минтақа боз ҳам боло равад. Дар ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон, ки миёни нерӯҳои исломӣ ва миллии кишвар сурат гирифт, Эрон барои ба ҳам наздик сохтани мавқеҳои ҷонибҳои мухолиф кӯшишҳои зиёд намуд ва дар раванди ба даст овардани созишномаи сулҳи байни мухолифини тоҷик ва ҳокимияти расмӣ иштироки фаъол намуд. Чунин кӯшишҳо ва гузаронидани муколамаҳои сиёсӣ, ки барои нигоҳ доштан ва таъмин намудани сулҳу оромии минтақа равона гардида буданд, самарабахш арзёбӣ гардид.

Эрон аз ҷониби баҳри Каспий бо чунин давлатҳо, аз қабили Арманистон, Озарбойҷон ва Туркманистон ҳамсарҳад аст. Аз ҷониби дигар бо чунин кишварҳои нооором, аз қабили Карабоғ, Гурҷистон, Ченестон ва Тоҷикистон ҳамсоягии геополитикӣ дорад. Ин давлатҳо амнияти Эронро бавосита ва бевосита зери хатар қарор медиҳанд. Зеро низоъҳои ҳарбие, ки дар ин кишварҳо ба вуқӯъ омадаанд, сабаби нороми Эрон низ маҳсуб мегарданд. Гузашта аз ин, ҷангҳои дохилии Афғонистон дар соли 1993 ба амнияти Эрон таҳдиди ҷиддӣ эҷод намуда буд ва

ҷангҳои Қарабоғ бошад худи ҳамон сол то ба сарҳади Эрон наздик шуда буд. Ҳамзамон Эрон тавонист дар тӯли даҳсолаи охир муносибатҳои худро аз як ҷониб бо Маскав ва аз ҷониби дигар бо минтақаи Осиёи Марказӣ ба таври васеъ ба роҳ монад ва онро мустаҳкам созад. Аз ин рӯ, имрӯз низ барои Эрон муносибати иҷтимоию фарҳангӣ ва гузаронидани муколамаҳои сиёсӣ бо сарварони ин кишварҳо хеле муҳим маҳсуб меёбад. Ҳамин тариқ, бо розигии расмии дуҷонибаи Эрон ва Русия ҳадаф ва манфиатҳои стратегии ин ду кишвар амалӣ гардид, ки дар натиҷа муколамаи сиёсӣ баҳри таъмини сулҳу суботи Тоҷикистон сурат мегирад.

Яке аз намунаҳои амалӣ гардидани муколамаҳои сиёсӣ дар таҷрибаҳои байналхалқии замони муосир Созмони Ҳамкории Шанхай ба шумор меравад, ки он дар асоси созишномаи байнидавлатӣ сурат мегирад. Ба ақидаи намояндаи махсуси Президенти Федератсияи Русия оид ба корҳои СҲШ Л.Моисеев «СҲШ ин – муколамаи фарҳангу тамаддунҳо, иттиҳоди мамолики дорои сарнавишти гуногун, ҳуввият ва арзишҳои фарҳангии гуногун мебошад» [2].

Шароитҳои замони муосир имкон медиҳанд, ки иртибот ва алоқаҳои байнидавлатӣ боз ҳам васеътар гардида ташаккул ёбанд. Аммо сиёсати дарҳои боз дар ҷаҳони муосир яке аз шароитҳои муҳим ба шумор меравад. Зеро «муколамаи фарҳанг ба мустаҳкам намудани худшиносии фарҳангӣ оварда расонида, аз ҳисоби таҷрибаи фарҳангҳои дигар ва фарҳанги ҷаҳонӣ таркиби худро бою ғанӣ месозад» [3].Муколамаи фарҳанг ҳолати муколамавиро таъмин намуда, онро ҳамчун алтернативаи монологӣ муаррифӣ менамояд. Дар таърихи инсоният то як муддати муайян муносибат миёни фарҳангҳо дар доираи ҷадвали монологӣ сурат мегирифт. Аммо дар доираи ҷадвали муколамавӣ алоқаҳо миёни фарҳангҳои миллатҳои мухталиф, маданияти минтақаҳои гуногун, миёни арзишҳои муайяни фарҳангӣ мушоҳида мегардад. Ҳамзамон, муколамаи фарҳангҳои Ғарб бо Шарқ ва Шимол бо Ҷануб мисоли равшан дониста мешавад. Роҷеъ ба ин масъала Р.Генон чунин қайд менамояд: «То он замоне, ки дар Ғарб тамаддуни анъанавӣ аз мавҷудияти худ дарак медод, бар муқобили Шарқ қарор гирифтани Ғарб ҳеҷ асосе надошт. Муқобилияти вай танҳо дар шароити муосир мавқеи махсусро касб намудааст» [4].

Ҳамин тариқ, Ғарб ва Шарқ ду фарҳанге мебошанд, ки аз рӯйи анъанаҳо ва тарзи зиндагӣ пурғановат ҳастанд. Аммо онҳо аз лиҳози ҳаёти маданӣ ва арзишҳои моддӣ аз ҳамдигар фарсаҳҳо дур мебошанд. Шаркро дар ҳама давру замон муносибати ирратсионалӣ фаро гирифта буд. Ҳатто дар шароити рушду инкишофи бемайлони соҳаҳои ҳаёт вай ҳанӯз ҳам анъанаҳои худро нигоҳ медорад. Аммо Ғарб, баръакс, анъанаҳои куҳнаро аз миён бардошта, доимо пешравӣ ва прогрессро пайгирӣ менамояд.

## АДАБИЁТ


1. Махмуди М. Стратегические интересы Ирана и России в Таджикистане. Душанбе, 2011. С.6.
2. Моисеев Л. ШОС перерастает региональные рамки (03.06.10) [Электронный ресурс] / Л. Моисеев // Центральный Интернет портал Инфо ШОС - Режим доступа: http://infoshos.ru/ru/?idn=6050..
3. Кокшаров Н.В. Взаимодействие культур: диалог культур // "Credo new"теоретический журнал. № 3. 2003.
4. Генон Р. «Кризис современного мира» ("La crise du monde modem". Paris, 1927; рус. перев., 1999).


## ПОЛИТИЧЕСКИЙ ДИАЛОГ ИРИ КАК ОСОБЕННЫЙ ВИД ДИАЛОГА КУЛЬТУРЫ


В данной статье автор, рассматривая политический диалог Исламской Республики Иран, представляет его как особый вид диалога культуры. Также, в статье рассматривается основные этапы развития диалога культуры, его специфические особенности. Выводи статьи таково, что диалогическая система современного мира понимается как монологическая система.



**Ключевые слова:** политический диалог, диалог культуры, прогресс, устойчивость, безопасность, геополитические интересы, национальные интересы, традиции, двустороннее и многостороннее отношение государства.


## POLITICAL DIALOGUE AS A SPECIAL KIND OF CULTURAL DIALOGUE


The author, considering the political dialogue of the Islamic Republic of Iran, it is a special form of dialogue. Also, in the article the main stages of the dialogue of cultures, its specific features. Conclusion of the article is that the dialogical system of the modern world system is understood as a monologue.



**Key words:** political dialogue, a dialogue of culture, progress, stability, security and geopolitical interests, national interests, traditions, bilateral and multilateral relations of the state.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Махмуд Шахбанди – соискатель ТНУ***

# ИБНИ СИНО ВА ИРФОН

***Ё.Б. Ниёзов, Ризо Ҳайдари Нурӣ***
**Пажӯҳишгоҳи фалсафа, ҳуқуқ ва сиёсатшиносии АИ ҶТ**

Асосгузори низоми маърифатӣ қарор гирифтани ирфон ба фикри мо ин Ибни Синост, ки ба таври ошкоро дар «Ишорот ва танбеҳот» ва дигар рисолаҳои тамсилӣ-ирфонии ӯ, матраҳ шудааст. Ибни Сино дар ин китоб ва рисолаҳояш тасреҳот ва гоҳе ишороте дорад, ки аз нигариши ҷадиди вай парда бармедозад. Тибқи ин нигариши ҷадид, фалсафаи машшоӣ ва китоби машшоии Ибни Сино, аз ҷумла, китоби арзишманди «Шифо» барои авом аст ва хосон бояд ба ҳикмати машриқӣ, ки дарбаргирандаи ҳавзаи аслии тафаккури ӯст –мурочиа шавад [1]. Бо таснифи ин китоб ба усул ва мабонии илми ҳақиқӣ огоҳӣ ёбем; усул ва мабоние, ки ба қавли Ибни Сино, «ҷуз барои мо ва касоне, ки аз назари фаҳму идрок ва ишқ ба ҳақиқат ҳаммонанди мо ҳастанд, қобили кашф нест» [2]. Бархе Ибни Синоро баҳраманд аз манобеи ғайриюнонӣ низ медонанд ва мегӯянд, ки: вай аз он сарчашмаҳои ғайриюнонӣ мазҳаби фалсафии хосе овард, ки бояд онро фалсафаи ишроқӣ номид. Нигорандагони таърихи фалсафа дар ҷаҳони исломӣ бар ин эътиқоданд, ки: «Ибни Сино фалсафаи ишроқиро ба сурате танзим кард, ки пеш аз ӯ собиқа надошт ва аз он пас касеро бо ӯ баробар натавонист кард, ҷуз Шаҳобиддини Сӯҳравардӣ, ки ба ҳақ, бояд ӯро ҳакими баландманзари ишроқӣ донист» [3].

Барои тавсили бештар ёдоварӣ мекунем, ки ҳикмати ишроқиро Ибни Сино дар китобе ба номи «Ҳикмати машриқия» гирдоварӣ кардааст, ки манзур аз ҳикмати машриқӣ чист? Бархе ба маънои ҷуғрофиёӣ Шарқ ва Ғарбро фаҳм мекунанд. Барои мисол, Налину (мусташарқи италиёӣ) муътақид аст: «Ибни Сино ҳикмати машриқиро аз он ҷиҳат бад-ин ном хонда, ки китобе будааст, хоси фалсафаи Шарқ, дар баробари фалсафаи Ғарб» [4]. Абдурраҳмони Бадавӣ, Ҳанно Алфохӯрӣ ва Халили Ҷар низ ба ин дидгоҳ тамоил нишон медиҳанд. Аммо, бо таваҷҷуҳ ба мухтавои мактубот ва рисолаҳои ишроқии Ибни Сино, тардиде вуҷуд надорад, ки ин назария ботил аст. Назарияи дувум аз они касони дигаре ҳамчун Ҳанри Карбен ва ҳатто Луи Масинюн аст. Дар ин назарияи «Машриқ» ва «Мағриб» мафҳуме фаротар аз марзҳои ҷуғрофиёӣ доранд. Асосан, ҳикмати машриқии Ибни Сино ва ҳикмати ишроқии Сухравардӣ аз як хонаводаанд ва ҳеҷ гуна тафовути моҳиятӣ бо якдигар надоранд. Ҳикмати ишроқии Шайхи Ишроқ идомаи масире аст, ки Ибни Сино оғоз карда буд. Аз ин лиҳоз, «ишроқ» ва «машриқ» низ, ҳам аз ҳайси луғавӣ ва ҳам аз лиҳози истилоҳӣ бо якдигар пайванд доранд. Тибқи ин тафсир, ишроқу машриқ – ҳамоно - рамзи тобиши анвори азалӣ бар нафси башар аст, ки ба воситаи он тобиш мабдаи матолиби маърифати қудсӣ ҳосил мегардад. Ба назари Карбен:

«Шарқ ҳамон сапедаҳои анвории илоҳие аст, ки бар нафас таҷаллӣ мекунад ва онро ба сӯи хеш мекашад. Дар ин сапедаҳо, ҳамон **«cornition matutinal»** (идроки субҳгоҳӣ) падид ояд, ки навъи шинохти машриқӣ аст, зеро машриқи ҳар гуна шинохте аст. Аз ин рӯ, васфи машриқи аввал фақат ба далели мабдаъ матлааш, ё ба ибораи беҳтар ба далели ин ки машриқӣ ҳамон мабдаи матлае аст, шакл гирифта ва тавҷеҳ шудааст» [5].

Бар ин асос машриқ ё ишроқ рамзе барои тобиши нур ва мабдаи мутаолии маърифат аст, ки ҳам ҳакимони сокин дар Машриқи ҷуғрофиёӣ ва ҳам ҳукамои сокин дар Мағриб метавонанд ба як андоза аз он баҳра бигиранд. Ба ҳамин далел, Карбен муътақид аст, ки: ишроқиён ва машриқиён дар ақсои нуқоти олам ва дар тамоми кишварҳо пароканда ва пинҳонанд. Вай ба монанди шиори муаррифии Маркс, ки мегуфт: «Коргарони олам муттаҳид шавед», дархост мекунад, ки: «Ишроқиёни ҳама ақолим, муттаҳид шавед»! [6]. Рисолаҳои ирфонии Ибни Сино, ҳамчун рисолаи «Ҳай ибни Яқзон» назарияи ахирро таъйид мекунанд ва нишон медиҳанд, ки аз машриқ маънои ҷуғрофиёии он мадди назар набудааст. Пас метавон гуфт, ки дар ҳастишиносии Ибни Сино Машриқ рамзе барои тобиши нур аст ва мабдаи мутаолии маърифат маҳсуб мегардад. Ин нигариши ирфонӣ ва ишроқии ин файласуф дар се фасли охири китоби «ал-Ишорот ва танбеҳот» [7]. Намти ҳаштум: «Фи баҳҷаҳ ва саодат», намти нуҳум «Фи мақомоти орифин» ва намти даҳум «Фи асрор ал-илоҳиёт), рисолаи «Фи ишқ», се достони тамсилии «Ҳай ибни Яқзон», рисолаи «ат-Тайр» ва «Саломон ва Абсол» омадааст. Дар «Таърихи фалсафа дар ҷаҳони исломӣ» теъдоди рисолаҳои Ибни Сино, ки дар тӯли умри вай ба

нигориш омадаанд, сароҳате дар гироиши ишроқии ӯ надоранд ва ғолибан назарӣ ва истидлолии маҳз ба ҳисоб меоянд. Аз ин рӯ, бархе фосила гирифтани Ибни Сино аз шеваи мутадовили машшоӣ ва гироиш ба завқи ирфониро дар авохири умри вай медонанд [8]. Шояд битавон гуфт, ки нигариши ишроқӣ - фалсафае дар ҷаҳони ислом аз даврони Форобӣ шакл гирифта ва Ибни Сино дар ҳамон солҳои оғозини зиндагонии хеш ба ин сӯ кашида шуда, вале тавфиқи ӯ дар назди ин нигариш дар авохири умри вай – бо нигориши рисолаҳои мустақил дар ин боб - ҳосил омадааст. Ин нигариш баъдҳо дар ҳикмати ишроқии Сӯҳравардӣ ва ҳикмати мутаолияи Садрулмутаолиҳин ба авҷи худ расидааст. Бо қатъият метавон иддао кард, ки: нигариши ишроқӣ дарвоқеъ иқтибосе аз ҷаҳоннигарии мутаолӣ ва қудси ислом аст, ки тавассути фалсафаи исломӣ дар орои фалсафаи онон, инъикос ёфтааст. Ислом назаргоҳи ҷадиде ба фалсафа бахшид, фалсафаи исломӣ бо илҳом аз манобеъ ва таолими баланди исломӣ ба ҳар чизе нигариши тавҳидӣ дорад ва Худомеҳвариро тарвиҷ мекунад. Аломаи Таботабоӣ дар ин бора мегӯяд:

«Фалсафаи илоҳӣ домани густариш ва идома пайдо мекард… (ва) мавзӯоти гуногунро ҷумлагӣ бо олами мовароии модда ва табиат марбут месохт. Дар ин байн, ислом ва тафаккури исломӣ тамоми падидаҳо ва ҳатто шаъни ахлоқӣ ва ҳуқуқиро бар мабнои тавҳид ва дар иртибот бо соҳати қудси рубубӣ кард…Ба равшанӣ мушоҳида мекарданд, ки дар ислом, ҳар қазияи илмӣ ва амалӣ – дар ҳақиқат –ҳамон масъала тавҳид аст, ки ба ишкол ва суратҳои мухталиф даромадааст»[9].

Чунонки Изутасу низ ишора кардааст, [10] нахустин бор фалсафаи исломӣ – ва дар садри онон, Форобӣ ба тарҳи масъалаи хақиқат пардохтанд ва Худовандро нури осмону замин ва омили вуҷудбахше ба онҳо донистанд; дар ҳоле, ки бинобар фалсафаи Юнон, модда ё ҳамон ҷаҳон навъи азалият, қадимият ва зарурат дорад ва ба офаринанда ниёзе надорад. Дар он низом, танҳо ба хотири манъи ҳаракати худҷӯш, вуҷуди муҳаррики номутаҳаррик зарурат меёбад, ки вазифааш сирфан ба ҳаракат даровардани ашё аз тариқи ғоят будан ва эҷоди шавқ аст ва коре ба офариниш ва мудирият надорад. Ҳамчунин, Ҳенри Карбен аркони фалсафаи набавӣ ва исломиро ваҳдатгароӣ, фариштабоварӣ ва иттако бар таҷрибаҳои ирфонию ботинигарӣ медонад ва ҳикмати шайъиро ба унвони ботини ислом ва ҳадди аълои ин навъи ҳикмат маҳсуб мекунад [11].

Фалсафаи исломие, ки дар ҳавзаи фарҳанги Эрони бостон қалам мезаданд, илова бар рӯҳи ваҳдатгароии исломӣ, аз мероси гаронбаҳои тавҳиди ҳоким барои ин сомон низ баҳраманд буданд. Иқболи Лоҳурӣ дар китоби «Сайри фалсафа дар Эрон», ҷараёни умумии фикри эрониро тавҳидӣ ва «якагароӣ» медонад ва мегӯяд:

«Якгароии эронӣ, ки дар оғоз дар дастгоҳи дини Зардушт рух намуд, бо он ки бар асари мушаҷҷароти дини ислом аз пешрафт боз монад, ба зудӣ бо нерӯи афзунтар фаврон кард ва бар ҳама шууни ақлии зоду буни худ сайтара ёфт»[12]. Бар ин асос, ваҳдатгароии ҳоким бар ин нуқта аз олами ислом ва таолими тавҳидӣ – исломӣ, заминасози зуҳури макотиби фалсафии муттако бар таҷрибиёти динӣ, ирфонӣ ва шуҳудӣ будааст. Ибни Сино низ бо истифода аз фарҳанг ва тамаддуни ғании исломӣ ва омӯзаҳои ирфонӣ ва шуҳудии он, нигариши ишроқии худро шакл бахшидааст. Вай дар рисолаи «Ҳай бини Яқзон» Машриқро маъдани нур ва Мағрибро ҷойгоҳи зулмат муаррифӣ ва барои баёни матолиби ирфонӣ ва ишроқии худ аз тамсили «нур» истифода кард, ки баъдҳо Сӯҳравардӣ ин тарҳро ба камол расонд. Ҳенри Карбен муътақид аст, ки бар хилофи тасаввури роиҷ, Ибни Сино файласуфи машшоии сирф нест, ки дар баробари ҳикмати ишроқии Сӯҳравардӣ қарор бигирад, балки Ибни Сино салафи фикрии Сӯҳравардӣ маҳсуб мегардад ва ҳикмати ишроқии Сӯҳравардӣ идомаи ҳамон масире аст, ки Ибни Сино дар ҳикмати машриқии худ онро паймуда буд [13].

Бархе аз мактуботи Ибни Сино бо рӯйкарди ишроқӣ ба ироаи намоишпардозиҳои ҳастишиносӣ мепардозад. Ибни Сино дар намти ҳаштуми «Ишорот» (ки дар мавриди баҳҷат ва саодат аст), лаззатро идрок ва нил ба он чизе медонад, ки дар назди мадраки камол ва хайр маҳсуб мешавад. Ӯ ҳамчунин шарифтарин лаззатро лаззати ботинӣ, ва олитарин лаззатро лаззати ақлӣ мешуморад. Аз назари вай касоне, ки ба маъқулот нарасида бошанд, дар қафаси тан гирифтор хоҳанд буд ва пас аз муфориқат аз бадан, маҳбусияти худро идрок мекунанд ва аз он ранҷ мебаранд, вале орифон бо тазкияи нафс, ҳолати ёдшударо дар ин нашъа дарк мекунанд ва бо инфикок аз шавоғили дунёӣ ва халосӣ аз пастиҳои

моддӣ, ба олами қудс ва камоли аъло ва лаззати улё даст меёбанд. Ибни Сино нуфусеро, ки ба ин марҳила нарасида бошанд, «булаҳо» (аблаҳон) меномад [14].

Дар намти нуҳум, мақомот ва дараҷоти урафо баён мешавад, ки ба эътиқоди Ибни Сино вижаи онҳо ва касоне, ки ин мақомотро намешиносанд ва он дараҷот аз онҳо ниҳон аст, ба рад ва инкор мепардозанд. Ибни Сино дар ин намт ба тафовути таърифи ориф бо зоҳид ва обид мепардозад ва орифро чунон муаррифӣ мекунад, ки ҳақро ба хотири ҳақ мехоҳад ва зуҳду ибодати ғайри орифонаро муомила мешуморад. Маротиби орифон аз назари Ибни Сино ба тартиб иборатанд аз: ирода, риёзат ва авқот. Ниҳоятан ориф ба мақоми баланд «нил» даст меёбад, ки агар ҳанӯз назаре ба нафс дошта бошад, осори ҳақ бар ӯ ошкор мешавад ва лаззати улёро мушоҳида мекунад, аммо агар ҳеҷ назаре бар хеш надошта бошад, назари вай комилан ба ҳақ маътуф мегардад ва ҷаноби қудс бар ӯ мутасаввир мешавад. Ибни Сино дар ин намт бо баёни зебой, ба васфи орифон мепардозад: ориф кушодарӯ ва хандон аст, ӯ ҳам хирадмандон ва бузургонро гиромӣ медорад ва ҳам фурӯмояҳои гумномро; инчунин орифи шуҷоъ аст. Чаро чунин набошад, касе, ки аз марг напарҳезад ?! [15].

Ибни Сино дар таҳлили амри аввал мегӯяд: «Ҳолоти нафс бар ҷасад мусир аст ва чун нафс аз хостаҳои моддӣ ва шаҳвонӣ сарфи назар кунад, афъоли табиии нафс, ки марбут ба қувваи наботии он аст, мутаваққуф мегардад ва бадан метавонад дар муддати дарозе, тарки ғизоро таҳаммул намояд. Аммо кори душвор низ мубтанӣ бар иртиботи миёни ҳолоти нафс ва амалкарди бадан аст. Дар ҳолати оддӣ, қудрати одамӣ муайян ва андак аст, аммо дар замони хашм афзоиш ва дар замони мариз коҳиш пайдо мекунад. Пас маъқул аст, ки қудрати ориф, ки бо нерӯи илоҳӣ аз ҳолати оддӣ хориҷ мешавад, фузунӣ ёбад. Ибни Сино қудрат бар ахбор аз ғайбро низ хориҷ аз умури табиӣ намедонад, зеро дар ин маврид низ байни қиёсу таҷриба ҳамоҳангӣ ҳосил аст. Ҳамон гуна ки нафси инсонӣ дар олами хоб метавонад аз ғайб хабарҳое дарёбад ва гузориш диҳад, ҳеҷ монее вуҷуд надорад, ки дар олами бедорӣ ҳам аз чунин иртиботе бархурдор бошад ва иттилооте аз ғайб дарёфт ва гузориш кунад. Бинобар ин, имкони иртиботи нафс бо илм аъло вуҷуд дорад ва инсон метавонад аз он илм касби маълумот кунад, аммо ба ду шарт: аввал ин ки нафси худ мустаид бошад, дувум ин ки монеъ ва ҳиҷобе дар миён набошад. Амри чаҳорум ва тасриф дар аносир монанди шифои бемор низ дорои асбоб ва илале дар асрори табиат аст. Нафси инсонӣ бо ин ки бо бадани вай муғойир аст, бо ҳамдигар иртибот доранд ва таъсиру таассур. Лизо баъид нест, ки баъзе аз нуфусро малакае бошад, ки таъсираш аз бадани хеш тааддӣ кунад ва бар нуфусу умури дигар чира мешавад [16].

Рисолаи «Ҳай ибни Яқзон» дарбаргирандаи достони ҳаяҷонангези тафарруҷи Ибни Сино дар хориҷ аз шаҳр аст. Ӯ дар ин тафарруҷ бо пири равшанзамир бо номи Ҳай ибни Яқзон ошно мешавад, ки ҳамчун барноёни ростқомат ва маҳкамустухон аст ва ҳамчун пирони бошукӯҳ, Пир ду роҳ барои Ибни Сино мекушояд: яке ба тарафи Мағриб, ки роҳи шарру зулмат аст ва дигаре ба самти Машриқ, ки роҳе нуронӣ аст. Орифи шайдо сифати асоситарин пурсишро дар ин ҷо матраҳ мекунад: «Роҳ кадом аст?» Ӯ ба фариштаи роҳнамо мегӯяд: «Роҳро ба ман нишон бидеҳ!» Ҳама рози талаб дар ин посухи чанд калима нуҳуфта аст: «Ва ҳар бор, ки нишоти саёҳат кардан кунӣ, ба нишоти тамом ва ба ҷид, ман бо ту ҳамроҳӣ кунам ва ту аз эшон бибарӣ» [17]. бо ин ҷумла, пир омодагии худро барои роҳнамой эълом медорад ва дар ниҳоят низ Ибни Сино бо роҳнамоии ӯ роҳи дувумро интихоб ва ба самти шарқ ҳаракат мекунад. Аммо машриқ роҳи пурмухотирае аст, зеро ин роҳ пур аз сипоҳиёни дев мебошад вале зоир, ки амалан азми худро барои талаб ҷазм карда аст, тамоми мавонеъро яке пас аз дигаре пушти сар мегузорад ва ниҳоятан ба ҷамоли бемонанди подшоҳ ва ҳазрати Ҳақ роҳ меёбад. Албатта, шиддати ҷамоли ҳақ монеъ аз рӯъяти ӯ мешавад, ҳамон гуна ки шиддати нури хуршед монеъ аз дидани он мегардад [18]. Рисолаи «ат-тайр» бо забони ирфонӣ ва символикӣ, нафаси одамиро ба мурғоне ташбеҳ кардааст, ки сайёдон онҳоро ба дом андохтаанд, Дар ин миён, талоши мурғон барои раҳой бесамар аст. Нуктаи асосӣ дар ин тамсили танзомез он аст, ки мурғон ба мартабае аз эҳсос ва огоҳӣ даст меёбанд, ки дигар асорат барои онҳо қобили таҳаммул нест. Аз ин рӯ, парандаи дар банд, бо тазарӯъҳои риққатангез (ва ёдоварии аҳди ихват ва дӯстиҳои қадим), аз бародарони озодшуда кӯмак мегирад ва болу гардан аз банд мераҳонад ва дари қафасро низ боз мекунад, вале наметавонад пой аз банд бикшояд. Ба ҳамин иллат, паррандагон ҳамагӣ ба фикри чора меафтанд ва тасмим мегиранд, то шикояти худро ба назди подшоҳ баранд ва аз ӯ бихоҳанд, ки банд аз пойи онҳо баргирад. Бо ин итминон, шуҷоона роҳи сафар дар

пеш мегиранд ва куллаҳои пай дар пайро батадриҷ пушти сар мегузоранд. Дар ниҳоят, куллаи охирро низ, ки сар дар гунбади осмон соида аст, бо талоши хастагинопазир, фатҳ мекунанд ва худро ба қалъаи малик мерасонанд. Дар он ҷо бо шунидани илҳони мурғони хушхон ва баҳраманд шудан аз алтофи гуногуни подшоҳ, инбисоти хотир меёбанд. Аммо бо мушоҳидаи ҷамоли малик, ки дидаҳоро мутаҳайир ва уқулро рамида месозад, беҳуш мешаванд, вале дубора, ба лутфи худи ӯ саломати хешро бозмеёбанд. Бадин тартиб, бо иҷозаи малик, ба сухан гуфтан густох мешаванд ва мушкилоти хешро арза мекунанд. Ҳадяи малик ба онҳо расуле аст, ки ҳамроҳи эшон мефиристад. Онҳо бояд аз олами осмонӣ ба ҳаёти зоҳир бозгарданд; аммо ин бор ба танҳоӣ бол намекушоянд, балки шуҷоона бонг бармедоранд, ки: «Акнун дар роҳем ва бо расули малик меоем» [19].

Қиссаи «Саломон ва Абсол» дар ишорот ба шакли рамз ва бидуни тафсил баён шудааст, ба гунае ки бархе ҳали онро хориҷ аз тавон дониста ва маърифат ба ғайб шумурдаанд [20]. Тибқи шарҳи Хоҷа Насир, Саломон ва Абсол ду бародари самимӣ буданд. Саломон бародари бузургтар ва Абсол бародари кӯчактар буд, ки фарде оқил, шуҷоъ ва зебо ба ҳисоб меомад. Зани Саломон ба Абсол дил баст ва ба ӯ изҳори ишқ намуд, вале Абсол эъроз кард. Аз ин рӯ, зан-бо ҳамкории Саломон-хоҳари хешро ба ақди Абсол даровард; вале дар шаби зуфо, худ ба ҷои хоҳараш дар бистари арус хобид. Абсол пиндошт, ки аруси худи ӯст; аммо ногаҳон барқе ҷаҳид, хона равшан шуд ва ҳақиқат низ ошкор гардид ва Абсол бо кашфи ин воқеият аз ҳаҷлагоҳ гурехт. Рӯзи баъд, бо лашкаре анбӯҳ барои кишваркушоӣ ба ҷанги душманон шитофт ва пирӯзмандона баргашт. Зан дубора аз Абсол ком хост, аммо вай муҷаддадан инкор ва эъроз кард ва ба ҷанг рафт. Зани Саломон асабонӣ шуд ва ба фармондеҳони лашкари Абсол ришва дод, то вайро танҳо раҳо кунанд ва вай шикаст бихӯрад. Чунин шуд ва лашкариён вайро танҳо гузоштанд ва душманон ғолиб гардиданд, Абсол захмӣ шуд ва онон ӯро мурда пиндоштанд ва тарк карданд. Аммо Абсол бо хӯрдани шири ҳайвони ваҳшӣ шифо ёфт ва тавонманд шуд ва назди бародар баргашт. Бародарашро, ки асири душман шуда буд, наҷот дод. Зан аз душманӣ даст барнадошт, ошпазро бифирефт ва заҳр дар таоми Абсол рехт ва ӯ бимурд. Саломон аз ин ҳодиса бисёр ғамнок шуд ва бо тазаррӯъ ба даргоҳи илоҳӣ ҳақиқат бар вай мункашиф гардид. Вақте рози ҷинояти онҳо ошкор шуд, вай зан, ошпаз ва таомдиҳандаро муҷозот кард ва интиқоми бародарро гирифт [21].

Таъвили ин достон аз назари Хоҷа Насир чунин аст: Саломон нафси нотиқа, Абсол ақли назарӣ, зани Саломон қувваи бадании шаҳвату ғазаб, ишқи ӯ ба Абсол майли ин қувва ба тасхири ақл ва имтинои Абсол гироиши ақл ба олами хеш аст. Зимни ин ки мурод аз хоҳар ақли илмӣ, ба ҷойи хоҳар хобидан-тасвил (талабандагӣ) ва ороста кардани нафс, барқи лавомеъ-ҷилваи илоҳӣ, эърози Абсол аз зан-рӯйгардонии ақл аз ҳавои нафсонӣ, фатҳи билод-таваҷҷуҳ ба олами ҷабарут ва малакут, шир хӯрдан аз ҳайвони ваҳшӣ-ифозаи камол, ихтилоли ҳоли Абсол-изтироби нафс аз аҳмол дар аъмоли худ, бозгашт ба бародар-илтифоти ақл ба тадбири бадан, ошпаз-қувваи бадния, таом-қувваи шаҳвия, тавтияи он ду барои марги Абсол-измиҳлоли ақл дар синни куҳулат, марги он ду тавассути Саломон-тарки нафс аз истеъмоли қувваи бадан дар охири умр ва инъизол (гушагирӣ) аз подшоҳӣ-инқитоъи ақл аз тадбири бадан мебошад [22].

**Таҳлили тамсилҳои ирфонӣ.** Ин тамсилҳо ва осори ишроқӣ, ки навъи намоишпардозиро ба ҷойи ҳастишиносӣ пешниҳод менамоянд, шояд бархеро ба ин тафаккур водоронад, ки: аввалан ин навъи адабиёт марбут ба гузаштае аст, ки даврони он ба сар омадааст; соният, истифода аз маҷоз ва қисса дар баёни ҷаҳон ва ҳастишиносӣ ба даврони устуравӣ ва қабл аз рӯзгори модерн тааллуқ дорад ва ҳастишиносиро ба мартабаи поёнӣ аз ҷаҳоншиносӣ таназзул медиҳад, ки мо муддатҳост аз он гузаштаем. Ин навъ талаққӣ аз тамсилҳои ирфонӣ, бисёр сатҳӣ ба назар мерасад. Тамсилҳои ирфонӣ ва мактуботи синавӣ бо рӯйкарди ишроқӣ ба табйини «ҷаҳони маънавӣ» мепардозанд ва ба мо таълим медиҳанд, ки адабиёти бакоррафта дар онҳо сирфан анбӯҳе интизоӣ нест, ки мафоҳими модерн аз мартабаи онҳо фаротар рафта бошанд, балки тамсилҳои забони ғайримутаорифиро ба кор мебаранд, ки фаҳми он дар қолаби маонӣ ва мафоҳими фалсафӣ ва илмии имрӯз имконпазир нест. Ҳенри Карбен муътақид аст, ки барои дарки ин ҳастишиносии ирфонӣ, бояд ба уфуқи маънавӣ ва таҷрибаи шахсии Ибни Сино тақарруб ҷуст ва аз нафси хеш муроқибат намуд. Ин тамсилҳо марбут ба ҷаҳони пешотаҷрибӣ ва ҳокӣ аз ҷаҳони маънавӣ ва таҷрибаи шахсии нависандаи онҳост ва чун мо низ дорои сохтори нафсонӣ шабеҳ ба нависанда ҳастем, ба фарохури паҳнои вуҷудии хеш, метавонем ба

дарк ва фаҳми ин ҳастишиносии тамсилӣ, яъне маънавӣ, ноил оем [23]. Таҷориби шахсӣ ва ботинӣ, ки дар рисолаҳо ва осори ирфонӣ ғунҷонида шудаанд, ҳокӣ аз мавқеияте ҳастанд, ки ҳама дар низоми Ибни Сино чун «рамз» мавқеият мешаванд. Мо барои «рамзкушоӣ» ниёз ба «рамзкушоӣ» - и илми беҳосил надорем, аз ин рӯ боясти тақоррубе ба он мавқеият ҳосил кунем. Одамӣ наметавонад худро ба таври комил аз гузашта озод созад. Вале метавонад бо маънодорсозии гузашта, ки аз тариқи сармоясозӣ таҳқиқ меёбад, гузаштаро оянда бубахшад ва аз арзишҳои маънавии он баҳра бубарад. Сатҳи баланде, ки ин арзишҳо ба одамӣ ато мекунанд, сатҳи боло дар вазоиф ва масъулиятҳост. Пайванде низ ки ин арзишҳоро дар миёни афрод вобаста ба онҳо эҷод мекунанд, пайванди хонаводаи маънавӣ аст [24].

6.См.: Конституция Республики Таджикистан. – Душанбе, 2003. – С. 42.

7.См.: Конституция Республики Таджикистан. – Душанбе, 2003. – С. 34-35, 43.

8.См.: Белая книга российской спецслужбы. – С. 113.

8.Стрельцов, А.А. Содержание понятия «обеспечение информационной безопасности» // Информационное общество. 2001. № 4. С.12.

9. Галтенко В.А. Основы информационной безопасности. Курс лекций/Под ред. члена -корр. РАН В.В.Бетелина- М.: Интернет- Университет Информационных технологий,2003.С.15.

10. См.: Ловцов Д.А. Информационная безопасность больших энергетических систем: Концептуальные аспекты. -М., 1998. С.65.

12.Левин В. К. Защита информации в информационно—вычислительных системах и сетях//Программирование. -1994, -№5. С.5-16.
13. Панарин И.Н. Информационная война и власть. -М.: Мир безопасности, 2001.-С 23.
14.Прусаков Ю.М., Бусленко Н.И.Государственное обеспечение информационной безопасности России- Ростов н/Д: ООО»Рост-Издат», 2002.С12.
15.Махмадов А.Н.,Юнусов Т.Дж.,Раджабов Ш.А. Стратегия национальной безопасности Республики Таджикистан,(Инициативный проект).Душанбе .2000г.С.8.

**ИНФОРМАЦИОННАЯ БЕЗОПАСНОСТЬ: СУЩНОСТЬ И РАЗНООБРАЗИЕ ФОРМ ПРОЯВЛЕНИЯ**

В данной статье автор рассматривает роль информационной безопасности, ее сущность и разнообразие форм проявления, также указываются различные стороны информационной безопасности для понимания сущности данного феномена.

**Ключевые слова**: безопасность, информационная политика, информационная безопасность, национальная безопасность, система национальных интересов, национальная стратегия, направления информационной безопасности, информатизация, информационно-коммуникационная технология.

**INFORMATION SECURITY: THE NATURE AND VARIETY OF FORMS**

In this article, the author examines the role of information security of its nature and variety of forms, as indicated by a variety of information security for the understanding of this phenomenon.

**Key words:** security, information policy, information security, national security, the system of national interest, the national strategy for information security, information technology, information and communication technology.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Сафиев К.И.*** –соискатель Таджикского национального университета

# ҶОЙГОҲИ ЭРОН ДАР ТОҶИКИСТОН

***Фарибо Ҳабибӣ***
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Агар таъбири эроншиноси бузурги фаронсавӣ Генри Карбенро бипазирем, зимни пазириши истиқлол ва эҳтиром ба марзҳои сиёсии тамомии кишварҳое, ки дар ҳавзаи «Ҷаҳони эронӣ» қарор доранд, сарнавишти фарҳангии онон бо сарнавишти Эрон гиреҳ хӯрдааст. Истиқлоли Тоҷикистон дар соли 1991 истиқлоли сиёсӣ набуд, балки пай афкандани бунёди тоза дар ҳамаи аркон ва арсаҳои ҳаёти сиёсӣ, фарҳангӣ ва иқтисодии миллати тоҷик буд. Ин миллат қабл аз ин ҳуввияти хешро дар домани фарҳанги эронӣ таъриф мекард. Ба ҳамин далел дар солҳои оғози истиқлол ҳама чиз дар Тоҷикистон ранги эронӣ дошт. Аз номгузорӣ гирифта, то шакли парчаму шеваи сухан гуфтан ва сулуки иҷтимоӣ ва ғайра.

Аммо ин ҳамаи моҷаро набуд. Дар даруни ҳокимияти Тоҷикистон ҷараёнҳое буданд, ки ҳузури Эронро барнаметофтанд._Ин ҷараёнро дар ду бахш гироишҳои русӣ ва узбекӣ метавон дастабандӣ кард. Ӯзбекҳо дар 150 соли ахир ба сурати ҷараёни қудратманд тавонистаанд бар руйдодҳои Осиёи Марказӣ таъсир бигузоранд ва руйдодҳоро дилхоҳи худ мудирият кунанд. Мусоидатҳои давлати Усмонӣ ва пас аз Туркия дар вуҷуҳи гуногун тавонистаанд тағйироти ҷамъиятӣ ва ба табъи он дигаргуниҳои фарҳангиро дар ин қаламрав рақам бизанад, ки шарҳи он аз ҳавсалаи ин навишта берун аст. Дар муқобил, Эрон ба далоили гуногун натавонист ҳузурии таъсиргузор бар ҳаводис ва ҷараёнҳои фикрӣ ва фарҳангӣ дар Осиёи Марказӣ дошта бошад. Ҳатто дар бархе маворид бар асари сиёсатҳои аъмолшудаи дигарон ва надонамкории эрониён интисоб ба Эрон ва фарҳанги эронӣ муҷиби маҳрумияти гурӯҳе аз мардум аз ҳаққи қонунӣ ва табиӣ гардидааст, ки ба унвони намуна метавон ба гузориши устод Айнӣ аз ин масоил дар китоби «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» муроҷиат кард.

Пас аз истиқлоли Тоҷикистон тасвире, ки аз Эрон дар зеҳни мардуми Тоҷикистон вуҷуд дошт, тасвири воқеӣ набуд, балки онон Эронеро дар назар доштанд, ки решаи куҳан дар сапедадами таърих ва асри асотир дорад. Тоҷикон дар фароянди миллатсозии худ ниёз ба аносире аз фарҳанг доранд, ки решаи ононро ба куҳантарин рӯзгорон пайванд бизанад ва дар ин масир ба гузаштаи бостонии Эрон ба дидаи ифтихор менигарад. Албатта, гурӯҳе низ ба Эрон ба унвони конуни ҷӯшон ва зояндаи фарҳанг ва тамаддуни исломӣ менигаранд. Аммо ин гурӯҳ имрӯз дар ҳошияи қудрат қарор доранд ва нуқтаи иттикои онон исломи сода ва ғайрисиёсии тӯдаҳои мардум аст, ки бо суннатҳо ва хурофаҳо даромехта ва ҷӯшиш ва навзоии

худро аз даст додааст. Аз сӯйи дигар, камфурӯғ будани фаъолиятҳои динӣ дар ин ҳавза муҷиб гардида, ки олиме масъалашинос ва динпажӯҳе нуктаёб дар ин қаламрав, ки бо муқтазиёти динбоварӣ дар ҷаҳони имрӯз огоҳ бошад, пайдо нашавад ва мутадайин умуман дарке дуруст аз дин надоранд. Ситраи суннат – он ҳам суннати ғайрикоромад ва номуассир, муҷиб шуда, ки соҳати дин аз маҷмӯаи коркардҳои ғайримуассир ва нокоро ба шиддат таъсир бипазирад ва амалан он чи ба номи дин арза мешавад, ҷуз порае аз суннати рӯзгори фарсуда нест ва бо он чи дар Эрон мегузарад тафовути куллӣ дорад. Албатта, дар миёни ташаккулҳои мазҳабии ин кишвар ҳастанд ташкилоте аз навъи «Ҳизби наҳзати исломӣ», ки мекӯшанд дарки имрӯзин аз ислом арза кунанд, аммо набуди кадрҳои корозмуда, тазйиқоти бавуҷудомада аз ҷониби ҳокимият, надонистани таҷрибаи кофӣ, сатҳи поини дарки динии мардум ва ғайра муҷиб гардиданд, ки ин ҳизб ончунон, ки шоиста аст, натавонад дар арсаи муносиботи иҷтимоӣ иқдоми муассир анҷом диҳад. Ба ин маҷмӯаи мушкилот бояд гароишҳои салафӣ ва бунёдгароёнаро изофа кард, ки бар бахше аз ҳизб ҳоким аст.

Мушкили асосӣ дар таомули фарҳангии Эрон бо давлати мустақарри Тоҷикистон дар дарки ҳамин нукта нуҳуфта аст. Тоҷикон алоқаманд ба таомул бо Эроне ҳастанд, ки гароишҳои бостонгароёнаи ононро намояндагӣ кунад ва муаллафаҳои динӣ дар ин таомул камтарин саҳмро дошта бошанд. Барои дастёбӣ ба ин Эрон онон ба ҳар имконе даст мезананд. Рафтуомади эрониёни хориҷ аз кишвар ба Тоҷикистон, кӯшиш барои ҷойгузинии онон барои намояндагии фарҳанги эронӣ ба ҳамин манзур сурат мегирад. Дар муқобил, он чи Эрон аз Тоҷикистон талаб мекунад, Тоҷикистоне аст, ки таркибе муътадил аз исломият ва эроният аст ва ҳатто дар бархе аз мавorид хоҳони ин ҳастем, ки исломияти ин таркиб бар эронияти он тафаввуқ дошта бошад. Бадеҳист, ки ин хости Эрон ҳадди ақал аз ҷониби ҳокимият бо камтаваҷҷуҳӣ мувоҷеҳ шавад.

Эрон дар мавқеияти кунунӣ дар ҳавзаи фарҳангии худ бо масоиле мувоҷеҳ аст, ки берун рафтан аз он, корест зариф (ҳаҷман бузург) ва душвор. Ҳавзаи тамаддунии Эрон дар қабз ва бастҳои ҷуғрофиёии худ адвори гуногунро пушти сар ниҳодааст. Он чи рӯзгоре дар ситраи як императории азим буд, инак дар қаламрави сиёсии чандин кишвар ҷой гирифтааст, ки гароишҳои фарҳангии гуногун ва гоҳ мутазодро дар бар мегирад. Табиист, ки фарҳанге, ки муттакои сиёсӣ ва эътиқодӣ барои ҳар навъ тасмимгирӣ аст, дар ин тақсимбандӣ нақши басазо меёбад ва ҳар навъ рафтори фарҳангӣ метавонад дар сарнавишти имрӯзин ва навъи нигоҳ ва талаққӣ аз дирӯзи як миллат таъсиргузор бошад. Ин масъала акнун дар Тоҷикистоне, ки пайванде бо гузаштаи тамаддунии эронӣ дорад, дар таомул бо сиёсати фарҳангии ҷорӣ дар Ӯзбекистон – ҳамсояи ин кишвар – ба сурати яке аз печидатарин масоили мубтало ба ин чеҳра нишон дода шудааст. Албатта, ин мунозиот дасти кам дар 150 соли гузашта ва дар вуҷуҳи гуногун зоҳир шудаанд ва тавонистаанд симои фарҳангии минтақаро тағйир диҳанд. Дар сад соли гузашта, русҳо бозигарони аслии ҳавзаи фарҳанг дар ин сарзамин будаанд ва тайи 70 соли истилои мутлақи минтақаи Осиёи Марказӣ тавонистанд муҷодилоти дарунфарҳангиро бо тадобири гуногун ба нафъи фарҳанги русӣ ба таъвиқ биандозанд. Агар ин султа то як ду насли дигар идома меёфт, аз пешинаи фарҳангии мардуми ин диёри куҳан ҷуз ёдмонии таърихӣ чизе дар амал боқӣ намемонд. Аммо сарнавишт ба бунаи дигар рақам хӯрд ва дар пайи фурӯпошии Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии собиқ шӯри ҳуввиятхоҳӣ ин хиттаро дар бар гирифт. Дар ин ҷараён нақши фарҳанги эронӣ бо густурдагии тамом ошкор шуд. Русҳо ба ин пешина бо чашми рақибе нигаристанд, ки ҳатто хокистари гарми он метавонад ба ин ҳуввиятхоҳии шӯравӣ қуввати дубора бибахшад. Албатта, барномаҳое, ки онон тайи солҳои султа иҷро карда буданд, то ҳадди зиёде тавониста буд нақши забони форсиро дар ин қаламрав камфурӯғ кунад, аммо дар Тоҷикистон фарҳанги эронӣ ва забони форсӣ танҳо яке аз аносири ҳуввиятбахш набуд, балки асоситарин ва пойдортарин муаллафае буд, ки ин миллат ба эътибори он таъриф мешуд. Ва бар хилофи дигарон, ки талош мекарданд ин ҷараёни худро тавзеҳ диҳанд, тоҷикон соҳиби таърихе мудавван ва равшан буда ва ҳастанд ва назарияпардозӣ барои ин миллат бо иттико ба ин андӯхтаҳои бузург ва ғанӣ бисёр осон менамояд. Аз ҳамин ҷо нақши таърихӣ ва муассири Эрон дар Тоҷикистонро метавон тавзеҳ дод. Нақше, ки тоҷикон талаққии мунҷиро аз он доранд ва бархе кишварҳои ҳамсоя душмании дерпоро дар он дармеёбанд ва бар мабнои ҳамин талаққӣ бо сиёсатҳои фарҳангии Эрон дар Тоҷикистон иртиботе васиқ бо масоили кулли минтақаи Осиёи Марказӣ пайдо мекунанд ва лузуман дар маҳдудаи марзҳои миллии Тоҷикистон маҳдуд

намешавад. Таркиби қавмӣ ва ҷамъиятӣ ва ҷуғрофиёии ин минтақа ва вуҷуди масоили муноқишаангез бар аҳамияти ин сиёсатҳо меафзояд. Гузашти масири иртиботии Тоҷикистон аз Ӯзбекистон имкони ҳар навъ иртиботи заминиро аз Эрон салб кардааст ва дар дарозмуддат низ раванди масоили минтақаӣ ба гунае аст, ки набояд интизор дошт, ки ин масир барои додуситадҳои байнифарҳангии Эрон ва кишварҳои минтақа заминаи муносиброе барои таомул ва таҳодии байнифарҳангӣ ҳамвор созад. Бо назардошти ҳамин мавзӯъ аст, ки эҷоди пайвастагии фарҳангӣ ва омодасозии заминаҳои моддӣ ин таомули аслии асосӣ аст, ки илзоман бояд ба он таваҷҷуҳ дошт (Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон, 1387).

**Сиёсати фарҳангии Ҷумҳурии Исломии Эрон.** Ҷумҳурии Исломии Эрон ба эътибори гузаштаи таърихӣ ва фарҳангии муштарак аз чунон пойгоҳе дар Тоҷикистон бархурдор аст, ки рӯёрӯӣ бо он ба маънои истодан дар муқобили ҳуввияти таърихии тоҷикон талаққӣ мешавад. Аз ҳамин рӯ, дар сояи заминаи фароҳамшуда дар ин кишвар метавон зимни эҳтиром ба истиқлоли сиёсии тоҷикон бахше аз гузаргоҳи фарҳангии Эрони қадимро, ки баёнгари гузаштаи муштараки таърихӣ аст дубора эҳё кард.

Барафтодани толибон дар Афғонистон ва бар сари кор омадани давлате дар Тоҷикистон, ки дорои фарҳанг ва мавозее наздик ба Эрон дорад, масири тозае пешорӯйи Ҷумҳурии Исломии Эрон кушода аст ва ин амр корро бар мо ҳассостар мекунад. Барномаҳое, ки гароишҳои байнифарҳангиро тақвият мекунад ва муқаввами гароишҳои эронии исломӣ аст, дар ин минтақа аз ҷаҳон мухотабони васеъ дорад.

Пардохтан ба масоиле, ки ин ваҳдатро халалдор мекунад, бисёр зиёнбор аст. Зоиқаи фарҳангии тоҷикон дар ду сатҳ пазирои барномаҳои тарроҳишуда аз ҷониби Эрон аст. Нахуст дар сатҳи ҳокимияти онон хоҳони ҳамроҳӣ бо Эроне ҳастанд, ки гароишҳои диниро дар ҳукумат дахолат намедиҳад, барномаҳое, ки ҷонмояи онҳо таъкид бар гузаштаи таърихӣ аст, ки байни ду кишвари муштарак аст. Ин гузаштаи таърихӣ, албатта, рангу бӯйи динӣ надорад. Ҳатто он ҷо ки аз мавзӯот ва шахсиятҳое сухан меравад, ки ваҷҳи динӣ доранд, ин ваҷҳи динӣ ба ваҷҳи фарҳангӣ бадал мешавад ва имкони буруз ва зуҳур меёбад. Дин ва барномаҳои динӣ ба ҳайси дин бидуни имкон тарҳ намеёбанд, балки аз ин боб аҳамият пайдо мекунанд, ки ҷузъе аз шокилаи фарҳангии Тоҷикистон ҳастанд.

Дар қонуни асосии Тоҷикистон ҳукумати ин кишвар «дунявӣ» таъриф шудааст ва давлатмардон мекӯшанд бо дастовези қарор додани ин мавзӯъ аз ҳар гуна рафтори динӣ ҷилавгирӣ кунанд. Ҳавзаи амалӣ, ки давлати Тоҷикистон барои Эрон дар назар гирифта, комилан таъриф шудааст. Онон дар маросими расмии худ Эронро ба унвони қудрати минтақаӣ ва ба унвони хешованди таърихӣ дар назар доранд ва алоқаманд ҳастанд Эронро дар канори худ дошта бошад, ҳатто барои ин ҳамроҳӣ ҳозир ба пардохти ҳазина ҳам ҳастанд. Намунае аз ин рафторро дар солҳои гузашта шоҳид будем. Дар пайи таҳдиди Эрон аз ҷониби Амрико Раиси ҷумҳури ин кишвар (Тоҷикистон) бо эҳзори сафири Амрико ва изҳори нигаронӣ аз таҳдиди Эрон ба унвони кишваре, ки бештарин хешовандии фарҳангиро бо Тоҷикистон дорад, изҳори умедворӣ кард, ки масири гуфтугӯ барои ҳалли мушкилот интихоб шавад ва дар ин ҷараён хисороте ба Эрон ворид нашавад. Ин иқдом дар ҳоле сурат мегирад, ки бештарини кӯмакҳои башардӯстона ба Тоҷикистон аз ҷониби Амрикост. Аммо бо ин ҳама тоҷикон дар бархе ҳавзаҳо мекӯшанд Эронро дар ҳокимияти таърихии он таъриф кунанд ва бар мабнои ин куллияти таърихӣ бо Эрон бархӯрд мекунанд ва мекӯшанд ин фосиларо ҳифз намоянд, ба гунае ки дар бархе аз барномаҳои расмӣ, аз ҷумла ҷашнҳои истиқлол, ки муҳимтарин барномаҳо аст, онон меҳмононеро даъват мекунанд, ки гароишҳои хосе доранд.

Пажӯҳишгароне, ки ба масоили Эрони бостон мепардозанд, дар ин миён ҷойгоҳи вижа доранд. Дар Анҷумани тоҷикон ва форсзабонони ҷаҳон иддае аз эрониёни муқими хориҷ узвият доранд ва бархе аз шахсиятҳои эронӣ низ дар ин анҷуман узвият доранд.

Он чи муҷиб шуда, Ҷумҳурии Исломии Эрон натавонад чунонки интизор меравад, бозингари ҷиддӣ ва асаргузори ин арса бошад, маҷмӯае аз авомили печида аст, ки баррасии ҳамаҷониба ва васееро металабад, аммо агар бихоҳем ба ихтисор ин авомилро баршуморем, бояд ба ин нукот таваҷҷуҳ дошта бошем:

- надоштани стратегияи тадвиншудаи фарҳангӣ (иқтисодӣ), ба гунае ки дар адвори гуногун бино ба салиқа ва дарки масъулон навъи рафтори Эрон дар Тоҷикистон дар маърази тағйири воқеъшуда аст, ин тағйир дар ҳама ҳавзаҳо

будааст, аам аз сиёсӣ, фарҳангӣ ва иқтисодӣ. Ин бебарномагӣ ҳазинаҳои зиёде то кунун бар кишвари Эрон таҳаммул кардааст;

- ҳаҷми азими кумакҳои фарҳангии кишварҳои рақиб ба Тоҷикистон ба гунае ки метавон гуфт маҷмӯи он чи Эрон дар қолаби кумак ба ин кишвар пардохт кардааст, дар канори кӯмакҳои руқабо вазне надорад ва кишваре, ки дар ин арса натавонад ба интизороти моддии ҷомеаи Тоҷикистон посух диҳад, аз қофила ақиб мемонад;

- ҷуғрофиёи номувофиқ, Тоҷикистон барои иртибот бо Эрон бояд аз кишвари Ӯзбекистон ва Туркманистон бигзарад, ки сиёсатҳои зиддиэронӣ ва зиддитоҷикии Ӯзбекистон амалан ба сурати монеаи асосӣ дар иртиботи ду кишвар даромадааст. Бо вуҷуди бартараф шудани мушкили толибон ҳадди ақал дар шимоли Афғонистон, аммо ба иллати набудани роҳи муносиб, амалан Афғонистон натавонистааст нақши ҷиддӣ дар ин замина ба ухда бигирад ва ҳанӯз барои дарёфти ҳар навъ маҳмулае бояд аз роҳи Ӯзбекистон иқдом кард;

- кӯшиши мухолифони ҷумҳурии исломӣ барои ҷойгузин кардани Эрони дигаре, ки дар берун аз марзҳои сиёсӣ ва ҷуғрофиёии Эрон қарор дорад, дар барномаҳои фарҳангӣ ин кӯшиш дар бархе аз ҳавзаҳо, ки бино ба далоили мухталифи Ҷумҳурии Исломии Эрон фаъол нест, то кунун натиҷа додааст. Дар ҳавзаи мусиқӣ амалан ин кор муҳаққақ гардидааст, зеро дастгоҳҳои фарҳангӣ то кунун дар ин замина фаъолияти чашмгире надоштаанд, агар ҳам фаъолияти парокандае сурат гирифта, бо завқ ва писанди мусиқиёи тоҷикон ҳамхоҳ набудааст. Бархе расонаҳо, алалхусус шабакаи радиоии BBC то қабл аз қатъи комили барномаҳояш барои Тоҷикистон дар ин замина фаъол буд;

- дастгоҳҳои фарҳангии Эрон дар адвори мухталиф бино ба салиқаи мудирон ба гунаҳои мухталиф рафтор кардаанд, ки тафовутҳои бисёр бо якдигар доранд. Дар даврае маркази фаъолиятҳои динӣ буда, дар даврaҳои дигар онҳоро аз худ ронда ин ва ба ҳунармандони он ҳам гурӯҳе хос рӯй овардааст. Ҳалқаҳои гуногуни иртиботӣ аам аз давлатмардон ва ҳунармандон ва олимон ва раҳбарони динӣ ва тӯдаҳои мардуми ҳар як дар манзумаи иртиботӣ саҳм доранд, ки бояд дар барномаи фарҳангӣ ҷойе дошта бошанд (Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон, 2007).

**Имтиёзи иштирокоти фарҳангӣ-таърихӣ.** Иштирокоти фарҳангӣ ва таърихии Эрон бо кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ ба гузаштае бозмегардад, ки кишварҳои он минтақа бо Эрон дорои сарнавишти муштараке будаанд. Қаламрави ҷуғрофиёии воҳид дар гузашта сабаб гардида буд, ки ин кишварҳо рӯйкарди иқтибосӣ ба фарҳанг ва одобу русуми эронӣ дошта бошанд, ба гунае, ки имрӯз бисёре аз одобу русуми сунанӣ, ки бархе аз онҳо ҳатто дар Эрон, ки падидоварандаи он суннатҳо буда, фаромӯш шудааст, вале дар Осиёи Марказӣ побарҷо мондааст. Фаровонии машоҳири муштараке, ки ҳам эрониён ва ҳам тоҷикҳо, туркманҳо, қазоқҳо ва ӯзбекҳо ба доштани онон муфтахаранд, гунаи дигаре аз иштирокот аст. Бӯалӣ, Шайх Наҷмуддин Кабирӣ, Рӯдакӣ, Форобӣ, Абӯсаиди Абулхайр, Замахшарӣ, Анварии Абевардӣ, Хоразмӣ, Фирдавсӣ, Саноӣ, Хоҷа Юсуф Ҳамадонӣ, Мир Саид Алии Ҳамадонӣ, Кисоии Марвазӣ аз машоҳире ҳастанд, ки милали ин минтақа ҳуввияти фарҳангии худро мадюни эшон медонанд. Бисёре аз ақвоми сокин дар ин минтақа мусалмонанд ва ағлаб бар маслаки ҳанафианд ва муҳаббати аҳли байт (а) бар худ фарз медонанд. Вуҷуди мероси мактуб ва арзишманди муштараки мо дар китобхонаҳо ва осорхонаҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ, ки дар ҳавзаи пажӯҳиш аз эътибори бисёр болое бархурдоранд, худ гӯёи ин иштирок аст. Алоиқи муштараки фарҳангии фаровоне байни мардуми ин минтақа бо мардуми Эрон вуҷуд дорад. Бисёре аз одоб ва русум монанди Наврӯз, ки хостгоҳи он фарҳанги Эрон аст, дар ин минтақа мавриди пазириш аст (Куво, 1381).

Мардуми кишвари Тоҷикистон умуман форсзабонанд ва такаллум ба забони форсии дарӣ дар миёни эшон ривоҷи комил дорад. Шуаро ва нависандагони бисёр бузурге ҳамчун Садриддин Айнӣ, Гулрухсор Сафиева, Лоиқ Шералӣ ва дигарон аз миёни мардуми тоҷик бархостаанд ва ашъори онон дар миёни мардуми адабдӯсти он хита бо истиқбол мувоҷеҳ шудааст (Шакурӣ, 1386).

Забони девонӣ дар ин минтақа то сад сол пеш забони форсӣ будааст. Ҳанӯз бисёре аз сангнавиштаҳои мақобир ба забони форсӣ аст, ки ҳикоят аз ривоҷи забони форсӣ дар ин минтақа дорад. Эрониёне, ки дар Осиёи Марказӣ иқомат гузидаанд, фурсати бисёр хубе дар ҷиҳати интиқоли фарҳанг ба шумор меоянд. Муҳоҷирати ин афрод ба кишварҳои марказӣ чи ба сурати ихтиёрӣ ва чи ба сурати иҷборӣ, дар чанд давра иттифоқ афтодааст. Бархе аз онон дар даврони қоҷор ба ин манотиқ рафтаанд ва тақрибан бумӣ шудаанд ва бархе дигар дар забони паҳлавии аввал ва низ

паҳлавии дувум ба далели вуҷуди тангноҳое дар дохили кишвар ба он манотиқ кӯчидаанд. Ва бархе низ пас аз инқилоби исломӣ роҳии он диёр шудаанд. Ин афрод дар ин ки ба эронӣ буданашон муфтахаранд ва бо шунидани номи Эрон бар худ меболанд, муштараканд (Саноӣ, 1376).

Фарҳанги эронӣ ҳамвора дар минтақаи Осиёи Марказӣ аз ғалаба бархурдор будааст ва бе ҳеҷ шубҳае ин фарҳанги асил тоби густурдагӣ ва интишорро дар ин манотиқ дорад ва набояд тардид кард, ки агар бихоҳем манотиқи мухталифи ҷаҳонро аз ҳайси мизони таъсирпазирӣ аз фарҳанги эронӣ-исломӣ тақсим кунем, Осиёи Марказӣ дар раъси он манотиқ қарор дорад (Воизӣ, 1388).

Бузургдошти Наврӯз дар тамоми панҷ кишвари Осиёи Марказӣ нишон аз мизони таъсирпазирии онон аз фарҳанги эронӣ дорад. Фаъолиятҳои фарҳангии кишварамон дар манотиқи мухталифи ҷаҳон як зарурат аст. Бавижа он ки фаъолияти фарҳангӣ заминасози муносибе дар ҷиҳати тасҳили равобити сиёсӣ низ маҳсуб мешавад. Маъмулан дар равобити ду кишвари асл бар ин аст, ки мегӯянд: «Дар равобити сиёсӣ асл бар беэътимодӣ ва дар равобити фарҳангӣ асл бар эътимоди мутақобил аст».

Эҷоди эътимод дар равобити фарҳангӣ аввалин пояи таъмиқ ва густариши равобит аст. Фазое, ки дар он фаъолияти фарҳангӣ сурат мепазирад, ғайр аз фазоест, ки фаъолияти сиёсиро дар худ ғунҷондааст. Эҷоди иртибот байни андешамандони ду кишвар танҳо замоне муяссар аст, ки бар заминаи собити эътимоди мутақобил бино ниҳода шавад. Пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравӣ сафарҳои мутааддиде аз сӯйи мардуми ин кишварҳо ба Эрон анҷом ва ҳайатҳои фарҳангии мутааддиде байни ду кишвар мубодила шудааст. Ва ҳамакнун донишҷӯёне аз ин кишварҳо дар Эрон ба таҳсил иштиғол доранд, ки ҳамаи инҳо мубтанӣ бар эътимодест, ки дар гузашта поярезӣ шудааст ва акнун низ метавон бо афзудан бар доманаи ин эътимодҳо мубодилоти фарҳангиро фузунӣ бахшид.

Мардум ва давлат дар кишварҳои Осиёи Марказӣ нисбат ба ошноӣ бо фарҳанг, одоб ва русум ва забони Ҷумҳурии Исломии Эрон ҳеҷ гуна ҳассосияте аз худ нишон намедиҳанд ва ҳамвора кӯшидаанд бо сафар ба Эрон ошноии худ аз воқеиятҳои мавҷуд дар Эронро густариш диҳанд. Ва аз хилоли сафарномаҳое, ки онон аз сафар ба Эрон дар ҷароиди худ ба чоп расондаанд, метавон ба дарки ин воқеият расид, ки ҳаргиз иноде дар ироаи ёфтаҳояшон надоранд ва бо дидаи эҳтиром ба Эрон ва ба эронӣ менигаранд (Муҳаммадов, 1381).

Дар миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ нақш ва ҷойгоҳи Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амиқтар ва болотар аст. Бидуни шак метавон гуфт, ки маркази аслии фирдавсишиносӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ Тоҷикистон аст. Албатта, иллати аслии ин ҳамнажодӣ, ҳамзабонӣ ва ҳамфарҳангии тоҷикон бо эрониён мебошад. Фирдавсӣ яке аз чеҳраҳои барҷастаи адабиёти форсии тоҷикӣ аст ва шарҳи ҳол ва осори ӯ дар китобҳо аз мадрасаи ибтидоӣ то донишгоҳ тадрис мешавад. Аз кӯчактарҳо гирифта то бузургсолон тоҷике нест номи Фирдавсиро нашносад ва ҳадди ақал чанд байт аз «Шоҳнома»-и ӯ ҳифз набошад. Баъзе аз афрод чанд ҳазор байт аз «Шоҳнома»-ро ҳифзанд, ки қобили таваҷҷуҳ аст. Дар шаҳри Душанбе Китобхонаи миллии Тоҷикистон ба номи Фирдавсӣ аст. Дар яке аз бузургтарин ва зеботарин майдонҳои Душанбе муҷассамаи Фирдавсӣ насб гардидааст. Дар Душанбе ва марокизу навоҳии кишвари Тоҷикистон бархе аз хиёбонҳо, майдонҳо, кӯчаҳо, мадрасаҳо ва марокизи фарҳангӣ, аз қабили китобхонаҳо ба номи Фирдавсӣ аст (Ғафуров, 1377).

Аз ин рӯ, забони порсӣ, ки муҳимтарин шохиси фарҳангии Эрон маҳсуб мешавад, камоконӣ мавриди таваҷҷуҳи миллатҳои сокини Осиёи Марказӣ аст ва бояд бо таваҷҷуҳ ба ин алоқамандӣ барномарезиҳои дақиқе аз сӯйи ниҳодҳои фарҳангӣ, аз ҷумла фарҳангистони забони форсӣ, шӯрои густариши забони форсӣ, донишгоҳҳо ва ройзанҳои фарҳангии Эрон дар кишварҳои минтақа сурат гирад, то ин фурсат билқувва ба фурсате билфеъл табдил шавад ва муҷиботи густариши равобити миёни Эрон ва ин кишварҳоро фароҳам созад, то нақши Эрон дар муодилоти фарҳангӣ ва сиёсии минтақа пуррангтар аз ҳар замон шавад ва шукӯҳу салобати забон, адаб ва фарҳанги порсӣ дар минтақа чун гузашта ҳаёте дубора ёбад. Таҳаққуқи ин амр илова бар густариши равобити фарҳангӣ ва сиёсӣ муҷиби густариши забони порсӣ ва фарҳанги эронӣ мешавад ва онро аз фасод ва рукуд ва дар натиҷаи марги забонӣ наҷот медиҳад, чаро ки марги забон ба маротиб ваҳимтар аз марги миллат ва нобудии кишвар аст (Иброҳимӣ, 1385).

Эрон ва Тоҷикистон дорои иштирокоти фарҳангӣ-таърихии деринае ҳастанд. Ин иштирокот метавонад муҳимтарин омили пайванди ду давлат миллат бошад.

Дар солҳои пас аз истиқлоли давлати Тоҷикистон равобити Эрон бо ин кишвар рӯз ба рӯз боаҳамияттар шудааст. Забони порсӣ ба унвони яке аз муҳимтарин муштаракоти фарҳангӣ миёни Эрон ва бархе аз ақвоми Осиёи Марказӣ, бахусус Тоҷикистон, метавонад яке аз авомили бисёр муассир дар густариши равобити фарҳангӣ миёни ин кишвар бошад ва фосилаеро, ки байни Эрон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ дар тӯли таърих ба вуҷуд омада буд, кам менамояд.

Дар пайи густариши равобити фарҳангӣ равобити сиёсӣ низ густариш ёфта, ки ин амр боиси нуфузи ҳарчи бештари Эрон дар минтақа мешавад, ба тавре ки метавонад муодилоти минтақаро ба нафъи Эрон дар муқобили соири кишварҳои рақиб дар минтақа, аз ҷумла Русия, Туркия ва Амрико рақам бизанад.

## АДАБИЁТ


1. Иброҳимӣ Туркамон Абузар. Ройзании фарҳангии Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Федератсияи Русия, 1385.
2. Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Душанбе. Тоҷикистон дар абъоди сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ. -Душанбе, 2007.
3. Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон дар -Душанбе. Гузориши тавчеҳии сафари Раиси Ҷумҳурии Эрон ба Тоҷикистон. –Душанбе, 1387.
4. Саноӣ М. Ҷойгоҳи Эрон дар Осиёи Марказӣ. –Теҳрон: Алҳудо, 1376.
5. Шакурӣ Р., Шакурӣ Ш. Мутарҷимон: Муҳаммадҷон Шакурӣ, Манижаи Қубодиёнӣ. Осиёи Марказӣ: Даромаде бар рӯҳиёти мардум. –Теҳрон: Маркази чоп ва интишори Вазорати умури хориҷа, 1386.
6. Ғафуров Б. Тоҷикон. –Теҳрон: Ирфон, 1377.
7. Куво П. Отю Мувано Е. Нақкошӣ ва адаби эронӣ. –Теҳрон: Равзана, 1381.
8. Муҳаммадов Р. Ҷойгоҳи Фирдавсӣ дар милали Осиёи Марказӣ, 1381.
9. Воизӣ М. Миёнҷигарӣ дар Осиёи Марказӣ ва Қафқоз: Таҷрибаи Ҷумҳурии Исломии Эрон. Теҳрон, Вазорати умури хориҷа, 1388.
10. Вазорати умури хориҷаи Эрон. Дафтари мутолиоти сиёсӣ ва байналмилалии идораи интишори аснод. Асноде аз равобити Эрон бо манотиқе аз Осиёи Марказӣ. –Теҳрон: Муассисаи чоп ва интишори Вазорати умури хориҷа, 1372.


## ПОЗИЦИЯ ИРАНА В ТАДЖИКИСТАНЕ


В статье была освещена история развития политических, экономических, культурных и научных связей Ирана с фарсиязычными народами Центральной Азии с древнейших времен и до настоящего времени.



**Ключевые слова:** Иран, Таджикистан, культура, политика, традиция.


## IRAN'S POSITION IN TAJIKISTAN


The article describes history of political, economic, cultural and scientific relations between Iran and the Central Asian's Persian speaking nations from ancient times to present.



**Key words:** Iran, Tajikistan, culture, policy, traditions



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Фарибо Хабиби*** – соискатель ТГПУ им. Садриддина Айни


# ҶОЙГОҲИ ҲУКУМАТ АЗ МАНЗАРИ ИМОМ ХУМАЙНӢ


***Алӣ Маҳдавии Тиловакӣ***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Навъи дарёфти мафҳуми ҳукумат ва мафҳуми шакли ҳукумат муҳимтарин амр дар андешаи ҳукуматӣ аст. Ба гунае ки дарёфти худкомона, салтанатгарона, фармонфармоёна ва мустабидона аз ҳукумат ба сохторҳо ва рафторҳои мубтанӣ бар худкомагӣ, салтанатгарӣ, фармонфармоӣ ва муносибати салтанатӣ ва истибдодӣ мунҷар мешавад. Дарёфти имоматдорона, муҳаббатварзона, хидматгузорона, ҳидоятгарона ва ширкатпазирона, ба сохторҳо ва рафторҳои мубтанӣ ба имоматдорӣ, муҳаббатварзӣ, хидматгузорӣ, ҳидоятгарӣ ва ширкатпазирӣ мунҷар мегардад. Лизо, дар ин андешаи сиёсии Имом Хумайнӣ, ҳукумати мафҳуми комилан Илоҳӣ ва инсонӣ ба маънои имоматдорӣ, муҳаббатварзӣ, хадамотгузорӣ, ҳидоятгарӣ ва ширкатпазирӣ дорад ва ташкили чунин ҳукумат аз воҷибитарин воҷибот аст, ки беҳтарин василаи таъмини амният, адолат, рифоҳат ва тарбияти мардумон аст.

**Мафҳуми ҳукумат.** Дар андешаи сиёсии Имом Хумайнӣ мафҳуми ҳукумат ва мафҳуми шакли ҳукумат ба ҳеҷ ваҷҳ ба мафҳуми тасаллут ва таҷаббур ва

худкомагию фармонфармоӣ, салтанат ва малукият марбут нест, балки ба мафҳуми имоматдорӣ ва муҳаббатварзӣ, хидматгузорӣ, ҳидояткорӣ, ширкатпазирӣ ва ҳокимияти қонунҳои илоҳӣ аст. Зеро андешаи тавҳидии Имом Хумайнӣ, Худои мутаол молики ҳамаи чизу ҳама кас аст ва ҷуз дар баробари зоти ақдаси ӯ набояд таслим буд ва ҳеҷ касро ҳаққи истилоъ ва тасаллут, баҳракашӣ ва фармонфармоӣ бар дигарон нест. Имом Хумайнӣ бар ин асос дар мусоҳибаҳое, бо хабарнигори «Лондон Таймз» чунин фармудааст: «Эътиқодоти ман ва ҳамаи муслимин, ҳамон масъалаҳое аст, ки дар Қуръони Карим омадааст ва ё Паёмбари ислом (с) ва пешвоён ба ҳаққи баъд аз он Ҳазрат баён фармудаанд: ки решаву асли ҳамаи он ақидаҳо, ки муҳимтарин ва боарзиштарин эътиқодоти мост, асли тавҳид аст. Мутобиқи ин асл, мо муътақидем, ки холиқ ва офаринандаи ҷаҳон ва ҳамаи оламҳои вуҷуд ва инсон, танҳо зоти муқаддас Худои таоло аст, ки аз ҳамаи ҳақоиқ матлаъ аст ва қодир бар ҳама чиз аст ва Молики ҳама чиз аст. Ин асл, ба мо меомӯзад, ки инсон, танҳо дар баробари зоти ақдаси Ҳақ бояд, таслим бошад ва аз ҳеҷ инсоне набояд, итоат кард, магар ин ки итоати ӯ итоати Худо бошад. Бар ин асос, ҳеҷ инсоне ҳақ надорад, инсонҳои дигарро ба таслим дар баробари худ маҷбур кунад ва мо аз ин асл эътиқоди аслии озодии башарро меомӯзем, ки ҳеҷ фарде ҳақ надорад инсоне ва ё ҷомеа ва миллатеро аз озодӣ маҳрум кунад, барои ӯ қонун вазъ кунад, рафтору робитаҳои ӯро бино ба дарк, ё бино ба шинохти худ, ки бисёр ноқис аст ва хостаҳо ва амоили худ танзим намояд ва аз ин аслҳо низ муътақидем, ки қонунгузорӣ барои пешрафтҳо, дар ихтиёри Худои таоло аст. Ҳамчунон, ки қонунҳои ҳастӣ ва хилқатро низ Худованд муқаррар фармудааст ва саодату камоли инсон ва ҷомеа, танҳо дар гарави итоат аз қонунҳои иллоҳӣ аст, ки тавассути анбиё ба башар иблоғ шудааст».

Бар ин асос, мафҳуми ҳукумат назди Имом Хумайнӣ қонунмадорӣ аст ва ҳеҷ инсоне бар инсони дигар ҳаққи салтанат ва бартариҷӯӣ ва фармонравоӣ надорад.

**Зарурияти ташкили ҳукумат.** Дар андешаи сиёсии Имом Хумайнӣ, фароҳам кардани заминаи умумӣ, ислоҳи зиндагии ин ҷаҳонӣ ва зиндагии он ҷаҳонии мардумон, ҷуз дар сояи ҳукумат бо мафҳуми ёдшуда, масир намешавад ва паёмоварони илоҳӣ, танҳо ба маънавиёт напардохтаанд, балки талош кардаанд бо ташкили ҳукумат ва барпо кардани адолат, заминаи матлуб аз амният ва рифоҳат барои мардумон эҷод кунанд ва заминаи шукуфоии истеъдодҳоро дар ҷиҳати камоли мутлақ фароҳам намоянд. Имом, дар «Васиятномаи илоҳӣ-сиёсӣ»-и худ, дар ин бора чунин гӯшзад кардааст: «Ин ҷониб дар ин Васиятнома бо ишора мегузорам, вале умед дорам, ки нависандагон, ҷомеашиносон ва таърихнависон, мусулмононро аз ин иштибоҳ берун оваранд. Ва он як гуфта шуда ва мешавад, ки Анбиё-алайҳуссалом ба маънавиёт кор доранд ва ҳукумат ва сарриштадории дунёӣ матруд аст ва анбиёву авлиё ва бузургон аз он ҳузур мекарданд ва мо низ бояд, чунин кунем. Ин иштибоҳ таассуфовар аст, ки натиҷаи он ба табоҳӣ кашидани миллатҳои исломӣ ва боз кардани роҳ барои истеъморгарони хунхор аст, зеро он чи мардуд аст, ҳукумати шайтонӣ ва диктатурӣ ва ситамгарӣ аст, ки барои салтанатҷӯӣ ва ангезаҳои мунҳариф ва дунёӣ, ки аз он зоҳир намудаанд, ҷамъоварии сарвату мол, қудратталабӣ ва бутгароӣ аст ва билохира, дунёест, ки инсонро аз Ҳақ таоло ғофил кунад. Аммо ҳукумати ҳақ барои нафъи мустазаъфон ва пешгирӣ аз зулму ҷабр ва иқомаи адолати иҷтимоӣ ҳамон аст, ки мисли Сулаймон бини Довуд ва Паёмбари азимуш шаъни Ислом (с) барои он кӯшиш мекарданд, аз бузургтарин воҷибот ва иқомати он аз волотарин ибодот аст. Чунончи сиёсати солим, ки дар ин ҳукуматҳо буд, аз корҳои лозима аст».

Инсон мавҷуде аст, иҷтимоӣ, ки зиндагӣ ва камолаш ба маданият вобаста аст ва аз он ҷо, ки дар инсон гароишҳои мухталиф ва мутазод вуҷуд дорад, зиндагии иҷтимоӣ ниёзманди низоми иҷтимоӣ ва қонунҳои ҳофизи ҳуқуқ ва ҳудуди инсонҳо дар ҷиҳати матлуби эшон аст ва бегумони сарфи вуҷуди қонунҳо барои таъмини салоҳ ва сомони одамиён кофӣ нест ва лузуми вуҷуди ҳукумат аз ҳамин ҳақиқати равшани ақлӣ нашъат мегирад.

**Шакл ё навъи ҳукумат.** Яке аз масъалаҳои ҳоизи аҳамият назди ғолиби фалсафаҳо, фиқҳҳо ва андешамандони мусулмонон ин аст, ки он чи пазируфтанӣ аст навъ, муҳтаво ва сифати ҳукумат ва на шакли он аст. Дар «Қуръони Карим» ва ривоятҳо низ шакли хосе аз ҳукумат мавриди таваҷҷуҳ қарор нагирифта,аст зеро фарз бар ин аст, ки шакли ҳукумат тобеи муқтазиёти замонӣ, макониӣ ва пешрафти ҷомеаи инсонӣ аст. Пас саҳеҳ нест, ки шакли хосе аз ин ҳукумат барои ҳамеша матраҳ шавад. Бинобар ин, он чи қобили тарҳ ва баҳс аст, ҳамоно муҳтаво ва

моҳияти ҳукумат мебошад, ки дар қолаби яксарии мушаххасаҳо ва сифот, муайян мегардад.

Алома Таботабоӣ мефармояд: «Дар шариати ислом, дастуре марбут ба таъйини яке аз «навъҳои шакли ҳукумат» ворид нашудааст ва ҳаққан ҳам набояд ворид шавад, зеро шариат танҳо мутазамини маводи собитаи дин аст ва тарзи ҳукумат бо тағйир ва табдили ҷомеаҳо ба ҳасби пешрафти тамаддун қобили тағйир аст».

Ин мавзӯъ мавриди таъкиди Имом Хумайнӣ низ ҳаст, бинобар ин, аз дидгоҳи эшон, масъалаи аслӣ дар матлубияти як ҳукумат, моҳият ва муҳтавои он аст, ки гоҳ аз он ба навъи ҳукумат таъбир мегардад, вале шакли ҳукумат тобеи муқтазиёти замонӣ ва макони аст. Бинобар ин, мавзӯи фаръӣ талаққӣ мегардад ва тобеи манбаи машруият, имконот ва тавоноиҳо ва хости мардумӣ ва мусолеҳи ҷомеа ва дин аст. Ба таъбири дигар, баъзе аз шаклҳои роиҷи ҳукуматӣ бо бархе аз манбаҳои машруият ё вазъияти ҷамъиятии хос ё мусолеҳи мардум ва мактаби онҳо дар як ҷомеа созгор аст. Шакли ҳукумат баёнкунандаи сохтори кулли ҳукумат аст, бархе аз шаклҳои роиҷи ҳукумат иборатанд, аз: ҳукумати фардӣ, аристократӣ, демократӣ, парлумонӣ, подшоҳӣ, сотсиалистӣ, фашистӣ, истибдодӣ ва ғайра. Албатта, ҳукумат ба се шакли куллӣ фардӣ, гурӯҳӣ ва ҷамъӣ ё аксариятӣ аст, ки ин се шаклро бар асоси ҳадафҳо, сохтор, амалкард ва ғайра, ба шакли гуногуне метавон тақсимбандӣ кард.

**Шаклҳои ҳукумати дур аз манзари Имом Хумайнӣ (р).** Имом Хумайнӣ дар шаклҳои фардии ҳукумат, ҳукуматҳои салтанатӣ ва валоиятаҳдиро дур медонад. Зеро режими салтанатӣ ва валоиятаҳдӣ мубтанӣ бар варосат ва салтанати комил аст. Аз ин рӯ, бо хости аксари мардум таоруз дорад, ба илова ба истибдод ва фасод меанҷомад ва бунёди онро маъмулан зӯр ва ғалаба ташкил медиҳад. Ин гуна, ки баъд аз тарҳи машруият аввалин султон ва ҳоким, машруияти фарзандонаш насл андар насл матраҳ мегардад ва ин мавзӯъ наметавонад, як далели мантиқӣ бошад. Ин аст, ки ба сароҳат мефармояд:

«Асли режими салтанатӣ берабт аст, режими салтанатӣ режими кӯҳнаи иртиҷоӣ аст. Дар вақт, худаш ҳам берабт будааст». Дар ҷойи дигар мефармояд: «Салтанат ва валоиятаҳдӣ ҳамон тарзи ҳукумати шум ва ботиле аст, ки Ҳазрати Саидулшуҳадо (а) барои пешгирӣ аз барқарории он қиём фармуд ва шаҳид шуд… Ислом салтанат ва валоиятаҳдӣ надорад».

**Тарҳи низоми матлуб аз манзари Имом Хумайнӣ (р).** Ҳазрати Имом дар фосилаи оғози наҳзати ислом (41 ҳ.ш.) то замони риҳлат шудан (68 ҳ.ш.) ба унвони Роҳбари ягонаи инқилоби пирӯзи динии қарни бистум ва бунёдгузори нахустин ҳукумати мубтанӣ бар дин дар ҷаҳони муосир, дидгоҳҳои хеш дар бораи масоили мухталифро матраҳ фармудаанд, ки аз он ҷумла, метавон, ба тасвири ҳукумати матлуб аз манзари эшон ишора кард. Ҳазрати Имом дар тӯлӣ фосилаи замони мавриди ишора, ба муносибат ва ба тадриҷ, гӯшаҳое аз вижагиҳои низоми ҳукуматии матлуби хешро баён намудаанд, ки бо ҷамъбандии вижагии демократӣ дар нигоҳи Имом ба тасвири нисбатан комиле аз ҳукумати матлуби эшон метавон даст ёфт. Ҳукумате, ки бар асоси демократия мавриди назари эшон бино шуд, зуҳури чунин қаробате аз демократия ба шумор меояд. Вижагиҳо ва нишондиҳандаҳои демократии матлуби Ҳазрати Имом иборатанд, аз:

**1) Нофии истибдод, диктатура ва худкомагӣ.** Демократияи матраҳшуда, дар ороии Ҳазрати Имом нуқтае муқобили истибдод ва диктатура аст. Эшон дар баёни ин робита мефармояд: «Усули демократӣ дар тазод бо режими Шоҳ қарор дорад» ва ё: «Даст аз мубориза намебардорем, то ҳукумати демократӣ ба маънои воқеии он ҷойгузини диктатураҳо шавад». Бо қиёми миллат, шоҳ хоҳад рафт ва ҳукумати демократӣ барқарор хоҳад шуд».

**2) Таъмин ва ҳифзи озодӣ** Вижагии дигари демократияи матлуби Ҳазрати Имом, таъмини озодии инсонҳо ва ҳифозат аз он дар муқобили монеаҳои таҳаққуқи озодӣ аст. Эшон ишора бо ин матлаб, ки «ҳеҷ кас мисли ислом озодиталаб нест» мушаххасан ба ду навъ аз озодии мавҷуд дар демократияи матлуб ишора кардаанд. Нахустин, озодии мадди назари эшонро метавон, озодӣ дар мушорикати сиёсӣ донист. Ҳазрати Имом озодии мардум дар интихоботро сарчашмаи демократия диониста, ба унвони намуна, аз озодии мардум дар гузиниши намояндагони маҷлис ёд кардаанд. Озодии баён ва ақида, дуюмин навъи озодӣ аст, ки Ҳазрати Имом, демократияи матлубро бунёдгузор ва ҳофизи он муаррифӣ намудаанд: «Дар Ислом демократия дарҷ шудааст ва мардум дар баёни ақидаҳо озоданд».

**3) Пайванд бо истиқлол.** Имом дар суханонаш аз ибораҳое истифода мекунад, ки демократияи матлуби назар мулозим бо мафҳуми истиқлол аст ва дар канори он

маънӣ меёбад: «Низоми ҳукуматии Эрон ҷумҳурии исломӣ аст, ки ҳофизи истиқлол ва демократия хоҳад буд».

**4) Адолатхоҳ.** Адолатхоҳӣ навъи табъиз ва аҳамият қоил шудан барои заифон, аз дигар мушаххасоти демократияи матлуби Ҳазрати Имом аст: «Он демократияе, ки дар Ислом аст, дар ҷойҳои дигар нест. Ҳеҷ демократия монанди демократияи мавҷуд дар ислом ба заифон аҳамият надодааст».

**5) Мубтанӣ бар ислом.** Аз ҷумлаи мушаххасоти меҳварии демократияи матлуб дар дидгоҳи Ҳазрати Имом, иртибот ва пайвастагии демократия бо ислом аст. Дарвоқеъ, демократияи матлуби эшон дар ислом дохил шудааст ва танҳо тахти ливои ислом аст, ки демократияи саҳеҳ пиёда мешавад. Ҳазрати имом демократияи мавҷуд дар исломро демократияи саҳеҳ дониста, зимни беназир хондани чунин нигариш ба демократия мефармояд: «Мо ба дунё хоҳем фаҳмонд, ки маънои демократия чист». Эшон, низоми ҳукуматии Садри Исломро (ҳукумати нубувӣ ва алавӣ) намунаи демократияи матлуб муаррифӣ карда, мефармоянд: «Ҳукумати Садри ислом як режими демократӣ буда, ба гунае ки демократияҳои имрӯза наметавонанд, монанди он шаванд». Ҳамчунин дар баёни дигар мефармоянд: «Мо мехоҳем, ислом ва ҳукумати исломиро ба шакле, ки шабеҳи Садри Ислом бошад иҷро кунем, то Ғарб маънои дурусти демократияро ба он ҳадде, ки ҳаст, бифаҳмад ва тафовути миёни декморатияи мавҷуд дар ислом ва демократияи истилоҳии мавриди иддаои давлатҳо ошкор шавад».

Бо таваҷҷуҳ ба он чи ки матраҳ шуд, метавон гуфт, ки нигариши Ҳазрати Имом ба демократияи матлуб баромада аз хостгоҳи динии тафаккуроти эшон мубтанӣ бар усули ислом ва каромат ва ихтиёри эшон аст. Дар дидгоҳи Ҳазрати Имом, инсон дорои манзалат ва дорои ихтиёр аст: «***Ва лақад кирмано бини одам***» бар ҳамин асос, инсони мусалмон ва муъмин қатъан азизу муҳтарам аст ва интихоби ӯ низ иззату ҳурмат дорад. Аз ин рӯ, ҳукумат ба унвони нишондиҳандае барои ҳукумати инсон ба сӯйи рушду камол ба инсону интихоби ӯ бояд, арзиш диҳад. Ҳамин нукта зербинои демократияи матлуби Ҳазрати Имомро ташкил медиҳад. Аз манзари Имом Хумайнӣ (р) демократияи матлуб, танзимкунандаи кароматии инсон ва қудрати ӯст. Каромат ва ихтиёр, ки ҳадяи Худованд ва Шариати муқаддас ба инсон аст. Зарурати таҳаққуқи чунин нигариш ба демократия, хости омма ва аксарияти ҷомеа аст. Агар бахши умдае, аз як таҷаммӯи маданӣ ирода кунад, ки зиндагии ҷамъии худро бар пояи чунин нигариш аз демократия устувор созад, роҳ барои таҳаққуқи демократияи матлуби Ҳазрати Имом фароҳам аст. Табиист, ки дар ҷомеае, ки аксарият муътақиди исломанд, ҳадду канори демократия, хутути муайяншуда муқаддас аст ва демократия нишондиҳандае дар ҷиҳати расидани инсон ба камол ва саодат (камол ва саодат муаррифӣ шуда аз сӯйи дин) талаққӣ шавад.

Дар дидгоҳи Ҳазрати Имом инчунин демократия низ шабоҳатҳое ба демократияи роиҷ дар ҷаҳони муосир дорад, ки Имом тафовути асосӣ миёни ду нигариш ба демократия ношӣ аз ин ҳақиқат аст, ки демократияи роиҷ дар ҷаҳони кунунӣ мардуммеҳвар аст ва демократияи матлуб аз ин дини мардумдор, демократияи роиҷ дар хидмати инсон аст ва демократияи матлуби Ҳазрати Имом дар хидмати саодат ва такомули ӯст. Демократияи матлуби Ҳазрати Имом бо ҳар он чи ки заъфу зиллати инсон бианҷомад ва қудрати ихтиёр ва интихоби худододии ӯро салб кунад, муқобила мекунад, хоҳ сармоядорӣ ва сармояи меҳварӣ, хоҳ табъиз ба ноҳақ ва беадолатӣ бошад. Демократияи матлуби Имом илова бар нигариши омма ба ҳамаи шаҳрвандон, нигоҳи хос ба мустаъзафин дорад ва таҷаллии мардумдориро дар ҳимоят аз табақоти заифи ҷомеа ҷустуҷӯ мекунад. Ҳазрати Имом бо чунин нигариш, демократияи ғарбиро бемуҳтаво ва суратҳое аз диктатура медонад. Суратҳое, ки ба итоат ва салби озодиҳои худододи инсонӣ ва асороти ӯ дар бандҳо ва таблиғот анҷомидааст.

Тавсифи Ҳазрати Имом аз ҳукумати мубтанӣ бар демократия чунин аст: Демократияи матлуб бунёдгузори ҳукумате аст, ки ба хотири Худо ба касби ризоияти мардум бипардозад ва ризоияти Худовандро аз тариқи касби ризоияти мардум (муъмин) ҷалб кунад, мақбули мардум бошад, мутакко ба иродаи миллат буда, бештарин таваҷҷуҳи худро ба қишри заифи ҷомеа ихтисос диҳад. Бо ҷамъбандии мавридҳое, ки феҳраствор ба онҳо ишора шуд, метавон, гуфт, ки Ҳазрати Имом барои демократияи матлуб, вижагиҳоеро баён кардаанд, ки тарҳи он метавонад ба шакл гирифтани тасвир ба нисбати возеҳе аз демократияи матлуби эшон бианҷомад.

**АДАБИЁТ**

1. Саидмуҳаммад Ҳусайн Таботабоӣ. Баррасиҳои исломӣ. Дафтари таблиғоти исломӣ, ҷ.1, Бето, с.193.
2. Саҳифаи Имом. Маҷмӯаи осори Имом Хумайнӣ. Муассисаи танзим ва нашри осори Имом Хумайнӣ. Чопи 1. Ҷилди 4. –Теҳрон: с. 490, 1378.
3. Имом Рӯҳуллоҳ Алмусавӣ Хумайнӣ. Саҳифаи Нур. Раҳнамудҳои Имом Хумайнӣ. Чопи 1. Вазорати фарҳанг ва аршади исломӣ. Ҷилди 21. с.98-178, 1361-1371.
4. Имом Рӯҳуллоҳ Алмусавӣ Хумайнӣ. Саҳифаи Нур. Раҳнамудҳои Имом Хумайнӣ.Чопи 2, бо таҷдиди назар ва изофоти Вазорати фарҳанг ва аршади Исломӣ. Ҷилди 3.с.9,16,67,68,85,268, 1370-1378.
5. Ҳамон ҷо, ҷилди 2, с.26-62.
6. Ҳамон ҷо, ҷилди 4, с.234.
7. Ҳамон ҷо, ҷилди 5, с.222, 238, 258.
8. Ҳамон ҷо, ҷилди 13, с.268.
9. Имом Рӯҳуллоҳ Алмӯсавӣ Хумайнӣ. Вилояти фақеҳ (Ҳукумати Исломӣ). Чопи 1. Муассисаи танзим ва нашри осори Имом Хумайнӣ. с.14, 1373.



**МЕСТО И РОЛЬ ПРАВИТЕЛЬСТВА С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ ИМАМА ХУМАЙНИ**

Правительство-это обычно коллегиальный орган исполнительной власти общей компетенции, осуществляющий руководством управлением страной. В отличие от органов законодательной власти оно не творит законы, а исполняет их, проводит их в жизнь. В данной статье автор рассматривает взгляды Имама Хумайни о месте, сущности и роли правительства.

**Ключевые слова:** правительство, Имам Хумайни, взгляды Имама Хумайни о правительстве, орган государственного управления, органы исполнительной власти.

**THE PLACE AND ROLE OF THE GOVERNMENT FROM THE POINT OF VIEW OF IMAM KHUMAINI**

The government is usually a collegial body of executive power of general competence, carrying out General management of the office of the country. In contrast to the bodies of legislative power of it does not make the laws, and doeth them, holds them in life. In this article the author considers the views of Imam Хумайни of the place, the nature and role of government.

**Key words:** government, the Imam of the Khumaini,, the views of Imam Khumaini, about the government body of state administration, bodies of the Executive power.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Али Махдави Таловаки*** – соискатель ТНУ


# БАРРАСИИ ВИЖАГИҲОИ ИНҚИЛОБҲОИ МАХМАЛӢ


***Муртазо Ашрофӣ***

**Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ**


Инқилоб пружаест, ки тайи он қудрат бо аъмоли хушунат аз як гурӯҳ ба гурӯҳи дигар мунтақил мешавад ва қудрат ба таври комил тағйири ҷойгоҳ пайдо мекунад. Дар инқилобҳои классикӣ сохтори сиёсӣ ва ҳокимон ба таври ҳатмӣ ва комил тағйир мекунанд ва ниҳодҳои ҷадиди сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ падид меоянд. Аъмоли хушунат ҳазинаҳои тағйирро боло мебарад ва боиси эҷоди ҳараҷу мараҷ дар ҷомеа, ҳатто ба таври муваққат мегардад. Аммо дар соли 1989 як навъ теорияи ҷадид барои эҷоди тағйирот дар низомҳои стандартӣ ироа гардид, ки ба инқилоби махмалӣ ё инқилоби зард ё махмалӣ машҳур шуд. Инқилоби махмалин дар даҳаи гузашта тавоноии онро дошт, то низомҳои коммунистӣ ва сотсиалистиро тағйир диҳад. Дар инқилобҳои махмалӣ ё махмалии ҳаракатҳои мусолиматомез барои тағйироти сиёсӣ такя мегардад. Инқилобҳои махмалӣ бештар дар замоне рӯй медиҳанд ва дарвоқеъ мақтаи интихобот аз мақотаи асосӣ барои бурузи инқилоби махмалӣ аст. Ба ин маъно, ки гурӯҳҳои мухолифи ҳайати ҳокима дар мавқеи интихобот, ки фазои озоди бештаре ба вуҷуд меояд бо ҳамдигар муттаҳид мешаванд ва бо бар пояи таҷамуоти мусолиматомез ва эътирозоти густурда бо истифода аз қудрати расонаии дохилӣ ва хориҷӣ, ба наҳваи амалкарди гурӯҳи ҳоким дар баргузории интихобот эътироз мекунанд ва дар мавридҳое боиси инфиоли тарафдорони низоми ҳоким мешаванд. Тадовум ва густариши эътирозот баъзан то марҳилаи баргузории муҷаддади интихобот ба пеш меравад, ки дар ин марҳила таҳти таъсири шароити сиёсии мавҷуд, маъмулан опозитсион муваффақ ба пирӯзӣ дар интихобот мешаванд, ки дар натиҷаи он, ҳизби ҳоким аз қудрат барканор мешавад. Бад-ин тартиб бидуни тавсил ба хушунат, низоми сиёсӣ ба нафъи гурӯҳи опозитсия тағйир меёбад.[1]

Дар идома ба теъдоде аз вижагиҳои инқилобҳои махмалӣ ишора мекунем, ки тамоми дигаргуниҳои сиёсӣ, ки аз онҳо бо номи инқилобҳои махмалин ёд мешавад, воҷиби вижагиҳои пайваста ва ҳамгун дар иллалу шакли таҳаввулот мебошанд:

-аввал, иқтидогароӣ, далели аслии вуқӯи инқилоб ва хусусиёте чун иқтидоргароӣ, фақидони чархиши нухбагон, нокоромадӣ дар ҳалли мушкилоти умумӣ ва адами мақбулияти умумии ҳукумати вақт мебошад ва ҷуркаи инқилоб ба дунболи бурузи хатоӣ аз сӯйи ҳукумат, назири тақаллуб дар интихобот равшан мешавад. Чун иқтидоргароӣ, фақидони чархаш вуҷуди як режими иқтидоргаро дар ҳамаи кишварҳое, ки инқилоби рангӣ дар он ҷо тарроҳӣ ва иҷро шудааст, қобили мушоҳида ва баррасӣ аст.[2]

Дувум, вобастагӣ ба бегона, ҳамвора дар барандозии нарм, нақши қудратҳои бегона зарурӣ ва бисёр пураҳамият аст, дар ин росто машҳурҳои мухталиферо метавон мабнои амалкарди кишвари муҳоҷим барои барандози нарм донист: Созмондиҳии густурда ва мустамари ҷанги равонии расонаӣ; тазъифи инсиҷоми иҷтимоӣ ва эҳсоси тааллуқи мардум ба ҳокимият; беэътимодӣ ба масъулон ва коргузорони низом; нокоромад нишон додани амалкарди маҷмӯаи низом; ташвиш ва эҷоди заминаи тағйироти сиёсӣ; ислоҳ ва озодсозии иқтисодӣ; ташвиқ ва тарғиби ислоҳоти омӯзишӣ; доман задан ба ихтилофот ва зидиятҳои қавмӣ ва фирқаӣ; ташвиқ ба густариши нақши занон дар иқтисоду сиёсат;[3]

Севум, нуфуз ва қудрати хориҷӣ ва иртибот бо ниҳодҳои даруни ҳокимиятӣ аз тариқи барқарории иртибот бо нухбагони ҷавомеъ.

Чаҳорум, тағйири давлатҳо на тағйири низомҳо ва ҳукуматҳо: дар ҳамаи кишварҳои мавриди баррасии ҳукуматҳо ва сохторҳои ташкилотии онҳо тақрибан даст нахӯрда мондаанд, аммо давлатҳои онҳо ба як давлати ғарбгаро табдил шудаанд.

Панҷум, эътирозҳо ва ноороимиҳои маданӣ аз тариқи мушорикати мустақими мардум ва роҳбарони мухолиф: дар ин кишварҳо тағйирот аз тариқи ноороимиҳои маданӣ, ки хунрезӣ надоштааст ба вуқӯъ пайвастааст ва низомҳои ҳоким ба тағйироти давлат барои бархӯрд накардан бо мардум тан додаанд. Мардум дар ҳафзаҳои интихоботӣ қабл ва баъд аз интихобот ширкат мекунанд ва бидуни истифода аз абзорҳои хушунатомез ва тайи роҳпаймоиҳое ба пирӯзӣ мерасанд. (ба ҷуз Қирғизистон)

Шашум, истифодаи рамзӣ аз ранг бахусус: ба манзури эҷоди ҳамбастагии намодин ва баргузории роҳпаймоиҳои эътирозомез истифода аз ранги хос ба унвони мисол дар Украина ранги таърихӣ дар баробари ранги обӣ ва сурх комилан қобили таваҷҷуҳ будааст.

Ҳафтум, вуҷуди давлатҳои навпо ва мутазалзил: дар ин кишварҳо агарчи ҳукумати иқтидоргаро бар саркор будааст, аммо давлатҳои ҳоким ба далели надоштани улгӯи муносиби ҳукумате, ки бо ниёзҳои аксарияти ҷомеа мунтабиқ бошад дучори сардаргумӣ ва тазалзули ҳукуматӣ буданд.[4]

Бинобар ин барои таҳаққуқи инқилоби махмалӣ шароите ба шарҳи зер вуҷуд дорад, ки се маврид ном бурда мешавад:

1. Дар кишварҳое, ки инқилоби махмалӣ дар он ҷо рӯй диҳад, созмондиҳии сиёсӣ, вуҷуди аҳзоби шинохташуда, пойгоҳи иҷтимоӣ ва қудратӣ созмон додан ба ҳаводорон ва мардум як зарурат аст.
2. Шароити дигар барои таҳаққуқи инқилоби махмалӣ вуҷуди қудрати расонаӣ (на бештар балки лоақал ҳам сатҳи ҷиноҳи ҳоким) аст.
3. Бар асоси воқеиятҳои мавҷуд, созмонҳои ғайридавлатӣ, нақши бисёр муҳиме дар ин инқилобҳо доштаанд. Дар тамоми ҳолатҳо, аксар ширкаткунандагонро ҷавонон ва созмонҳои донишомӯзӣ, дар канори соири шаҳрвандон ташкил додаанд.

Барои тавзеҳи охир ва натиҷагирӣ аз мақула бояд гуфт, ки дар инқилобҳои махмалӣ мухолифони низоми ҳоким бо таҷаммӯъ дар муқобили ниҳодҳои ҳокимиятӣ мисли парламент, комиссияи интихобот, полис ва ғайра, иҷозаи таҳаррук ва аксуламалро аз ин ниҳодҳо мегиранд ва монеи вуруди намояндагони парламент ё масъулини полис ба сохтмон мешаванд ва амалан машруиятро аз ниҳодҳои ҳокимиятӣ мегиранд.[5] Ба унвони мисол дар кишварҳои Украина ва Гурҷистон мухолифони низоми коммунистӣ чанд шабонарӯз дар хиёбонҳо ва маёдини аслӣ таҷаммӯъ карданд ва дар Қирғизистон мухолифон муқобили парламент ва ниҳоди раёсати ҷумҳурӣ таҷаммӯъ карда, ҳокимиятро водор ба таслим карданд. Вуқӯи инқилоби махмалӣ мутаассир аз нақшофаринии маҷмӯае аз авомили дохилӣ ва хориҷӣ аст. Таблиғоти манфӣ ва бузургнамоии мушкилоти дохилӣ аз сӯи нерӯҳои хориҷӣ аз ҷумлаи муҳимтарини ин авомил аст. Бо ин ҳол низомҳои сиёсӣ мебоист нисбат ба рафъи камбудҳо ва норасоиҳои дохилӣ эҳтимоми хосе дошта бошанд то замина барои бурузи инқилоби махмалӣ фароҳам нагардад. Ҷаро ки инқилоби

махмалӣ дар кишварҳое сурат мегирад, ки фақру бекорӣ дар ҳоким бошад, ҳуввияти миллӣ камранг шуда, ихтилофоти табақотӣ дар он зиёд бошад.[6] Дар чунин ҷавомее эҳтимоли бурузи инқилоби махмалӣ зиёд аст. Адами таъмини мутолиботи мардум тавассути ҳокимият ва афзоиши фосилаи ҳокимон бо мардум, имкони вуқӯи ин қабил инқилобҳоро бештар фароҳам менамояд. Ба таври куллӣ заъфи демократия, инҳисоргароӣ, фақри иқтисодӣ, беҳуввиятии миллӣ, фасоди идорӣ ва табъиз аз авомили муассир дар бурузи инқилобҳои махмалӣ ҳастанд, зеро расонаҳои навини дохилӣ ва хориҷӣ иттилорасонӣ карда, боиси иттиҳоди ҷунбишҳои мардумӣ ва донишҷӯӣ мешаванд.[7]


### АДАБИЁТ

1. Таҳлиле бар инқилобҳои рангӣ ва чигунагии мувоҷеҳаи Эрон. Рӯзномаи мардумсолорӣ, нусхаи шумораи 1708, таърихи 16 деймоҳи 1386ш.
2. Манзур Довуд ва Ёдипур Маҳдӣ. Сармояи иҷтимоӣ омили тавсеаи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ. Теҳрон, Фаслномаи роҳбарди ёс. №15
3. Ғанинажод Мусо. Ҷомеаи маданӣ, озодии иқтисод ва сиёсат. Теҳрон, Интишороти вазорати иршод, с.59
4. Голднер Олвин. Буҳрони ҷомеашиносии ғарб. Тарҷумаи Фарида Мумтоз. Теҳрон. с.45
5. Ҳасан Саид Кӯлоҳӣ ва Аббос Кордон. Мафоҳими калидӣ дар илми сиёсат. Теҳрон, Интишороти илмӣ ва фарҳангӣ. с.98
6. Саноӣ Маҳмуд. Озодии фар два қудрати давлат. Теҳрон, Интишороти Ҳармас. с.66
7. Малакутиён Мустафо. Инқилоб аз оғоз то фарҷом, мируре бар вижагиҳои ҳафтгонаи муштараки инқилобҳо. Маҷаллаи ҳуқуқ ва улуми сиёсии Донишгоҳи Теҳрон.



### ИССЛЕДОВАНИЕ ОСОБЕННОСТЕЙ БАРХАТНЫХ РЕВОЛЮЦИЙ

В данной статье автором подвергнуты изучению и рассмотрению особенности бархатных революций и причины, из-за которых они происходят. Это высокий уровень бюрократии, отсутствие цикла в управлении властью, не умение решать проблемы общества, все эти причины делают революцию актуальной, и разоблачаются обман и фальсификации во время выборов. Потому, что жесткие режимы правительств и отсутствие, каких либо изменений в политической жизни стран наблюдался во всех странах, где произошли бархатные революции. Вторая, это зависимость от других стран, то есть политическая или экономическая зависимость от боле сильных стран.



**Ключевые слова:** бархатные революции, особенности бархатных революций, выборы, политическая жизнь стран, жесткие режимы правительств.



### RESEARCH OF FEATURES OF THE VELVET REVOLUTIONS

In this article, the author subjected to the examination and consideration of the peculiarities of the velvet revolution and the reasons because of which they occur. This is a high level of bureaucracy, lack of a cycle in the management of power, not the ability to solve the problems of the society, all these reasons make the revolution relevant, and exposed the deceit and falsifications during the elections. Because hard modes governments and a lack of, any changes in the political life of the countries was observed in all the countries, where there was a velvet revolution. Second, this dependence on other countries, that is, political or economic dependence on the more powerful countries.



**Key words:** velvet revolution, especially velvet revolutions, elections, and political life of the countries, hard modes governments.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Муртазо Ашрофи*** – соискатель Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им.А.Рудаки АН РТ


## БАРРАСИИ РОБИТАИ ҲУВВИЯТИ МИЛЛӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР МОДЕРНИЗМИ ЭРОНӢ


***Зуҳро Ғарибиён***

**Пажӯҳишгоҳи фалсафа, ҳуқуқ ва сиёсатшиносии АИ ҶТ**


Баҳс аз масъалаи ҳуввият дар сатҳҳои гуногуни он дар ҷомеаи Эрон собиқаи тӯлонӣ дорад ва ба навъе метавон решаи онро дар андешаи равшанфикрон ва нависандагони асри Машрута ва баъд аз он ҷустуҷӯ кард. Бо ин ҳол ба назар мерасад, ки дар чанд соли охир мабҳасҳои марбут ба ҳуввият, бахусус баҳси ҳуввияти миллӣ таваҷҷуҳи андешамандони риштаҳои гуногуни илмҳои иҷтимоиро ба худ ҷалб кардааст. Интишори мудовими китобҳо, рисолаҳо ва мақолаҳои гуногун баргузории бархе нишастҳо ва ҳамоишҳо ва тадовуми пажӯҳиш ва баррасӣ дар ин замина далеле бар ин амр аст [1].

Аз тарафи дигар, тадовуми ин раванд нишондиҳандаи он аст, ки ниёз аз пешниҳоди посуххои муносиб ва ҷомеъ ба суолоти аслӣ дар боби ҳуввияти эронӣ

ҳанӯз вуҷуд дорад ва афзоиши сатҳи огоҳӣ дар миёни эрониён боиси афзоиши талоши онҳо дар ин замина шудааст. Бо мурочиат ба мабҳасҳои гуногуни пажӯҳишгарон дар ин замина метавон ба чанд иллати аввалия дар мавриди идомаи баҳс дар боби ҳуввият ишора кард:

Ҳуввият амри чанд поя аст, ки аз сатҳи фардӣ шурӯъ мешавад ва ба сатҳҳои гурӯҳӣ, миллӣ ва фаромиллӣ  мерасад. Ҳуввият амри собит ва бидуни тағйир ва дигаргунӣ нест, балки ҳамвора муаллифаҳои аслии он дучори тағйиру таҳаввул мешаванд. Ба ҳамин далел, ба назар мерасад, ки масъалаи ҳуввият барои ҳар насл ба таври хос матраҳ мешавад.

**Модернизм ва наҳаваи вуруди он ба Эрон.** Бо интишори садҳо китоб ва мақола ва вуқӯи ҷанҷолҳои фикрии бисёре дар бораи муаммои модернизм ва дар замоне ки мабҳасҳои бисёр дар бораи робитаи суннат ва модернизм, поёни модернизм ва посмодернизм анҷом шудааст, ба назар мерасад, ки ҳанӯз суҳбат аз модернизм ё таҷаддуд кори душворест. Бархе аз пажӯҳишгарон муътақиданд, ки ин вожаро ҳамвора бояд ба сурати ҷамъ ба кор бурд, то ин ки чанд маъно доштани он ба равшанӣ нишон дода шавад. Аз назари луғавӣ модернизмро рӯзомад будан, ба ҳангом будан ва бо замон ҳамроҳ шудан таъбир кардаанд. Аз назари таърихӣ, маъмулан онро зуҳури як давра дар таърихи Аврупо мешиносанд ва дар мавриди оғоз ё анҷоми он тавофуқи хосе вуҷуд надорад. Бисёре аз таърихнигорон ҳангоме ки аз рӯзгори модерн ёд мекунанд, фосилаи миёни давраи эҳё ва инқилоби Фаронсаро дар назар доранд. Аммо касоне ҳам ҳастанд, ки оғози санъатӣ шудани ҷомеаҳои аврупоӣ, пайдоиши ваҷҳи тавлиди сармоядорӣ ва таъмими тавлиди маҳсулотро оғозгоҳи модернизм медонанд. Аз тарафи дигар нависандагоне низ ҳадди ниҳоии модернизмро миёнаи саддаи XX ва ҳатто имрӯз мешиносанд [2].

Сарфи назар аз таърихи шурӯъ ва поёни модернизм дар мавриди дастовардҳо ва паёмадҳои модернизм низ дидгоҳи ҷомее мушоҳида намешавад.  Бо ин ҳол бисёре бар ин боваранд, ки модернизм, рӯзгори пирӯзии хиради инсонӣ бар боварҳои суннатӣ мебошад. Дар воқеъ модернизм боиси таҳаввулоти умда дар ҳавзаҳои мухталифи зиндагии инсон шудааст. Лизо, маъноҳо ва мисдоқҳои мухталифе дорад. Аз назари яке аз нависандагон чаҳор маънои аслии модернизм вуҷуд дорад:

1. Модернизми сиёсӣ, ки дар қолаби мафҳуми модерн аз демократӣ ва шаҳрвандӣ шакл мегирад.
2. Модернизми илмӣ ва технологӣ, ки натиҷаи он эҷоди илми ҷадид ва инқилоби санъатӣ аст.
3. Модернизми зебоишиносӣ, ки аз робитаи ҷадиди инсон бо зебоӣ ва мафҳуми ҷадиди завқ ва салиқа нашъат мегирад.
4. Модернизми фалсафӣ ба маънои огоҳии сюжети фардӣ аз табиат ва сарнавишти худ ва қарор додани ин сюжет ба манзалаи поя ва асоси тафаккур ва андеша аст [3].

Яке аз ҷомеаҳое, ки бар асари нуфузи модернизм дар он буҳрони ҳуввият эҷод шудааст ҷомеаи Эрон аст. Нуфузи модернизм дар Эрон коркардҳои табиӣ, таърихӣ ва мушаххасаҳои ҷиддӣ кард. Ин нуфуз аз тариқи абзорҳои технологӣ ва иқтисодияш шароити таърихии содаи кишварҳои назири Эронро ба шароити печида табдил кард ва робитаи моро бо гузаштаамон ба робитаи нороҳаткунанда кашондааст. Чаро ки Эрон падидаеро дар худ пазиро шуд, ки на дар наҳваи вурудаш аз берун ва на дар чигунагии ҷойгириаш дар дарун кӯчактарин дахолате надошт. Модернизм аз тариқи бедахолатии мо дар шаклгирии вазъияти навини кишварамон буҳроне дар ҳуввияти таърихии мо эҷод намуд, яъне эронӣ будан ва эронияти моро дучори масъала кард. Мо пеш аз тамос бо Ғарб ҳуввияти таърихии хоси худро доштем ва пас аз он ба ногузир чи бихоҳем ва чи нахоҳем ҳуввияти мо дучори тағйир шуд, мо на онем ва на ин, яъне на Эрон ба маънои пешин ва таърихии он ҳастем ва на ғарбӣ миёни ин ва он мондаем [4].

Аммо нуктаи муҳим ва қобили таваҷҷуҳ иллати идомаи буҳрони ҳуввият дар ҷомеаи Эрон аз ниҳояти адами бумӣ шудани арзишҳои модернизм аст [5].

Дар ин маврид яке аз омилҳои аслиро наҳваи ошноӣ ва вуруди арзишҳо ва бунёнҳои модернизм ба ҷомеаи Эрон донистаанд. Аз назари пажӯҳишгарон ба таври куллӣ эрониён дар даҳаҳои мунтаҳӣ ба инқилоб камтар ба тамобзи миёни модернизмӣ ва дастовардҳои он, яъне навсозӣ огоҳ буданд. Бинобар ин, тасаввур мекарданд, ки талош барои дастёбӣ ба шохисҳои зоҳирӣ ва айнии навсозӣ дар заминаҳои фаннӣ, илмӣ ва масоиле, ки бештар марбут ба илмҳои таҷрибӣ буд, метавонад, шикофи ҷомеаи Эронро бо тамаддуни ғарбӣ пур кунад. Ба ин тартиб

шоҳиди навсозии омиронаи давлатӣ дар Эрон бар асоси намунаҳои тақлидӣ аз Европа дар даврони Паҳлавии аввал ва дуюм буд [6].

Аммо, пас аз чандин даҳа тайи ин тариқ ва адами дастёбӣ ба натоиҷи муносиб пажӯҳишгарон бар мушаххасот миёни модернизм ва навсозӣ пай бурда, таъкид кардаанд, ки модернизм ё тааддуд равиши ҷадиде аз тафаккур ва нигариши тоза ба ҷаҳон аст, ки амри дарунзо ва аз системаи дарунии ҷомеа ва бо огоҳӣ аз пешрафти улум ва моҳияти фарҳангҳои дигар ҳосил мешавад [6]. Ба ҳар ҳол, ин раванд дар Эрон то ҳангоми пирӯзии инқилоб идома дошт. Бинобар ин, дарки дурусти таҳаввулоти густурда ибтидо ниёзманди навъи бедорӣ ва сипас фароҳам шудани шароити фарҳангӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии муносиб буд. Илова бар ин, яке аз мушкилоти асосии андешамандон ва равшанфикрон барои шинохт, муаррифӣ ва интиқоли арзишҳои модерн, масъалаи забон ва мафоҳими модернизм будааст, ки дар фарҳанги пешин вуҷуд надоштааст.

**Масъалаи интиқоли мафоҳими модерн.** Бе тардид яке аз роҳҳои асосӣ ва муҳим барои шинохт ва тавзеҳи таҳаввулоти модерн дар Аврупо ва дунёи Ғарб ба соири ҷомеаҳо баёни возеҳи мафоҳими навини муҳиме буд, ки дар ҷомеаи суннатӣ вуҷуд надоштанд ва ё бо маъноҳои мутафовите ба кор мерафтанд. Ба унвони намуна бархе пажӯҳишҳо дар ин маврид нишон медиҳанд, ки мусалмонон дар садаҳои 19 ва 29-и мелодӣ талош кардаанд мафоҳими сиёсии ҷадидеро барои баёни андешаҳои сиёсии модерн биёбанд. Ин мафоҳим, ки батадриҷ вориди забонҳои муҳими дунёи исломӣ, хусусан арабӣ, форсӣ ва туркӣ бисёр густурдааст. Шаҳрванд, ҳукумат ва тамоизи он бо давлат озодӣ, баробарӣ, маҷлис, машрута, тафкики қувваҳо ва даҳҳо вожаи дигар аз ҷумлаи мафоҳиме ҳастанд, ки умуман ба маънои имрӯзӣ дар андеша ва амали мусалмонон дар даврони пешмодерн вуҷуд надоштааст [7].

Таъйини дақиқи таърихчаи вуруди мафҳуми мардумсолорӣ дар навиштаҳои мухталифи равшанфикрони эронӣ, аз охири даврони Қоҷор ба баъд кори бисёр душворе аст. Зеро дар он давра тарҷума ва моделҳои гуногун аз ин мафоҳим роиҷ будааст. Пажӯҳишгарон муътақиданд, ки дар Эрон дар сад соли гузашта аз демократӣ тарҷумаҳои гуногуне кардаанд ва бардоштҳои мухталифе доштаанд, ки машҳуртарини он ҳукумати мардум бар мардум ва саҳеҳтарини он ҳукумати миллӣ аст [8].

Шояд тасаввур шавад ин вазъ дар давраҳои баъд ва бо исрори ҳукумати Паҳлавӣ беҳбуд ёфтааст. Аммо бархурдҳои истибдодии низоми Паҳлавӣ, саркӯби уламо ва рӯшанфикрони озодандеш тақлиди кӯркуронаи бисёре аз равшанфикрон аз идеологияҳои воридотӣ, назири сотсиолистӣ ва натсионалистӣ, ноошноии бисёре аз роҳбарони ҷараёнҳои фикрӣ-сиёсии ҷомеа бо забонҳои аврупоӣ ва масоили аз ин даст боис шуд, ки боз ҳам мушкили адами дарки дурусти мафоҳим идома ёбад. Дар маҷмӯъ ҳамвора дар ҳангоми муқоисаи татбиқии мафоҳими суннатӣ ва модерн маҳдудиятҳо ва тафовутҳои назарии ин ду маҷмӯа нодида нигошта, дар назар гирифта шуда, ин вазъ то ҳангоми инқилоб дар Эрон ва фароҳам шудани заминаҳои он идома дошт [9].

**Модернизми эронӣ.** Ба эътиқоди бисёре аз пажӯҳишгароне, ки дар солҳои охир дар бораи робитаи суннат ва модернизм дар Эрон мутолеа кардаанд заминаҳои дарки дурусти раванди модернизм ва талош барои умумӣ сохтани арзишҳои бунёдии модернитет дар Эрон аввалин бор пас аз инқилоб фароҳам шудааст. Аз назари ин пажӯҳишгарон дар даврони навсозии ҷомеаи Эрон дар чанд даҳаи охир шохисҳои иҷтимоии ҷавомеи модерн чун рушди шаҳрнишинӣ, афзоиши сатҳи савод, рушди табақаи мутавассит ва ғайра эҷод шуд. Ҳамчунин, бо истиқрори ниҳодҳо ироаи мафоҳими модерн чун мушорикат, интихоботи маҷлис, тафкики қувва ва ғайра аввалин бор таҷриба шуд. Аз тарафи дигар, мавҷи наве аз тарафи равшанфикрони эронӣ, ки бо поёни ҷанги сард барои аввалин бор раҳоӣ ёфтан аз таассубот ба рӯёрӯйӣ бо воқеиятҳо пардохтанд. Саранҷом насли кунунии равшанфикрон ва мардуми Эрон таҷрибаҳои бисёр гаронбаҳое аз даврони инқилоб, ҷанг, бозсозӣ ва фарозу нишебҳои онро дорад ва худ ин нишондиҳандаи он аст, ки барои аввалин бор заминаи нақди дурусти суннат ва модернитет дар Эрон бар эҷоди навъи модернизми бумӣ ё модерзизми эронӣ фароҳам шудааст.

Дар ин ҷо зимни баёни мушкилоти азиме, ки барои бумисозӣ ва созгории мафоҳим ва ниҳодҳои модерн вуҷуд дорад, бояд таваҷҷуҳ ёфт, ки дар дунёи Ғарб низ суннатҳо ва мафоҳими пешмодерн барои таквини таҳаввулоти умда дар дунёи модерн бозсозӣ шудаанд. Бинобар ин, дар сурати талоши ҷиддии андешамандон аз ин ҷиҳат мушкили умдае вуҷуд нахоҳад дошт.

Пажӯҳишгарон ва нависандагон дар баррасии мушкил ё буҳрони ҳуввияти миллӣ дар Эрони муосир ба ин натиҷа расидаанд, ки ба дунболи маҷмӯаи таҳаввулоти умдаи чанд садаи охир дар Аврупо ва дунёи Ғарб, ки аз он ба унвони модернитет ёд мешавад ҷомеаи Эрон бояд ба дунболи ёфтани дарки бумӣ аз мавзӯъ ба ҷойи радди комил ё тасмим дар баробари он бошад. Чаро ки дар ҳар ҳол модернизми ғарбӣ дар пайи таҳаввулоти сиёсӣ ва сохторӣ шакл гирифтааст. Барои ин кор таваҷҷуҳ ба роҳкориҳои зер зарурӣ аст:

1. Ироаи ҳар гуна намуна барои ҳуввияти миллии эронӣ, ки баргирифта аз ҷомеаи гузашта ва ҳоли Эрон аст.
2. Бумӣ сохтани мафоҳим ва ниҳодҳои модерн.
3. Эҷоди заминаи муносиб барои гуфтугӯ миёни равшанфикрон, нависандагон ва пажӯҳишгарони ҷомеаи эронӣ.

**АДАБИЁТ**


1. Ҳусайнии Муахар Саидмуҳсин ва дигарон. Китобшиносии ҳуввияти эронӣ. –Теҳрон: Маркази таҳқиқот, забон ва адабиёти форсӣ. Донишгоҳи тарбияти мударис. 1383. С.28,
2. Аҳмади Бобак. Модернизм ва андешаи интиқодин. –Теҳрон: Нашри марказ, 1377, с.8.
3. Ҷаҳонбаглу Ромин. Мавҷи чаҳорум. –Теҳрон: Нашри най. 1381. С.21,
4. Ҳудаштиён Ато. Модернизм, ҷаҳонишудан ва Эрон. –Теҳрон: Нашри чопахш. 1383. С.171-173.
5. Раҷоӣ Фарҳанг. Мушкилаи ҳуввияти эрониёни имрӯз. –Теҳрон: Нашри най, 1382. с.163.
6. Беҳном Ҷаҳонбахш. Эрониён ба андешаи таҷаддуд. –Теҳрон: Нашри фурӯзони рӯз, 1375. с.148.
7. Луиз Бернард. Забони сиёсии ислом. Тарҷумаи Ғуломризо Беҳрӯз Лак. –Қум: Нашри дафтари таблиғоти ҳавзаи илмӣ, 1378. с.172.
8. Кутузиён Муҳаммадалӣ Ҳумоюн. Истибдод, демократия ва наҳзати миллӣ. –Теҳрон: Нашри Марказ, с.1173.1372.
9. Ҷаҳонбахш Фурӯғ. Ислом, демократия ва нобаробарии диннӣ дар Эрон аз бозаргон то Сурӯш. Тарҷумаи Ҷалили Парвин. -Теҳрон, гоми 9, с.264-265, 1383.


**ИССЛЕДОВАНИЕ СВЯЗИ НАЦИОНАЛЬНОГО МЕНТАЛИТЕТА И ЕЕ РОЛЬ В ИРАНСКОМ МОДЕРНИЗМЕ**


Целью данного исследования является изучение истоков, сущности и этапов развития национального менталитета и такого направления общественно-политической мысли в Иране как религиозно-политический модернизм.



**Ключевые слова:** национальный менталитет, современная идеология, иранский модернизм.


**STUDY OF THE RELATION OF THE NATIONAL MENTALITY AND ITS ROLE IN THE IRANIAN MODERNISM**


The purpose of this research is the study of the origins, nature and stages of development of the national mentality and the directions of the social and political thought in Iran as a religious-political modernism.



**Key words:** national mentality, modern ideology, the Iranian modernism.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Зухро Гарибиён*** – соискатель Института философии, политологии и права АН РТ


## ДАР БОРАИ МАФҲУМИ АДОЛАТ


***Валии Аҳмади Бунакдор***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Мафҳуми адолат асоситарин мафҳум дар фалсафаи ахлоқ, сиёсат ва ҳуқуқ ба шумор меравад. Пурсишҳои гуногуне, ки дар бораи амалу рафтори шеваи дурусти зиндагӣ дар сатҳи фардиву, ҷамъӣ ва дурустии аъмоли афроди хусусиву умумӣ ҳамчунин дар бораи ҳуқуқу таклифҳои фард ва сиёсатҳои иқтисодиву иҷтимоии давлатҳо матраҳ мешавад, ки инҳо дар зери мафҳуми куллии адолат қарор мегиранд. Эҷоди таодул миёни хостҳо ва ҳадафҳои мухталифи зиндагии инсон, ба монанди шодӣ, рифоҳ, фазилат, маърифат ва низ маҳсули эҷоди таодул миёни хостҳои хусусиву умумӣ ва билохира, баҳрабардории баробар аз сарват ва шеваи тавозӯъ ҷузве аз баҳси адолат маҳсуб мешаванд.

Аз ҳамин масоили зикршуда паҳлӯҳои мухталифи адолат – паҳлӯҳои ахлоқӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқиии адолат ба миён омадаанд. Ахлоқ ба маънои ин, ки кори дуруст чист ва он бар пояи мафҳуми адолат асос меёбад. Дар фалсафаи сиёсат ормони ниҳоӣ давлати фозилаи матлуб аст. Дар фалсафаи ҳуқуқ низ ғояти асосии қазо таъмини адолат мебошад. Он вақте дар зеҳни одамӣ пайдо мешавад, ки пурсиш аз зистан ба беҳтарин шева дар андешаи ӯ зуҳур ёбад. Аз ин рӯ, таъйину табйини арзишҳо ва

равишҳое, ки низоми ҳуқуқӣ дар пайи таҳаққуқ бахшидан ба онҳост, метавонад дар конуни баҳси адолат қарор гиранд.

Дар таърихи тафаккур маъмулан ду марҳалаи ташаккули мафҳуми адолат – яке марҳалаи қаблазҷадид ё классикӣ (Суқрот, Афлотун, Арасту) ва дигаре марҳалаи ҷадид ё ҷадиди классикӣ ба мушоҳида мерасад. Даврони ҷадид аз оғози замони равшангарӣ то кунунро дар бар мегирад. Ба ду суннати аслии модерн Гоббс ва Кант мепардозад.

Вале бояд тазаккур дод, ки мафҳуми адолат ба ин ду бардошти куллӣ маҳдуд намешавад. Доир ба дидгоҳҳои мухталифи ахлоқӣ, динӣ, мазҳабӣ-илоҳӣ ва ҳамчунин бархе назарияҳои роиҷ дар қарни 19 ва 20 (сотсиализм ва сотсиал-демократия) ва ғ. низ вуҷуд дорад. Аз ин рӯ дар ин мақола дар ибтидо ва баррасии мафҳуми адолат аз дидгоҳи динӣ-илоҳии асримиёнагӣ хоҳем пардохт. Сипас дидгоҳҳои даврони ҷадид ё модернро ба таври хулоса арзёбӣ мекунем. Дар охир пас аз сайри таърихии мафҳуми адолат масоили фалсафии адолатро мухтасаран мавриди таваҷҷӯҳ қарор хоҳем дод.

Дар дидгохи инсонӣ ҳақиқати адолат таҳти унвони қонун зоҳир шудааст. Мафҳуми адолат бо ин унвон барои он матраҳ шудааст, ки адолат иборат аст аз рафтор мутобиқи қонун. Ин таъриф, ки ба назари мо ҷомеътарин таърифи адолат аст, метавонад шомили ҳамаи падидаҳову рафторҳои одилона бошад. Барои тавзеҳи ин таъриф бояд ҷилваҳои адолатро дар қаламрави гуногуни ҷаҳони ҳастӣ ва инсон ба назар биёварем. Адолат анвои гуногун дорад, ки яке аз онҳо адолати инсонӣ аст ва бо ирода ба вуҷуд меояд.

Намунаи дигари адолат адолат дар ҷаҳони ҳастист, ки яке аз усули маърифатӣ ва асосӣ (ки ҳеч мутафаккири ҷаҳондида ва ҳеч мукаттиби фалсафӣ, ки муттакӣ бар илм бошад, дар он надорад), ҳукумати қонун бар ҷаҳони ҳастӣ аст. Касе, ки дар ин асл бо дидаи инкор менигарад ё дар он тардиде мекунад, воқеан ё иртиботе бо ҷаҳон надорад, ки ғайри мумкин аст, ё маънои қонунро дарк намекунад, ё айнаки пешсохтае аз хурофот ба чашмаш зада, ё ғаразварзӣ мекунад ва ё ҳанӯз натавониста вуҷуди худро, ки ба қонун ниёзманд аст, эътироф кунад. Ӯ ҳатто вуҷуди худашро инкор мекунад ва  ё дар он дорад. Муҳимтарин тардид ё шак дар ҳукумати қонун бар ҷаҳони ҳастӣ ё инкори он мусовӣ аст бо тардид дар ҳамаи улум ё инкори онҳо.

Натиҷае, ки аз ин асл мегирем, ин аст, ки ҷаҳони ҳастӣ аз кучактарин ҷузъи он гирифта то бузургтарин ҷузъи он фарогирандаи қонун ва ҳатто ихтилофи андаке дар ҳаракот ва иртиботи ҷузъӣ бо дигар аҷзо надорад ва ин ҷаҳон ҷилвагоҳи адолати бузург аст ва ин аст маънои «ва таммат калимоту раббика сидқан ва адлан» (ва иродаи парвардигори ту бо сидқу адолат ба ҷараён афтодааст). Ин  адолатро метавон  «адолати вуҷудӣ» ё «адолати фалсафӣ» номид. Матлаби дигар, ки бояд дар поёни ин баҳс зикр шавад, ин аст, ки чун дар таърифи адолат рафтори мутобиқи қонунро интихоб кардем, лозим аст бидонем, ки машияту (иродаи худовандӣ) феъли худовандӣ болотар аз қонунҳоест, ки мо дар ин ҷаҳон дарк мекунем, ё аз маълумоту хостаҳои худ истихроҷ мекунем. Ба ибораи дақиқтар, адолати илоҳӣ рафтори мутобиқи қонунҳое нест, ки мо аз падидаҳову равобити ҷаҳони ҳастӣ бо маълумоту хостаҳои маҳдуди худ дарк мекунем. Адолати худовандӣ иборат аст аз рафтори мутобиқи ҳукумати муттаолии рабубии худ. Бо таваҷҷуҳ ба ин нуктаи муҳим ҳамаи мушкилот ва ибҳомоте, ки гурӯҳи зиёде аз мардумро дар бораи адолати худовандӣ дар худ ғӯтавар сохтааст, ба куллӣ рафъ хоҳар кард.

Ҳеч мутафаккир ва мактабе наметавонад зарурат ва имтиёзи адолатро бо он бузургие, ки Худованд дар Қуръон матраҳ кардааст, муаррифӣ ва тавсиф кунад. Масалан, ба яке аз ин мавридҳо ишора мекунем, ки дар мактабҳои дигар наметавон ҳатто ҷумлае пайдо кард, ки битавонад ба ин содагӣ зарурат ва имтиёзоти адолатро дар ҷаҳони ҳастӣ тавзеҳ кунад: «ва таммат калама раббак садақан ва адлан ло мабдал лакаламотаҳу» (Ва машияти (иродаи худовандӣ) парвардгори ту бо сидқу адл ба ҷараён афтодааст, ҳеч омили табдилкунандае барои машиятҳои ӯ вуҷуд надорад).

Агар дар замин фурӯ равед ва сипас аз он боло равед ва тамоми каҳкашонҳоро зери по бигзоред ва ҳатто рӯзе донаи кучактарин ҷузъи атомро бишкофед ва онро дар ҳоли иртибот бо маҷмӯи Каҳкашон баррасӣ кунед, он гоҳ умқи руҳи одамиро боз кунед ва ҳамаи сутӯҳи онро дарк намоед, боз ҳам қонунро дар ҳамаи нукоти ҳастӣ ҳукмфармо хоҳед дид. Қонуне, ки вазифаи иҷрои як назми олиро бар уҳда гирифтааст. Вазъ ва иҷрои он қонун бо машияти илоҳӣ буда, на аз рӯи эҳтиёҷ ва на аз рӯи ҷабру тарс.

Бинобар ин инсон дар қаламрави ҷаҳони ҳастӣ, ки таҷассумёфтае аз адолати илоҳӣ аст, дар баробари мафҳуми адолат чеҳраи тазоде ба худ мегирад ва дар ҳақиқат он чеҳраро барои исботи вуҷуд доштани худ гирифтааст.

Оёти мақсуд аз Қуръони маҷид бо сароҳати комил нобудии иҷтимоoти гузаштаро натиҷаи зулму ситам муаррифӣ мекунад, ки иборат аст аз коркард бар зидди адолат ё ба тафовут нисбат ба он ва баръакс, ҳеч эътило ва тамаддуни асилро дар таърихи башарӣ бидуни дар назар гирифтани омили адолат наметавон таҳлилу тафсир намуд. Зеро он созандаи шаъни зиндагии башар аст ва дар тамоми мавридҳои зиндагӣ адолат як амри бисёр зарурӣ аст, ки амал накардан ба он сабаби сарнагуниву ҳалоки одамӣ мешавад.

Қуръон ҳамчунин дар мавридҳои мухталиф инсонҳоро ба иҷрои адолат ва қиём барои адолат мехонад. Масалан, дар сураи «Наҳл», ояти 90 мефармояд: (Худованд дастур ба адлу эҳсон медиҳад). Ва ё дар ҷое дигар мефармояд: «Ё айюҳал лазина ому ну куну қавомина бил қисти шуҳадои илоҳи ва лав ало анфусакум авил волидина ал ақрибина ин якуна айнан ав фақиран фаллоҳу авла биҳимо алло татбаъул ҳава ан таъдилу…» (Эй касоне, ки имон овардаед, қиёмкунандагони доимӣ ба адолат бошед ва шаҳодатҳои шумо барои Худо адо шавад, агарчи ба зарари хештан ё падару модару хешовандон тамом шавад, бидуни тафовут миёни ниёзманду бениёз. Худованд бениёзӣ ва ниёзмандии он ду донотару шоистатар аст. Аз ҳавову ҳавас пайравӣ накунед то битавонед адолат биварзед).

Комилан равшан аст, ки манзур аз қиёми доимӣ ҳамаҷониба барои адолат баланд шудан ва нишастану ҳаракоти ҷисмонӣ нест. Ҳамчунин манзури Худованд аз қиём фарёду бедодӣ нест. Ҳар фарду ҷомеае, ки адолат меварзад, дар ҳоли қиём аст ва ҳар қиёми ҳақиқие, ки бо ҳадафгирии мантиқӣ барои густариши адолат бошад, дарвоқеъ ҳамон адолат ба маънии воқеӣ аст. Он фард ва ҷомеае, ки неруҳои муфиди худро дар роҳи шинохтани адолат ва чигунагии иҷрои он ба кор меандозад, қиём ба адолат кадааст.

Бояд таваҷҷуҳ дошт, ки фақат қиём барои адолат кофӣ нест ва бояд саъй шавад, ки адолатро пойдор нигаҳ дорем ва пойдории адолат низ муҳтоҷи иҷрои доимии адолат дар тамоми шаъни зиндагии башарӣ аст, ки ин падида бидуни кумаки ҳамаи ҷанбаҳои ҷавомеи башарӣ барои шиносонидани адолату лавозими иҷрои он ба мардуми он ҷомеа имконпазир нест. Мо дар остонаи асри бисту як аз он ҷиҳат ба андешаи сиёсии классикӣ ва баъд аз он баҳо медиҳем, ки аввалан решаи бисёре аз масоил ва мушкилоти мавҷуд, ба вижа дар фалсафаи сиёсӣ, ба он замон бармегардад. Ва ошноӣ бо сирри пешравӣ ва доманаи як баҳс бо худии худ метавонад моро ба ҳақоиқи ҷадиде ошно намояд.

Сонияи фаҳми назарияҳои ҷадид вобаста ба фаҳми саҳеҳи андешаи классикӣ аст. Ба ибораи дигар, барои фаҳми назарияҳои ҷадид чорае ҷуз дарку баррасии фалсафаи классикӣ надорем. Мутолиаи осори классикӣ ба фаҳми назарияҳои муосир ёрӣ медиҳад ва пажуҳишгар метавонад бо руҷӯъ ба фалсафаи классикӣ раҳнамудҳои ахлоқиву сиёсии фаровоне пайдо кунад. Ҳадаф аз мутолиаи осори классикӣ бозгашт ба ҳақиқати фалсафӣ ва суннати классикӣ нест, балки, ёфтани рагаҳои ҳақиқат дар фалсафаи классикӣ ва фалсафаи ҳозир аст. Ҷаҳонбиниҳо муддаии тамоми ҳақиқатанд. Амре, ки сиҳат надорад, аммо дар ҳар ҳол, ҳар ҷаҳонбинӣ гӯшае аз ҳақиқатро ба мо нишон медиҳад». Ба ҳар ҳол ба ин гузориш аст, ки мо ба шакли гузаро сирри тараққии мафҳуми адолатро ба унвони калидитарин мафоҳими фалсафаи сиёсӣ матраҳ менамоем.

Адолат аз дидгоҳи Афлотун истеъдодҳои ҳамгун, усул, муътақидоти ахлоқӣ, фазилати инсонӣ ва амали пайванди давлатҳост. Ӯ мегӯяд: «Қудрат ва маҳорат аз адолат нақши муҳимтареро ба уҳда доранд, вале он чи ҳаст, ин аст, ки бояд «ҳусн дар маҷмуъ»-ро дар назар гирифт. Адолат ҳукм мекунад файласуфон шоҳӣ кунанд ва ҳар табақае ба ҳукмронӣ набояд бирасад. Дар андешаи Афлотун адолат бо назми иҷтимоӣ рабти боварибахш дорад. Мардум бояд битавонанд ниҳодҳои иҷтимоиро таҳаввул бахшанд, ки зиндагии басомон ва хуб танзимшудаву сулҳи маданӣ ва дохилиро эҷод кунад.

Афлотун дар ибтидо адолатро амре фардӣ ё хусусӣ шарҳ медиҳад. Ӯ адолатро бо истифода аз иртиботи ҷомеа (пулис) ва фард таъриф мекунад ва дар ҳақиқат баҳсро ба анвои ҳукумат мекашонад. Адолати иҷтимоӣ аз дидгоҳи Афлотун ин аст, ки ҳар мақом вазифаҳояшро дар некшаҳр дар ҳамоҳангии комил бо дигарон анҷом диҳад. Аз ин ҷост, ки метавон дарёфт, ки адолат барои Афлотун ҳолати меҳварӣ дорад ва бо мафоҳиме ҳамчун ҳукумати хуб, фазилати хештандорӣ, хирад ва шуҷоат

дар иртибот аст. Ӯ ҳатто иртиботи ҳукуматҳоро таввасути асли адолат тавзеҳ медиҳад.

Адолат аз дидгоҳи Арасту ҳамонанди Афлотун амре фитриву ношӣ аз ҳиссе муштарак аст. Софистон гурӯҳи филсуф, ки дар қарни 5-уми пеш аз мелод ҳақоиқро мутағайир ва инсонро меъёр ва миқёси ҳама чиз медонистанд, зарурати вуҷуди адолат ва усули ахлоқиро инкор намекарданд, балки қабул доштанд ҷилави башар бошад. Арасту адолати тавзеъиро дар баробари адолати табодулӣ матраҳ кард. Дар адолати табодулӣ баробарии мутлақи риёзӣ ҳоким аст, ба шакле, ки имкони мубодилаи ҳар як аз тарафайн бошад. Дар адолати тавзеъӣ (Justice Distributive) фарзи аввалия адами баробарии инсонҳо дар масоили иҷтимоӣ ва истеъдодҳост. Аз ин ҷост, ки метавон пай бурд, милоки аслӣ дар адолат шоистагӣ аст ва бино бар ин адами баробарӣ амре бадеҳӣ ва мусаллам менамояд. Адолати тавзеъӣ ба мафҳуми камёбе (Scarcity) марбут аст. Аз он ҷо, ки манобеъ дар ҳар заминае маҳдуданд ва ҳар кас бар ҳасби истеъдодҳои худ шоистагӣ дорад, бояд адами баробариро бипазирем. Хайри сиёсӣ назди Арасту ба унвони камол ва омузаи илали чаҳоргона матраҳ аст. Меҳвари андешаи ӯ ҳам мисли Афлотун давлатшаҳр аст. Низоми ҷумҳурӣ аз дидгоҳи ӯ беҳтарин навъи назмро танзим мекунад. Арасту бар асоси фарзияи табақаи худ мегӯяд: «Чун инсонҳо баробар халқ нашудаанд, ҳар кас дар табақаи хосе қарор мегирад». Ӯ ҳамонанди Афлотун ба бардадории хонаводагӣ эътиқод дошт. Ба таври куллӣ метавон гуфт, ки тафаккуроти лотинӣ ба шиддат аз Арасту мутаассир буданд.

Дар асрҳои миёна қонун як мавлуди осмонӣ ва дар ҳама ҷо ҳозир буд. Шоҳ чун бар тибқи қонун ҳукумат мекард, маҳкум ба ҳукми қонун буд. Ривоҷи фарзияи мавсум ба «ойини ду шамшер» дар қарни чаҳорум боло гирифт. Баҳси қарни ёздаҳум ва тафаккуроти яке аз олимони пурнуфузи колисо дар садаи чорум ва панҷуми мелодӣ ба номи Августин истиқлоли калисоро натиҷа дод. Ин фикр, ки қудрати сиёсӣ ношӣ аз қудрати рӯҳонӣ аст, соли 1123 мелодӣ авҷ гирифт. Се асли мавриди назари католикҳо дар ин давра чунин аст: 1. Ҳар қудрате ношӣ аз Худост. 2. Байни ҳақ, Худо ва қайсар бояд фарқ гузошт. 3. Табаият аз фармонравоён воҷиб аст. Августин бо шарҳи ин се асл ва баёни вазоифи шарҳи Худо дар дунё, сулҳ ва адолатро натиҷа мегирад. Ӯ воқеъгаро буд ва беадолатиро гурезнопазир медонист. Натиҷаи чунин сухан нисбияти адолат ва ифрот дар воқеъгароӣ буд. Вай адолатро ба мутобиқат бо назм тафсир мекард ва эътиқод дошт, ки дар шаҳрдунё наметавон дастурамале хос содир кард.

Августин низоми матлуби инҷаҳониро то ҳадди як назми маҳдуди фоидагароён оварда мерасонад. Ин низом ба рӯҳу маънавиёт коре надорад. Чунин ба назар мерасад, ки Августин фарзро бар бедодгарии фоҳиши фармонравоён ниҳода ва бар он аст, ки аз ин қудрат дар роҳи баҳракашӣ истифода мешавад.

Акуннес (1235-1274), ки як муслиҳ ва татбиқгари фалсафа, дин ва афкори Арасту ва масеҳият буд давлатро монанди ҷомеа амре табиӣ медонад. Давлат коргузори фазилати ахлоқӣ ба мафҳуми арастуӣ аст ва мафҳуми бунёдини ақл амали хайру хубӣ аст. Рагаҳои воқеъбинӣ ва фоидагирӣ дар кашфи мафҳуми адолат дар андешаи Аквенос мушоҳида мешавад. Ба қавли ӯ муҳим нест, ки қонун чи қадар хуб аст. Муҳим он аст, ки чӣ қадар шонси иҷро шудан дорад. Беҳтарин навъи ҳукуматро Худо мушаххас кардааст: низоми салтанатӣ, ки мардум дар он мушорикат мекунанд (подшоҳии машрута). Ба таври куллӣ метавон гуфт, ки адолат дар асрҳои миёна бо қонуни табиӣ ва ҳатто илоҳӣ шарҳ мешуд.

Дар давраи ренесанс дар байни қарни понздаҳум, ки қудрати мутлақои поп шиддат гирифт ва ихтилофоти ашрофону порлумону калисо зиёд шуд, салотин ҳадди аксар истифодаро барои тақвияти фарзияи давлати миллӣ карданд. Таҳаввулоти ахир, яъне рушди буржуазия ва заволи феодализм ва исботи натсионализм дар андешаи Макявелли филсуфи машҳури давраи таҷдиди классик, ки бар ин ақида буд, ки барои расидан ба ҳадаф бояд аз ҳар василае, ки инсонро ба мақсуд мерасонад, ҳатто сифоти пасту бад истифода кард, дар ин даврон зуҳур шуд. Фарзияи авали ӯ худхоҳии инсон аст. Ӯ истибдодро барои ташкили ҳукумат ваислоҳот зарурӣ медонад. Таърих аз назари ӯ даврест, вале инсонҳои қавӣ бар «шонси» пирӯзшуда муваққатан он даврро мешикананд. Ӯ хайршаҳри заминиро қудрат, шукӯҳ ва рифоҳи моддӣ медонист ва агар аз «фазилат» сухан мегуфт, ҷуз ин дар назар надошт.

Адолат дар андешаи Макявеллӣ бо фазилат ба маънои қудрати сиёсӣ пайванд хӯрдааст. Назди Макявелли ахлоқ аз сиёсат ҷудо мешавад ва навъе нисбият дар таърифи адолат ба вуҷуд меояд. Адолат дорои усули мушаххасе дар олами воқеъӣ нест, балки масолеҳу фазилат кайфияти онро мушаххас мекунад. Сахӣ ва амин ва

мазҳабӣ будани шаҳриёр аҳамият надорад, фақат бояд ӯ худро дорои чунин сифоте вонамуд кунад. Макявелли файласуфи сиёсӣ набуд, вале таъсири басазо дар дигар мутафаккирони сиёсӣ ва илми сиёсат дошт.

Аз мушаххасоти аввали асри 17 милодӣ озод шудан аз фалсафаи сиёсии дингароӣ буд. Дар ин даврон илм ба шакли ом ва сиёсат ба шакли хос пешрафт кард. Гроссиюс бо нигориши «Ҳуқуқи ҷангу сулҳ» муддаӣ шуд, ки ҳуқуқи фардӣ бар асоси ҳуқуқи табиӣ аст, вале чун инсон мехоҳад иҷтимоӣ зиндагӣ кунад, ин ҳуқуқ маҳдуд мешавад. Ҳуқуқи байналмилал ба таври куллӣ бояд аз теология дур шавад. Бад-ин тартиб аст, ки шароит барои матраҳ шудани назарияи қарордоди иҷтимоӣ омода мешавад. Адолат дар ин назария то ҳадди мумкин заминиву мардумӣ мегардад.

Ҳобз бо аҳли калисо амалан даргир шуд ва натиҷаи қарордоди иҷтимоии ӯ немулибризм дар Англия, фардият (ва демократияи ғарбӣ) ва ҷонишин шудани қудрати ҳақиқӣ ба ҷойи қудрати илоҳӣ ва ахлоқиву табииву мазҳабӣ буд. Бо Томос Ҳобз мафҳуми меҳварии фалсафаи сиёсӣ аз «фазилат» ба «озодӣ» мунтақил шуд ва то кунун ба ҳамин минвол боқӣ мондааст. Ҳобз адами мувофиқат дар мавриди «хабар» ва «фазилат»-ро решаи ҷангҳои даврони худ медонист. Ба ҳар ҳол адолат дар ин даврон тафсири мардумиву заминӣ дорад ва ба ҳеч ваҷҳ дар асоси ҳуқуқи илоҳӣ ва табииву мазҳабӣ нест. Аз дидгоҳи Ҳобз адолат иборат аст аз иҷрои аҳдҳое, ки фард аз рӯйи нафъталабӣ ба иҷрои онҳо ризоят додааст. Ҳайм ҳам адолатро дар таъмини манофеи муқобил медид.

Кант баҳси адолатро бо истидлоли қавитаре матраҳ мекунад. Инсони Кант мутеи қонун ва ҳаққи мутлақ аст ва наметавонад муъмин набошад. Чунин инсоне, ки мӯътақид ба зиндагӣ бо дигарон бар асоси эҳтиром аст, қавонинро дар мавриди хеш низ иҷро мекунад. Асли қотеона ва омиронаи Кант он аст, ки чизеро писандида бидонам, ки ҳар кас ба ҷойи ман буд, ба ин натиҷа мерасид. Кант усули ахлоқиро мавзӯи интихоби ақлӣ медонад ва мегӯяд, ки қонун ва қувваи ҳукумати қонунгузор чизе ҷуз усули ахлоқӣ нест. Дар ҷомеа усули ахлоқӣ бояд мавриди тавофуқи ҳамагон қарор гирад. Асли баробариву озодӣ низ бояд мадди назари ҳамагон бошад ё дасти кам аз ҷониби он муҳтарам арзёбӣ шавад. Адолати Кант мафҳумест, ки инсон ба унвони мавҷуде ақлонӣ ба он мерасад ва ҷанбаи илоҳиву осмонӣ надорад.

Муҳимтарин масолеҳ дар баҳси ҳозир иртиботи озодиву баробарӣ аст. Дар низомҳое либералистӣ ва капиталистӣ баробарӣ таҳти шиори озодӣ қарор мегирад, дар ҳоле ки дар сотсиализм ва марксизм баробарӣ бар озодӣ бартарият дорад.

Инсони марксист мавҷуде навъӣ аст. Ин тафаккур бо андешаи Афлотун созгор ва бо «усули фардият»-и даврони мудерния носозгор аст. Дар ин қолаб аст, ки озодӣ дар андешаи марксизм аз озодии мудерния фосила мегирад. Инсон ба унвони мавҷуде озод ва куллии тавлидкунандае халлоқ ва офаринишгар аст, ки ба сурате ҳамоҳанг аз тариқи кори халлоқона ва озод бо табиат ва соири ҳамнавъон ва бо худаш ягона мешавад ва зиндагии тавлидкунанда зиндагии анвоъ аст. Инсони ғанӣ дар ин тафаккур воҳиди инсонӣ аст. Нафй, яъне гузор аз моликияти ҷамоатӣ ва иштироке ба сӯйи шакли ҷадиди созмони иҷтимоӣ иштирок дар фаровонӣ аст. Вале, чаро Маркс бо тақсими сарват ба шакли кишварҳои сармоядорӣ мухолиф аст? Ӯ дар қолаби танз ҷавоби ин суолро медиҳад: «Пул метавонад асароти зиштеро аз байн бибарад ва ман зеботарин занонро барои худ метавонам бихарам. Ман шахсан ланг ҳастам, вале бо пул метавонам 24 по барои худ бихарам. Пас ман ланг нестам! Ман бад, нонаҷиб, ғайри қобили эътимод ва кавдан ҳастам, аммо пул шарофат дорад ва ба соҳиби худ низ шарофату наҷобат мебахшад. Бо ин ҳисоб оё пул тамоми нуктаҳои заъфи маро табдил ба акси онҳо намекунад?».

Пас адолат назди марксистҳо бо тавзеъи сарват, нафйи моликият, таҳтушшиор қарор гирифтани асолати кулгароӣ марбут аст. Агар сотсиализмро бихоҳем ба маънои ом ба кор бибарем, метавон тамоюлоти тавзеи одилонаи сарватро ҳифз ва нафйи моликият ба шакли мутлақро ҳазф кард.

Бар асоси сотсиализми илмӣ адолат мавҳуме муҷаррад нест ва дар қонун, табиат ва ҷомеа вуҷуд дорад. Адолати сотсиалистӣ дар баробари адолати тавзеӣ қарор мегирад, ки аз замони Арасту ба баъд матраҳ будааст. Фарзи аввалия дар адолати тавзеӣ адами баробарии истеъдодҳо ва шоистагиҳост. Натиҷаи чунин фарз қабули адами баробарӣ дар тавзеъ мебошад.

Сотсиал-демократия бар он аст, ки таззоди озодӣ ва баробариро аз роҳи ҷамъоварии сармоядорӣ ва сотсиализм ҳал кунад. Ба ҳамин ҷиҳат ба демократия дар куллияи заминаҳо таъкид дорад ва дар айни ҳол абзорҳоеро барои тавзеи одилонаи даромадҳо, ҳамонанди вазъи молиёт бар даромад ва таъмини ҳадди ақали маишат

барои мардум дар назар мегирад. Дар воқеъ сотсиализм дар ин мактаби марбут ба иқтисодиёт ва демократия марбут ба сиёсат мешавад. Сотсиал-демократия дар кишварҳои Скандинавия дар доираи мафҳуми хосе мавриди қабул қарор гирифтааст. Шветсия бо доро будани низоми сотсиалистӣ ба авҷи сармоядорӣ раъй додааст». Ин гароишҳо дар аҳзоби сотсиал-демократии кишварҳои ғарбӣ низ дида мешаванд.

Сотсиал-демократия навъи ислоҳот дар марксизм аст ва намудҳое аз андешаҳои демократиро низ дар бар дорад. Молиёти марбут ба тиҷорат ва санъат метавонад зомине барои адолат шарҳ шавад. Давлати осоишта мумкин аст тавзеҳи муҷаддадро ба ҳамроҳ оварад, вале зомини таъмини барбарӣ нест. Иқтисоди кишварҳои Скандинавӣ омехтае аст аз капитализму иқтисоди миллӣ. Албатта, ғалаба бо асл баробариву тавзеи сарват аст.»

1.Вожаи «назарияи адолат» ҳамчун вожаҳои «назарияи иҷтимоӣ» ё «назарияи сиёсӣ» нофаҳмо, норасо ва ноқис аст. Ба ин маъно, ки назарияи воҳиде ба номи назарияи сиёсӣ ва ё иҷтимоӣ вуҷуд надорад, пас назарияи адолат низ мафҳуми муҷаррад аст. Ҳатто дар ҳавзаи як идеологияи сиёсӣ низ ин вожа тафсирбардор нест ва дарвоқеъ, мо чандин назарияи либералистӣ ва ё сотсиалистӣ хоҳем дошт. Далели он ҳам равшан аст: на танҳо ҳавзаи сиёсат ва иҷтимоъ, ки ба тариқи аввалӣ ҳавзаи адолат низ дар маънои оми он ба шиддат мавриди низоъу кашокаш қарор мегирад.

Шарҳҳои гуногуне аз адолат вуҷуд дорад чаро, ки ҳар як аз назарияҳои адолат лоақал бар асоси се дидгоҳи назарианд: 1) назарияе дар боби инсон; 2) фалсафаи сиёсӣ; 3) Фалсафаи ахлоқ (ки ҳамвора душвориҳое барои ҷудосозии маънои ҷамъии он аз фалсафаи сиёсӣ вуҷуд доштааст).

2. Назарияе дар бораи инсон ё «инсони фалсафӣ» донишест, ки ба ҳақиқати инсон ва пурсишҳои фалсафӣ аз худи ӯ посух меҷӯяд. Инсоншиносии фалсафӣ лузуман дониши динӣ нест. Ва мумкин аст асоси он назарияе материалистӣ ва табиатгароёна дар боби вуҷуд ва алоқаҳои инсонӣ бошад. Модоме, ки як мутафаккир назарияе дар боби инсон надошта бошад, ҳеҷ ҳукми мутлақе дар бораи инсон наметавонад содир кунад. Метавон ин маъноро бо зикри мисоле рушантар кард. Барои Афлотун инсон мавҷудест дорои се қувва ва мушаххасаи аслӣ: 1) қувваи оқила; 2) майлҳо; 3) хашму ғазаб. Назарияи адолати Афлотун дар тӯли чунин тасаввуре аз инсон қарор дорад ва бад-ин тартиб аз назари ӯ инсоне одил аст, ки ду ҷузъи аввал ва севвуми нафси ӯ, яъне ақлу ғазаб ба вазифаи худ амал кунанд: хукмрони ақл нафс ва мададгору мутеи ӯ қуввaи ғазабияаст. Ин ду қувва бо ёрии ҳам бар майлҳо ҳукумат мекунанд, то он қувва неруманд нагардад.

3. Аммо нафси фалсафаи сиёсӣ дар як назарияи адолат чист? Таърифҳои мухталифе аз фалсафаи сиёсӣ вуҷуд дорад. Иддае онро ҷустуҷӯи беҳтарин навъи ҳукумат донистаанд. Бархе онро талош барои ҷойгузин кардани маърифат ба умури сиёсӣ ба ҷойи гумон дар бораи онҳо ва ниҳоятан, бархе дигар низ тамоми коркарди ин мафҳум дар дунёи муосирро тафсири демократия донистаанд. Таърифҳои аввал ва саввум ба навъе бо ҳам марбут ҳастанд, чаро, ки «демократия» дар баҳси муосири фалсафаи сиёсӣ ба гунае зимнӣ, ба унвони бартарин навъи ҳукумат шарҳ мешавад ва ба ин маъно боз ҳам нависандагон дар пайи басти ҳудуд ва масоили беҳтарин навъи ҳукумат ҳастанд.

Мо дар таърифи назарияи адолат ҳамон таърифи аввал ва классикии фалсафаи сиёсиро мадди назар қарор медиҳем. Ба ин тартиб рушан аст, ки назарияи адолат рабте бо беҳтарин навъи ҳукумат хоҳад дошт. Ҳукумате бартар аст, ки тавони басти адолати иҷтимоиро дошта бошад. Дар ин ҷо аз вожаи «ҳукумати иҷтимоӣ» истифода кардем ва маънои мавриди назари мо ҳар гуна адолати «ғайрифардӣ» ё ба баёни дигар марбут ба ҷомеа аст. Шояд мисоли дигаре робитаи назарияи адолатро бо фалсафаи сиёсӣ рушантар созад.

Ибни Халдун филсуф, муаррих, назарияпардози сиёсӣ ва иҷтимоӣ қарнҳои мутаахир (656-1288,1111-1700) қоил ба ду навъ низоми сиёсӣ аст: сиёсати ақливу сиёсати шаръӣ. Дар навъи аввал қавонин аз ҷониби «хирадмандону бузургони басир» ва дар навъи дувум аз сӯйи Худованд ва ба воситаи «шореъ» (муайянкунандаи аҳкоми шариат) бар мардум воҷиб мегардад. Ҳамчунин аз назари ӯ навъи дувуми ҳукумат аст, ки дар «дунёву охират барои мардум судманд хоҳад буд».

Аммо дар инсоншиносии Ибни Халдун инсон мавҷуде аст, ки пас аз марг низ ба ҳаёти дигаре идома хоҳад дод. Аз тарафи дигар, мақсуди шореъ «салоҳу растагории охирати мардум» аст ва аз ин руст, ки одилтарин ҳукумат (ва ба баёни дигар хилофат) ҳукуматест, ки илова бар масолеҳи инҷаҳонӣ муроқибат бар саодати ухравии мардумро низ дошта бошад.

4. То ин ҷо бояд аҳамияти як назарияи ахлоқӣ низ рушан шуда бошад. Фалсафаи ахлоқ нозир ба мафҳумҳое чун «хайр», «шарр», «масъулият» ва ба таври кулӣ довари арзишии фаъолияти инсонӣ аст. Бад-ин сон як фалсафаи ахлоқӣ таъйин мекунад, ки фалон феъл маҷоз, воҷиб ва ё ҳаром аст. Аммо чи рабте байни як назарияи адолат ва назарияи ахлоқӣ вуҷуд хоҳад дошт?

Шояд назарияи адолати Ҷон Ролз, ки дар асри ҳозир фалсафаи сиёсии либералиро дигаргун сохт ва ба чандин ҳазор таҳқиқ ва пажӯҳиши ҷадид доман зад, мисоли муносибе барои дарки асоси ахлоқии як назарияи адолат бошад. Аз назари Ролз назарияи адолат назарияест дар боби тамоюлоти ахлоқӣ, ки усули ҳоким бар неруҳои ахлоқии мо, ё ба баёни вижатар ҳисси адолати моро танзим мекунад. Назарияи адолате, ки Ролз дар нахустназарияе дар боби адолат арза мекунад, бар асоси ду асл: озодӣ ва тафовут аст: 1. Ҳар кас бояд ҳуқуқи баробаре дар нисбати густурдатарин низоми ҷомеи озодиҳои асосӣ дошта бошад, ки бо низоми мушобеҳи озодии дигарон созгор бошад. 2. Нобаробариҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ бояд ба гунае сомондиҳӣ шавад, ки : а) бештарин манфиатро барои маҳрумтаринҳо дошта бошад; б) ба муносиб ва машоғиле мутассил бошад, ки дар шароити боинсофона баробарии фурсатҳо ба рӯйи ҳама кушода бошад». Бидуни ин ки қасди тавзеҳи мафҳумҳои Ролзро дошта бошем, ишора мекунем, ки авло аз назари ӯ озодиҳои бардурӯғ нестанд ва амалан асли аввал муқаддам бар асли дувум аст. Ба ин тартиб, рушан аст, ки Ролз инкори озодиҳои асосиро ғайриахлоқиву инкори озодиҳои ғайри асосиро модоме, ки гузораҳои **а** ва **б** таъмин шаванд, ахлоқӣ медонад.

Ӯ ҳамчунин мегӯяд: «Метавон назарияи адолате пешниҳод кард, ки сирфан сиёсӣ бошад, бе он ки бар доктринаи ҷомеи фалсафӣ ва ахлоқии хосе такя кунад». Ба эътиқоди ӯ шарҳи сиёсиаш аз адолату усули он дорои сутун ва пояи фалсафии хос нест. Ба гумони вай метавон чорчубе барои ҳамкории иҷтимоӣ ва адолат сохт, ки ҳамаи соҳибони доктринаҳои ҷомеи ахлоқӣ-мазҳабӣ ва фалсафии маъқул он чорчӯб ва усули одилонаро бипазиранд ва асоси сохтори иҷтимоии ҷомеа қарор диҳанд. Ин чорчӯб ба василаи усули адолате, ки манофеи назарияи ҷомеи фалсафӣ ё ахлоқии хос нест, сохта шудааст, ки ӯ онро либерализми сиёсӣ мехонад. Бар асоси ин шарҳи сиёсӣ аз адолат ҷомеаи матлуби либералӣ ба плюреализму такассургароии ахлоқӣ, мазҳабӣ ва фалсафӣ имкон медиҳад ва коре мекунад, ки ҳамагон ба матлубияти ин чорчӯби одилонаи беасос бар доктринаи ҷомеи хос фатво диҳанд, зеро усули адолати сиёсӣ қасди посухдиҳӣ ба пурсишҳои ахлоқӣ ва фалсафии хосеро надорад ва ин посухҳоро ба доктринаҳои ҷомеи ахлоқӣ ва фалсафӣ вогузор мекунад. Пас рақибе дар арзи онҳо нест, то ба пазириши ӯ ҳассосият нишон диҳад. Ин иддаои Ролз бисёр муноқишабарангез аст ва бисёре бар онанд, ки асосан наметавон назарияе аз адолат ироа кард, ки зидди пояи фалсафӣ ва арзиши хосе бошад ва вай бо бархӯрдҳои ҷиддӣ мевоҷеҳ аст. Назарияҳои мухталифе, ки дар бораи адолат баён шуд, бояд мушаххас кунад, ки бар чӣ пояҳои истидлолӣ такя задааст ва чаро мо бояд ба усули адолати пешниҳодшуда пойбанд ва мултазим бошем ва онро асоси сохтори ҷомеаи хеш қарор диҳем?

Ба таври кулӣ аз дидгоҳи Суқрот мабонии ахлоқӣ ва адолат бар асоси табиат устувор буд ва маънии хайр ва фазилат аз мазҳаб мустақил ва дар табиат нуҳуфта буд. Аз дидгоҳи Афлотун адолат бо назми иҷтимоӣ иртибот дорад. Арасту адолатро амри фитрӣ ва ношӣ аз ҳисси муштарак медонад. Адолати илоҳӣ дар ҷаҳони ҳастӣ, яъне рафтор мутобиқи ҳикмати мутаолии худовандӣ ва Қуръони маҷид адолатро як амри зарурӣ, ки амал накардан ба он муҷиби сарнагунӣ ва ҳалокти одамӣ мешавад, медонад. Адолат дар асри миёна бар пояи воқеъбинӣ ва фоидагароӣ дар кашфи мафҳуми адолат ва истифода аз қудрат буд. Давраи ренессанс дорои асли мушаххас нест ва масолеҳ ва фазилат кайфияти онро мушаххас карда ва пайванди хос бо фазилат ба маънои қудрати сиёсӣ дошт. Дар асри рушангарӣ адолати осмонӣ заминӣ шуд ва дингароӣ ҷояшро ба андешаи либералӣ дод. Сотсиал-демкратия иҷрои адолатро дар таркиби сармоядорӣ ва сотсиализм медонад, ки сотсиализм марбут ба иқтисод ва демократия марбут ба сиёсат мебошад. Аз дидгоҳи сотсиализм адолат бо тавзеи сарват, нафйи моликият, озодӣ ва асолати кулгароӣ робита дорад. Дар ниҳоят асоси фалсафии назарияи адолат атрофи се меҳвар мебошад: 1) боби инсонӣ, яъне донише, ки ба ҳақиқати инсонӣ ва пурсишҳои фалсафии вуҷуди ӯ посухгӯ аст. 2) дар фалсафаи сиёсӣ суҳбати адолат аз интихоби бартарин навъи ҳукумат мебошад. 3) Дар фалсафаи ахлоқ усули ҳоким ба неруҳои ахлоқӣ адолатро танзим мекунад.

Ковиш дар мазмуни назарияҳои гуногуни адолат аз ин воқеият парда бармедорад, ки ҳар як аз ин назарияҳо бар унсуре хос ба сурати поя ва асоси усули

адолати хеш пой фишурдаанд, ки ба меъёрҳои поя ва арзиши бунёдӣ ва ниҳоӣ таъбир мешаванд. Бо ин ҳама метавон гуфт, ки адолат арзиши ниҳоӣ ва ягона меъёри санҷиши сохтори иҷтимоии матлуб аст.

Он чи гуфта шуд, ҳамаи масоили адолатро дар бар намегирад ва масоил ва меҳварҳои фаровоне ногуфта боқӣ мемонад. Бо вуҷуди ин, интизор меравад ин миқдор аз баҳс то ҳудуди симои бархӯрд чолишҳои аслии ҳавзаи адолатпажӯҳиро равшан карда бошад.

### АДАБИЁТ


1. Баширия Ҳусейн. Ақл дар сиёсат. Теҳрон. Нигоҳи муосир, 1382.
2. Мутаҳаррӣ Муртазо. Ҷомеа ва таърих. Маҷмӯаи шашгонаи «Ҷаҳонбинии исломӣ». 1352
3. Шариатӣ Алӣ. Уммати имомат. Теҳрон. Қалам, 1358.
4. Августин. Қарни 6 мелодӣ. Бунёнгузори фалсафаи сиёсии масеҳӣ дар китоби « Шаҳри Худо», 1355
5. Арасту. Сиёсат. Тарҷумаи Ҳамиди Иноят. Чопи дувум. Теҳрон. Ширкати саҳомии Китобҳои ҷайбӣ, 1349.
6. Афлотун. Ҷумҳурӣ. Тарҷумаи Маҳмадҳасани Лутфӣ. Ҷилди чоруми осори Афлотун. Теҳрон. Ширкати саҳҳомии «Интишороти Хоразмӣ», 1357.
7. Иноят Ҳамид. Бунёди фалсафаи сиёсӣ дар Ғарб. Аз Героклид то Ҳобз. Теҳрон. Ширкати «Фарманд», 1349
8. Дрант Вил. Таърихи фалсафа. Тарҷумаи Аббоси Заоёб. Чопи ёздаҳум. Теҳрон. Ширкати «Интишороти илмӣ ва фарҳангӣ», 1373.


### О ПОНЯТИИ СПРАВЕДЛИВОСТЬ


Справедливость – это категория морально-правового и социально-политического сознания, связанное с исторически меняющимися представлениями о неотъемлемых правах человека. С ее помощью осуществляется распределение и перераспределение всевозможных социальных ценностей в соответствии с выбранными критериями. Их несоблюдение рассматривается как несправедливость. Проблема справедливости как социально-экономического и нравственного явления продолжает оставаться открытой для дискуссий. В данной статье автором рассмотрены различные точки зрения ученых о понятии справедливость.



**Ключевые слова:** справедливость, понятие справедливости, права человека, сознание, проблема справедливости.


### ABOUT THE CONCEPT OF JUSTICE


Justice - this is a category of moral-legal and socio-political consciousness due to the historically changing notions of inalienable human rights. With its help are the distribution and redistribution of all kinds of social values in accordance with selected criteria. Failure to do so is regarded as an injustice. The problem of justice as a socio-economic and moral phenomenon continues to remain open to discussions. In this article the author considers different points of view of scientists on the concept of justice.



**Key words:** justice, equity, human rights, the consciousness, the problem of justice,



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Вали Ахмад Бунакдор*** – соискатель ТНУ


## ТАЪСИРИ ТЕЛЕВИЗИОН ДАР КАҶРАФТОРИИ ИҶТИМОИИ КӮДАКОН ВА НАВҶАВОНОН


***Аҳмадалии Боқирӣ***
**Пажӯҳишгоҳи фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АИ ҶТ**


Телевизион марзҳои сиёсӣ ва фарҳангии байни кишварҳоро барои бинандагон аз байн бурдааст. Ошноӣ бо миллатҳою ақидаҳо, шеваҳои зиндагӣ ва фарҳангҳои мухталифро бо ҳазинаи бисёр кам бар муддати кӯтоҳ баррасӣ мекунад. Агар барномаҳои телевизион бидуни ҷанбаҳои манфӣ ва ғаразнок бошад ва аз талқинҳои зиёновар дур бошад, дар омӯзишу парвариши наврасон муассир хоҳад буд. Вале гоҳе тақлид аз филмҳо ҳамзистӣ ва ҳамоҳангии навҷавонону ҷавононро бо бузургсолон душвор намуда, таҳти таъсири афкори талқиншуда ба василаи филмҳо каҷравиҳои иҷтимоиро дар байни наврасон ба вуҷуд меоварад.

Аксари ҷавонон пас аз тамошои филҳмои ишқӣ, шаҳватангез ва таҳриккунанда вобастаи эҳсосот ва ҳаяҷонот мегарданд. Чун ба таври табиӣ қонеъ намешаванд, дучори ҳолати асабӣ шуда, бо худ ва зиндагӣ дар ҷангу ситез мешаванд. Филмҳо барои тифлон ва ҷавонон рӯъёи ширин сохта, дар назарашон муҷассамтар ва бартар аз воқеият ҷилва мекунад. Ҳар гоҳ филмҳо бо таваҷҷуҳ ба эътиқодоти мазҳабӣ, суннатӣ, одобу русуми маҳаллӣ, сатҳи фарҳанг, мабонии ахлоқӣ ва хусусан гурӯҳҳои синнӣ ба таври дақиқ назорат нашаванд, дар эҷоди ҳолати

хатарнок ва иртикоби ҷурмҳо таъсир хоҳанд дошт. Дар ин мақола ба таъсири телевизион дар хатокории иҷтимоии кӯдакон ва навҷавонон пардохта мешавад.

**Кӯдак чӣ гуна аз телевизион истифода мекунад?** Омор ва пажӯҳиш марбут ба истифодаи кӯдак аз телевизион баёнгари ин аст, ки дар 3-солагӣ аз ҳар се кӯдак як нафар, дар 5-солагӣ аз ҳар панҷ кӯдак чаҳор нафар ва дар синфи аввал аз ҳар 10 кӯдак 9 нафар телевизион тамошо мекунад. Дар солҳои аввали таҳсил, замони мутавассите, ки як кӯдак сарфи тамошои телевизион мекунад 2-соат дар рӯз аст. Аз ин солҳо ба баъд миқдори вақти тамошои телевизион дар синфҳои 6-7 ба 3 то 4 соат мерасад. Кӯдакони боҳуштар то ҳудуди синни 11-солагӣ аз тамошогарони ҷиддии телевизион ба шумор меравад. Пас аз ин син тамоюл меёбанд, ки аз телевизион канор бикашанд ва ба самти чолишҳои фикрӣ ба зоҳир бузургтар рӯй оваранд. Як кӯдаки навҷавон дар 16 соли аввали умри худ ҳамон мизон вақт сарфи тамошои телевизион мекунад, ки сарфи мадраса мекунад ва он бештар аз он чи вай сарфи дигар расонаҳо (радио, рӯзнома, синамо, Интернет ва ғайра) мебошад.

Кӯдакон дилбастагии зиёде ба телевизион доранд, агар аз онон бипурсед, ки моиланд чӣ тағйире дар телевизион ба вуҷуд ояд? Тақрибан ҷавоб ин аст, ки онҳо мехоҳанд он чиро ки ҳамакнун мебинанд, дар ҳаёт мушоҳида кунанд.

3. Гузаронидани бозиҳои гуногун (бозиҳои нақшофарӣ, серҳаракат, дидактикӣ, хусусияти сохтмонидошта, театрикунонидашуда ва ғайраҳо);
4. Ташкили фаъолияти меҳнатӣ (меҳнати худхизматрасонӣ, меҳнати маишиву хоҷагӣ, меҳнат дар табиат, иҷрои хелҳои меҳнат дар раванди машғулиятҳо);
5. Таҷлили ҷашнҳо, ташкили сайру саёҳат ва дилхушиҳо;
6. Дар баробари ин, ба андешаи мо, татбиқи аҳдоф ва вазифаҳои таълимиву тарбиявии кӯдакистони «Меҳрона» бештар ба чунин омилҳо вобастаанд, ки баъзеи онҳоро ин ҷо зикр карданиам:

1. Дар кормандон тарбия намудани масъулиятшиносӣ нисбат ба тарбия ва таҳсили кӯдакон;
2. Мунтазам беҳтар намудани тайёрии касбии мураббияҳо ва кормандони техникӣ ва ёрирасони боғча;
3. Таъминоти иқтисодию иҷтимоӣ ва муҳайё сохтани заминаи моддию техникӣ, методию таълимӣ;
4. Пардохти саривақтии маоши моҳонаи мураббияҳо ва кормандони ёрирасони боғча;
5. Дар рӯзҳои ҷашну дилхушиҳо соле ду маротиба аз ҷиҳати моддию маънавӣ ҳавасманд гардонидани мураббияҳои беҳтарин.
6. Вобаста ба ин, дар шароити кунунӣ аксари падару модарон хоҳиш доранд, ки фарзандонашон дар кӯдакистони «Меҳрона» фаро гирифта шаванд. Муррабияҳо кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки дар боғча донишу маҳорат, малакаҳои маданию беҳдоштӣ ва худидоракуниро дар бачагон тарбия карда, барои ба мактаб омода

шуданашон мусоидат намоянд. Зеро имрӯз на ҳамаи кӯдаконро муассисаҳои томактабӣ имкони ба оғӯши худ фаро гирифтан дорад. Ҳамчунин талабот ба бахши хусусии кӯдакистонҳои хусусӣ беш аз пеш афзуда истодааст. Аз як тараф, волидайн барои аз ҷиҳати психологию педагогӣ тайёр кардани кӯдакони худ ба мактаб имконоти васеъ надоранд ва аз тарафи дигар, аз соли 2012 то соли 2017 бачагони 6 - сола ба гурӯҳҳои тайёрии мактабҳо фаро гирифта мешаванд. Ҳалли ин мушкилот ба дӯши волидайн ва муассисаҳои томактабӣ, аз ҷумла, кӯдакистонҳои бахши хусусӣ вобастагии зич дорад.

Дар кӯдакистони мо раванди таълиму тарбия мутобиқи барномаи «Роҳнамои мураббӣ» ба роҳ монда шуда, ба омӯхтани забони давлатӣ ва забонҳои хориҷӣ (русӣ ва англисӣ) таваҷҷуҳи хосса дода мешавад. Бояд тазаккур дод, ки ба таълими суруду мусиқӣ, дарси ҳисоб, инкишофи нутқ ва машғулияти сермаҳсул: кулолӣ, муҷассамасозӣ, апликатсия, суробсозӣ, расмкашӣ ва дигар шаклҳои фаъолият низ пайваста дар маркази диққати тарбиятдиҳандагони кӯдакистон қарор дорад.

Ҳамчунин барои инкишофи мӯътадили ҷисмонию ақлонии бачагон дар кӯдакистон шароитҳои хуби маданию маишӣ ва фароғату истироҳат фароҳам оварда шудаанд. Кӯдакон дар як рӯз се маротиба хӯроки серғизо мехӯранд.

Яке аз шартҳои асосии раванди таълиму тарбия дар муассисаи «Меҳрона» шаклҳои дурусти муошинрати ҳамарӯза бо ҳар як кӯдак ва ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои синну соливу психологӣ ва фардии ӯ мебошанд. Шарти дигари хушбахту солим ба воя расидани кӯдакон ба фароҳам овардани шароити мусоиди беҳдоштӣ, риояи реҷаи рӯз, ғизои хушсифат, обутобдиҳии бадан, ташкили сайругашт ва сайру саёҳат дар ҳавои кушод ва ғайра вобаста мебошанд.

Шарти сеюми ҳаёти муътадили кӯдакон дар боғчаи бачагон, пеш аз ҳама, тибқи талаботи меъёрҳои стандарти байналмилалӣ ба роҳ мондани тамоми таҷҳизоти кӯдакистон: рахти хоб, мизу курсӣ, ҷевон ва ташкили ҷойҳои хуби машғулият ва таъмини ғизонокии хӯроки кӯдакон аст.

Дар баробари фароҳам овардани шароити хуби иҷтимоию иқтисодӣ, маданию беҳдоштӣ дар боғча мураббияҳо ба пурмазмун гузаронидани машғулиятҳо диққати зарурӣ медиҳанд. Пӯшида нест, ки кӯдакон хислатҳои хубро аз хонавода, аз падару модар меомӯзанд. Дар ҷараёни иҷтимоишавӣ, яъне ворид шуданашон аз оила ба боғча мураббияҳо ба онҳо ахлоқи нек ва олами муошинрати инсониро меомӯзонанд ва кӯдакон бо гурӯҳ якҷо тарбия гирифта, доимо миёни худ дар муошират буда, аз мураббияҳо хислатҳои ҳамидаи инсониро ёд мегиранд.

Бояд гуфт, ки мураббӣ ва муаллим рисолати таърихӣ дошта, нақши онҳо дар тарбияи кӯдакони хушзеҳну болаёқат, дарк кардани зебоии табиат, лаззати эстетикӣ бурдан ва шинос шудан бо мафҳумҳои истиқлолият, урфу одат, расму ойин ва дигар арзишҳои миллию умумибашарӣ хеле бузург аст.

Тоҷикистон чун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ дар сохтмони давлати ҳуқуқбунёди демократӣ ва дунявӣ қадамҳои устувор ва боварибахш гузошта, пай дар пай пеш рафта истодааст. Аз ин рӯ, ҷомеаи демократӣ ба одами аз ҷиҳати ҷисмонӣ солиму бардам ва аз ҷиҳати рӯҳию маънавӣ тараққикарда ниёз дорад. Ҳамин гуна одами ҳаматарафа рушдёфтаро маҳз дар муҳити оила ва кӯдакистон тарбия карда, ба воя расонидан мумкин аст, ки ӯ ватандӯсти ҳақиқию ватанпарвар, худогоҳ ва инсондӯст бошад. Бинобар ин, яке аз вазифаҳои кӯдакистон аз хурдсолӣ тарбия намудани кӯдакон дар рӯҳияи маърифати ахлоқӣ, ҷаҳонбинии илмӣ, донишҳои амиқу саҳеҳ ва омӯзонидани техникаю технологияи навин иборат аст.

Барои амалӣ гардидани ҳадафҳои худ мо бояд заминаи илмию методӣ ва имконоти техникии кӯдакистонро мунтазам беҳтар намоем. Бо ин мақсад донистан ва мавриди истифода қарор додани техникаю техологияи замонавӣ, истифодаи наслҳои нави компютерҳо, омӯхтани забонҳои модарӣ ва русию англисӣ ва то ба

мактаб рафтан ба бачагон ёд додани малакаҳои нутқи алоқанок ва гуфтугӯиро бо чанд забон омӯзонидан зарур аст. Барои ин бояд мураббияҳое, ки дар боғча кору фаъолият менамоянд, чандин забони хориҷиро донанд ва бо забонҳои хориҷӣ бо кӯдакон дар муошират бошанд. Рушду нумӯи ояндаи миллат, мактабу маориф ва ҷомеа ба донистани забонҳои хориҷӣ ва истифодаи техникаю технологияи рушдёфта ва таъсири се ниҳоди иҷтимоӣ: оила, мактаб ва ҷомеа марбут аст.

**ОРГАНИЗАЦИЯ ЧАСТНЫХ ДОШКОЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЙ - ДОСТИЖЕНИЕ НЕЗАВИСИМОСТИ**

В данной статье автором рассматривается деятельность частных дошкольных учреждений, которые были организованы в Республике Таджикистан после достижения им независимости. Важным звеном системы общего образования является дошкольное образование. Система дошкольного образования рассматривается сегодня как один из факторов укрепления и сохранения здоровья детей. В настоящее время дошкольное образование представлено сетью образовательных учреждений, реализующих основную общеобразовательную программу дошкольного образования.

**Ключевые слова:** дошкольное образование, система дошкольного образования, деятельность частных дошкольных учреждений, независимость, развитие ребенка.

**ORGANIZATION OF PRIVATE PRE-SCHOOL INSTITUTIONS - THE ACHIEVEMENT OF INDEPENDENCE**

In this article the author considers the activities of private pre-school institutions, which were organized in the Republic of Tajikistan after the achievement of independence. An important link of the system of General education is a pre-school education. The system of pre-school education is considered today as one of the factors of the preservation and strengthening of health of children. The current pre-school education is represented by a network of educational institutions that implement the basic pre-school educational program.

**Key words:** pre-school education, the system of pre-school education, the activities of private pre-school institutions, independence, development of the child.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***М.И. Иззатова*** - кандидат педагогических наук, доцент КГУ им.А.Рудаки

## БУЗКАШӢ ВА ТАЪРИХИ ОН

***Шодӣ Сафаров***
**Донишкадаи давлатии тарбияи ҷисмонии ба номи С. Раҳимов**

Бузкашӣ аз ду калима «буз»-ҳайвони сарбурида ва пойҳояш аз зону кӯтоҳ карда шуда буда, «каш»-асоси замони ҳозира ва сиғаи амр аз калимаи «кашидан», каш-каш, кашокаш, кашмакаш маънӣ медиҳад. «Бузкашӣ»-навъи варзиши миллӣ, ки бузкашҳо-савораи аспҳои «бузӣ», чаққон, боқувват буда, бузи сарбурида ё гӯсола «тайлоқҳои яксола»-ро аз як ҷой ба як ҷойи дигар ба қуръа-марра бурда мепартоянд. Ин намуди варзиши миллиро «кӯбкорӣ» низ мегӯянд.

Барои бадошт шудани «бузи сарбурида» шикамашро чок карда, шикамба ва рӯдаашро мегиранд. Баъзан ин бузҳоро як шабонарӯз даруни ҳавзи об ё асбоби калон дарунашро бо намак пур мекунанд, ки вазнин шавад. Ва пӯсташ сахт гардад. Барои бузкашӣ асосан таккаҳои 3-4 сола интихоб карда мешавад, ки калон, вазнин ва пӯсташ боқувват бошад. Гӯсола (тайлоқҳои яксола)-ро дар бузҳои калон истифода мебаранд. Дар ин ҳолатҳо шарти ба марра бурда партофтан ё худ аз даруни тӯдаи бузкаш, агар танҳо «тайлоқ»-ро барорад, ғолиб дониста мешавад. Баъзан, дар мобайни майдон, ё ҷойи ба ҳама намоён ишорачӯб (байрақ) мезананд, ки то он ҷо бурдани мақтул (буз ё гӯсола)-и бозӣ дуруст ба ҳисоб гирифта шуда, бо нидои «Ҳалол!»-и довар човандоз туҳфаашро мегирад. Ва ё аз дасти довар ба гирифтани «қоғазча»-и тухфа сазовор мегардад.

Бузкашӣ алҳол мактаби махсус надорад. Он дар натиҷаи машқҳо, аспсаворӣ, ба воситаи мураббиҳои бузкашӣ аз худ карда мешавад. Қоидаҳои бузкашӣ барои халқҳои Осиёи Миёна, алалхусус Тоҷикистон дар ҳама ҷой як хел аст. Ҳар кассе, ки зудтар ва дурустар «мақтул»-ро ба марра партояд, ӯ бузкаши асил ҳисобида мешавад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бузкашҳои паҳлавон, чаққон ва боқувват (дастони боқувват дошта) дар водии Ҳисор, водии Кӯлоб, Вахшонзамин, Раштонзамин бисёр ҳастанд. То солҳои Револютсияи Октябр човандозҳои Тоҷикистон ба Афғонистон ва аз Афғонистон ба ин тарафи соҳили Панҷ омада, бузкашӣ мекарданд. Он вақтҳо бузкашҳо (човандоз)-и мирӣ ва шоҳӣ буданд, ки аспҳои онҳоро саисҳои махсус нигоҳубин ва парвариш мекарданд.

Бузкашӣ ба худ қоидаи хос дорад. Човандоз (дар лаҳҷаи халқӣ) пеш аз бузкашӣ мӯзаҳои соқаш баланд (мӯзаи таккагӣ-аз пӯсти такка тайёршуда), шими рағзагӣ, шими пахтагӣ ба сар телпак, рӯймол (ҳоло аксар каллапӯшҳои ҳарбии танкчиёнро истифода мекунанд) баста, миёнашро мустаҳкам мебандад. Пеш аз пӯшидани мӯзаҳои таккагӣ дар гирди пойҳояш аз буҷулак то зону пойтобаи ғафс печонда, онро аз латхӯрии «узангӯ» ҳимоя мекунад.

Ба аспҳои савории бузкашӣ фақат лаҷом меандозанд. Ва зинҳои сабукро бо шумораи каме чиргин (полон, туқум), бо айилҳои дастбофт (аз пашми буз ва пахта) бисёр вақт айилҳои чармин (агар пӯст мулоим бошад, то ки пеши синаи аспро яра накунад) сахт мекашанд. Вақти бузкашӣ забартанги зини асп (пордум, тасмае, ки таги думи асп барои пасу пеш нарафтани зин) кушода, гирифта мешавад.

Бузкашӣ чун паҳлавонӣ иродаи боқувват, матонат, чусту чолокӣ, ба мароми бозӣ инони (лаҷоми асп)-ро роҳнамоӣ карданро талаб мекунад. Аспҳое ҳастанд, ки «сахтлаҷом» ҳастанд. Баъзан, бузкаш (човандоз) аспро дар ин ҳолатҳо идора карда наметавонад. Лозим меояд, ки барои чунин човандозҳо «роҳнамо»-ёрирасонҳо кӯмак намояд. Дар ҳолате ки ду дасти човандоз дар почаҳои «буз» сахт дошта истодааст, аспҳои саркаш сӯи марра майл карда, ҷонҳавл мехоҳанд, ки худро аз қурра (тӯда)-и аспҳо берун барад.

Дар вақти бузкашӣ аз тамоми бадани «буз» то даҳ-понздаҳ даст мерасад, ки ин ҷо ҳолати човандози моҳир ҳам душвор мегардад. Тӯдаи аспҳо баъзан дар як ҷо 15-20 дақиқа давом мекунад. Нафаси аспҳо, човандозҳо баъзан мегирад. Баъзеҳо аз баҳри «буз» гузашта, тез худро аз «тӯда» мебароранд. Ва пайт поида меистанд, ки ду-се бузкашҳо аз тӯда бо «буз» берун оянд. Он гоҳ ӯ имконият пайдо карда, ба яке аз почаҳои «буз» соҳиб мешавад. Дар бузкашӣ човандози боқувват ва аспи боқувват лозим аст, вагарна асп ҳам маъюб мешаваду варзишгар ҳам.

Дар бузкашӣ се чиз муҳим аст: човандоз, асп ва ҳакам. Марра аз онро аз коҳ, чуқурӣ ва ё аз ду тараф байрақ (парчам) мезананд, ки вақте ки човандоз бо «буз» миёни он танҳо мегузаранд ғолиб дониста мешавад.

Мукофотҳои бозии бузкаширо ҳаками майдон эълон мекунад. Ҳакамҳои кунҷӣ (тарафҳо) ва ҳакамҳои нишаста, асосан ба ҳаками майдон бовар мекунанд.

Бузкашӣ асосан мусобиқаи шахсӣ (инфиродӣ) аст. Човандоз кӯшиш мекунад, ки дар ин бозӣ асосан номи «асп»-ҳоро, ки соҳибонашон бо умед ба онҳо додаанд, бароранд. Ҳатто вақти партофтани «буз» ба марраҷой ҳакам ному насаби Човандоз, ноҳия аспи хоназоти фалон маҳал, (қизилу ҷеран, сиёҳмушкин ва солаш)-ро эълон мекунад.

Човандозҳои моҳир дар як ё ду бузкашӣ ба аспҳои хубсара ё носара савор шуда, аспҳои носараро танҳо ба «тӯда», «марраҷой» бурда, «ошно» месозанд. Човандозҳои моҳир дар чунин ҷойҳо ба аспҳо қанд, себ, бо мушт ҷав, нон медиҳанд. Аспҳо низ ҳайвонҳои рамӯзгир, чун сагҳо, қувваи «шуур»-и фаҳмиш доранд. Аксар човандозҳо дар як мусобиқа ба 10-12 сар аспи бузӣ бузкашӣ мекунанд. Ин имкон медиҳад, ки аспҳо дам гиранд. Ва ба бузкаш имконият мешавад, ки бо аспи боқувват ба ҳар гуна тӯда зада дарояд.

Бузкашӣ чун гӯштини миллӣ таърихи куҳан дошта, аз замонҳои қадим то замони мо омада расидааст. Ин намуди варзиш асосан дар Осиёи Миёна: Тоҷикистон, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Туркманистон, Қирғизистон ва бештар Афғонистон ва Покистон шӯҳрат дорад.

Тоҷикон онро «бузкашӣ», қазоқҳо онро «кокпар» (асли маънои он кӯбкорӣ), қирғизҳо «улақтартиш» ва ӯзбекон «улоқ» ном мегиранд. «Бузкашӣ», «буз кашидан», «буз давондан» маънои ҳамон бузкашӣ аст, ки ӯзбекон «улоқ», «улақ тартиш», «улақ чабиш» мегӯянд.

Аспҳоро «ғунан», «дунан» гуфта, аспparварони асил соли аспҳоро аз дандонҳояшон муайян мекунанд. Аспҳои бузӣ дар панҷсолагӣ ба воя мерасанд.

Дар достонҳои «Гӯрӯғлӣ» қаҳрамонони достон Гӯрӯғлӣ, Аваз, Нуралӣ, Шералӣ, Шеравган, дурманҳо бештар дар бозии Бузкашӣ ҳунарнамоӣ карда, бо аспҳои бодпойи худ «буз»-ро ба марра мерасонданд. Дар бузкашӣ нотавонбинон-душманоне пайдо ҳастанд, ки онҳо баъзан «айил»-и аспҳои човандозҳои моҳирро ногумон вақти тӯда мебуриданд. Зини аспҳо бо савора меафтид. Вале, бузкаш-паҳлавонон дар пӯшти аспи луч ҳам бузкашӣ карда, ҳарифони худро моту маҳбут месохтанд.

Аҳамияти тарбиявии ин достонҳо пеш аз ҳама аз инсондӯстӣ, ватандӯстӣ, саховатмандӣ, далерию шуҷоатмандии қаҳрамонҳо ҳикоят карда, насли наврасро

водор месозад, ки онҳо низ чун тимсоли ин қаҳрамонҳо кору зиндагӣ намоянд. Соқӣ-булбули Чамбули Мастон, ки асли омадаш аз Кашмир аст, дар тарбияи маънавии қаҳрамонҳои худ нақши муҳим бозидааст. Дар тамоми достонҳои «Гӯрӯғлӣ» васфи аспҳои бофаҳм, чаққон, вафодор ниҳоят бо забони ӯ ва дигар соқиён бо ширинбаёнӣ, латофат ва маҳорат омадааст, ки дар баъзе ҷойҳои достон онҳо аз «чормех», «занҷирбанд»-ҳо аз хонаи «қиррез» худро озод карда, ба мадади соҳибонашон омада, тавсиф мешаванд. Ба ин соҳаи варзиш солҳои пеш шоҳон, сарлашкарҳо, артишҳои савораи шарқӣ-ориёӣ, бойҳо, чорводорон, заминдорон ва ғайра машғулият доштанд.

Мусобиқаҳои бузкашӣ бештар дар ҷашнҳои Наврӯзӣ, Сада, Меҳргон, дар тӯйҳо: хатна, таваллуди фарзанди нахустин, гирифтани ярлиқ (мансуб аз тарафи шоҳ, бек ё волӣ), баъдҳо рӯзҳои 1 май, 7-ноябр, 1 январ, иди «Ҳосилот» ба муносибати иҷро кардани нақшаи сол: пахта, ғалла, чорво ва ғайраҳо сурат мегирифт. Солҳои 30-50-уми асри XX ба муносибати интихоботҳои Шӯрои Олии Тоҷикистон ва ҷашнвораҳои 10-солагӣ, 20-солагӣ, 40-солагӣ, 50-солагии Ҳукумати Шӯравӣ, Револютсияи Октябр, ҷумҳуриҳои иттифоқ низ гузаронида мешуд.

Дар баробари шахсони алоҳида дар маркази пойтахт-ипподром (аспрес), дар ноҳияҳои алоҳида заводҳои асппарварӣ ба кор даромаданд, ки дар он ҷо аспҳои зотӣ барои пойга ва бузкашӣ тайёр карда мешуд.

Бузкашӣ чун паҳлавонӣ сулолавӣ буда, дар ин намуди бозӣ, тавре қайд шуд, танҳо одамони боқувват, боирода, нотарс, чобуксавор ва аз қоидаи бозӣ бохабар ҳунарнамоӣ карда метавонад. Дар бозии бузкашӣ ба қавли халқӣ «ғиромӣ» бисёр рух медиҳад. Бузкашҳои «ноустувор», «беқувват», «беандеша» чӣ тавре «ғиром» гуфтем, онҳо аз «чилбур» истифода мебаранд.

Ин «бузкашҳо» дар қоши зин «чилбур» (бандҳои кӯтоҳи боқувват, аз қили асп, пашми буз) баста, ҳангоми гирифтани «буз» як сари бандро дар пои «буз» баста, сари дигарашро дар қоши зин мебандад. Бо ин роҳ ба чунин «бузкашҳо» муяссар мегардад, ки ба марра (қараҷой-халқӣ) бузро оварда мепартоянд. Баъзан, аз саросемагӣ дар вақти дави асп сари чилбурро аз пойи буз кушода наметавонанд, ки ин ба «нокомӣ»-и човандоз меорад. Ин «ноком»-ҳо ҳолатҳое мешаванд, ки бузкашҳои боқувват зини аспи чилбурбастаро бо соҳибаш аз тори асп канда мегиранд. Ин гуна бузкашиҳо, ҳолате мешавад, ки дар байни тӯдаи аспони зиёд монда, маҷрӯҳӣ мегиранд.

Ҳакамони одил бисёр вақт «буз»-ҳои ба чилбуровардаро ба инобат нагирифта, «ҳаром» эълон мекунанд. Ин ҳолатҳо боиси норозигӣ ва задухӯрд низ мешавад. Ё тарафдорони «чилбурбаста» ҳаракат мекунанд, ки «туҳфа»-ро соҳиб гарданд. Вале, шахсони боадолат онҳоро ба инсоф, ҳалолкорӣ, даъват мекунанд.

Аз рӯи ривоятҳо ва нақлҳои куҳансолон дар кӯҳистони Сарихосор, Ховалинг, Муъминобод, Шӯрообод, водии Ҳисор, мавзеи Қаротегин, вилояти Сурхондарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон (Деҳнав) бузкашӣ дар заминҳои санглох, қади дараҳои кушод барпо мегардид. Бузкашӣ номуси «тарафакӣ», маҳалгароӣ мегирифт. Бузкашҳои як маҳалла бузкаши асосиро ба майдон баровард 10-12 бузкаши дигар «чокар»-и ӯ мешуданд. Яке аз қафо аспашро бо қамчин ҳай мекард. Дигаре, лаҷоми аспашро мекашид, ки асп роҳ ёбад. Ё худ чанд кас якбора ба буз часпида, ба шахси асосӣ имкон медод, ки вай бузро осон кашида гирад.

Бузкаш бисёр вақт баъди халос кардани буз, аспашро ба сӯи теппа боло ҳай карда, баъд аз он ҷо саронишеб аспро сӯи марра бо шаст, метозонад. Бисёр вақт бузкашҳои монеъшаванда, аз ин суръат омадани аспи бузкашӣ ҳаял карда, мегурезанд ё роҳ мекушоянд. Баъзан ҳодисаҳое мешаванд, ки аспи боқуввати човандоз чунин «монеа»-ҳоро бо пеши синааш зада, бо савораш меафтонад. Човандози бо суръат омада, «буз»-ро ба марра мепартояд ва бо ҳамон суръат, бо аспаш майдони бузкаширо «майдондорӣ» мекунад. Ва дасташро бардошта, бо завқ ба ду тарафи гардани аспи аз буз озодшуда, қамчинкории «нармтар» мекунад. Бо худнамоии хос дастҳояшро аз инони асп сар дода, сӯи осмон дастонашро боло бардошта, аспро маҳмез (оҳани махсус пошнаи савор, ки аспро хала мекунанд) метезонанд. Дар кӯҳистони Тоҷикистон солҳои пеш Бузкашии маррагӣ ва бузкашие, ки ба хонаи худ ё хонаи шахси давлатманд овардани «буз» маъмул буд. Човандоз бузро гирифта, аз як қишлоқ ба қишлоқи дигар фирор мекунад. Ӯ ба хонаи аввалин ё хонаи шахси номдор «буз»-ро оварда мепартояд. Ин вақт бузкашҳои аз қафо омада, мағал мебардоштанд. Шахси «буз»-ро гирифта, имкон дошта бошад, ба бузкаши бузоварда туҳфа дода, бузро пас медиҳад. Баъзан, аз рӯи номус он бузро намедиҳаду ба ҷойи он таккаи худро сар бурида, ба бузкашҳо туҳфа медиҳад.

Солҳои пеш тавре ки нақл мекарданд, аз ин боис як деҳа ба деҳаи дигар қаҳрӣ ҳам мешуд, ки дар бозии бузкашӣ онҳо «ғиромӣ» карда, бозиро хунук кардаанд. Вале ҳамин ки шунаванд дар деҳаи ҳамсоя бозии бузкашӣ шуда истодааст, қаҳру ғазабҳоро як сӯ партофта, бузкашҳо худро ба бозӣ мерасонанд. Ҳолдонҳо мегӯянд: «Бузкашҳо барои бозӣ, аз баҳри ҳар хел номусҳо мегузаранд».

Касе, ки ба шавқи бозии бузкашӣ дода шудааст, барои вай фарқ нест, ки аз ҳаво чӣ меборад. Дар борону барф ҳам бузкашҳо ба лойу чал олуда, сару танашон ифлос, тани аспҳо ба лой ғӯтида бошад ҳам, аз бозӣ даст намекашанд.

Солҳои 60-уми асри XX ба сари қудрати Иттиҳоди Шӯравӣ Н.С. Хрушев омад. Дар замони ҳукмронии ӯ (байни 1960-1964) қонун дар бораи нест кардани аспҳо ҳамчун ҳайвони зараровар бароварда шуд. Аспҳои зебою даванд, корӣ аз хонадонҳо маҷбурӣ кашида гирифта, ба гӯшт дода шуд. Дар як давраи кӯтоҳи таърихӣ беҳтарин зотҳои маҳаллии аспи тоҷикӣ нобуд шуданд. Дар хоҷагиҳои асппарвар низ ин соҳа қариб ба нестӣ расид. Заводҳои аспparварӣ, донишкадаҳои илмӣ-тадқиқотӣ, ки зотҳои аспҳоро, ҷиҳати қобилияти боркашӣ, гӯштӣ, барои мӯяш ва шири асп, ки аз он қимиз тайёр мешуд, аз фаъолият монданд. Як давраи кӯтоҳ (баробари 10-15 сол) бозии бузкашӣ суст шуд. Човандозҳо дилашон аз бузкашӣ ва аспсаворӣ хунук гардида буд.

Бо мурури замон Ҳукумати Шӯравӣ хатоиислоҳпазирро фаҳмид. Қарор дода шуд, ки ин соҳаи асппарварӣ боз тараққӣ дода шавад. Дар Тоҷикистон заводҳои асппарварии «Куктош», «Балҷувон», дар вилоятҳои Суғд ва Вахшонзамину Рашт хоҷагиҳои нави асппарварӣ боз ба кор сар карданд. Мардуми кӯҳистони Сарихосор, Ховалинг, Шӯрообод, Муъминобод, ва водии Ҳисор боз маъракаи бузкаширо оғоз карданд. Асп аз замонҳои қадим барои инсон хизмати босазо карда омадааст. Дар таърих номи аспҳое, ки барои соҳибонашон-пайғамбар (с), хулафои рошиддин, қаҳрамонони халқӣ, шоҳон хизмати бузург кардаанд, бисёр сифат мешавад.

Аспҳои савории Ҳазрати Муҳаммад (с) бо лақаби Сакб, Маллоҳ, Муртаҷиз, Лаҳиф, Зораб, Аззоз ва Вард ва ҷонваре, ки ӯро ба осмон бурд Буроқ ном доштанд. Номи аспи ҳазрати Алӣ (р)-ро Дулдул ва шамшерашро «Зулфиқаҳҳор» мегуфтанд. Аспи афсонавии Рахши Рустами достон намунаи аспҳои ҷаҳон дар «боақлӣ», «ҳушёрӣ», «чаққонӣ» ва «тездавӣ» сифат мешавад. Аспи Гӯштосп, аспи Хусрави Парвиз «Шабдиз», аспи Исфандиёр ва бисёр аспҳо дар таърих ёд мешаванд, ки барои соҳибони хеш хизмати арзанда доштанд.

Яке аз донишмандони Эрон-Меҳрубони Гӯштосп дар ҷойе аз «Ганҷинаи номҳои эронӣ» менависад: «Миёни номҳои порсии бостону авестоӣ, номҳое, ки ба «асб»-асп пайванд шудаанд, фузун дида мешавад. Чун эрониёни бостон аз рӯзгори бисёр куҳан бо асб ошно буда, онро парвариш дода, бо ҳам мезистанд. Ва гувоҳии сангнавиштаи Дороюш ба ин шаҳр: «Ин аст кишвари Порс, ки Аҳурамаздо ба ман дода зебо ва дорои асбони хуб ва мардони нек аст», дар ҷойи дигар, меоварад: «Аҳурамаздо асбону мардони бузургро дар ҳамаи ин замин ба ман бахшид ва маро шоҳи ин сарзамин намуд».

Муаллифони бештари фарҳангҳо ҳамин гуна хислатро ба Хатлониён нисбат додаанд. Муаллифи асри IX дар қисмати мулҳақоти асари Ибни Хурдодбеҳ се ривоят оварда, ки аз ҷумла, ривояте оид ба пайдоиши асбони Рахшмонанд мебошад. Гӯё Хатлон ҳазорҳо чашма доштааст, вале ду чашмаи он ниҳоят сероб буда, яке дар болосари мавзеъ ва дигаре дар поёнии он ҷойгир будааст. Чашмаи болосари шаҳрро «Навкӯл» мегуфтаанд. Дар замони шоҳии Бик галабони ӯ Ибни Ҳарис дар қарибии ин чашма галабонӣ мекардааст. Вай рӯзе мебинад, ки дар чашмаи «Навкӯл» аспе баромада, ба гала ҳамроҳ мешавад ва баъди чанде он ғайб мезанад. Боре Ибни Ҳарис мехоҳад, ки асберо рому савора бикунад. Вай шоҳиди он мегардад, ки он асб, қариб аст,ки парвоз бикунад».

Ба қавли баъзе муаррихон аспони Хатлонӣ аз зоти ҳамон аспҳо аст, ки баъдтар дар ҷаҳон машҳур шуданд. Ин ривоятҳо ба ҳақиқат ҳарчанд наздикӣ надошта бошад ҳам, пайдост, ки аспҳои хатлӣ дар тездавӣ, боркашӣ, бақувватӣ ҳанӯз дар давраи «Роҳи абрешим» харидорони зиёд доштанд. Ва имрӯз ҳам, бузкашҳои моҳир ба аспҳои хоназоти Муъминобод, Ховалинг, ноҳияи Темурмалик ва Данғара иштиёқи калон доранд. Унсурмаолии Кайковус дар китоби «Қобуснома»-и худ дар сифати асп гуфтааст: «Ҳакимон гуфтаанд, ки ҷаҳон ба мардумон бапо аст ва мардум ба ҳайвон ва накӯтарин ҳайвон аз ҳайвонот «асб» аст, ки доштани ӯ ҳам аз кадхудоист ва ҳам аз муруввват ва дар масал аст, ки «асбу ҷомаро некӯ дор, то асбу ҷома туро некӯ доранд». Дар ҳикмати эрониёни қадим омадааст, ки: «Барои инсон ҷонварони

дӯст асп ва саг аст. Якум аспат бошад, борат дар ҷое намемонад. Дуюм саги хуб дошта бошӣ, аз душман дар амонӣ». Ин ҳикмат дар дӯстдории аспи Рахши Рустам ва саги Қаҳфи китоби Қуръон омада ва саги Хоҷаи сагпарасти китоби «Чор дарвеш» хеле хуб бо маънӣ омадааст.Сифати аспҳои муъҷизавӣ дар китобҳои «Шоҳнома»-и А. Фирдавсӣ, «Қиссаи Амир Ҳамза», достонҳои «Гӯрӯғлӣ» ва дигар достонҳои классикӣ ва имрӯза хеле хуб баён шудааст.

**Асп ва пайдоиши он.** Асп ҳайвони зебо буда, он дӯсти одам номида мешавад. Ватани пайдоиши аспҳои ҳозира, дар асоси маълумотҳои олимони соҳа Америкаи Шимолӣ ва Европа мебошад. Аспҳо ҳайвонҳои ҷангалӣ буда, 70 миллион сол пеш аз ин дар ҷангалҳои тропикии ин минтақаҳои замин, маскун дошт.

ба ин ҳайвонҳо биологҳо *фенокодҳо* ном додаанд. аз ҳисоби олимони биолог дар байни 20 млн. сол, яъне 50 млн. сол пеш аз ин шакли зоҳирии ин ҳайвонҳо хеле тағийр ёфта ба *хиракатериумҳо* (дар европа) ва *эогиппусҳо* (дар америкаи шимолӣ ) табдил ёфтаанд. аз байн 40 млн. сол гузашт. яъне дар млн. сол пеш аз ин шакли онҳо боз тағийр ёфта, ба *анхитериумҳо* (дар европа) ва *миогиппусҳо* (дар америкаи шимолӣ) табдил ёфтаанд. 1 млн. сол пеш аз ин ҳайвонҳо ҳам тағйир ёфта, ба *эквидҳо* мубаддал гаштанд, ки ин аз ҳама наздиктар аҷдодони аспҳои ҳозира мебошанд. дар ин давраи дуру дароз, яъне 70 млн. сол қаду басти ин ҳайвонҳо аз 30-40 см. то 120-140 см. расид. дар вақтҳои ташаккулёбии худ давлатҳои қадимтарини дунё Миср, Бобул, Хетт, Сурия, (Ассурия), аспро намедонистанд. Онҳо аспро қариб ҳазор сол пас аз қабилаҳои форсу массагет ба давлатҳои худ оварданду ба аробаҳои ҷангӣ истифода бурданд. Инро маъхазҳои таърихӣ исбот мекунад. Дар сарчашмаҳои бобулӣ ва хеттӣ аспро «хари Шарқ» ё «хари шарқӣ Шимол» номиданд. Ин давлатҳо то ҳазораи якуми пеш аз милод аспро дар аробаҳои ҷангӣ истифода мебурданду халос. Сулолаи бузурги форсҳо Хаҳоманишиҳо, Ашкониён (Портҳо) ва Сосониён ин анъанаро дар қарнҳои минбаъда давом дода, забон ва маданияти форсҳоро дар ин минтақаҳо боз ҳам мустаҳкам карданд. Дар ин кори бузург асп аввалин ёрдамчии форсҳо буд.

Иппологҳои (аспшиносони) бузург: И.У.Дюриста, Е.В.Канделоки, З.Мейер, Денисон, В.О.Витт, Г.Т.Хитенков, В.А. Шекин, Н.И.Кузмин ва муаррихони бузурги давраи қадим Геродот, Страбон, Квинт-Куртсий, Плутарх, Бартолд, Беленитский Иванов ва дигарон дар асарҳои худ зотҳои аспҳои қадимаро муайян карданд. Ба ақидаи онҳо аввалин зотҳои аспҳо инҳо буданд: аспи форсӣ (ба номи аспи Неси машҳур буд), аспи бохтарӣ, аспи партӣ (Паряи), аспи хатлонӣ (Хатлонӣ ё Хуталонӣ), аспи туркӣ (бо номи Туркмен Отӣ машҳур буд), ахал-текини (дар Туркманистон), Йомудӣ (дар Туркманистон), Қаробоирӣ (дар Ӯзбекистон), лақайӣ (дар Тоҷикистон), аспи муғулӣ (аз ин аспҳо аспи қирғизӣ, аспи қазоқӣ дурага шудааст). аспи арабӣ (ин дурагаи аспҳои форсию бохтарӣ мебошад), Аспи асили англисӣ (ин дурагаи аспи арабӣ-форсӣ ва туркӣ мебошад).

Ғайр аз ин аспҳо аз ҷиҳати зоотехникӣ ба чунин зотҳо тақсим мешавад: 1) зотҳои чулӣ (степеные), 2) зотҳои ҷангалӣ (лесные), 3) зотҳои кӯҳӣ (горские), 4) зотҳои савора (верховые), 5) зотҳои савораи ароба (верховоупряжные), 6) зотҳои резачорпо (рысистые), 7) зотҳои боркашӣ-вазнин (тяжеловозные).

*Аспи форсӣ* (зоти несӣ). Дар қисмати ҷанубӣ-шарқии баҳри Каспий дар водии Несӣ қавмҳои форс маскун буда, онҳо аввалин шуда аспҳоро дастомӯз карда буданд. Ин водӣ аз ҷиҳати иқлим низ барои инкишофи асп ниҳоят қулай буд.

*Аспи бохтарӣ.* Дар баробари аспҳои форсӣ дар шарқ аспи Бохтарӣ низ ниҳоят машҳур буд. Дар қаламрави Афғонистон, Туркманистон, Ӯзбекистон ва Тоҷикистони ҳозира ин зоти аспҳо асосан то асри УШ машҳур буданд. Аспҳои бохтарию форсиро арабҳо аз худ карда, зоти ба номи арабиро ташкил карданд.

*Аспи хатлонӣ (хатлӣ).* яке аз вилояти бузурги давлати Бохтар Хатлон (баъдтар мамлакати Тахористон номида шуд), ба ҳисоб мерафт ва дар ин ҷо барои аспарварӣ ниҳоят иқлими мусоид мавҷуд буд. Ҳатто подшоҳони Ҳахоманишӣ, сонӣ Искандари Мақдунӣ саршумори аспҳои камшударо дар Хатлон зиёд мекарданд.

Аспи Хатлонӣ, зоти аспи маҳаллӣ, солҳои қадим дар мавзеи ҳозираи хатлон парвариш меёфтанд. Аспарварӣ дар Хатлон аз замони бостонӣ маъмул будааст. Дар ин бобат ишораҳои сайёҳон, таърихнависон ва шоиру нависандагон шаҳодат медиҳад. Адиб ва саёҳи эронинажоди араб Ибни Хурдодбеҳ (820-912/13) дар асараш «Китоб-ул-масолик ва-л-мамолик» қиссаву ривоятҳои шунида ва хондаашро нигоштааст. Мувофиқи навиштаҳои ӯ дар ш. Хатлон замоне Ҳорис Ибни Асад ном шахс ҳукмрон будааст. Хатлон дорои 1000 чашма будааст. Яке аз он чашмаҳо дар мавзеи Дарвозаи Боло, дигаре дар Дарвозаи Поён қарор доштааст. Чашмаи

Дарвозаи Болоро «Нозкӯл» мегуфтаанд. Дар назди ин чашма аспҳои ҳукмрони Хатлонро галлабоне бо номи Абулфазл нигаҳбонӣ мекардааст. Ба қавли ӯ зоти аспҳои хатлонӣ аз аспҳои обии ҳамин чашма ба вуҷуд омадааст. Ӯ борҳо дидааст, ки аз чашма аспҳои зебову хушрафтор берун омада, бо аспҳои шоҳ ҳамроҳ мешуданд. Оид ба аспҳои хатлӣ муаррихи Юнони қадим  Страбон (64\63 то м-23\24 п.а.м.) овардааст, ки дар Бохтар ноҳияе буд бо номи Аспиён ва марказаш Девонасп ном дошт. Искандари Мақдунӣ барои худ аз он ҷо аспе интихоб мекунад. Гулшанӣ (1861-1910)-шоир, муаррих ва ҷуғрофидони тоҷик дар асараш «Таърихи ҳумоюн» дар бораи аспҳои хатлӣ гуфтааст: «Аспҳои хатлиро ба кутуби салаф ва сияру тафсири мутақаддим бағоят писандидааст. Аз қадимул ҳаёт аём ин вилоят маншаи аспҳои тозинажод будааст ва алъон низ аксари аҳолии он галладор аст. Аспҳои Хатлон дар ин асру замон низ мақбул ва марғуби хосу ом аст».

Аз сарчашмаҳои таърихӣ бармеояд, ки тоҷирон аспҳои хатлиро барои фурӯш ба кишварҳои дигар мебурдаанд ва онҳо дар бозори ҷаҳонӣ нархи гарон доштаанд. Аспҳои Хатлонӣ зимистон дар ноҳияҳои Данғара ва тобистон дар Терай ва Ховалинг парвариш меёфтанд. Топонимика (номи маҳалҳо)-и минтақаи Кӯлоб-Ховалингу Балҷувон номҳои марбут ба асп, аз қабили Аспирингун, Адири аспон, Аспиёни миёна, Аспиёни поён ва ғ. дорад, ки далели дар гузашта ривоҷ доштани аспparварӣ дар ин мавзеъ мебошад. Маркази Аспиён шаҳри Девонасп шояд дар ҷойи ҳозираи Кӯлоб ё наздикии он будааст.

*Аспи туркмен отӣ.* Туркҳои салҷуқӣ ва туркҳои усмонӣ бо аспҳои  туркие, ки ба номи «Туркмен Отӣ» машҳур буд, бисёр мамоликҳои Осиё ва Европаро  забт карданд. Ва қисматҳои ҷанубии ҳозираи Русия ва соҳилҳои Баҳри Сиёҳро забт карданд. Зотҳои аспи туркӣ ба аспҳои Европа дурага шуда, аспҳои зоти нави европагӣ пайдо шуд.

*Аспи ахалтекинӣ.* Ин асп ба номи қавми ТЕКЕ-и (такели) туркмен машҳур шудааст. Аспҳои ахалтекинӣ сари хурд, рӯй ва гӯшу гардани дароз, пойҳои пурқувват дорад.

*Аспҳои йомудӣ.* Ин асп ба номи қавми йомудӣ туркменҳо машҳур шудааст. Аспҳои йомудиро дар ноҳияҳои Тошҳавз, Қара-қалин , Қизил-Атрек, Ҳасан-Кӯлӣ асосан қавмҳои йомуд парвариш мекарданд.

*Аспи қарабайирӣ.* Аспҳоеро, ки дар ҳудуди Ӯзбекистони ҳозира парвариш ёфтааст, Қарабайир (қарабоҳир) номиданд. Ин ном ба қавли олим –ипполог Колосовский «қара»-тоза, «баир» хонагишуда, яъне аспи «тозаи хонагишуда» мебошад.

*Аспи лақайӣ.* Ин асп ба номи як қавми туркзабон лақайҳо машҳур аст. Он боркашу саворӣ буда, зиёда аз 30  ҳазор сол қабл дар ҳудуди ҳозираи Тоҷикистон дар натиҷаи  ҷуфтикунонии аспҳои маҳаллӣ (аргумак ва хатлонӣ) бо аспҳои қарабойирӣ ва арабӣ ба вуҷуд омадааст.

*Аспи тоҷикӣ.* Иппологҳои Тоҷикистон корҳои зотпарвариро дар бобати ба вуҷуд овардани аспҳои Тоҷикистон, яъне зоти аспи тоҷикӣ дар соли 1933 дар заводи №41-и Сталинобод, инчунин дар фермаҳои аспparварии колхозу совхозҳои ноҳияҳои Ёвон, Хоҷамастон, Даҳанакиийк (Хуросон ҳозира), Кӯктош, Сталинобод, Орҷоникидзеобод, Совету Данғара, ки ба минтақаҳои фаъолияти аспхонаҳои давлатӣ ва зотпарварии  давлатии лақайӣ дохил мешуд, сар карда буданд. Аспи тоҷикӣ пурқувват буда, қаду басташ зебост. Сари қоқина, чашмони калон, гардани дароз, тахтапӯшту сағрини хурд, синаи васеъ ва пойҳои дарози сермушак дорад. Суръати дави рекордиаш 1000 м  дар 1 дақиқаю 6,4 сония.

**Варзиши аспӣ.** Мусобиқа ба тариқи савори асп, аз қадим маълум аст. Намудҳои мусобиқа: мактаби олӣ (саворӣ), рақобат, сеҳарба (пойга, аз монеаҳо гузаштан, дар шоссе давондан), гимнастикаи аспӣ, бузкашӣ ва ғайра. Дар чемпионатҳои ҷаҳон ва бозиҳои Олимпӣ то 32 машқ иҷро карда мешавад. Ҳангоми чорхез кардани (тохтани) асп, истодан, ба ҳозирон таъзим карда «салом» додан, бо резачорпойи миёна ва суръат бахшидан ва давондан, нимқат кардани пой бо ду навъ, пассаж (бо оҳанги мусиқӣ рақсидан), волт (даврзанӣ ҳангоми машқи саворгардӣ), ба тарафи чап ва ба тарафи рост ва ғайра.Савора дар болои асп бояд зебо шинад, ба суръати ҳаракат ва дави асп риоя намояд. Солҳои охир варзиш бо асп хеле зиёд шуда, пойгаҳо ба масофаҳои гуногун, аз ҷумла бо гузаштани монеаҳо, аз роҳҳои душвор гузаштан, пойгаи дучарха бо асп ва ғайра. Иттифоқи байналмилалии саворaҳо соли 1921 ташкил дода шудааст. Таърихи иштироки асп дар бозиҳои олимпӣ аз даври қадим ёд мешавад. Бори аввал аспҳо дар бозии II Олимпӣ дар Франсия соли 1900 иштирок

намуданд. Аспсаворони Шӯравӣ дар Иттифоқи байналмилалии саворaҳо соли 1952 аъзо шудаанд.

### АДАБИЁТ


1. Абдуллозода Р. Футувватнома. –Душанбе: Адиб, соли 1993.
2. Абдулвоҳидов С., Шамсиддинов М. Машъалафрӯзи варзиш. –Душанбе: Глобус, соли 2005.
3. Абдуллоев А. Абулқосим Фирдавсӣ. –Душанбе: Адиб, соли 1987.
4. Айнӣ С. Дар бораи Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ. Куллиёт ҷилди 1, қисми 1. -Душанбе, соли 1966.
5. Акбари Турсунзод. Эҳёи Аҷам. –Душанбе: Ирфон, соли 1984.
6. Аҳмад Рӯзӣ. Ҷашни Наврӯз аз диди Хайём. Газетаи «Ҷумҳурият», 20 марти соли 2003.
7. Бернштам А.Н. Древнейшие тюркские элементы в этногенезе Средней Азии. С Э. 6-7, соли 1947.
8. Борьба дзюдо. Программа. -Москва, 1984.
9. Борьба. Москва, 1980.
10. Гадозода А. Ворисони Оли Сомон аз Хатлонем. –Кӯлоб: Сада, 1999.
11. Гадозода А. Сипеҳри ҳафтод. -Душанбе, 2000.
12. Гадозода А. Ангораҳои таърихи тоҷик ва даҳ соли ду аср. -Душанбе, 2001.
13. Гадозода А. Сипари гунбади сипеҳр. -Душанбе, 2004.
14. Гадозода А. Ориён рӯшангари Шарқ. –Душанбе: Маориф ва маданият, 2006.
15. Гадозода А. Қомусномаи Айн. –Душанбе: Шарқи Озод, 2011.
16. Интернет. Поисковые системы «Google» и «Wikipedia» (Энциклопедия).
17. Исҳоқов А. Панҷакенти қадим. –Душанбе: Ирфон, с. 1982.
18. Классическая борба. Программа. Москва, соли 1984.
19. Кудрявцев В.Г., Кудрявцев Ж.В. Спорт: события и судьбы. –Москва: Просвещение, 1986.
20. Маҳмарасулов Саймаҳмуд. Зи паҳлавонӣ номи ту шуд баланд. -Душанбе, 2007.
21. Руне Хедман. Спортивная физиология. –Москва: Физкультура и спорт, 1980.
22. Турсунов Н.Н. Таджикиские национальные подвижные игры. -Душанбе, 1981.
23. Шамсиддинов Мирзосафар.Таҳаввулот дар варзиши Тоҷикистон. -Душанбе, 2007.
24. Шафоатов А. Н. Луғати мухтасари истилоҳоти соҳаи варзиш. -Душанбе, 2006.
25. Школьникова Н.В. Республика Самбо. –Москва: Физкультура и спорт, 1978.
26. Шукроев К. Аз таърихи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши тоҷикон. -Душанбе, 1991.
27. Шукроев К.Ш.Развитие физкультуры и спорта в Таджикистане. –Душанбе: Маориф, соли 1990.
28. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ, қ. 1, 2. -Душанбе, 2010.
29. Эмомалӣ Раҳмон. Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, -Душанбе, 2011.
30. Эмомалӣ Раҳмон. Варзиш-қосиди сулҳ. -Душанбе, 2010.
31. Эмомалӣ Раҳмон. Дирӯз ва имрӯзи тоҷикон. -Душанбе, 1987.
32. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. -Лондон, 1999.
33. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикистон: таҷрибаи таърих ва дурнамои пешрафт. Газ. «Ҷумҳурият», 15 сентябри соли 2001.
34. Эмомалӣ Раҳмон. Ориёиҳо ва шинохти тамаддуни ориёӣ. Газ. «Ҷумҳурият», 17 июни соли 2006.
35. Эмомалӣ Раҳмон. Сарнавишти миллати соҳибтамаддун. -Душанбе, 2006.

Эмомалӣ Раҳмон. Давраи тиллоии тоҷикон. Газ «Минбари халқ», 9 майи соли 1999.

36. Этнография в Таджикистане. Сборник статей. –Душанбе: Дониш, 1989.
37. Яъқубшоҳ Ю. Тоҷикшинос. –Душанбе: Ирфон, 1999.
38. Яъқубшоҳ Ю. Маниши миллӣ. -Душанбе, 2004.


### КОЗЛОДРАНИЕ (НАРОДНОЕ СОСТЯЗАНИЕ НА КОНЯХ) И ИСТОРИЯ ЕГО ПОЯВЛЕНИЯ


В данной статье автор рассматривает историю развития народной игры «козлодрание». С давних времен национальные игры и соревнования были любимым увлечением народов Центральной Азии, особенно таджиков. Без них не обходился ни один праздник. Наибольшее распространение получили конные состязания и всевозможные игры на лошадях, развивающие в людях силу, ловкость, мужество, одной из которых является козлодрание (состязание на конях). В наши дни игра стала видом спорта, требующим от мужчин ловкости, отваги и силы. За право называть ее своей борются сразу несколько народов, но для болельщиков это просто любимое зрелище.



**Ключевые слова:** народные игры и состязания, состязание на конях, козлодрание, скакун, спортивные кони, сноровка, интеллект, обезглавленная туша козла.


### KOZLODRANIE (THE NATIONAL CONTEST FOR THE HORSES) AND THE HISTORY OF ITS OCCURRENCE


In this article the author considers the history of the development of people's games «kozlodranie». Since ancient times the national games and competitions were the favorite hobby of the peoples of Central Asia, especially the Tajiks. Without them does not do any holiday. The greatest distribution was received with horse races and all kinds of games on horses, to develop in people the strength, agility, courage, one of which is kozlodranie (the contest on horseback). In our days the game was a sport that requires from the men of skill, courage and strength. For the right to call her his struggle several peoples, but for the fans it's just a favorite sight.



**Key words:** folk games and competitions, contest on horseback, kozlodranie, horse, sports horses, dexterity, intelligence, headed the carcass of a goat.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Шоди Сафаров*** – кандидат педагогических наук, доцент, ректор Государственного института физической культуры им.С.Рахимова

# РОЛЬ САМОСТОЯТЕЛЬНОЙ РАБОТЫ СТУДЕНТОВ В ОБРАЗОВАТЕЛЬНОМ ПРОЦЕССЕ НА ПРИМЕРЕ ИЗУЧЕНИЯ ВЫСШЕЙ МАТЕМАТИКИ В КРЕДИТНОЙ ТЕХНОЛОГИИ ОБУЧЕНИЯ

***А.А. Рахимов***
**Политехнический институт ТТУ им. М.С. Осими, г. Худжанд**

Основная задача высшего образования заключается в формировании творческой личности специалиста, способного к саморазвитию, самообразованию, инновационной деятельности. Решение этой задачи вряд ли возможно только путем передачи знаний в готовом виде от преподавателя к студенту. Необходимо перевести студента из пассивного потребителя знаний в активного их творца, умеющего сформулировать проблему, проанализировать пути ее решения, найти оптимальный результат и доказать его правильность. Происходящая в настоящее время реформа высшего образования связана по своей сути с переходом от парадигмы обучения к парадигме образования. В этом плане следует признать, что самостоятельная работа студентов (СРС) является не просто важной формой образовательного процесса, а должна стать его основой [1].

Это предполагает ориентацию на активные методы овладения знаниями, развитие творческих способностей студентов, переход от поточного к индивидуализированному обучению с учетом потребностей и возможностей личности. Речь идет не просто об увеличении числа часов на самостоятельную работу. Усиление роли самостоятельной работы студентов означает принципиальный пересмотр организации учебно-воспитательного процесса в вузе, который должен строиться так, чтобы развивать умение учиться, формировать у студента способности к саморазвитию, творческому применению полученных знаний, способам адаптации к профессиональной деятельности в современном мире [2].

В то же время самостоятельная работа, ее планирование, организационные формы и методы, система отслеживания результатов являются одним из наиболее слабых мест в практике вузовского образования и одной из наименее исследованных проблем педагогической теории, особенно применительно к современной образовательной ситуации (диверсификация высшего образования, введение образовательных стандартов, внедрение системы педагогического мониторинга и т.д.).

В исследованиях, посвященных планированию и организации самостоятельной работы студентов (Л.Г. Вяткин, М.Г. Гарунов, Б.П. Есипов, В.А. Козаков, И.Я. Лернер, М.И. Махмутов, Н.А. Половникова, П.И. Пидкасистый и др.) рассматриваются общедидактические, психологические, организационно-деятельностные, методические, логические и другие аспекты этой деятельности, раскрыты многие стороны исследуемой проблемы, особенно в традиционном дидактическом плане. Однако особого внимания требуют вопросы мотивационного, процессуального, технологического обеспечения самостоятельной аудиторной и внеаудиторной познавательной деятельности студентов – целостная педагогическая система, учитывающая индивидуальные интересы, способности и склонности обучающихся [2].

Разработка комплекса методического обеспечения учебного процесса является важнейшим условием эффективности самостоятельной работы студентов. К такому комплексу следует отнести тексты лекций, учебные и методические пособия, лабораторные практикумы, банки заданий и задач, сформулированных на основе реальных данных, банк расчетных, моделирующих, тренажерных программ и программ для самоконтроля, автоматизированные обучающие и контролирующие системы, информационные базы дисциплины или группы родственных дисциплин и другое. Это позволит организовать проблемное обучение, в котором студент является равноправным участником учебного процесса.

Результативность самостоятельной работы студентов во многом определяется наличием активных методов ее контроля. Существуют следующие виды контроля:

- входной контроль знаний и умений студентов при начале изучения очередной дисциплины;
- текущий контроль, то есть регулярное отслеживание уровня усвоения материала на лекциях, практических и лабораторных занятиях;
- промежуточный контроль по окончании изучения раздела или модуля курса;

- самоконтроль, осуществляемый студентом в процессе изучения дисциплины при подготовке к контрольным мероприятиям;
- итоговый контроль по дисциплине в виде зачета или экзамена;
- контроль остаточных знаний и умений спустя определенное время после завершения изучения дисциплины [3].

В последние годы наряду с традиционными формами контроля - коллоквиумами, зачетами, экзаменами достаточно широко вводятся новые методы, то есть организация самостоятельной работы студентов производится на основе современных образовательных технологий. В качестве такой технологии в современной практике высшего профессионального образования часто рассматривается рейтинговая система обучения, позволяющая студенту и преподавателю выступать в виде субъектов образовательной деятельности, т.е. являться партнерами.

Рейтинговая система – это регулярное отслеживание качества усвоения знаний и умений в учебном процессе, выполнения планового объема самостоятельной работы. Введение многобальной системы оценки позволяет, с одной стороны, отразить в бальном диапазоне индивидуальные особенности студентов, а с другой – объективно оценить в баллах усилия студентов, затраченные на выполнение отдельных видов работ. Так каждый вид учебной деятельности приобретает свою «цену». Получается, что «стоимость» работы, выполненной студентом безупречно, является количественной мерой качества его обученности по той совокупности изученного им учебного материала, которая была необходима для успешного выполнения задания. Разработанная шкала перевода рейтинга по дисциплине в итоговую десятибальную оценку доступна, легко подсчитывается как преподавателем, так и студентом: 85%-100% максимальной суммы баллов – оценка «отлично», 70%-85% – оценка «хорошо», 50%-70% – «удовлетворительно», 50% и менее от максимальной суммы – «неудовлетворительно».

При использовании рейтинговой системы:

- основной акцент делается на организацию активных видов учебной деятельности, активность студентов выходит на творческое осмысление предложенных задач;
- предполагается разнообразие стимулирующих, эмоционально-регулирующих, направляющих и организующих приемов вмешательства (при необходимости) преподавателя в самостоятельную работу студентов;
- преподаватель выступает в роли педагога-менеджера и режиссера обучения, готового предложить студентам минимально необходимый комплект средств обучения, а не только передает учебную информацию; обучаемый выступает в качестве субъекта деятельности наряду с преподавателем, а развитие его индивидуальности выступает как одна из главных образовательных целей;
- учебная информация используется как средство организации учебной деятельности, а не как цель обучения [4].

Наиболее приемлемой формой оценки результатов работы студента по изучаемой дисциплине является бальная. При разработке шкалы оценки результатов самостоятельной работы студента, необходимо ранжировать задания для самостоятельной работы в зависимости от уровня их сложности.

Приведем пример самостоятельной работы студентов по предмету высшей математики изучающей тему: «Понятие функций. Основные элементарные функции » [5].

В этой группе студентов отрабатываются задачи минимума:

*Задание 1. Найти значение функции в указанной точке:*

<u>*Варианты:*</u>

№ 1 а) $y = 2x + 5; \quad x = -1;\ 5;\ -\frac{1}{2}$ б) $y = 1 + \sin 2x; \quad x = -\frac{\pi}{2};\ \frac{\pi}{4}$

*Задание 2. Найти область определения функций:*

<u>*Варианты:*</u>

№ 1 а) $y = \frac{4x+5}{x-2}$; б) $y = \frac{1}{3}x^2 + 4x - 5$ в) $y = \sqrt{x^2 - 1} - \sqrt{16 - x^2}$

*Задание 3. Определить четность и нечетность функций:*

<u>*Варианты*</u>

№ 1 а) $f(x)=\dfrac{2+4\cos 2x}{x^2-4}$; б) $y=\cos x+x\sin x$; в) $y=ctg^2 x-tgx$

*Задание 4. Построить графики следующих функций:*

Варианты

№ 1 а) $y=\dfrac{2x-5}{2}$; б) $y=4x^2+5x+6$; в) $y=\dfrac{7}{x}+3$; г) $y=2^{|x|}$;

д) $y=2\sqrt{x}+3$; е) $y=\sin\left(\dfrac{3\pi}{2}+2x\right)$; ж) $y=\begin{cases}\cos x; \text{ если } x\le 0\\ \sin x; \text{ если } x>0\end{cases}$

Задачи для средних студентов. Со студентами этой группы надо отработать и решить более сложные (чем задачи минимума) ы Например:

*Задание 1. Неявную функцию написать в виде явной:*

Варианты:

№ 1 а) $x^2-\arccos y=\pi$ б) $10^x+10^y=10$

*Задание 2. Найти область определения функции:*

Варианты:

№ 1 а) $y=\arccos\dfrac{1+2x}{4}$ б) $y=\sqrt{\log_{\frac{1}{3}}\left(2^{x+2}-4^x\right)+2}$ в) $y=\sqrt{\ln(4x+x^2)-2}$

*Задание 3. Определить четность и нечетность функций:*

Варианты

№ 1 а) $y=\dfrac{3^x+3^{-x}}{3^x-3^{-x}}$; б) $y=arctg^2\ln^3\sqrt{\dfrac{1-x}{x}}$.; в) $f(x)=\dfrac{a^x-1}{a^x+1}$.

*Задание 4. Построить графики следующих функций:*

Варианты

№ 1 а) $y=x-4+|x-2|$ б) $y=\sin\left(\dfrac{3\pi}{2}+2x\right)$; в) $y=2^{-x^2}+\cos x$

г) $y=\sin\left(\dfrac{3\pi}{2}+2x\right)$; д) $y=-2\sin\left(\dfrac{x}{4}-2\right)$

*Задание 5. Сложную функцию написать в виде цепи равенств:*

Варианты

№1 $y=3arctg^3(\sin^2(\sqrt{x^2+3}))$.

Понятно, что студенты этой группы должны хорошо решать задачи уровня 1 и 2 (см. выше). При работе со студентами этой группы можно ориентироваться, например, на задачник Бермана [5], причем задачи повышенной (по сравнению со средним уровнем) сложности задавать индивидуально для работы в аудитории и самостоятельно – дома. Кроме подтем указанных ранее задач, студенты этой группы должны решать и задачи таких подтем, как:

а) задачи на теоремы о среднем (например: не находя производной функции $y = f(x) = (x-1)(x-2)(x-3)(x-4)$ выяснить, сколько корней имеет уравнение $f'(x) = 0$ , и указать интервалы, в которых они лежат);

б) задачи на отыскание наибольших (наименьших) значений функции (например: найти соотношение между радиусом и высотой цилиндра, имеющего при данном объеме наименьшую полную поверхность);

в) задачи о построении графика производной по графику функции (например, задача №1311 из [6]);

г) задачи на применение формулы Тейлора (например, найти cos10°$C$ с точностью $E$ = 0,001 . Убедиться, что для достижения указанной точности достаточно взять формулу Тейлора 2-го порядка).

Из теоретических вопросов рассматриваемой здесь темы студенты этой группы должны уметь доказывать и такие теоремы, как правило, Лопиталя, теоремы о среднем (Ролля, Лагранжа, Коши).

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Игнатов В.Г., Белолипецкий В.К. Профессиональная культура и профессионализм государственной службы: контекст истории и современность. Учебное пособие. – Ростов н/Д: издательский центр «МарТ», 2000. – 256 с.
2. Юшко Г.Н. Научно-дидактические основы организации самостоятельной работы студентов в условиях рейтинговой системы обучения: Автореф. дисс.. канд. пед. наук: 13.00.08 – теория и методика профессионального образования / Рост. гос. ун-т. – Ростов-н/Д, 2001. – 23 с.
3. Пидкасистый П.И. Самостоятельная познавательная деятельность в обучении. – М.: Педагогика, 1980.– 240 с.
4. http://knowledge.allbest.ru/pedagogics/3c0b65635a2ac68a4d53a88521306c27_0.html
5. Берман Г.Н.Сборник задач по курсу математического анализа. Москва: Наука,1985.- 436 с.

**РОЛЬ САМОСТОЯТЕЛЬНОЙ РАБОТЫ СТУДЕНТОВ В ОБРАЗОВАТЕЛЬНОМ ПРОЦЕССЕ НА ПРИМЕРЕ ИЗУЧЕНИЯ ВЫСШЕЙ МАТЕМАТИКИ В КРЕДИТНОЙ ТЕХНОЛОГИИ ОБУЧЕНИЯ**

В данной работе рассматривается роль самостоятельной работы студентов в образовательном процессе при обучении высшей математике в кредитной системе обучения. Определена актуальность работы. Приведены типы самостоятельных работ по уровню сложности. Приведены примерные варианты заданий самостоятельной работы по курсу математического анализа.

**Ключевые слова:** самостоятельная работа, формы и методы самостоятельной работы, индивидуализация заданий, рейтинговая система, способность студента, уровень сложности, самоконтроль учебного процесса, аудиторная самостоятельная работа, внеаудиторная самостоятельная работа.

**THE ROLE OF INDIVIDUAL (INDEPENDENT) WORK OF STUDENTS IN EDUCATIONAL PROCESS OF CREDIT TECHNOLOGY TEACHING ON THE BASE OF HIGHER MATHEMATICS**

The role of individual student's work in educational process of teaching of higher mathematics in credit system is examined in this job. The job is very actual. Types of individual work according to the level of complexity are given here. You can also find approximate variants of tasks on the course of mathematics analysis.

**Key words:** individual (independent) work, forms and methods of individualization of tasks, credit system, student's capability, the level of difficulty, self-verification of scholastic process, independent work in class, out of class.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***А.А. Рахимов*** - старший преподаватель кафедры математики Политехнического института ТТУ им. М.С. Осими в городе Худжанде. Телефон:**927965321; amon_rahimov@mail.ru**

# МУСТАҚИЛИЯТИ АНДЕШАВУ КИРДОР ДАР ПЕДАГОГИКАИ ХАЛҚИ ТОҶИК

***Б.Р. Қодиров, Н.С.Азимова***

**Донишкадаи давлатии забонҳо Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода,**
**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б.Ғафуров**

Таърихи бостонии халқи тоҷик гувоҳӣ медиҳад, ки нақши фарзандони фарзонаи миллати тоҷик дар рушди илми ҷаҳонӣ басо калон аст. Таърихи ақидаҳои халқи тоҷик ҳамчун оина умеду ормонҳо, музаффарияту дастовардҳо, бурду бохт ва аз ҳама муҳим- кӯшиши одамон барои хушбахтӣ ва озодиро инъикос мекунад. Халқи тоҷик дар раванди таърихи худ бо якчанд забонҳо гуфтугӯ мекарду эҷод менамуд. Аз ҷумла забонҳои авастоӣ, паҳлавӣ, суғдӣ, бохтарӣ, хоразмӣ, форсӣ, дарӣ, тоҷикӣ ва диг. Вале бо кадом забоне, ки аҷдодони мо сухан гуфтаанд, меҳру муҳаббат ва тифоқӣ бо халқҳои дигар, шиори онҳо буду фарзандони худро низ дар ин рӯҳия тарбия мекарданд. Таърих гувоҳӣ аст, ки халқи тоҷик ба ягон халқият сӯиқасд накардааст ва мақсади забткорона надоштааст ва ин боиси ифтихори мост.

Дар ақидаҳои педагогии халқи тоҷик мустақилона амал намудан, мустақилона андешидан, мустақилона ба қароре омадан яке аз шаклҳои фаъолияти таълим мебошад. Дар ҳалли масъалаҳои ташаккули идроки мустақилонаи анъанаҳои педагогии халқи тоҷик бештар ба истифодаи эҷодкоронаи мероси классикии педагогии Шарқ аҳамияти калон медоданд. Мероси бойи адабии халқҳои Шарқ дар асарҳои Балъамӣ, ар-Розӣ, Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Абӯалӣ Ибни Сино, Носири Хусрав, Ҳофиз ва Саъдӣ, К.Хуҷандӣ, А. Ҷомӣ, А. Дониш ва С. Айнӣ ва дигарон инъикос ёфтаанд, ки барои инкишофи маънавиёт ва фарҳанги миллат, пешрафт ва ғанӣ

гардонидани илми педагогика нақши муҳим бозидаанд. Ин гуна симоҳои муътабар бо маҳсули эҷод ва ва қобилияти нотакрори зеҳниву фарҳангиашон маънавиёти замон ва рушду камоли ҷомеаро муайян менамоянд.

Сухансарои машҳури форсу тоҷик Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар байни халқ ҳамчун сароянда ва мусиқанавоз, шоир ва олими забардаст аз давраи ҷавонӣ шуҳрат ёфтааст. Устод Рӯдакӣ донандаи забони арабӣ буда, зиёда аз 40 сол дар дарбори Сомониён ҷамъияти шоиронро сарварӣ мекард. Устод Рӯдакӣ кори мустақилонаро ҳамчун воситаи ҷалби инсон ба фаъолияти мустақилонаи идрок ҳисоб мекард ва дар ин бобат гуфта буд:

Ҳар киро эзад-ш лахте ҳуш дод,
Рӯзгор ӯро басанда устод.
Ҳар ки н-омухт аз гузашти рӯзгор,
Низ н-омӯзад зи ҳеҷ омӯзгор.

Ақидаҳои педагогии А.Рӯдакӣ саршор аз панду андарзҳои фарогири тарбияи фарзандон буда, ӯ таъкид кардааст, ки дар зиндагӣ ҳодисаҳои гуногун бар сари фарзанди Одам меоянд ва барои ҳалли ин мушкилот ва душвориҳо инсонро ба таҷрибаомӯзӣ даъват мекунад:

Бирав зи таҷрибаи рӯзгор баҳра бигир,
Ки баҳри дафъи ҳаводис туро ба кор ояд.

Ба ақидаи Рӯдакӣ барои ҳар шахс ғайр аз дониш омӯхтан ва мустақилона амал намудан, боз тани солим, рафтору кирдори нек, номи нек ва хирад барин неъматҳои илоҳӣ лозиманд. Ҳар касе, ки соҳиби ин 4 – неъмат бошад, беташвиш умр ба сар хоҳад бурд:

Чаҳор чиз мар озодаро зи ғам бихарад:
Тани дурусту хӯи неку номи неку хирад.
Ҳар он кӣ Эзидаш ин ҳар чаҳор рӯзӣ кард,
Сазад, ки шод зияд ҷовидону ғам нахӯрад.

Яъне, ҳар он касеро, ки лоиқи чаҳор неъмат дид, ӯ хушбахттарин инсон аст.

Ба ақидаи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ дар ташаккули шахсият ва қобилияти ӯ муҳити атроф нақши муҳим мебозад:

*Замона панде озодвор дод маро,*
*Замона, чун нигарӣ, сар ба сар ҳама панд аст.*
*Ба рӯзи неки касон, гуфт, то ту ғам нахӯрӣ,*
*Басо касо, ки ба рӯзи ту орзуманд аст.*
*Замона гуфт маро: «Хашми хеш дор нигоҳ,*
*Киро забон на ба банд аст, пой дар банд аст.*

Аз ақидаҳои Рӯдакӣ оид ба нақши ҷамъият дар тарбияи инсон, ташаккули шахсияти ӯ, хулосаҳои мантиқӣ бармеоянд, ки қобилияти азхудкунӣ ва хислатҳои маънавии инсон меросӣ набуда, балки дар давраи камолёбӣ пайдошуда мебошанд.

Яке аз фарзандони фарзонаи миллати мо Абӯалӣ ибни Сино мебошад, ки кулли илмҳои замонаашро омӯхт, махсусан дар соҳаи тиб ва ахлоқу фалсафа эътибори хоса ва шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо карда. Бештар аз 478 асари ӯ қисми зиёдаш ба тиб ва фалсафаву ахлоқ бахшида шудааст. Афкори ахлоқӣ- педагогиву равоншиносии Сино асосан дар асарҳои «ал-Қонун- фит-тиб», «Китоб- уш- шифо», «Донишнома», «Ишорот ба танбеҳот», рисолаи «Тадбири манзил», «Зафарнома», «Азҳавия», «Ҳоҷуз» акс ёфтаанд.

Ибни Сино ба тарбияи фарзанд ва муносибатҳои оилавӣ диққати махсус дода, ба волидайн васият мекунад, ки фарзандонро дар рӯҳи ҳақиқатҷӯӣ, донишомӯзӣ, меҳнатдӯстӣ ва мустақилияту қавииродагӣ тарбия намоянд. Дар ин замина ба ақидаи ӯ фарзандон бояд ба ҳаёт омода бошанд ва мустақилона мушкилиҳоро паси сар кунанд.

Ба ақидаи Унсурмаолии Кайковус ( дар китоби «Қобуснома») одамон аз рӯйи қобилияти идрок гуногунанд: инсонҳои табиатан боақлу заковат офаридашуда, ки аз инсонҳои дигар фарқ мекунанд. На ҳама ақли расову заковати табииро душдаст, вале ҳар кас метавонад бо таълимгирӣ идроки худро такмил диҳад. Ӯ амали

мустақилонаро ба ҳампайвастагии фикри мустақил ва амалҳои ақлию ҷисмонии мустақил меҳисобад: « Дон ва огоҳ бош, эй фарзанд, ки одами беҳунар мисли дарахти бесоя аст, ки на ба худ ва на ба касе манфиат меорад. Одамоне, ки ҳунар надоранду аз авлоди номдору бошуҳрат ҳастанд, эътибори дигаронро доранд. Ту кӯшиш кун, гарчанде аз авлоди номдор ҳастӣ, обрӯю эътибори худро байни мардум пайдо кунӣ. Чунки обрӯи шахсан пайдо кардаи ту аз обрӯи меросмонда беҳтар аст. Бузургӣ дар ақлу хирад аст, на дар авлоду зот. Бо шуҳрати меросмонда қаноатманд нашав, ин фақат нишонаи зоҳирӣ аст. Аз худ қаноатманд мешавӣ, агар одамон ба ту ”Ҷаъфар”, “Зайд” ё “амак” нею, “устод”, “адиб” гуфта, муроҷиат кунанд»

Баъзе аз муаллифон кори мустақилонаро ҳамчун воситаи ҷалби шогирдон ба фаъолияти мустақилонаи идрок дида баромадаанд.

Маҳз дар кори мустақилона инсон шавқу рағбат, маром, мақсаднокӣ, худидоракунӣ ва дигар хислатҳои шахсияшро зоҳир мекунад. Кори мустақилона манбаи асосии дигаргунии муносибат ба таълим ва ҷараёни он буда, шакли махсуси фаъолияти таълимро дар бар мегирад ва ҳамаи хусусиятҳои номбаршударо доро мебошад. Дар эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ андешаҳои педагогӣ мавқеи хосса доранд. Назари педагогии ӯ дар асарҳои «Ҳафт авранг» ва «Баҳористон» акс ёфтаанд. Онҳо бисёр гуногунҷабҳа буда, ғояҳои мухталифи муносибати байниҳамдигариро доранд.

Дар ҷавони саъй кун, гар бехалал хоҳӣ амал,
Мева бенуқсон бувад, чун аз дарахти навбар аст,

Баъдан Ҷомӣ дар қасидааш таъқид мекунад, ки агар шахс соҳиби донишу камолот бошад, хеҷ гоҳ гадо нест, ӯ шоҳ аст;

Гар надорад симу зар доно, манеҳ номаш гадо ,
Дар бараш дил баҳри дониш, ӯ шаҳи баҳру бар аст.

Дар эҷодиёти Ҷомӣ рӯбоӣ, қитъа, тарҷеъбанд, таркиббанд, мураббаъ, фард дида мешавад, ки онҳо аз лиҳози маъни ва санъати суханварӣ дар пояи баланд меистанд ва дар аксари онҳо ӯ шахсро ба мустақилона амал намудан далолат мекунад. Чунончи, дар қитъаи зерин ба як масъалаи муҳими рӯзгори хеш дахл намуда, таъқид менамояд, ки инсон бояд меҳнатдӯст бошад. Ӯ бояд омӯхтан ва меҳнат карданро барои худ ор надонад, аз пайи номи падар нашавад, балки фазлу ҳунари худро дар назди мардум нишон диҳад. Агар ин сифатҳоро надошта бошад, мисли шохи беҳосили дарахти мевадор аст, ки он чун хезум аст;

Ҳар писар, к-у аз падар лофад, на аз фазлу ҳунар,
Филмасал гар дидаро мардум бувад, номардум аст.
Шохи бебар гарчи бошад аз дарахти мевадор ,
Чун наёрад мева бор, андар шумори ҳезум аст.

Бузургони илму адаби мо шавқу ҳавасро мояи асосии мустақилияти пиндору кирдор номидаанд:

Шавқ агар бисёр бошад, раҳбаре даркор нест,
Сел бе раҳбар ба дарё мерасонад хешро (Толиби Омулӣ).

Педагогикаи халқи тоҷик талқин менамояд, ки мустақилият инсонро ба мартабаҳои баланд расонида, аз ҳар гуна ноқисиҳои олам раҳо медиҳад:

Косаи заррини мардум пурасал бошад, манӯш,
Косаи чубини худро гиру дар майхона бош (Бедил).

Маданияти баланди педагогии халқ инъикосгари маданияти волои халқ мебошад. Кӯшишҳои пешбурди ягон соҳаи ҳаёти иҷтимоӣ дар ҳолате ба мақсад мерасанд, агар ҳамаи талошҳо баҳри тарбияи дурусти насли наврас равона карда шуда бошанд.

**АДАБИЁТ**


1. А. Пудинаев. Г. Бобохоҷаева. Афкори равоншиносиву ахлоқии Абӯалии Сино. Илм ва ҳаёт, 1-3, 2012.
2. Абдулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома. Душанбе, 2001.
3. Лутфуллоев М. Дидактикаи муосир.- Душанбе: Ирфон, 1997.
4. Мирзозода. Рӯдакӣ – асосгузори адабиёти классики тоҷик. -Душанбе,1958.

5. Раҳмонов Э.Ш. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби дуюм. Аз Ориён то Сомониён.-Душанбе: Ирфон, 2002.

**РАЗВИТИЕ ПОЗНАВАТЕЛЬНОЙ САМОСТОЯТЕЛЬНОСТИ В ТАДЖИКСКОЙ НАРОДНОЙ ПЕДАГОГИКЕ**

В решении проблем формирования и развития познавательной способности важное место отводится творческому применению классического педагогического наследия Востока, которые дали достаточно сильный импульс обогащению и углублению новых аспектов педагогической науки.

**Ключевые слова**: самостоятельность, развитие, наука, знание, мышление.

**DEVELOPMENT COGNITIVE INDEPENDENCE IN THE TAJIK FOLK PEDAGOGY**

In solving the problems of formation and development of cognitive abilities important place is given to the creative use of classical pedagogic heritage of the East, which gave a strong enough impetus to enrich and deepen the pedagogical aspects of the new science.

**Key words**: autonomy, development, science, knowledge, thinking.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Б.Р.Кодиров*** – д.п.н., профессор, ТГИЯ им.С.Улугзаде
***Н.С.Азимова*** – соискатель ХГУ им.Б.Гафурова

# МАВҚЕИ АНЪАНАҲОИ ХАЛҚӢ ДАР ТАРБИЯИ АРЗИШҲОИ АХЛОҚИИ МАКТАББАЧАГОНИ ХУРДСОЛ

***Ф. Гулмадов***
**Хадамоти давлатии назорат дар соҳаи маориф**

Масъалаи тарбияи ахлоқии насли наврас дар ҳамаи давру замонҳо яке аз масъалаҳои муҳими иҷтимоӣ ба шумор мерафт. Дар бораи чӣ тавр ба роҳ мондани тарбияи насли ҷавон файласуфон, психологҳо, педагогҳо мувофиқи талаби замонҳои мухталиф фикру ақидаҳои хеле ҷолибро баён карданд, ки то имрӯз аҳамияти тарбиявии худро гум накардаанд.

Тарбияи насли наврас имрӯз мазмуни нав пайдо карда, шакл ва методҳои он низ то андозае тағйир ёфтааст. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки солҳои охир омӯзгорон, падару модарон ва аҳли ҷамъиятчигӣ изҳор менамоянд, ки пояи тарбия то андозае суст шуда, ахлоқу одоби наврасону ҷавонон коста гардидааст.

Омилҳои суст шудани пояи тарбияи ахлоқии насли наврас гуногун буда, ба ақидаи мо яке аз сабабҳои паст рафтани ахлоқи насли наврас то андозае фаромӯш сохтани анъанаҳои неку пешқадами мардумӣ ба ҳисоб меравад. Бинобар ин омӯзиши афкори педагогии халқи тоҷик, аз ҷумла, урфу одат ва анъанаҳои пешқадами халқи тоҷик ва истифодаи онҳо дар тарбияи арзишҳои ахлоқии насли наврас ин фазои холиро пур карда метавонад. Суннат ва анъанаҳои неки мардумӣ яке аз дастовардҳои маънавии инсоният буда, барои рушду камоли насли ҷавон хизмат мекунанд. Аз ин ҷост, ки ҳар халқу миллат маҳз тавассути суннатҳо ва анъаноти хеш дар ҷодаи тамаддуни башарӣ бозшинохта мешавад. Тоҷикон, ки яке аз қабилаҳои шарқии Эрон ба ҳисоб меравaнд, дар тӯли асрҳо суннатҳо ва анъанаҳои хешро нигоҳ доштаанд. Омӯзиш ва таҳқиқи урфу одат ва аъанаҳои халқӣ инсонро ба гузаштаи дур, ба шаклҳои қадимтарини маданият, ахлоқ ва ҷаҳонбинӣ ошно месозад.

Қобили зикр аст, ки баъди истиқлолияти давлатӣ ба даст овардани Тоҷикистон, барои омӯхтан ва истифода бурдани мероси гузашта роҳи васеъ кушода шуд.

Анъанаҳои қадимаи халқи тоҷик аҳамияти бузурги итҷимоӣ-таърихиро доро мебошанд. Имрӯзҳо омӯхтану ба шароити имрӯза мутобиқ намудани анъанаҳои пешқадами халқи тоҷик вазифаи таърихнопазири мактаб, оила ва аҳли ҷомеа мебошад, чунки дар шароити имрӯза аҳамияти тарбиявии анъанаҳои халқӣ, урфу одат ва расму оинҳои халқӣ то рафт зиёд мегардад. Ҳамчунин қимати тарбиявии анъанаҳои қадима он вакт меафзояд, ки агар онҳо бо анъанаҳои имрӯза дар алоқамандӣ бо мақсади тарбияи насли наврас истифода бурда шаванд, зеро қоида ва нормаҳои ахлоқӣ вобаста ба ҳаёти имрӯза то андозае таъғийр ва ташаккул меёбанд.

Дар хуҷҷатҳои «Консепсияи мактаби миллии Тоҷикистон» таъкид шудааст, ки эҳёи мактаби миллӣ барқарор ва пойдор намудани педагогикаи мардумиро низ дар назар дорад, ки хушбахтона дар анъанаҳо, урфу одат, расму русум, маросимҳо ва дар адабиёти тароватбахши шифоҳию таҳририи мо боқӣ мондааст. Асоси педагогикаро … «Пиндори нек, гуфтори нек, кирдори нек» ташкил медиҳанд, ки ҳанӯз дар сурудаҳои нахусткитоби «Авесто» вомехӯрад. Ибтидои пайдоиши урфу одат ва

анъанаҳои халқӣ низ ба замони Зардушт, ки дар китоби муқаддаси «Авесто» зикр ёфтаанд, тааллуқ дорад. Зардуштиён насли наврасро аз хурдсолӣ дар рӯҳияи илмдӯстӣ, поквиҷдонӣ, хоксорӣ, меҳнатдӯстӣ, ягонагии қавлу амал, саховатпешагӣ, хайрхоҳӣ, эҳтироми калонсолон ва ғайра тарбия менамуданд. Зардуштиён сухани хуб ва муносибати хайрхоҳонаро беҳтарин сифати ахлоқӣ мепиндоштанд.

Бояд зикр намуд, ки урфу одат ва анъанаҳои нек ва арзишҳои ахлоқии дар замони зардуштиён ба миёномада, баъдтар дар замони Ҳохоманишиҳо, Сосониён, Кушониён ва минбаъд ҳамчун меъёри тарбияи арзишҳои ахлоқӣ хизмат кардаанд. Масалан, дар замони Сосониён чунин анъанаи неки тарбияи насли наврас вуҷуд дошт:

1Анъанаи тарбияи оилавӣ барои давом додани насли оянда;

2.Тарбия дар рӯҳияи қабила ва анъанаи нажодӣ;

3.Тарбияи ахлоқӣ ва динӣ;

4.Тарбия ва ташаккули малакаҳои меҳнатӣ ва одат барои аз худ намудани касб ва ҳунарҳои гуногун;

5.Тарбияи ҷисмонӣ, риояи гигиенаи шахсӣ, ҳамчунин ҳифзи муҳити зист;

6. Маҳорати хондану навиштан ва ҳисоб кардан;

7.Тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ ва тайёрии ҳарбӣ барои ҳифзи ватани худ;

8. Мубориза бар зидди танбалӣ ва бекорӣ, зеро зардуштиён чунин ҳисоб мекарданд, ки танбалӣ ва бекорӣ шахсро маҷбур месозад, ки ҷиноят содир намояд (дуздӣ, майнӯшӣ, куштор ва ғайра).

Қобили зикр аст, ки чунин анъанаҳои нек имрӯз низ қимати ахлоқии худро гум накардаанд.Олимон ва зиёиёни Тоҷикистон барои эҳтиёткорона муносибат кардан ба дурдонаҳои мероси маънавии халқ кӯшиши зиёд намуда, барои омӯхтану тарғиб намудани анъанаҳои пешқадами халқ кӯшиши зиёдро ба харҷ дода истоданд. Зеро омӯхтан ва дастраси умум намудани мероси бойи гузашта, аз ҷумла, анъанаҳои пешқадами мардумӣ ба ҳалли масъалаҳои ҳаётан муҳими ҷараёни сохтмони ҷамъиятӣ демократии ҳуқуқбунёди Тоҷикистон ёрии калон расонида, дар тарбияи идеявии одамон ва ташаккули насли наврас ёрии амалӣ мерасонанд. Дар давоми чандин асрҳо халқи тоҷик бо анъанаҳои пешқадами худ чунин дурдонаҳои ахлоқие офаридааст, ки дар таълиму тарбияи инсон, хоса насли наврас мавқеи муҳимро касб менамоянд.

Чи тавре ки татқиқотҳо нишон медиҳанд, дар бораи самаранок истифода бурдан аз анъанаҳои халқӣ ҳанӯз ҳам татқиқотҳои мукаммал хело кам ба анҷом расонида шудааст.

Дар ин бора профессор М.Орифӣ ягона тадқиқоти нисбатан мукамале ба анҷом расонидааст. Татқиқоти профессор М. Орифӣ татқиқоти арзишманд аст, вале азбаски анъанаҳои халқӣ точик васеъ ва доманадор мебошанд, ҳамаи паҳлӯҳои масъалаи мазкурро ба пуррагӣ дар бар гирфта наметавонад.

Олими шинохтаи тоҷик С. Исоев бошад, дар бораи таҷриба ва анъанаҳои халқӣ дар тарбияи меҳнатии кӯдакон дар оила рисолаи номзадӣ дифо намудааст. Бояд зикр намуд, ки профессор Қодиров Қ. дар рисолаи доктории худ, ки ба таърихи афкори педагогии халқи тоҷик аз давраи қадим то пайдоиши «Ислом» бахшида шудааст, дар қисматҳои алоҳидаи рисола баъзе анъанаҳои арзишманди халқи тоҷикро кушода додааст. Дар рисолаи доктории профессор Нуров А., ки ба проблемаи тарбияи арзишҳои миллӣ бахшида шудааст, қисман масъалаи истифодаи анъанаҳои арзишманди халқи тоҷик мавриди татқиқ қарор дода шудааст.

Бояд зикр намуд, ки дар рӯзнома ва маҷалаҳо низ дар бораи истифодаи урфу одат ва анъанаҳои халқӣ дар тарбияи насли наврас мақолаҳои алоҳида ба нашр расидаанд. Ба ақидаи мо имрӯз вақти он расидааст, ки барои бо мақсади тарбияи насли наврас ва истифода бурдани анъанаҳои мардумӣ, рисолаҳои нави илмӣ, дастуру васоитҳои тарбиявӣ анҷом дода шуда, нашр карда шаванд. Аз сӯйи дигар мактаб, оила ва аҳли ҷамъиятчигиро лозим аст, ки барои аз нав эҳё намудани чунин анъанаҳои нек, ки дар тарбияи ахлоқи шоистаи насли наврас кӯмаки зиёд расонида метавонанд, кӯшиши зиёдро ба харҷ диҳанд. Барои ин лозим аст, ки як қатор вазифаҳои тарбиявӣ ба амал бароварда шавад, ки дар байни ин вазифаҳо дар мактабу оила аз нав зинда кардану истифода бурдани анъанаҳои халқӣ ҷои намоёнро ишғол менамояд. Акнун вақти он расидааст, ки дар мактаб ҳангоми таълиму тарбияи насли наврас ба анъанаҳои миллӣ рӯ оварда шавад.

Масалан чунин анъанаҳои нек ба монанди ҳурмати падару модар, меҳнатдӯстӣ, фурутанӣ, инсондӯстӣ, эҳтироми калонсолон, ҳурмати устод, ростӣ ва ростгӯӣ,

хоксорӣ, некӣ ва накӯкорӣ, бо ҳам иттифоқ будан, ҳунар ва ҳунармандӣ, дӯстӣ ва одамият ва ғайра, ки дар тарбияи насли ҷавон кӯмаки зиёд расонида метавонанд, дар оила ва мактаб хело кам истифода бурда мешаванд.

Бо мақсади дуруст истифода метавонанд бурдани тарбияи анъанаҳои халқӣ он вақт самараи дилхоҳ медиҳанд, ки агар ин кор пеш аз ҳама аз синни хурдӣ дар оила ба роҳ монда шавад. Махсусан, бисёр муҳим аст, ки баъди мактабхон шудани кӯдакон, яъне аз синфҳои ибтидоӣ сар карда муаллимон ва падару модаронро лозим аст, ки баҳри ташаккули сифатҳои ахлоқии мактаббачагони хурдсол аз анъанаҳои пешқадами халқӣ истифода баранд.

Мушоҳидаҳои солҳои охир нишон медиҳанд, ки на дар синфҳои ибтидоӣ, на дар синфҳои болоӣ низ аз анъанаҳои некӣ халқӣ қариб, ки истифода бурда намешавад. Ҳол он ки анъанаҳои пешқадами халқи тоҷик, ки солҳои сол дар ақлу дили одамон ҷо гирифтанд, имконияти васеи дар насли наврас ташаккул додани сифатҳои беҳтарини ахлоқи шоистаро доро мебошанд. Махсусан, аз синфҳои ибтидоӣ сар карда, бо мақсадҳои тарбиявӣ истифода бурдани анъанаҳои халқӣ бисёр муҳим аст, чунки мактаббачагони хурдсол зуд ба таъсироти тарбиявӣ дода мешаванд.

Ба ҳамин тариқ, истифодаи анъанаҳои халқӣ дар корҳои таълиму тарбиявии мактаббачагони хурдсол имконият медиҳад, ки дар бачаҳо арзишҳои муҳими ахлоқӣ тарбия карда шавад. Мувофиқи тадқиқотҳои психологию педагогӣ ва мушоҳидаҳои мо низ синну соли мактабӣ барои тарбия хеле қуллай аст. Аз тарафи дигар дар корҳои таълиму тарбиявӣ истифода бурдани анъанаҳои халқӣ қувва ва вақти камтари педагогҳову падару модаронро талаб мекунад.

Аз сабаби он ки бораи бо мақсади тарбияи мактаббачагон нишон додани анъанаҳои халқӣ ягон дастури мукаммале вуҷуд надорад, муаллимон низ дар истифодабарии анъанаҳои халқӣ душворӣ мекашанд.

Аз қадимулайём дар мардуми тоҷик анъанаҳои меҳнатдӯстӣ, ҳурмати устод, ҳунаромӯзӣ, илму донишомӯзӣ, ватандӯстӣ, аҳду вафо, хоксорӣ, ростӣ ва росткорӣ, мардӣ, лутфу эҳсон ҷои намоёнро ишғол мекарданд. Калонсолон кӯшиш мекарданд, ки дар насли ҷавон чунин хислатҳои некӣ инсониро аз синни хурдӣ тарбия намоянд. Як бартарии зисту зиндагонӣ ва ҳаёти мардуми тоҷикон он буд, ки пеш аз ҳама насли ҷавонро аз синни хурдӣ ба меҳнатдӯстӣ одат мекунонданд ва дар ин бора худи калонсолон барои фарзандон намунаи ибрат буданд. Масалан дар давраҳои пеш агар ҳамсояҳо медиданд, ки кӯдаки 6-7 сола досро гирифта алаф медаравад, онҳо досро аз дасти бача мегирифтанду онро ба гардани падари бача монда мекашиданд. То агар падар додани як зиёфатро ба гардан намегирифт, досро аз гардани ӯ намегирифтанд. Ҳамин тавр падар як зиёфати хоксоронаеро ташкил мекарду ҳамсояҳоро даъват мекард ва баъди хӯрдани таом бачаро ба назди худ хонда, фотеҳаи нек медоданд, ки акнун ту мардӣ хона шудаӣ ва минбаъд дар корҳои хоҷагӣ ва рӯзгор ба падарат ёрӣ мерасонӣ. Аз ҳамин рӯз эътиборан кӯдак худро шахси дар оила даркорию зарурӣ меҳисобид.

Яке аз анъанаҳои дигари қадимаи халқи тоҷик ин эҳтироми падару модар мебошад. Ба ҷо оварии изату эҳтироми параду модар барои фарзанд шарафи бузургест. Ҳурмати падару модарро ба ҷо овардан, онҳоро эҳтиром намудан ва ба хизматашон тайёр будан аз сифатҳои волои инсонист. Кӯдак ҳар рӯз пас аз бархостан аз хоб ва адои шустушӯй бо тавозӯъ ва бо забони нарм ба падару модараш бояд салом диҳад. Аз иҷрои ҳар як супориши онҳо бояд саркашӣ накунад, бо дидаи дурушту бад ба дидаҳои пурмеҳри онҳо нанигарад. Пирони рӯзгордида ҳамеша панд медонанд, ки дар айёми пирӣ, хизмати падару модарро ба ҷо оварданд, ба қомати хамида ба дастони аз камоли пирӣ, бемадори онҳо асо шудан шарафи ҷавонист.

Қадри падару модарро донистан шарт ва зарур аст. Фарзанд бояд ҳамеша ба иҷрои хизмати онҳо тайёр бошанд. Ҳар касе, ки падару модарро дӯст медорад, ба қадри онҳо мерасад ва эҳтиром мекунад, азизи одамон хоҳад буд.

Дар ҳадисҳои паёмбари ислом Муҳаммад (с) оварда шудааст: «Некӣ ба падару модар хайрест, ки пеш фиристода мешавад» Анъанаи дигари қадимаи халқи тоҷик ин эҳтироми устод мебошад:

Хишти аввал чун ниҳад меъмор каҷ,
То ба охир меравад девор каҷ.

Меъморе, ки нахустин хишти илму дониш, фазлу адаб, маънию маърифатро дар бинои мӯҳташам ва аламонаи даҳри маънавӣ мениҳад, устод аст. Аммо устод бо риёзати лайлу наҳор дар ғамхории шогирд, чун шамъ месӯзад. Ҳангоми таълим дар назди шогирд, гоҳ чун мум об ва нарму мулоим мешавад, гоҳ чун пӯлоди сахту матин

сахтгирӣ мекунад. Аз ин рӯ, ба дараҷаи камолот расидану соҳиби илму дониш ва фазлу адаб гардидани ҳар як шогирд ифтихор ва таманои бузургест барои устод. Устод дар симои шогирд самараи меҳнат ва ранҷу машаққати бардавому тӯлонии хешро мебинад. Вақте ки кас номи устодро ба забон мегирад, дар пеши назар симои шахси маҳбуб ва азизу мӯҳтарам ва парваришгари чун меҳр пурзиё таҷассум мегардад. Дар ин бора Ҷомӣ ҳам ба маврид гуфтааст:

Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,
Шавад тира аз бехирад рӯзгор.

Вақте ки ҳар рӯз шогирд ба мактаб меравад, баробари ба устод вохурдан бояд ба ӯ бо эҳтиром салом диҳад ва ҳурмати ӯро ба ҷо орад. Дар кӯчаву бозор ва дар мактабу ҷои кор аз пеши устод гузаштан аз рӯи одоб нест. Хешро бояд ба канор гирифт ва ба ӯ роҳ дода гуселаш бояд намуд. Дар иҷрои супоришҳои устод ҷидду ҷаҳд мебояд. Набояд коҳилӣ ва саркашӣ кард, ки ҷавони саркаш – «сар накашад». Гуфтор ва панду таълими устодро бо хушнудӣ қабул намудан хурсандӣ орад ва ӯ низ хушҳолу мамнун гардад. Бояд сайъ кард, ки ба боварии устод арзанда бошед. Дар ин бора шоир чунин гуфтааст:

Ба шогирдӣ ҳар он, к-ӯ шод гардад,
Расад рӯзе, ки худ устод гардад. (Носири Хусрав)

Анъанаи дигари халқи тоҷик ин ростӣ ва ростӯӣ мебошад. Рости ва ростӯиро дар ҳаёт ҳаргиз завол набувад ва инсон ба муроди дил ба ин роҳ ба манзил мерасад. Бузургон гуфтаанд, ки касе аз роҳи рост роҳи хешро гум кардааст ва суди зиёде аз ин роҳ ба худ бурдааст. Бояд донист, ки рост ва ростӯӣ беҳтарин сифат ва аз накутарин хислатҳои одамӣ буда, ғунчаи ин бӯстон ҳамеша шукуфон ва бехазон аст. Ростӣ – қотили ақраби пурзаҳри дӯруғӯӣ ва қаззобист, ки дар арсаи зиндагонӣ ин рости аз болои он каҷи пурзаҳр ғалаба намояд ва боби адлу адолат ба рӯи кас бикшояд. Аз ин рӯ дар ҳаёт ва дар олами ҳастӣ бадтар аз каҷи ва беҳтару накутар аз ростӣ чизе нест. Дар ин бораҳақ ба ҷониби А. Фирдавсӣ, ки чунин фармудааст:

Ба гетӣ беҳ аз ростӣ пешае нест,
Зи каҷӣ бадтар ҳеҷ андешае нест.

Ростиро завол набувад ва ростӯйро пой бо дили каҷ ҳаргиз банд нашавад ва аз фалокатҳои рӯйдиҳандаи каҷӣ як умр эмин бошад:

Дилатро рост кун дар росткорӣ,
Ки ҳаст аз росткорӣ растагорӣ.
(Носири Хусрав)

Дар масалҳо «Ростиро завол нест», гуфтаанд ки ин масалро мисл набувад ва ба рӯи амалкунандаи он дари ростгӯие ростқавлӣ, бахту саодат, фариз ва накӯӣ ҳамеша боз гардида, дар ҳаёт ӯ бо некномӣ ном мебарорад. Меҳри дили мардум ҳамеша анвор ба хонаи дили ҷавони ростгӯй пошад ва ороишу тобиши он дар осмони софу беғубори дили он ҷавон бошад. Аз ин сабаб ҷавони некноми бохирад, бидуни он ки каҷрафторӣ ва дуруғӯӣ накунад, бо дӯруғӯёни сиёҳрӯй ва бо каҷравони дилкаҷи ҳамнишинӣ накунад, аз онҳо ҳамеша ҳазар намояд. Тарбияи олимақоми ростӣ ва ростӯйиҳанӯз аз овони тифлӣ ва рӯзҳои беғубори айёми ҷавонӣ оғоз меёбад ва тадрихан такомул ёфта ба камол мерасад. Падару модар, мураббиён ва дигар шахсоне, ки тарбияи кӯдак ба зиммаи онҳо воӯзор аст. Маҳз ба он эътибор диҳанд, ки умеди ояндаи онҳо ба ҳамин рӯҳ тарбия гирад. Ин кор он вақт самараи дилхоҳ медиҳад, ки агар падару модарон пеш аз ҳама то ба мактаб рафтани кӯдак дар фарзандони худ бо ҳар роҳу воситае набошад малакаҳои ростӣ ва ростӯиро тарбия намоянд. Ҳангоми мактабхон шудани бача бошад, дар синфҳои ибтидоӣ тарбияи малакаҳои ростӣ ва росткорӣ ба як низоми муайян медароянд. Дар ин боб падару модарон бояд ҳамеша ҳамфикру ҳам ақидаи муаллимон бошанд ва кӯшиш кунанд, ки бача бояд ростгӯю ростқавл бошад ва бо ҳамин рӯҳия тарбия ёбад. Бача ҳар гоҳ ба дуруғӯӣ одат мекунад дар байни ҳамсинфону ёру ошноҳо, ва падару модар ва аҳли хамъият қадру эътиборашро гум мекунад ва аз боварӣ мебарояд, аз боварии дигарон ҳам мебарояд.

Аз тарафи дигар ба воситаи дуруғӯӣ сабаби ба хиҷолат мондани чанд касони дигар низ мешавад, ки ин ҳол чӣ барои худи фарзанд, чӣ барои падару модар ва муаллимонаш орӯ нанги бузург мебошад. Бино бар ин муаллимони синфҳои ибтидоӣ дар вақти дарс ва корҳои берун аз синфи ба ин масъала бояд эътибори махсус диҳанд. Муаллим ҳангоми дарс метавонад, ки вобаста ба мавзӯъ аз ҳикояту афсонаҳо ваҳаёти худи хонандагон мисолҳои мушаххас орад. Масалан муаллим метавонад мавзӯи «Ҷазои дӯруғӯй», «Деҳқон ва хирс», «Мурғ, мурғоби ва муш» ва

ғайраҳоро хотиррасон кунад, ё ин ки рафтори ягон хонандаи синфро хотир рассад. Дуруғӯйро ба дег ташбеҳ додан ҷоиз бошад, метавон гуфт ки ин дег на танҳо дасту пой, балки дили ҳассосу дидаи маънавии одамро метавонад чунин сиёҳ кунад, ки ин сиёҳи шоҳроҳи амалиёти одамии ӯро тира созад ва интиҳои манзили муроди неки худро дида натавонад. Дар ин бора чунин мақоми халқӣ хуб гуфта шудааст:

Ростгӯю ростқавлу рост бош,
Тухми каҷрафтор андар дил мапош.

Боз як анъанаи дигари халқамон ин ҳунар ва ҳунармандӣ мебошад.
бузургон ҳунарро аз накутарин пешаи одамӣва аз беҳтари фазилатҳои мавҷудоти бошуур ва соҳибхиради одамӣ пиндоштаанд ва онро бақимати илму адаб ва барзарӣ бишумурда гуфтаанд: Илм асту ҳунар асту барзгарӣ, дигари вай - ҳамааш ҳиллагарӣ.

Ҳунар ва ҳунармандӣ таҷассум ва омили тамаддун ва маданиятнокии одамист, ки бо он истеъдод, қобилият ва маҳорати соҳибҳунар муайян мешавад ва ин ҳол шарафи он шахс мегардад. Ҳама он мадрасаҳои мунаққаш, қасрҳои олимон, сурати маҳвашон. гунбазҳои давори сарбафалаккашида, расми оҳувони рамидаву хушхироми чарида, гӯшворҳои заррини моҳрӯён ва амсоли ӯ эҷозҳои гези аҳли ҳунар ва ҳунари ҳунармандони заҳмат номае мебошад. Агар ҳунар ва ҳунармандӣ намебуд, ҷаҳон чун води урён боқӣ мемонд ва пайкари ӯро пироҳани тамаддун намебуд. Оре, ҳунар ва ҳунармандӣ пешаи гаронбаҳоест, ки дорои таҳсин ва ситоиш мебошад. Ҳунарманд ҳаргиз хор нагардад ва ҳунар ӯро роҳати афзун орад.. «Ҳунар чашмаи зоянда ва давлати поянда аст ва агар ҳунарманд аз давлат биафтад, ғам набошад, ки ҳунар дар нафаси худ давлат аст, ҳар ҷо ки равад, қадр бинад ва бар садр нишинад ва беҳунар луқма чинаду хорӣ бинад». Дар ин бора шоир хеле хуб гуфтааст:

Айб аст, ки дар ҳунар накӯшӣ,
Сад айб ба як ҳунар напӯшӣ.
Соҳибҳунаре, ки ботамиз аст,
Дар дидаи мардум азиз аст,
Дар мавсими қудрати ҷавонӣ
Нақде ба каф ор, то тавонӣ!

(Б. Ҳилолӣ)

Дар зпрбулмасалу мақолҳои халқӣ чунин омадааст, «Ба ҷавон чил ҳунар кам аст». Бале, ҳунар ганҷи бебаҳост, ки бопулу мол харида намешавад. Сайъ бар он бояд намуд, ки шогирдон бештар ҳунар омӯзанд ва чашми донишу хирад ба ин гавҳарии пурбаҳо дӯзанд, зеро ҳунар номи боло мебардорад:

Ҳунар номи он мард афзун кунад,
Ки сар аз ҷайби иқбол берун кунад.
Ҳунармард ҳар ҷо бувад сарфароз,
Куҷо беҳунар шуд асири ниёз?

(Р. Абдуллозода)

Инак, беҳтар аст муаллим рӯй ба шогирдони хеш оварда, ба онҳо фаҳмонад. Шоир беҳуда нагуфтааст:

Намуда саъю кӯшиш то тавонӣ,
Ҳунар омӯз андар навҷавонӣ (Расмӣ)

Анъанаи дигари халқи тоҷик ин дӯстӣ, рафоқат ва одамият мебошад. Пӯшида нест, ки дӯстӣ, рафоқат ва меҳрубонию одамият дар ҳаёт аз фазилатҳои беҳтарини инсонӣ, ба шумор меравад, умр ба одамӣ муясар намегардад. Байти Хоҷа Ҳофиз баёнгари ин матлаб аст:

Дарахти дӯсти биншон, ки коми дил ба бор орад,
Ниҳоли душмани баркан, ки ранҷи бешумор орад.

Оре, ширинии ҳаёт, лаззати зиндагӣ ва гӯворoии маънавии ҷомеаи башар дар дӯстӣ ва рафоқат аст. Чунин ягонагии бани одамро ба мадди назари эътибори хирад нагирифтан бехирадмандист ва дур аз олами одамию одамият бошад. Ба ҳамаи халқҳо якҷоя нафас гирифтан, бенафасиро аз байн барад ва ба дили тоифаҳои бо ҳам дӯст, рафиқ ва муттаҳид будан ба тани одамӣ хуни рафоқат ва меҳрубонӣ давад, зеро одамӣ чун аз мардуми халқҷудо шуд, ӯро қадр нанамуд ва дустию рафоқат ба вай зоҳир накард, мисли он бошад, ки моҳие аз об ҷудо гардида бенафас монад:

Машав як халқҳо ҳаргиз ҷудо то як нафас доред,
Ки моҳи як нафас беоб монад бенафас гардад.

(Р. Абдуллозода)

Дар маром ва қавоиди дӯстӣ, рафоқат ранҷонидани дӯст аз тарафи дӯст ҷоиз набувад, ки ин ранҷиш бештар аз гуфтор ва забони бад ба вуқӯъ мепайвандад.

Чунин ба одамон қадрдонӣ зоҳир менамоӣ ва лофи дӯстию меҳрубонӣ мезанӣ, зудранҷ машав. Дӯсти зудранҷ дар мазрааи одамият чун шӯраи хушкидааст, ки бо зидани боди ками ногувор ӯ аз бун канда шавад ва нопадид гардад. Халқи тоҷик аз қадим кӯшиш мекарданд, ки дар ҳама вазъият шарики шодию ғами якдигар бошанд ва ба камбағалону муҳтоҷон дасти ёрӣ дароз кунанд. Дар ин бора шоири забардасти тоҷик Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ чунин гуфтааст:

Мардӣ набувад фитодаро пой задан,
Гар дасти фитодае бигирӣ мардӣ.

Ҳар як миллат бо меҳри дил миллати худро дӯст медорад ва бо он мефахрад. Дӯст надоштан, эҳтироми ҳар як миллатро ба ҷо наовардан, бо чашми кину адоват ба ӯ нигоҳ кардан ва барангезонидани низоми миллӣ дар байни эшон дур аз одамият аст. Бале, одамро одамият мебояд, на ҷаҳлуҷаҳолат. Нарасидан ба қарди одаму одамият, барангезонидани низоъ дар байни инафрод ҷаҳл, ҷаҳолаш ва ҷаҳолият.

Ҳар он шахсе, ки миллати хеш ва дигар халқу бародарҳои худро дӯст медорад ва эҳтиромашонро ба ҷо орад, ӯ некном бувад ва некном монад. Дар ин бора Саъди бузургвор чунин гуфтааст:

Наёмад касе дар ҷаҳон, к-ӯ бимонд,
Магар он, к-аз ӯ номи некӯ бимонд.

Аз ин рӯ, дар байни ҳамаи аъзоёни ҷомеа на тафриқа, балки ягонагӣ, дӯстӣ, рафоқат ва одамият ҳамеша барқарор ва устувор бошад. Ҳамин тавр, анъанаҳои халқи тоҷик, ки решаҳои хело амиқ дорад, аҳамияти бузурги иҷтимоӣ-психологӣ ва педагогӣ дошта, асрҳои аср миллионҳо насли наврасро тарбия намудааст ва имрӯз низ ин анъанаҳои халқӣ ҳамчун як воситаи таълиму тарбияи ҷавонон хизмати босазое менамоянд. Аз ин рӯ лозим аст, ки дар мактаб муаллимон роҳҳо ва методикаи истифодабарии анъанаҳои халқиро ҷустуҷӯ намоянд ва ҳангоми дарс ва корҳои беруназсинфӣ аз онҳо фаровон истифода баранд.

## АДАБИЁТ


1. Аҳмадов Р. Суннатҳои бостонӣ дар рӯзгори кунунии тоҷикон//Нақши «Авесто» дар тамаддуни миллӣ ва ҷаҳонӣ: (бахшида ба 2700 солагии Авесто).-Душанбе, Шарқи озод, 2001.-с.32-37.
2. Брагинский И.С. От Авесты до Айни.-Душанбе, Ирфон.-225 с.
3. Волков Г.Н. Этнопедагогика чувашского народа.- Автореф. дис. … канд. пед. наук. Москва.-19667.-75 с.
4. Измайлов А. Э. Народная педагика. Педагогические воззрения народов Средней Азии и Казахстана.-Москва, 1991.-253 с.
5. Исоев С. Народные традиции и опыт по трудовому воспитанию детей ва семье. Автореф. дис. … канд. пед. наук.Тошканд, 1981, 20 с.
6. Лутфуллоев М. Педагогикаи эҳёи аҷам.-Душанбе, 1997.-153 с.
7. Орифӣ М. Аз таърихи афкори педагогии халқи тоҷик қисмҳои 1, 2 Ирфон, Душанбе, 1965.
8. Нуров А. Арзишҳои миллию умумибашарӣ, заминаҳои пайдоиш инкишоф ва накши онҳо дар тарбияи инсон.- Душанбе, Ирфон, 2003.- 184 с.
9. Орифӣ М. Аз таърихи афкори педагогии халқи тоҷик қисмҳои 1, 2 Ирфон, Душанбе, 1965.
10.Отахонов Т. Очеркҳои афкори педагогии халқи тоҷик.- Душанбе 1994.- с.
11. Раҳмов Б. Воспитание навыков и привичек культурного поведения у детей младшего школьного возраста в Таджикской семье. Автореф. дис. … канд. пед. наук. Душанбе.-1963.-80 с.
12. Қодиров К. История воспитания школы и педагогической мысли таджиков с древнейших времён до возникновения ислама. Автореф. дис. … докт. пед. наук. Душанбе, 2000.-51 с.


## МЕСТО НАРОДНЫХ ТРАДИЦИЙ В ВОСПИТАНИИ НРАВСТВЕННЫХ ЦЕННОСТЕЙ У МЛАДШИХ ШКОЛЬНИКОВ


В данной статье автором рассматривается роль и место народных традиций в воспитании нравственных ценностей у младших школьников. Народные традиции организуют связь поколений. На них держится духовно-нравственная жизнь народа и основывается преемственность поколений. Народные традиции, передаваемые из поколения в поколение, создают в себе разнообразные средства и формы воспитания.



**Ключевые слова:** народные традиции, нравственные ценности, становление личности, связь поколений.


## THE PLACE OF THE FOLK TRADITIONS IN THE EDUCATION OF MORAL VALUES IN PRIMARY SCHOOL CHILDREN


In this article the author considers the role and place of the folk traditions in the education of moral values among the younger students. Folk traditions organize the communication of generations. Keeps them on spiritually-moral life of the people and is based succession of generations. Folk traditions, passed from generation to generation, creating a variety of means and forms of education.



**Key words:** folk traditions, moral values, the formation of a personality, the ties between generations.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Ф.Гулмадов*** – главный специалист Государственной службы по надзору в сфере образования Республики Таджикистан

# ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ОМӮЗИШӢ

*Марями Зогии Сорукуллоӣ*
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Вожаи технология аз калимаи «текноложиё - techno logia» гирифта шудааст. Маънои ин луғат дар Юнони бостон, анҷом додани як ҳунар ё ҳирфа будааст. Бахши аввали он (Techno), талфиқе аз маънои як ҳунар ва як техника ба маънии маҳоратҳои илмӣ, шомили донистан ва анҷом додан аст. Бахши дувуми он (Logos) ба маънои истидлол, табъийн, асл ва ироаи далел мебошад. Бинобар ин, технологияро метавон бакоргирии мустадил ё мантиқии дониш донист.

Ба ибораи дигар, ба табдили дониш аз марҳилаи падидаҳо ё табдили кашфи робитаҳои мавҷуд миёни падидаҳоро технология донист, ки дар он аз натиҷаҳо ва ёфтаҳои илмӣ истифода мешавад. Дар мавриди таорифи технологияи омӯзишӣ, гуногунии он мушоҳида мешавад, ки ҳар як аз онон бо таваҷҷуҳ ба масири таквинӣ ва навъи рӯйкардҳои ин ришта тадвин ёфтаанд:

Ҷеймз Бровен технологияи омӯзишӣ, ки дар мавриди пазириши идеяи касире аз соҳибназарон аст, иборат аст аз «тарроҳӣ, иҷро, арзишёбии низомманд, кулли фароянди ёддиҳӣ, ёдгирӣ бар асоси ҳадафҳои мушаххас ва натиҷаҳои таҳқиқот дар заминаҳои ёдгирии инсонӣ ва иртиботот ва низ бакоргирии маҷмӯае аз манобеи инсонӣ ва ғайриинсонӣ ба манзури эҷоди омӯзиши муассиртар, амиқтар ва пойдортар».

**Анҷумани технологии иртибототи Амрико.** «Технологияи омӯзишӣ иборатанд аз назария ва амали тарроҳӣ, тавлид, корбурд, мудирият ва арзишёбии фароядҳо ва манобеи ёдгирӣ».

Дар ҷамъбандии таорифи гуногуни технологияи омӯзишӣ ба ин натиҷа даст меёбем, ки ин илм сирфан ба маънии истифода аз васоил ва расонаҳои омӯзишӣ дар фароянди омӯзиш ва ёдгирӣ нест, балки маънои бас васеътареро бо худ ҳамроҳ месозад. Усули куллии технологияи омӯзишӣ, равиши мубтанӣ ва муттакӣ бар рӯйкарди системавӣ ва корбурди назарияи умумии системаҳо аст, бо зикри нукта, ки аз ёфтаҳои тамоми улум ба ҳалли масоили омӯзишӣ мепардозад. Яъне равоншиносӣ, ва равоншиносии тарбиятӣ аз ҷумлаи улуме ҳастанд, ки технологияи омӯзишӣ бештарин бахраро аз ёфтаҳои онҳо менамояд.

Аз назари таърихча ин илм метавон гуфт, ки зуҳури технологияи омӯзишӣ ба аввалҳои қарни XX-ум бармегардад. Сайри таҳаввули он аз ибтидо то кунун, марҳилаҳоеро ба шарҳи зер пушти сар гузошт:

**Абзори васоил.** Шуруи ин марҳила бо оғози сохт ва тавлиди бархе аз абзорҳои технологияи омӯзишӣ, монанди прожекторҳо, ки аввалҳои қарни XX-умро ишора мекунад.

**Маводи омӯзишӣ.** Аввалин маводи омӯзишӣ, ки ба сурати низомманд мавриди истифода қарор гирифт, слайдҳои омӯзишӣ буд, ки короии худро дар он давра аз замон нишон дод.

**Низомҳои дарсӣ.** Ин марҳила аз аввалҳои қарни XX-ум шурӯъ гардид, ки тамоми омилҳо ва унсурҳои омӯзишӣ аз қабили: маҳалла, донишомӯз, абзор ва маводи омӯзишӣ, муҳити омӯзишгоҳ бояд ба унвони як система ва кулли воҳид дар назар гирифта шавад.

Низомҳои омӯзишӣ дар ин марҳила аз таквини риштаи технологияи омӯзишӣ, таҳияи маводи мухталифи омӯзишӣ бо таваҷҷуҳ ба мавридҳои зер мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтааст:1. Ниёзҳои фардии донишомӯзон бо таваҷҷуҳ ба алоқаҳои онон.
2. Ниёзҳои ҷомеа.

Албатта, ин давраи омӯзишии муназзам фақат дар қолиби омӯзиши расмии мадрасаӣ нест, балки дар сатҳҳои ҷомеа ба таври васее анҷом мегирад, ки донишомӯз, худёдгир ва масъули ёдгирии худаш хоҳад буд.

**Низомҳои иҷтимоӣ.** Мафҳуми технологии омӯзишӣ ба унвони фалсафаи ҳоким бар кулли омӯзиши як кишвар барои расидан ба ҳадафҳои рушди тавсеа аст, ки метавон гуфт ба афрод ё созмони хосе ихтисос надорад, балки ҳитаҳои амали ҳар фард аз афроди ҷомеа ё созмонеро, ки барои рушд ва тавсеаи кишвараш кор мекунад, дар бар мегирад. Дар натиҷаҳои ҳосила аз марҳилаҳои панҷгонаи фавқуззикр, бояд гуфт, ки ҳар қадар корбурди васоили кӯмаки омӯзиш ғанитар бошад, амри ёд додан ва ёд гирифтан бо суҳулати бештаре анҷом мешавад. Адами ин васоил дар айни ҳол,

ки омӯзишро мутаваќиф намекунад, балки дар тӯлонитар шудани замони омӯзиш ва душвортар шудани фароянди ёддиҳӣ ва ёдгирӣ мунҷар мешавад.

**Систематикаи омӯзишӣ.** Мавридҳои ёдшуда нишонгари он аст, ки дар ҳар барномарезии омӯзишӣ, се марҳила қобили тафкик аст:1) тарроҳӣ; 2) иҷро; 3) арзишёбӣ. Ин амр мусаллам аст, ки ҳар омӯзишдиҳанда, яъне муаллим ё технология ба таври табиӣ марҳилаҳои фавкро мебоист дар иҷрои омӯзиш ба кор бандад. Яке аз муфидтарин ва ҷомеътарин намунае, ки метавонад дар ин системаи омӯзишӣ ба кор гирифта шавад, намунаи Ҷейм Бровен ва ҳамкорони ӯ мебошад.

Система иборат аз маҷмӯе аз аҷзост, ки бо ҳам робитаи таомулӣ дошта, дар ҷиҳати ҳадафе фаъолият мекунанд. Фароянди нерӯҳои система аз маҷмӯи ҳамаи аҷзои он бештар аст. Ба ибораи дигар, дар система энергияе нуҳуфтааст, ки беш аз маҷмӯи энергияи аҷзо мебошад. Яъне кулл, чизе беш аз аҷзо дорад ва ин ки инсон ба система таваҷҷуҳи хосе дорад, ба хотири ҳамин энергия изофа аст. Ҳамин баҳрамандӣ дар умури омӯзишӣ ҳадафманд шудани систематикаро фароҳам месозад. Интихоб ва тадвини ҳадафҳои куллӣ, ҷиҳати ҳаракат ва маҳдудаи корро мушаххас мекунад, чи фаъолияти умури омӯзишии як ҷаласа ё як давраи омӯзишӣ бошад.

Бинобар ин, дар тарроҳҳии систематикаи омӯзишӣ таъйини манобее, ки нерӯи инсонӣ, мавод ва васоили омӯзишӣ, фазоҳои омӯзишӣ ҳастанд, зарурат меёбад. Чаро ки дар ин ҷиҳат:

* Ибтидо бояд мушаххас шавад, аз кадом нерӯҳои инсонӣ бояд баҳра гирифт? Оё нақши муаллим бартар аст ва ё масалан мутасаддии озмоишгоҳ ё лаборатория ва ё аз нерӯҳои дохил ё хориҷи система, ки мусаллам аст, нерӯҳои ғайримувазафанд ва эҳсоси масъулият дар ин росто нахоҳанд дошт, бояд суд ҷуст?

* Интихоб ва пешбинии мавод ва васоили мухталифи мавриди истифода дар омӯзиш, моро дар айни иҷрои кор муваффақтар хоҳад кард. Ибтидо дар ин хусус бояд дақиқ буд, ки алоқаҳо, тавоноӣ ва ба таври куллӣ собиқаҳо ва мушахассоти фарогирон дар ҳадди болои ин пазириш бошад ва низ бояд таваҷҷуҳ дошт, ки имконоти молӣ бо теъдоди ҳадафҳои мо дар як росто ва ҳамоҳанг бошад. Чунончи, нуқсони яке боиси барномарезии дигар барномаҳо нагардад.

* Фазоҳои омӯзишӣ аз дигар нукоти зарурии ин система ба шумор меравад, агар мехоҳем ба оянда хушбин бошем, бояд насле бипарваронем, ки тадовумдиҳандаи аъмоли мо бошанд. Аз ҷумла, дар омӯзиш, фазо муҳимтарин василаи пешрафти фарогирони омӯзишӣ мебошад. Бояд аз ҳар нуқта аз фазо, ҷойгоҳи зебо дар назар гирифт, барои ҳар метри мураббаъ барномарезиҳои солим ва содиқона ба кор бурд, то бо он чи ки ҳадафҳои моро дар пеши рӯ дорад, ҳамсон ва ҳамоҳанг бошад.

**Рӯйкардҳои муҳим.** Бо таваҷҷуҳ ба он чи гузашт, дар систематикаи омӯзишӣ, ки ҳадафи куллиро дар ин раванд ташкил медиҳад, бояд ду рӯйкарди муҳимро ба таври комил ва куллӣ зери назар дошт, ки яке рӯйкарди муаллим ва дигаре рӯйкарди донишомӯз.

**Муаллим муассисамадор.** Дар мавқеиятҳои тадрис, ёдгирии одии муаллим мавзӯоти дарсиро, ки дар шакли барномаи дарсӣ танзим шудааст, барои синф шарҳ медиҳад (Таобири шахсӣ). Ва ин амр, то замони мушаххас ва аз қабл таъйиншуда идома пайдо мекунад. Ин равишҳои тадрис аз навъи «чеҳра ба чеҳра» ва тақрибан собит ҳастанд, ки нисбат ба мушкилоти хоси донишомӯзон ва тафовути фардии онон таваҷҷуҳ намешавад.

Мусаллам дар ҳар навъ аз ин тадрис, ки тавассути мадраса танзим гардад, донишомӯзон маҷбуранд, ки сабки ёдгирии худро бо илзомоти созмон вафқ диҳанд. Ин рӯйкард дорои мазоё ва маойибе аст, ки вобаста ба сатҳ ва моҳияти давраи омӯзишӣ, мавриди баррасӣ қарор мегирад:

*Маҳосини ин равиш дар ин аст, ки муаллим метавонад ба манзури беҳбуди омӯзиш ва ёдгирӣ, як риштаи мавқеиятҳои ёдгирӣ, мутаносиб бо навъи моддаи дарсӣ, сатҳ ва огоҳии ёдгирандагнонро фароҳам оварад ва тамриноти ҷубронӣ ва такмили ироа диҳад. Албатта, аксари мавқеиятҳои ёдгирӣ ба тадоруки қобили мулоҳизаи корҳои фардӣ ва гурӯҳӣ эҳтиёҷ дорад, ки қатъан муаллим дар марказҳои ин фаъолиятҳо қарор дорад ва таҷрибаи ӯ дар иртибот бо ин фарогирон бисёр муҳим аст.

* Маойиби ин равиш дар он аст, ки тамоми моҳияташ комилан ба маҳорат ва тавоноии муаллим вобаста аст. Агар муаллим боистеъдод ва ботаҷриба набошад, масоил ва мушкилоти шадиде гиребонгири донишомӯзон хоҳад шуд. Аъмоли назорат тавассути муаллимон дар канори фаъолиятҳо ба ин маъно аст, ки онҳо барномаҳои дарсӣ ва сохтори муҳтавои дарсиро худашон мушаххас месозанд. Ва

агар масоил ва мушкилоте пеш ояд, муаллим бар асоси таҷриба ва идроки шахсии худ бо он муқобила мекунад. Дар ин умури омӯзишӣ, як муаллими хуб ва ботаҷриба саъй мекунад, миқдори муносибе аз тақвият, тамрин ва такрорро дар тадриси худ пешбинӣ кунад, аммо дигарон мумкин аст аз анҷоми ин кор имтино варзанд ва ба баҳонаи маҳдудиятҳои замонӣ бидуни таваҷҷуҳ ба ҷанбаҳои тақвият, давраи омӯзиширо поён диҳанд.

**Фарогир донишомӯзонмадор.** Дар ин рӯйкард, роҳбурдҳои дониш омӯзмадор ба манзури фароҳам овардани системаи ёдгирии комилан инъитофпазир тарроҳӣ гардидааст, то донишомӯзонро барои зиндагӣ ва сабкҳои ёдгирии инфиродӣ омода кунад. Дар ин гуна роҳбурдҳо, муаллим ва мадраса, нақши марказият надоранд, балки нақши ҳимоятиро бозӣ мекунанд.

* Маҳосини ин равиш дар ин аст, ки воҳидҳои мутолиаи инфиродӣ дар ин системаҳо метавонанд, яке пас аз дигаре ва дар як маконе мутаносиб бо мавқеияти шахсии афрод, омӯхта шавад. Ба илова, донишомӯзон дар ин система маъмулан аз маводи ёдгирии тестшуда ва омода, истифода мекунанд. Бинобар ин, кайфият ва чигунагии истифода аз маводи ёдгирӣ камтар ба муаллим вобаста аст. Мизон ва равиши ёдгирӣ ба василаи худи донишомӯз танзим мешавад ва дар канори воҳидҳои ёдгирии инфиродӣ, расонаҳои мухталиф аз қабили слайд, наворҳои шунидорӣ, моделҳо, наворҳои видео, маводи ёдгирии роёнаӣ ва матнҳои чопӣ метавонад мавриди истифода қарор гирад.

Дар ин роҳбурдҳо аз кӯмаки мушовира ва роҳнамоии муаллим ба роҳатӣ метавон истифода кард, ки ин кӯмакҳо чи мушовираӣ ва чи амалӣ ба сурати инфиродӣ, сабаби рафъи масоил ва мушкилоти инфиродии донишомӯзон мешавад ва низ фурсати таваҷҷуҳ ба донишомӯзони заифтар бештар аз донишомӯзони қавӣ ва мустақил вуҷуд дорад.

* Маойиби ин равиш дар он аст, ки ағлаб ба тадриси суннатӣ ва нақши фаъоли донишомӯз муттакӣ аст, бинобар ин, тааҳҳуд ва ангезиши донишомӯзон ба таври ғайриқобили иҷтиноб бояд дар сатҳи хеле болое бошад. Аз ин рӯ, барои фарогирони ҷавон ва бетаҷриба нисбат ба фарогирони бузургтар ва болиғ муносиб нест, чароки ба кор ва талоши фаровоне ниёз аст. Айби умдаи ёдгирии донишомӯзон ин аст, ки доманаи он маҳдуд ва дар ҳар давраи омӯзишӣ наметавон аз ин роҳбурд баҳра гирифт ва дарвоқеъ, аглаби корбурдҳои ин рӯйкард дар давраҳое аст, ки ҳадафи онҳо омӯзиш ё тасаллути фарогирон бар дониши поя аст ва умдатан шомили мавзӯоте мешавад, ки аз сохтор ва муҳтавои воқеӣ бархурдоранд, аз қабили улум, муҳандисӣ, риёзӣ, пизишкӣ ва ҳамчунин дар давраҳои омӯзиши кӯтоҳмуддат ба кор меравад. Аммо дар мавзӯоти комилан илмӣ, эҷоди озмоишгоҳҳои муносиб, намоишҳои илмӣ ва корҳои маҳоратӣ, ба сурати давраҳои худоҳангӣ бениҳоят мушкил аст.

**Идғоми роҳбурдҳо.** Солиёне аст, ки рӯйкардҳои муаллиммадор ва рӯйкардҳои фарогирмадор ду қутби ҷудо аз ҳам ҳастанд ва тарафдорони ҳар кадом аз ин рӯйкардҳо аглаб ба назар мерасад, ки дар баҳсу ҷадал мебошанд. Аммо амалкарди гузашта нишонгари он аст, ки ин ду навъ рӯйкард ба шакли яксоне бо ҳам яке будаанд.

Албатта имрӯз, аксари марказҳои омӯзишӣ ва донишгоҳҳо дар ҳоли ҳозир ҳарду рӯйкардро мавриди истифода қарор медиҳанд, аммо имкон дорад мавзӯоти хосе ба шеваи омӯзишии тавзеҳӣ чеҳра ба чеҳра ё суханронии тадрис шавад. Бо чунин рӯйкарде фарогирон метавонанд дигар мавзӯотро ба сабки мутолиаи инъитофпазир, бо истифода аз маводи ёдгирии пеш тарроҳишудаи хос ва манобеи дигар хориҷ аз мадраса мутолиа кунанд. Аз ин назар, фарогирон аз миқдори соатҳои худ дар синфҳои суннатӣ ё ҷаласоти суханронӣ мекоҳанд. Аммо муаллимон ва мураббиён, ки дар суханронӣ тасаллут ва маҳорат доранд, бо ироаи сухани ҷолиб ва ҷаззоб, дар назди фарогирон арзиш ва маҳбубият пайдо мекунанд ва онон, ки аз ин маҳорат ва техника бархурдор нестанд, ба унвони тасҳилкунандагони ёдгирӣ муваффақтаранд, чаро ки барои ҷуброн аз камбуд, кӯмакҳои омӯзишии зиёде барои фарогироне, ки аз бастаҳои ёдгирии боз, маводи омӯзишии роёнаӣ ва маводи хондании худ - роҳнамо истифода мекунанд, ироа медиҳанд.

Дар роҳбурдҳои идғомӣ ё таркибӣ фарогирон аз ҳаққи интихоби зиёде бархурдоранд. Чаро ки бархе аз онон аз шароити мунфаил, монанди суханронӣ лаззат мебаранд ва бархи дигар аз муассисот истиқбол мекунанд, ки масъулияти ёдигириро бар уҳдаи фарогирон қарор медиҳанд. Дар ин шароит муаллимон ба унвони як манбаи мавриди истифода нақш доранд.

**Рӯйкарди ҳадафмадор.** Таъйин ва танзими боздеҳҳои ёдгирӣ ба сурати дақиқ ва сареҳ умуман аввалин марҳилаи муҳим дар фароянди тарроҳии давраҳои омӯзишӣ ё тарроҳии манобеи ёдгирӣ аст, ки дар марказҳои тарроҳии барномаи дарсӣ қарор дорад.Дар ин модел ҳадафҳо се навъ амалкард доранд:

1. Моҳияти давра ё барномаи дарсиро таъйин мекунанд ва тасвире аз навъи маводи омӯзишӣ, ки бояд мавриди истифода қарор гирад, ироа медиҳанд.
2. Имкони баррасӣ ва таъйини навъи равишҳои тадрис ва ёдгирро, ки бояд ба кор гирифта шаванд, фароҳам меоваранд.
3. Умдатарин кӯмакро дар барномарезии арзишёбӣ фароҳам меоваранд.

Ба таври куллӣ ҳадафҳо (ҳаммонанди аҷзои дигар модел) бояд аз лиҳози иҷроӣ бо давраҳо ё барномаҳои омӯзишӣ созгор ва ҳамоҳангӣ дошта бошанд ва бояд ҳамвора бар асоси дониши фарогирон ва маҳоратҳо, тавоноиҳо ва шоистагиҳои онҳо ислоҳ ва таъдил шаванд.

## АДАБ ИЁТ


1. Аҳадиён Муҳаммад. Усул ва муқаддимоти технологияи омӯзишӣ. –Теҳрон: Интишороти Бушро. 1348.
2. Ҳусайни Саидалиакбар. Тафаккури халлоқ, ҳадафи ниҳоии таълим ва тарбият. Донишгоҳи Шероз, 1348.
3. Сайф Алиакбар. Андозагирӣ ва пешрафти таҳсилӣ. Муассисаи интишороти Огоҳ. -Теҳрон, 1364.
4. Беҳрангӣ Муҳаммадризо. Улгуҳои тадрис. Чопи Гулчин, 1371.
5. Easthope Maclean. Easthope, the practice of Teaching. Allen & unwin. Sydney Austratia. 1991.
6. Barker J. (ed). The multimedia classroom kogan page. London, 1993.
7. Barker J. and Tuckerm RN. The interactive learning Revolution: multimedia in Education and Training kogan page. London, 1990.



### ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫЕ ТЕХНОЛОГИИ

Использование педагогических технологий дает возможность педагогическому коллективу продуктивно использовать учебное время и добиваться высоких результатов в обучении. Для реализации познавательной и творческой активности школьника в учебном процессе используются современные образовательные технологии, дающие возможность повышать качество образования. В школе представлен широкий спектр образовательных педагогических технологий, которые применяются в учебном процессе.



**Ключевые слова:** образовательные технологии, учебный процесс, учебное время, деятельность учащихся, повышение качества образования.



### EDUCATIONAL TECHNOLOGIES

The use of pedagogical technologies gives an opportunity to pedagogical collective of productive use of school time and to achieve high results in training. For realization of cognitive and creative activity of pupils in the learning process using the modern educational technologies, allowing raising quality of education. The school offers a wide range of educational pedagogical technologies, which are applied in the educational process.



**Key words:** educational technology, educational process, school time, activities of students, improvement of the quality of education.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Марям Зоги Саркулзои*** – соискатель ТГПУ им.Садриддина Айни


# ФОРМИРОВАНИЕ РУССКОЙ МОНОЛОГИЧЕСКОЙ РЕЧИ НА ОСНОВЕ ТЕКСТОВ ПО СПЕЦИАЛЬНОСТИ


***Ф.М.Файзуллоева***

**Кулябский государственный университет им.А.Рудаки**


Одним из наиболее важных аспектов обучения русскому языку студентов-нефилологов является формирование у них русской профессионально-направленной речи. Коммуникативные задачи при обучении русскому языку могут быть реализованы главным образом на уровне монологического высказывания. Устная научная монологическая речь - это форма речевого взаимодействия, реализуемая посредством профессионально-направленной речи, особенности которой обусловлены условиями и сферой такого общения. Устная научная монологическая речь характеризуется сложным многокомпонентным составом и научной направленностью содержания, она является комбинированной формой речевого"взаимодействия, состав, структура и содержание которой обусловлены характером научного изложения, а реализация осуществляется посредством профессионально-направленной речи как компонента речевой деятельности в условиях профессионального общения. Поскольку профессионально-направленная речь - это аналог речи как таковой, и существование ее обусловлено спецификой сферы функционирования, постольку возможно выделить монологическую разновидность

профессионально-направленной речи, приняв в качестве ее единицы высказывание с четко выраженной профессионально-тематической направленностью. В профессионально-направленной речи в качестве одной из коммуникативных единиц выступает высказывание как комбинированный тип. Основой его является сочетание элементов традиционно выделяемых способов изложения. Данный тип существует как совокупность подтипов и разновидностей, определяемых доминирующим положением а) одного из способов изложения и б) определенной целевой установкой.

В связи с этим, обучение студентов национальных групп русскому языку с учетом специальности связано, в первую очередь, с развитием монологической речи, как результата научного мышления, и поэтому требующего высокой профессиональной и речевой компетенции, определенного уровня интеллектуального развития и общей культуры. Обучать монологическому высказыванию необходимо посредством обучения построению монологических высказываний четко выраженной профессионально-значимой тематики. Именно такими высказываниями организуется профессионально-направленная речь, в процессе которой реализуется монолог как форма профессионального общения специалистов определенной области, которыми становятся студенты неязыковых факультетов после окончания.

В этой связи, формирование у студентов навыков построения монолога на научные темы требует определенной методической организации учебного материала и соотнесенных с нею типов учебных текстов с заранее заданным содержанием как одной из форм речевого взаимодействия. Следовательно, текст- это учебный материал, иллюстрирующий функционирование элементов языка в их употреблении с одной стороны, а с другой-это конечный результат обучения русскому языку. Умело подобранный текст является базой для развития связной речи. Предъявляемый текст должен характеризоваться смысловой целостностью, логичностью, синтаксической связностью, т.е. представлять собой единство плана содержания и плана выражения. На данном тексте имеется возможность познакомить студентов со структурой того или иного сообщения, с комплексом средств, с помощью которых достигается единая смысловая и структурная целостность.

Из психологии следует, что для процесса общения необходимо понимание. Понимание-это сложный мыслительный процесс, включающий узнавание языковых средств и соотнесение их с ситуацией контекста[1, 57 ]. Что касается научного текста, то понять текст-это значит проникнуть в смысл читаемого. Как известно, восприятие текста характеризуется двумя сторонами: содержанием и формой. Оно охватывает и языковую форму, и содержание, заключенное в ней. Однако в обычных условиях воспринимается и понимается не языковая форма языковых значений, не языковая оболочка мысли, а сами эти значения, т.е. содержание.

Развитие монологической речи на материале текстов должна быть организована таким образом, чтобы студенты приобретали необходимые речевые умения и навыки для построения собственно монологического высказывания на определенные темы. При этом следует иметь в виду то, что эффективность любого выказывания зависит не только от того, насколько грамматически правильно говорящий сумел высказать свою мысль, но а также изложить содержание в правильной логической последовательности, объединить отдельные мысли в единый связный текст, правильно выбирая при этом необходимые средства связи. Для построения собственного монологического высказывания необходимо владение необходимыми известными речевыми и языковыми умениями и навыками, помогающими осознать смысловую и структурную зависимость между отдельными предложениями, частями текста, а также избирательно пользоваться языковыми средствами в условиях той или иной речевой ситуации. Речевая ситуация понимается как «совокупность» условий, речевых и неречевых, необходимых и достаточных для того, чтобы осуществить речевое действие по намеченному плану. Для порождения адекватного высказывания учащийся должен ориентироваться в оценке нелингвистических факторов, формирующих ситуацию, содержание высказывания и определяющих выбор языковых средств, и усвоить значение единиц языка, обеспечивающих коммуникативное задание. Именно поэтому ситуативно-тематическая организация предполагает перечисление ситуаций общения, выявление актуальных тем, определение конечного списка речевых интенций, отраженных учебными текстами и наиболее типичных , частотных и коммуникативно ценных лексико- синтаксических манифестациях[3, 81 ].

Как показывает практика, студенты неязыковых факультетов испытывают затруднения при конструировании собственного монологического высказывания в определенных речевых ситуациях, не имеют навыков аргументации и доказательств на русском языке, не могут полностью раскрыть содержание тем, нет последовательности изложения материала, нет связи между предложениями, между смысловыми частями, отсутствует логика и последовательность в изложении мысли, однообразие в выборе средств и типов межфразовой связи.

Поскольку монологическая речь есть средство передачи информации, то она включает функционально-смысловые типы речи. В связи с этим, овладеть данными типами речи студенты национальных групп неязыковых факультетов смогут при целенаправленной работе над функционально-смысловыми типами речи: повествование, описание, рассуждение, доказательство, организации на их основе системы упражнений, направленных на выработку русской монологической научной речи.

При обучении восприятию и пониманию научного текста следует подбирать тексты, которые не содержат слишком много смысловой информации. Языковая форма не должна отвлекать внимание воспринимающего от содержания текста. Иными словами, если восприятие информации будет проходить осмысленно и непрерывно, то оно должно принести свои результаты в процессе обучения русскому языку. Понимание и усвоение информации, которая дана в тексте, зависит не только от понимания каждого отдельного коммуникативного компонента текста ( слова, словосочетания, предложения), но и от умения определять связь каждого элемента с контекстным окружением, от умения анализировать текст по «смысловым периодам», представляющим собой содержательно законченные части текста [2 ]. В этой связи, обучение монологической речи невозможно без установления определения лингвистических связей между планом содержания и планом выражения любого высказывания, в том числе и профессионального. При построении монологической речи формируются умения анализировать текст, преобразовывать его, аннотировать, реферировать и т. д., что способствует формированию научного мышления у студентов, как суждение, умозаключение, абстрагирование и конкретизация, классификация понятий, установление причинно-следственных связей, сравнение, сопоставление, противопоставление и т.п. Монологическая речь в зависимости от содержания делится на различные функционально-смысловые типы речи: описание, повествование, рассуждение доказательство. Эти типы речи различаются коммуникативной насыщенностью, композиционно- логической структурой, языковыми формами реализации смысловых категорий.

Таким образом, обучение воспроизведению должно осуществляться на основе текстов по специальности, так как в них характерны стилеобразующие черты собственно научной речи (обобщенно-отвлеченность, логичность, номинативность, точность, безэмоциональность) и закономерности строения текста , дидактическая направленность учебно-научной литературы, ее адаптация для конкретного адресата определяют предпочтительность использования текстов учебников на начальном этапе обучения научной речи. Для восприятия и воспроизведения научногот текста представляются важными такие категории текста как членимость и связность. В этой связи особое внимание студентов следует обращать на связность текста и его членимость на микротексты.

Функциональная обусловленность этих категорий в научном тексте нашла отражение в следующем: во-первых, объективный характер членения научного текста привел к совпадению абзаца и СФЕ, к большей организованности абзаца /ключевая роль первого предложения, четкое построение абзацной фразы/; во-вторых, стремление научного стиля к подчеркнутой логичности проявилось в эксплицитном выражении связности предложений и частей текста с помощью формальных средств связи.

Организуя обучение монологической речи студентов национальных групп необходимо анализировать тексты с точки зрения их принадлежности к определенному функционально-смысловому типу речи. Предметом анализа при обучении должны быть, в первую очередь, черты, специфичные для жанровых разновидностей: способ преобразования исходного текста, композиционное строение и клишированный лексико-грамматический материал. работа по развитию связной речи на текстах по специальности предполагает обогащение речи студентов профессиональной лексикой, закрепление их грамматических знаний, развитие и совершенствование умений и навыков извлечения

научной информации из стилистически дифференцированного текста, а также развитие и совершенствование профессионально направленной связной речи


**ЛИТЕРАТУРА**

1.Зюзенкова, О.М. К проблеме лексических трудностей понимания оригинальной научной и технической литературы. – М.: Наука, 1971. -140 с.

2.Каплан, Л.И. Психологический анализ понимания научного текста: Автореф. дис…канд. наук по психологии. – М., 1953. - 21 с.

3.Метс Н.А., Митрофонова О.Д., Одинцова Т.Б. Структура научного текста и обучение монологической речи. – М.: Русский язык. 1981. – 141с.


**ФОРМИРОВАНИЕ РУССКОЙ МОНОЛОГИЧЕСКОЙ РЕЧИ НА ОСНОВЕ ТЕКСТОВ ПО СПЕЦИАЛЬНОСТИ**


В данной статье автор, рассматривая построение профессионально-направленного монологического высказывания на основе текстов по специальности, предлагает некоторые рекомендации в целях развития и совершенствования профессионально направленной связной речи



**Ключевые слова:** монологическая речь, связная речь, текст по специальности, функционально-смысловые типы речи, воспроизведение высказывания, понимание текста


**FORMATION OF RUSSIAN MONOLOGUE SPEECH TEXT-BASED SPECIALTY**


The author, considering the construction of a professionally directed monologue statements based on texts by profession, offers some recommendations for the development and improvement of professionally directed connected speech



**Key words:** monologues, connected speech, text specialty, functional and semantic types of speech, playback speech, text comprehension



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Ф.М. Файзуллоева*** – соискатель КГУ им.А.Рудаки


# АҚИДАҲОИ ПЕДАГОГИИ ТОИСЛОМӢ ДАР АСАРҲОИ ДИНИИ ХАЛҚҲОИ СОКИНИ МИНТАҚАҲОИ ФОРСУ МОВАРОУННАҲР


***Саидиброимов Шозодаиброҳим***

**Пажӯҳишгоҳи такмили таълимоти касбии ВМКБ**


Манзури аслӣ аз гузаронидани ин тадқиқот ошно сохтани ҳаводорони илму маърифат ба ақидаҳои педагогии тоисломӣ дар асарҳои динии халқҳои сокини минтиқаҳои Форсу Мовароуннаҳр мебошад.

Маълум аст, ки динҳои сомӣ аз қабили яҳудия ва насрония аз динҳои тоисломии зинда мебошанд, ки аз ҷиҳати сарчашмаву ақидаи худ ба дини мубини Ислом умумияти куллӣ доранд. Умумияти асосии онҳо дар тарғибу ташвиқи роҳи рост, некиву некукорӣ ва роҳат расонидан ба дигарон аст. Шиори ҳамаи динҳои тоисломӣ ва Ислом «Чизеро, ки ба худ раво надорӣ ба дигарон ҳам announce писанд» буд. Тарғибу ташвиқи роҳи рост, некиву некукорӣ ва умуман ахлоқи писандидаи инсонӣ дар таълимгоҳҳо пеш аз нузули дини мубини Ислом низ ҷорӣ буд.

Дар бораи он, ки мактаб ва таълим дар минтиқаҳои Форсу Мовароуннаҳр кай арзи вуҷуд намудааст, маълумоти дақиқ ва мушаххаси хаттӣ вуҷуд надорад. Танҳо вобаста ба маълумотҳои таърихӣ, бостоншиносӣ оид ба пайдоиши хатти Эрон ва навъҳои он, инкишофи илму маданият, илм ва санъат метавон гуфт, ки оғози ташкилшавии мактаб ва маълумот дар Эрон ба даври суқути сохти ибтидоии қавмӣ-қабилавӣ (асри VI то милод рост меояд).

Турсунов Акбар дар китоби худ «Эҳёи Аҷам» овардааст, ки дар адабиёти илмии Ғарб таълиму тарбияи тоисломӣ дар Эрон мавқеи мусбӣ дорад. Ҳангоме ки сухан аз нашъунамои илму фалсафаи халқҳои эронинажод равад, аввал онро ҳамчун шӯълаи ногаҳонии камолоти ақлии мусалмонон ба қалам медиҳанд. Ва баъдан омилҳои беруна (баста ёфтани фарҳанги Юнон ва ҳатто дини Ислом)-ро заминаи асосии падидаи зикршуда маънидод мекунанд. Мусташриқони аврупоию амеркоӣ низ овардаанд, ки заминаи маънавии мардуми эронинажод аз қадим суст набуд, ки маънавиёти минбаъдаи мардуми Форсу Мовароуннаҳр аз он сарчашма гирифтаанд.

Муаррихи маъруфи форс Забеуллоҳи Сафо бо боварии комил нигоштааст, ки миллати Эрон то таъсису равнақи давлати Сосониён аз тараққиёте дар илму маърифат бархӯрдор шуда буд.

Сарчашмаҳои таърихӣ шаҳодат медиҳанд, ки ҳанӯз дар ҳазораи II пеш аз милод айёме, ки дар Шумеру Аккад сохти ғуломдорӣ тараққӣ ёфт, тамаддуни он рӯ ба инкишоф ниҳод.

Тақрибан дар солҳои 558-550 то милод аз қабилаҳои Парса Куруши Кабир ба мубориза хеста, шоҳи Эламро ба худ тобеъ намуд ва ба Империяи кабири Ҳахоманишиён дар тамоми Эрон поя гузошт.

Ҳамин тариқ, ба хулоса омадан мумкин аст, ки қабилаҳои эронии кассит, лулубия, элам ва амсоли инҳо дар қаламрави давлати Элам (Хуҷистони имрӯза) дар ҳамсоягӣ бо давлатҳои Шумеру Аккад ва Бобул умр ба сар мебурданд. Мумкин аст, ки қабилаҳои эронӣ ба тарзи ташкил ва фаъолиятҳои мактабҳои ин кишварҳо шиносоӣ пайдо намуда, эҳтимол дар ташкили мактаб ва ба роҳ мондани кори таълиму тарбия аз таҷрибаи ҳамсояҳо истифода бурдаанд. Эрон низ чун дигар мамлакатҳои Шарқи қадим сохти ҷамъияти ибтидоӣ, қавмӣ-қабилавиро аз сар мегузаронд. Аз ин ҷо гуфтан метавон, ки аввалин мактабҳо дар Эрон дар назди дарбор (мактабҳое, ки дар дарбори шоҳон амал мекарданд), мактабҳои дабирӣ, мактабҳои кормандони идораи давлатӣ ва хоҷагӣ, мактабҳои назди маъбадхонаҳо (мактабҳои коҳинӣ), мактабҳои хусусӣ ва умумиобшинагӣ ва амсоли инҳо ташкил шудаанд. Онҳо низ ба меҳнат ҷалб буда, барои пешрафти ҳаёт саъю кӯшиш мекарданд. Афроде ба таълими толибилмон чун педагог машғул буданд ва онҳо ақидаҳои педагогии хоси худашонро доштанд.

Дар афкори педагогии аҷдодони мардуми форсинажод сухан рондан дар боби хилқати инсон ба ҳукми анъана даромадааст. Дар китоби машҳури Бобоҷон Ғафуров «Тоҷикон» омадааст, ки таълимоти касмологию зебопарастии зардуштию монавӣ тамоми тасаввуроти пешинаи шарқиро дар як задухӯрди муштараки кайҳонӣ муҷассам сохта, инсонро сарчашмаи ин муборизаи умумиҷаҳонӣ эълон намудааст. Ва ин гуфторҳо собит месозанд, ки эрониёни қадим низ ба масъалаи зебопарастӣ, эътиқоди куллӣ доштан ба Офаридагор диққати ҷиддӣ дода, инсонро ашрафи тамоми махлуқот меноманд. Ашрафи тамоми махлуқот будани инсон дар он зоҳир мешавад, ки вай бо хости худ роҳи хайру шарро интихоб мекунад ва бар замми ин фаъолияти ӯ дар рафти муборизаи кайҳонии неку бад аҳамияти махсус дорад. Пас тамоми аъмоли нек ё бадро анҷом додан ба худи инсон вобастааст. Офаридагор дар кори хайр ва шарри инсон саҳмгузор набуда, азалӣ будани аъмоли зишту накӯро таълимоти тоисломии мардуми Форсу Мовароуннахр низ рад кардааст. Ин таълимотро, одамон дар хурдсолӣ дар мактаб мегирифтанд ва ба анҷом додани рафтори нек талқин мешуданд. Бо кадом роҳе, ки инсон худаш ихтиёр мекунад ба ҳамон роҳ гом мегузорад. Аммо таълуму тарбия дар раҳнамоӣ намудани инсон ба роҳи рост мавқеи асосӣ дорад. Гарчанде ки инсон соҳиби ақл бошад ҳам, дониш таҷаллии имон аст. Давои ҳама гуна дардҳои бадрафторӣ омӯхтани илм ва амал кардан ба он аст.

Тибқи таълимоти зардуштия одам бояд вазифаи худро барои ёрӣ расонидан ба мабдаи хайр дар муборизаи он ба мабдаи шар, на танҳо дар доираи талаботи динӣ, балки тавассути зисту зиндагии одилона адо кунад. Аз офариниши олам маълум аст, ки дар олам ду қувваи ба ҳам зид-некӣ ва бадӣ мавҷуданд. Маҳз инсон бояд тавассути «пиндори нек», «гуфтори нек», «кирдори нек» бо қувваи бадӣ дар мубориза бошад.

Маълум аст, ки зардуштияву монавия дар пайдоиши Оламу Одам бар он ақидаанд, ки коинот пеш аз ҳама майдони фаъолияти эҷодии одам буда, амалиёти кайҳонии ӯ саршор аз мазмуни ахлоқӣ мебошад, ки дар натиҷаи он кулли ашё ва ҳодисаи олами моддӣ яклухт мегардад ва дар ҳамбастагӣ қурбу манзалати ботинӣ пайдо мекунад. Бо боварии комил гуфтан метавон, ки шиори машҳури «Кӯш то ба хулқат ҷаҳон биороӣ» дар «Авасто» мунъакис буд. Бо ин шиор «Авасто» ва дигар китобҳои динҳои тоисломӣ талқин мекарданд, ки барои инсон лозим аст, ки бо некиву накӯкорӣ зиндагӣ кунад ва баъд аз худ дар олам номи некро мерос гузорад.

Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки ақидаҳои педагогии тоисломии мардуми Эрон пеш аз ҳама дар он зоҳир мегарданд, ки меҳнатро ба гурӯҳҳои ақлонӣ (насиби табақаҳои болоии ҷамъият, шоҳону амалдорон) ва ҷисмонӣ (насиби табақаҳои поёни ҷамъият, мардуми меҳнаткаш) ҷудо мекарданд.

Қайд карданиам, ки меҳнатро набояд ба табақаҳо ҷудо мекарданд, балки он ба қобилият, кӯшишу ғайрати ҳар як шахс вобастааст. Дониш ба мансубияти ягон табақа вобаста нест, балки он саъю кӯшиши ҳамешагии инсонҳост. Гадо метавонист,

ки бо андӯхтани дониши хуб подшоҳ шавад ва баръакс, подшоҳзодаи донишногирифта мумкин гадо шавад.

Эрониёни қадим дар баробари таълим ба масъалаи тарбия аз қабили инкишофи ақлу тафаккур, эҳтироми падару модар, андӯхтани дониш ва дар амал татбиқ кардани он диққати ҷиддӣ медоданд. Вале таълим монанди имрӯз бо роҳи ақидаҷамъкунӣ, эътирофи ақидаҳо ва кӯдакмарказ набуда, балки ба тариқӣ зӯрӣ ба роҳ монда мешуд. «Дар мактаб интизоми калтак ҷорӣ буд» *( 3-54)*.

Дар ин ҷо қайд карданам зарур аст, ки ҷорӣ будани интизоми калтак (ҷазо додани хонандагон, маҷбуркунӣ ба аз ёд кардани қориёна ва амсоли инҳо) сабаби аз байн рафтани шавқу ҳавас ба таълим гардид. Таълимдиҳанда шогирдонро пурра зери назорати мегирифт, вақт ва мундариҷаи дарсро бо хоҳиши худ пешгӯӣ менамуд. Ба хонандагон лексия мехонд. Аммо лексия ба таври монология гузаронида шуда, эҳтиёҷот ва шавқу ҳаваси фардии таълимгирандагон сарфи назар мешуд. Баҳсу мунозира барпо нагардида, бисёртар таълимдиҳанда фикру ақидаҳои хешро баён мекард, шогирдон аз тарс наметавонистанд эҷодкорӣ намоянд ва ё омӯзишро инъикос кунанд (дар бораи чизи шунидаашон ё саволи пайдошуда). Бинобар ин аксарияти дарсҳо барои толибилмон ва ҳам барои худи таълимдиҳандагон дилгиркунанда мегузаштанд.

Дар Эрони бостонӣ мактаб ҷойи тарбия низ буд. Эрониёни қадим дар тарбия додани насли наврас ба масъалаҳои ҳурмату эҳтироми падару модар, калонсолон, ҳифзи қабила (авлод), оила, ватан, ташаккул додани ақлу ҳуш, идрок, интизомнокӣ, иҷрои супоришоти муаллим ва ғ. эътибори ҷиддӣ медоданд. Аммо дар таълимгоҳҳои Эрони қадим таълиму тарбия моҳияти динӣ дошт. Дини расмии Ҳахоманишиён дини зардуштия (ё дар баъзе сарчашмаҳо онро зартуштия меноманд) гардида, дар таълиму тарбияи насли наврас саҳми арзанда гузошт.

Нахустин ёдгории хаттии маданияти қадими эронзамин «Авасто» мебошад. «Авасто» дар баробари асари динӣ буданаш, китоби бузурги тарбия ва таълими инсони накӯкору накӯсурат ва баёнкунандаи дигар масъалаҳои зиёди педагогӣ мебошад. Таълимот дар бораи ташкили тарбияи фарзанд дар оила ва таълими он, ташкили издивоҷ, муомилоти зану шавҳар, зебопарастӣ, накӯкорӣ, эҷодкорӣ, ҳалолу покизакорӣ, ҳурмату эҳтироми шахс, ростгӯӣ, интихоби касб ва монанди инҳо дар «Авасто» мавқеи махсусро ишғол мекунанд. Зардушт инсонро бо ҷасорат (ғояи «Мантра спента», яъне «Сухани муқаддас») ба масири рост раҳнамоӣ мекард. Ин хислатҳои волои инсонӣ дар ибораҳои «пиндори нек», «кирдори нек» ва «рафтори нек» таҷассуми худро ёфтаанд.

Ақидаи педагогии интихоби касб дар кори таълиму тарбия мавқеи асосӣ дорад. Аммо тибқи таълимоти «Авасто» падар писарашро бо роҳи зӯрӣ ба касби худ тайёр мекард: «»Авасто» ҷамъиятро ба 4 табақа – коҳинон, ҷанговарон, кишоварзон, косибон тақсим карда, касбро меросӣ эълон карда буд. Аз ҳамин сабаб касби ҳар яке аз ин табақаҳо аз насл ба насл мегузашт *(3-56)*.

Бале, мумкин як роҳи осони соҳиб шудан ба касб гирифтани касби падар бошад. Тавре ки дар мақоли халқӣ мегӯянд: «Ҳар кас касби падар нагирад аз насли ӯ нест». Аммо тазаккур бояд дод, ки интихоби касб неруи ботинист. Он набояд бо роҳи зӯрӣ интихоб шуд. Толибилмон бояд бе ягон таъсир, нобобаста аз касе касбро интихоб мекарданд, онгоҳ онҳо барои соҳиб шудан ба касби дӯстдоштаи худ саъю талоши зиёд мекарданд.

Ва Худованд низ инсонеро, ки донову дар партави хиради муқаддас, қалбаш пок, андешаву гуфтору кирдораш нек ва росткор аст дӯст медорад ва бо тавоноӣ ва меҳри Хеш ба ӯ расоӣ ва ҷовидониро ато мекунад.

Ҷамшеди Азимпур дар китоби худ «Сафири хуршед Ҳусайн Мансури Ҳаллоҷ» роҷеъ ба таълиму тарбия дар «Авасто» овардааст: «Шахси доное, ки ба мурoҷиа ба ботини худ ба қонуну низоми хилқат мутаваҷҷеҳ шуда ва ба замири рӯшан ҳақоиқро дарк мекунад ва биннатиҷа дар гуфтору кирдораш ростӣ ва дурустӣ зоҳир мешавад, шоистатарин вафодор ба ҳак ва Худованд ва беҳтарин мададгори мардум хоҳад буд. **Ясно, ҳоти 31\22»** (6-*123*)

Аз ин ҷо аён аст, ки «Авасто» таълим медиҳад, ки ҳар як шахс бояд доно бошад, чашми ботинро кушода ба қонуну низоми офариниш таваҷҷӯҳ кунад ва аз он сабақ гирад. Бо замири рӯшан ҳақиқатро дарк намуда, ростӣ ва дурустиро пеша кунад, шоистатарин вафодор ба Худованд ва беҳтарин мададгори мардум бошад.

Бале ба қонуну низоми хилқат мутаваҷҷеҳ шудан ва ба замири рӯшан ҳақоиқро дарк кардан роҳи дуруст дар шинохти Худо ва қудрати ӯст. Ва азбаски то нузули

Ислом мактабҳои Форсу Мовароуннаҳр характери динӣ доштанд, дар таълим низ диққати асосӣ ба қонуну низоми хилқат, дарки ҳақиқат дода мешуд ва дарёфтани ҳадаф аз хилқати инсон нуктаи марказӣ буд.

Аммо хуб мешуд, ки таълим дар доираи дарёфтани мақсади офариниш ва расидан ба ҳақиқат маъдуд намегардид, балки он бо муқоиса аз замони пайдоиши инсон то расидан ба даври хеш мавриди омӯзиш қарор меёфт. Норасоиҳо ва муваффақиятҳои айёми пешин мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, таҷрибаи рӯзгор сарлавҳаи ҳаёт мегардид, ки ин масъаларо футувват мавриди таҳлил қарор медод. Футувват яке аз ҷараёнҳои сиёсию иҷтимоӣ ва фалсафию ахлоқӣ мебошад, ки асрори ҷавонмардӣ, некиву некукорӣ ва росткорию дурустнишиниро талқин мекард. Ин ҷараён ҳанӯз аз даврахои пеш аз Ислом ҳамчу зодаи табақотӣ рушду камол ёфта, асосан ба табақаи меҳнаткаши шаҳр – ҳунармандону косибон таалluқ дошт. Он дар китоби «Авасто» чун истилоҳи ахлоқӣ-иҷтимоӣ бо калимоти некманиш, некгуфтор, неккирдор ва фазилатҳои чоргонаи маънавии рӯҳӣ: фарзона, додвар, парҳезкор ва далер баён ёфтааст. Футувват аз бисёр падидаҳои оинҳои тоисломӣ амсоли зардуштиву монавӣ, маздопарастиву маздакӣ ғизои маънавӣ гирифтааст.

Пеш аз омадани арабҳо дар Суғду Бохтар дар ҳама шаҳрҳо монанди Самарқанду Бухоро, Нишопуру Марв, Истаравшан, Хуҷанд ва Шошу Сиистон дар байни табақаи аҳли ҳунару косибон, пешвару санъатгар одоби махсус ҳукмфармо буд. Онҳо ёрӣ расондан ба мардум ва меҳмоннавозиро вазифаи аввалиндараҷаи инсон мешумориданд. Дар «Авасто» омадааст, ки шаҳриёр он аст, ки бо бародарони дармондаву нотавони худ кӯмак расонад.

Маздакиён мегуфтанд: «Ҳеҷ чизро набояд аз меҳмон дареғ дошт, аз ҳар тоифа ва миллате, ки бошад, ҳатто нисбат ба душманон ҳам боистӣ бо меҳрубонӣ ва утуфат рафтор кард» *(7-5)*.

Дар минтақаҳои Форсу Мовароуннаҳр анъанаи меҳмоннавозӣ, ҳурмату эҳтироми кас нақши асосӣ дошт. Омадани меҳмонро боиси расидани файзу баракат дар хона ва афзун гардидани ризқу рӯзӣ меҳисобиданд. Ҳамаи меҳмонҳо бояд якхела ҳурмат шаванд, ҳатто нисбат ба душманон ҳам лозим аст, ки бо лутфу меҳрубонӣ рафтор кард.

Ва ба ақидаи Маздакиён низ ҳама гуна нобаробарӣ дар ҷомеа ба мавҷуд будани решаи кину кибр ва хашму ҷанг, ҳамдигарнофаҳмӣ вобастааст. Қайд карданиам, ки барои аз миён бардоштани хасму кин нобаробарии истифодаи неъматҳои моддиро бартараф кардан хуб аст ва дар ин вақт пояи иҷтимоии он низ аз миён меравад. Бояд гуфт, ки бахшандагию саховат ва инсофи мардумӣ дар оини Маздак нуктаи марказӣ буд ва он имрӯз бояд чун анъанаи гузаштагон равнақ дода шавад.

Нобаробарӣ дар ҷомеа инчунин аз дурӯягиву дудилагӣ, шӯру фитна андохтан дар миёни мардум сар мезанад. Дар «Ясно», ҳоти 49 (4) омадааст, ки он дужхирадон (дунхирадон)-и пастфитрате, ки бо забони хеш хашму ғазабро меафзоянд ва мардуми меҳнатдӯсту коромадро аз кори хеш боз медоранд, бадхоҳонанд ва барангезандагони бадӣ дар миёни мардум мебошанд. Онон пайравони дини дурвандон (нопокон) мебошанд. Ин нукта низ дар таълимгоҳҳои мардуми форсизабони қадим таълим дода мешуд. Саъю кӯшиш бар он мерафт, ки таълиму тарбия пурзӯр шуда, ононе, ки бо забони хеш дар миёни мардум шӯру фитна меандозанд, бояд дар кишвар мавқеи худро наёбанд. Ин ашхос пайравони роҳи ростини дини Зардушт набуда, балки гаравидагони дини нопоконанд..

Дар «Суруди дуюм»-и Уштавадгоҳ («Ясно», ҳотаи 43) ба тариқи муроҷиат баён шудааст, он касоне, ки ба маншаи неку пок дил бастаед, хашмро нест кунед, бар хӯйи тунд ғолиб оед ва барои густариш ва паҳн гардидани аша (покӣ) ба мардуми пок бипайвандед. Дар урфият «Қаҳр хӯрдан, шакар хӯрдан» мегӯянд. Динҳои қадим низ талқин мекарданд, ки хашм бавуҷудорандаи нохушиҳои рӯзгор аст ва хуйи бад покиро аз миён мебарад. Азбаски хонандагон дар мактабҳо бештар асарҳои диниро меомӯхтанд, бо ин васила ба роҳи рост ҳидоят мешуданд.

Аз тадқиқотҳои анҷомдодашуда аён мегарад, ки тамоми динҳои тоисломӣ ва мардумони форсизабон аз қадим боз насли наврасро ба ахлоқи намунавӣ ва қобили қабули ҳамагон буда, даъват мекарданд.

**АДАБИЁТ**

1. Акбар Турсунов. «Эҳёи Аҷам». - Душанде: Ирфон. – 2004. – 295 саҳифа.
2. **Му**ҳаммад Рашод. «Фалсафа аз оғози таърих».- Душанбе: Ирфон. – 1990.- 478 саҳифа.

3. Т. Атаханов, М. Лутфуллоев, Ф. Шарифов. «Очеркҳои афкори педагогӣ (воситаи таълим). - Душанде: 2005» 224 саҳифа.
4. У. Назиров. ««Авасто» мероси муштараки ҷаҳониён».-Маҷаллаи «Адаб».-№1.2004 .- 64 саҳифа, саҳифаи 2.
5. Ҷамшеди Азимпур. «Сафири хуршед Ҳусайн Мансури Ҳаллоҷ». – Душанбе: Кайҳон. - 2008. - 320 сахифа.
6. Ҷ. Амир, М. Холов. «Нақши ориёиҳо дар рушди тамаддуни ҷаҳонӣ (хулосаи мақола ва гузоришҳои конференсия)». – Душанбе: Маориф ва фарҳанг. – 2006. – 134 саҳифа.
7. Ҳ. В. Кошифӣ «Футувватномаи Султонӣ», «Ахлоқи мӯҳсинӣ», «Рисолаи Ҳотамия». - Душанбе: «Адиб». – 1991. - 320 сахифа.

**ДОИСЛАМСКИЕ ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ ИДЕИ В РЕЛИГИОЗНЫХ ПРОИЗВЕДЕНИЯХ ПЕРСОЯЗЫЧНЫХ НАРОДОВ ПРОЖИВАЮЩИХ НА ТЕРРИТОРИИ МАВЕРАННАХРА**

Педагогическая мысль, нашедшая свое отражение в литературе и других предметах, является одной из самых известных и жизненно важных тем. Педагогические воззрения являются неотъемлемой частью творчества поэтов, прозаиков и украшают бессмертные прозаические и национальные эпические произведения. В данной статье автором подвергнуты рассмотрению и изучению доисламские педагогические идеи в религиозных произведениях персоязычных народов проживающих на территории Мавераннахра.

**Ключевые слова:** педагогические идеи, доисламские педагогические идеи, религиозные произведения, обучение, воспитание, Мавераннахр.

**THE PRE-ISLAMIC TEACHING IDEAS IN THE RELIGIOUS WORKS OF PERSIAN-SPEAKING PEOPLES LIVING ON THE TERRITORY OF MAVERANNAHR**

The pedagogical idea that found its reflection in literature and other items, is one of the most famous and vital topics. Pedagogical beliefs are an integral part of the creative work of poets, writers and decorated with immortal prose and national epic compositions. In this article, the author subjected to review and study of pre-Islamic teaching ideas in the religious works of Persian-speaking peoples living on the territory of Maverannahr.

**Key words:** pedagogical ideas, pre-Islamic teaching ideas, religious works, training, education, Maverannahr.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Саидиброимов Ш.***- главный редактор газеты «Путеводитель педагога» Института усовершенствования профессионального образования ГБАО

# ОМӮХТАНИ ИЛМ АФЗАЛТАР АЗ НАМОЗУ РӮЗА ВА ҲАҶУ ҶИҲОД ДАР РОҲИ ХУДО (Ҷ) АСТ

***Т.Рашидов***
**Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи Тоҷикистон**

Аз рӯзе, ки Худо (ҷ) бандаро, яъне Одам(а)-ро халқ кард, тибқи навиштаи баъзе муаррихон зиёда аз 8000 сол гузаштааст. Дар ҳамаи ин давру замоне, ки инсон умр ба сар мебарад, аз ҷониби Худо ба воситаи Ҷабраил (а) ба пайғамбарон баъдан ба аҳли башар ба тарзи Саҳофа ва китобҳои «Забур», «Таврот», «Инҷил» ва «Қуръони маҷид» роҳҳои ҳақу ботил, яъне хайру шарро фаҳмонидааст. Ҳамзамон таъкид кардааст, ки соҳиби роҳи ҳақ ва хайр Худо мебошад ва роҳи шарру ботил васвасаи шайтон ва нафси инсон аст. Чуноне ки дар «Қуръон»**, сураи «Нисо», ояи 79 омадааст:**

{مَا أَصَابَكَ مِنْ حَسَنَةٍ فَمِنْ اللَّهِ وَمَا أَصَابَكَ مِنْ سَيِّئَةٍ فَمِنْ نَفْسِكَ... (النساء/79).

*«Мо асобака мин ҳасанатин фаминаллоҳ ва мо асобака мин сайиатин фа мин нафсик». Ҳар хайре, ки ба ту расад аз ҷониби Худост, ва ҳар шарре, ки ба ту расад аз ҷониби худи ту аст. Яъне, ҳар кори хайре, ки анҷом медиҳӣ ҷонибдораш Худо ва ба ҳар кори шарре, ки даст мезанӣ аз васвасаи шайтон ва нафси худат мебошад.*

Нуктаи муҳиме, ки бештар инсонро ҳушдор додаст ин аст, ки ҳар вақт коре, ки ба умеди хайре анҷом медиҳед, вале манбааш аз роҳи шар бошад, назди Худо (ч) қабул нест, ки ин нукта дар тамоми китобҳои илоҳӣ таъкид гардида, инчунин дар «Қуръони маҷид» сураи «**Моида», ояи 27** омадааст:

{... قَالَ إِنَّمَا يَتَقَبَّلُ اللَّهُ مِنْ الْمُتَّقِينَ} (المائدة/27)

*Қола иннамо ятақаббалуллоҳу минал муттақин».*

*Гуфт: Худо қурбонии парҳезгоронро мепазирад. Яъне, Худо фақату фақат хайри паҳрезгорон – онҳоеро, ки аз роҳи пок ёфтаанд, қабул дорад.* Ин аст аввалин далели тасдиқи он нукта, ки фарзандони Одам (а) Қобил ва Ҳобил яке дар роҳи ҳақ меҳнати ҳалол карда, хайр кардааст, дигаре бо кибру ҳасад кор карда, назди Худо хайр пешниҳод кардааст. Аммо Худо хайри Ҳобилро, ки аз роҳи пок карда буд, қабул кард, вале хайри Қобил, ки аз ҳавои нафс анҷом дод, назди Худо қабул нашуд, ки худ сабаби аввалин рехтани хуни ноҳақ, яъне кушта шудани Ҳобил бо дасти Қобил дар

рӯйи замин гардид, ки маншаи ин ҳам васвасаи шайтон бо номи ҳирсу ҳасад мебошад.

Ҳамин тавр, дар тамоми давру замон шайтон бо номҳои ҳирс, ҳасад, кибр, ғурур, бухл, таассуб, рашк, риё, кина ва ғайраҳо дар қалбҳои мардум ҷой гирифта, ҳар як дар мақоми худ тибқи вазифааш инсонҳоро ба сӯйи шарр бурда истодааст.

Ин нуктаи муҳимро имрӯзҳо бисёре аз табақаҳои ҷомеаи мо, хусусан баъзе мансабдорон ва соҳибкорон эҳсос ва дарк накарда, бо роҳҳои гуногун ва берун аз фармудаи Худо (ч) маблағҳои бисёреро пайдо карда, баъдан ба умеди кори хайр гӯён ба чашми мардум хокзанон масҷидсозиҳо ва дигар аъмоли «хайр»-ро анҷом медиҳанд, аммо бехабаранд, ки тибқи оёти зикргардида хайри онҳоро Худо(ч) қабул надорад.Ҳамин тавр, ба ҳамагон маълум аст, ки дар замони худ писари ҳазрати Нӯҳ(а) бо васвасаи шайтон бо рафиқон бад ҳамроҳ шуда, хонадони нубувваташро гум кард. Дар ин маврид ҳазрати Ҳофиз овардаанд:

*Писари Нӯҳ бо бадон бинишаст, хонадони нубувваташ гум шуд,*
*Саги асҳоби Каҳф рӯзе чанд, пайи некон гирифту мардум шуд.*

Ва ё бародарони ҳазрати Юсуф, ки аз бухлу бародари худро дар чоҳ андохтанд.

Инчунин қавмҳои бисёре аз пайғамбаронро гуфтан мумкин аст, ки ба сабаби ҳақро аз ботил ҷудо карда натавонистан, таҳти васвасаи шайтону нафс қарор гирифта, нисбати пайғамбарони худ корҳои бад анҷом доданд.

Дар ҳаққи Пайғамбари ислом,(с) амакашон Абелаҳаб корҳои зишт анҷом дод, ки нисбати ӯ сураи «**Масад»** нозил шуд, яъне Худо лаънат ба Абӯлаҳаб ва занаш фиристод. Ҳамин тавр то ба имрӯз бештари табақаҳои ҷомеа роҳи ҳақро гум карда, худро дар дасти васвасаи нафсу шайтон супориданд, ки ӯ қишрҳои ҷомеаро ҳар як мувофиқи мақому ҷою замонаш ба сӯйи дӯст доштани дунёву чоҳу ишва ва нишастан дар курсиҳои таассубу ҳирсу ҳасаду кибр ва ғайраҳо қарор додааст.

Дар ин маврид Мавлоно Румӣ фармудаанд:

*Эй нафс, ки бастаи ҳавову ҳавасӣ,*
*Пайваста дар ҳимояти як нафасӣ.*
*Дунё маталаб, ишва махар, ҷоҳ маҷӯй,*
*К- аз дӯст биравию ба душман бирасӣ.*

Аз ин рӯ, гуфтан мумкин аст, ки шайтон қалбҳои баъзе қишрҳои ҷомеаро тасарруф карда, аз онҳо иблис сохтааст. Онҳо агарчи зоҳиран одам ҳам бошанд, лекин вазифаи шайтонро адо карда истодаанд. Беҳуда ҳазрати Бедил нагуфтаанд:

*Эй басо иблиси одамрӯй ҳаст,*
*Пас ба ҳар дасте набояд дод даст.*

Барои дар ин мубориза гумроҳ нашудан ва сарчашмаи ҳақро мушаххас кардан, фирефтаи иблисҳои дупо набояд гардид, Худо дар сураи «**ар-Раҳмон», ояи 29** фармудааст:

(29/الرحمن) {... كُلَّ يَوْمٍ هُوَ فِي شَأْنٍ}

*«Куллу явмин ҳува фӣ шаън». Ва Ӯ ҳар рӯз дар коре аст.*

Яъне, банда доим ҳушёру зирак бошад, зеро Худо ҳар лаҳза аъмоли некеро барои инсон пешниҳод мекунад. Аз ин фармуда бармеояд, ки инсон барои он ки гумроҳ нашавад ва он иблисрӯйҳо фиребаш накунанд, бояд тамоми умр ҳушёру зирак бошад. Чи тавре, ки Ҳофиз фармудаанд:

*Дур аст сари об дар ин бодия ҳушдор,*
*То деви биёбон нафиребад ба саробат.*

Бинобар он, Пайғамбар (с) бо истифода аз илми ладунӣ, чунин фармудаанд, ки Мавлоно Румӣ мегӯянд:

*Боз омад, эй Муҳаммад авф кун,*
*Эй туро лутфу илм-ил-ладун.*

Барои он ки уммат гумраҳ нашаванд, Пайғамбар (с) дар ҳадиси муборакашон фармудаанд:

«*Сатафтариқу уммати ило салосина ва сабъина фирқатан воҳидатун ан наҷоиятун вал боқуна ҳалко».* Яъне, пас аз ман умматҳои ман ба ҳафтоду се гурӯҳ ҷудо мешаванд, аммо як гурӯҳашон растагоранд.

Дар ин маврид саҳобаҳо пурсиданд, ки гурӯҳи растагорон киҳоянд, посух чунин буд, ки гурӯҳе, ки таҳти тасарруфи шайтон бо номҳои ҳирсу ҳасаду бухлу дурӯғу таассуб ва ғайраҳо қарор нагиранд, онҳо гурӯҳи растагоронанд.

Барои дуруст таҳқиқу таҳлил карда, роҳи ҳақро ёфтан Имоми Аъзам дар саҳифаи 18-и китоби *«Ал-фиқҳ ал-ҳанафӣ адиллатуҳу» гуфтаанд:*

*«Он чӣ ман гуфтам, дар ҳадди тавонам буд, вале ҳар гоҳ касе аз гуфтаи ман беҳтарро баён намуд, онро пайравӣ намояд, ки ҳақ дар он аст».*

Аз ин рӯ, агар имрӯз ба тамоми қишрҳои ҷомеа назар афканед, бештарашон дар курсии таассубу кибру ғуруру ҳирсу ҳасад ва ғайраҳо қарор доранд, ки натиҷааш коста шудани одоби ҷомеа мебошад. Барои мушаххас кардан ва ботилро аз ҳақ ҷудо карда тавонистан, ки калиди он *ИЛМ* аст, банда мехоҳам каме ҳам бошад, дар ин мавзӯъ равшанӣ андозам.

Дар «Қуръони маҷид» **сураи «Ҳиҷр», ояи 29 омадааст:**

{ فَإِذَا سَوَّيْتُهُ وَنَفَخْتُ فِيهِ مِن رُّوحِي فَقَعُوا لَهُ سَاجِدِينَ } (الحجر/29)

*«Фаизо саввайтуҳу ва нафахту фиҳӣ мин руҳӣ фақаъу лаҳу соҷидин».*

*Чун офариниширо ба поён бурдам ва Рӯҳи Худ дар он дамидам, дар баробари ӯ ба саҷда биафтед.*

Муфассирон мантиқан фармудаанд, ки Худованд ҷисми Одам(а)-ро, яъне одами аввал дар рӯйи заминро, аз хок баъдан тани инсонҳоро аз нутфа ва хунлахта сохта дар он рӯҳ дамидааст. Яъне, ҳақиқати инсон пас аз дамидани рӯҳ дар ҷисм комил мешавад ва мо медонем, ки тафаккуру андеша аз рӯҳ сарчашма мегирад. Аз ин рӯ, қисмати асосии инсон ин ҳамон рӯҳ аст, ки маншаи андешаю фикру тааққулу тадаббур мебошад ва ин хосият аст, ки инсонро аз дигар ҳайвонот ҷудо месозад ва ӯро бартар аз фариштаҳо ва масҷуди онҳо гардонидааст.

*Дар бораи ҷойгоҳи фикру эҳсос ва андешаи инсон Мавлоно Румӣ мефармояд:*

*Эй бародар, ту ҳамон андешаӣ,*
*Мобақи худ устухону решаӣ.*

Дар ҷойи дигар Мавлоно Румӣ таъкид менамоянд:

*Ҳис асири ақл бошад, эй фалон,*
*Ақл асири рӯҳ бошад ҳам, бидон.*

Фармудаи оят ва гуфтаи Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ маънои онро доранд, ки манбаи андеша, тааққул, тафаккур, тадаббур, тамиз, тааммул, сабр, фаросат ақл буда, аз рӯҳи Худо дамида, сарчашма мегирад, бинобар он, **АҚЛ** танҳо аз омӯхтан ва амалӣ кардани *илм* рушд меёбад. Рӯҳро Ҳақ таоло ҳама лаҳза озод гузошта, барои андеша намудан ва барои амалӣ кардани корҳои хайр ва ё шарр ихтиёр додааст.

Чуноне ки Худо дар **ояи 10, сураи «Балад»** фармудааст:

{وَهَدَيْنَاهُ النَّجْدَيْنِ} (البلد/10) .

*«Ва ҳадайноҳун наҷдайни». Яъне ду роҳро пешниҳод мекунам.*

*Дар ояи 8 сураи «Шамс»* Худо (ч) фармудааст:

{فَأَلْهَمَهَا فُجُورَهَا وَتَقْوَاهَا} (الشمس/8) .

*«Фаалҳамаҳо фуҷураҳо ва тақвоҳо». Сипас бадиҳову парҳезгориҳояшро ба ӯ илҳом кардан.Яъне роҳи хайр ва шарро фаҳмондадиҳӣ кардам.*

Дар ин маврид Мавлоно Румӣ фармудаанд:

*Он, ки гӯӣ ин кунам ё он кунам,*
*Худ нишони ихтиёр аст, эй санам.*

Аммо қисми дигари инсон, ки он ҷисми ӯст аз гӯшту устухон иборат мебошад ва он ҳар лаҳза, бо васвасаи шайтон ва ҳавою ҳавас рӯҳи **беилмро** бандаи худ қарор дода, ба корҳои шар таҳрик медиҳад. Ҳол он ки тибқи фармудаҳои Худою Пайғамбар (с) рӯҳи Худо дамида, яъне ақл бо омӯхтани **ИЛМ комил гардида,** танро зери назорат мегирад. Бинобар ин, мувваззаф аст, ки ӯро ҳокимӣ кунад зеро, ки ӯ аввалин офаридаи Халлоқ маҳсуб меёбад.

Дар ин маврид Расули акрам (с) фармудаанд: **«Инни аввала мо халақал лоҳу ақл». Яъне, Худо аввал ақлро офарид.**

Ақл дар навбати аввал фақат қудрати эҳсос ва ламс кардани махлуқоти табиатро (гармӣ, хунукӣ, бӯй, сахтӣ, сустӣ ва ғайра) дорад. Дигар узвҳои бадани инсон (даст, по ва ғайра) тӯли умр корҳои хайр ва шарро анҷом медиҳад, ки он тибқи дастури ақл мебошад. Дар давоми зиндагӣ баробари зиёдшавию болоравии омӯзиши илм, пайдоиш ва ҳамон қадар афзуншавии фаросат мушоҳида мегардад.

Ба ин фармуда ишора Мавлоно Румӣ чунин гуфтаанд:

*Некӣ аввал дасти Яздони маҷид,*
*Аз ду олам пештар ақл офарид.*

Чи тавре ки шайх Саъдӣ фармудаанд:

*Ақл дар тан ҳокими эмон бувад,*
*Чун зи бимаш нафс дар зиндон бувад.*

Аммо дар мавриде, ки ТАН рӯҳи бедонишро ҳокимӣ мекунад, онҳо бо ҳам бандаи ҳавою нафс ва васвасаи шайтон гардида, ба корҳои шарр даст мезананд, ки баъзан тибқи қонунҳои башар зиндонии зиндонҳои башарсохта мешаванд. Лекин дар зиндонҳои башарсохта рӯҳи одам фикру андешаи озод дошта, фақат ҳамроҳи тан баъзе корҳоро анҷом дода наметавонад.Ин худ далели адолат ва озодӣ барои рӯҳ аст, ки Худо ато кардааст. Валекин бадбахтии инсон дар он аст, ки танаш озод аз зиндонии башар буда, рӯҳашро худ аз наомӯхтани *илм* ва бедонишию беамалӣ ба зиндони дунё маҳбус мекунад. Дар муносибати одам бо ҳавои нафсаш банда будан ва ё худ ҳавои нафсро банда кардан Мавлоно Румӣ фармудаанд:

*Маро бандае ҳаст номаш ҳаво,*
*Дили ман ба-дон банда фармонраво.*
*Ту онӣ, ки он бандаро бандаӣ,*
*Парастори манро парастандаӣ.*

Дар иртиботи фармудаҳои оятҳои «Қуръон», ҳадисҳои Расули акрам(с), гуфтаҳои уламою шуарои бузург ба монанди Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ, агар ба амалҳои мардуми имрӯзаи мо, аз ҷумла баъзе хизматчиёни давлатӣ, ходимони дин, зиёӣ, соҳибкорон ва ғайраҳо, ки имрӯз бештарашон бандаи ҳавои нафс мебошанд, муқоиса гардад, дар он сурат ибодатҳоеро ба монанди қории «Қуръон» будан, қироати хуб кардан, намоз хондан, рӯза доштан, ҳимояи мавзӯи илмии бе амал кардан ва ғайраҳо, ки баъзе аз табақаҳои номбурда беилму бетафаккуру бетадаббуру бетаҳлилу беамал анҷом медиҳанд, худ риёкорӣ буда, ҷомеаро аз лиҳози маънавию иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар ниҳоят ба нокомию харобӣ мебарад.

Дар ин маврид аллома Иқбол фармудаанд:

*Чу ба саҷда сар ниҳодам зи замин садо баромад,*
*Ки маро хароб кардӣ ту ба саҷдаи риёӣ.*

Аз ин хотир доир ба омӯхтани илм Худо (ч) ва Пайғамбар (с) фармудаҳои зиёде доранд, ки тибқи онҳо инсон ҳар лаҳза таҳти назорати Холиқи якто буда, ба ҳар амалаш ҷавобгӯй аст.

3-ин сабаб барои интихоб кардани роҳи ҳақу рост ва сохтани зиндагии зебо Худо (ч) аз миёни 6666 оёт аввалин оятҳои 1 ва 2-и сураи «Алақ»,-ро ки ҳадафаш омӯхтани *илм* мебошад, нозил кардааст:

{اقْرَأْ بِاسْمِ رَبِّكَ الَّذِي خَلَقَ } (العلق/1) .

{خَلَقَ الإِنسَانَ مِنْ عَلَقٍ} (العلق/2) .

*«Иқра бисми рабикаллази халақ, халақал инсона мин алақ». Бихон ба номи Парвардигорат, ки биофарид, одамиро аз лахтаи хуне биофарид.*

Яъне, бихон, илм биомӯз, ки ман инсонро аз як хунлахта офаридаам.

Пайғамбар (с) фармудаанд: *«Утлубул- илма минал -маҳади илал -лаҳади».* Яъне, аз гаҳвора то ба гӯр илм биомӯзед.

Ва ё ҷойи дигар фармудаанд: *«Талабул илми афзалу минал- ибодати».* Яъне, омӯхтани илм афзалтар аз ибодат аст.

Дар ҳадиси саҳеҳ омадааст: *«Утлубул- илма валав бис -Сини».* Яъне, илмро биҷӯед гарчанде дар Чин бошад. Пайғамбар (с) дар ҳадиси муборакӣ худ фармудаанд: *«Тафаккуру соатин хайрун мин ибодати санатин».* Яъне, яксоата тафаккур, тааққул ва таҳлили илмии масъала беҳтар аз яксола ибодат аст. Аз ин рӯ, дар ҳадиси муборакӣ Пайғамбар (с) омадааст: *«Талаби илм бар ҳар як марду зани мусалмон фарз аст».*

Ин фармудаҳои Худою Паёмбар (с) барои ҳар як фард фарз буда, ӯро вазифадор мекунад, ки тамоми умр дар омӯзиши илм бошаду ҳамаи амалҳои дунявию ухравии худро тибқи таҳлили илмӣ ба ҷо орад.

Аксари уламо бар ин назаранд, ки илм дар ин ҳадис мутлақ аст ва шомили ҳамаи илмҳост. Бинобар ин, илми динӣ бо илми дунявӣ дар дини мубини ислом ҳеҷ фарқе надорад. Ҳамон гуна, ки илми динӣ фарзи айну фарзи кифоя дорад, илми дунявӣ низ фарзи айн ва фарзи кифоя дорад. Илме, ки фарзи айн аст, донистани он ба ҳар фарди мусалмон лозим аст, чи динӣ ва ё дунявӣ ва тарки он гуноҳ аст. Аммо илме, ки фарзи кифоя аст, омехтани он ба андозаи ҳоҷат лозим аст. Масалан, илми пизишкӣ ва ё илми муҳандисӣ. Ҳар як ҷомеа бояд ба қадри эҳтиёҷ ин мутахассисонро дошта бошад ва агар надошта бошад масъулини ин ҷомеа гунаҳгоранд. Илми муллогӣ низ мисли илми пизишкӣ ё муҳандисӣ фарзи кифоя аст. Аз ин рӯ, як мулло метавонад посухгӯи масоили шаръӣ барои як маҳал ва ё як деҳа бошад. Ҳамин тавр,

шарт нест, ки ҳама ё аксарият мулло ва фақеҳ шаванд, ҳамон гуна, ки пизишк ё муҳандис шудани ҳама шарт нест.

«Қуръон», ки дастурамали ислом аст, ба ҳаёти дунявӣ аҳамияти бештар қоил аст ва метавон гуфт, ки ҳамаи дастурот ва роҳнамоиҳои дини ислом ба сӯйи некӯ равона кардани ҳаёти инсон дар ин дунё нигаронида шудааст. Касе, ки ин дастуротро амалӣ мекунад, аввал дунё баъд охираташ обод мегардад. Ҳадаф аз амру наҳиҳо муҳайё намудани ҳаёти хуб ва ором ва таъмини осоиши инсонҳост, то ки онҳо дар ин дунё ба душвориҳо ва мушкилиҳо мувоҷеҳ нашаванд.

Аз ин рӯ, тибқи фармудаи Расули Акрам касби ҳалолро ба даст овардан фарз буда, илми онро донистан низ фарз аст.

Аммо дар баъзе мавридҳо ходимони дин хаёл мекунанд, ки илмҳои дунявӣ ба монанди пизишкb, кимиё, табииёт, риёзиёт, технология, ҳуқуқ ва ғайра ба илми ислом бегона аст ва баъзе олимони соҳавӣ низ андеша доранд, ки донишу илми онҳо ба дин вобастагӣ надошта бошад. Ин андеша аз ҳарду ҷониб бефазлӣ ва ҷоҳилӣ аст. Чуноне ки Худованд дар «Қуръони маҷид» дар сураи «Талоқ», ояти 12 фармудааст:

{... أَنَّ اللَّهَ عَلَى كُلِّ شَيْءٍ قَدِيرٌ وَأَنَّ اللَّهَ قَدْ أَحَاطَ بِكُلِّ شَيْءٍ عِلْمًا } (الطلاق/12) .

*«...анналлоҳа ало кулли шайъин қадир ва анналлоҳа қад аҳота бикулли шайъин илман».*

*«...то бидонед, ки Худо ба ҳар чиз қодир аст ва ба илм бар ҳама чиз иҳота дорад».*

Яъне, Худо ба ҳамаи кор қодир аст ва дар ҳақиқат илми ӯ ҳама чизро фаро гирифтааст. Агар ба мазмуни мавъизаю амри маъруфи баъзе аз домуллоҳо эътибор диҳем, гумон аст, ки ба илмандӯзӣ даъвате дошта бошанд. Агар дар онҳо ба ҷойи он ки, масалан, мегӯянд таҳоратро чb гуна бояд шурӯъ кард, ки он 1400 сол қабл таъкид шудааст, ки ҳар мусулмон бояд донад, аз мавзӯъҳое суханпардозӣ намоянд, ки ба физикаю химия ва биологияю ситорашиносӣ дахл дошта бошанд, магар хуб нест? Агар кор фақат бо намозу таҳорату рӯза буд мешуд, олами ислом бо ихтирооте ҷаҳонро тасхир мекард ва худи «Қуръон»-ро ҳам набояд ба маънии маҳдуд фаҳмид.

Ишора ба ин таъкид шайх Саъдӣ фармудаанд:

*Ҳаст «Қуръон» баҳри илму кони фазлу нури пок,*
*Илм аз «Қуръон» талаб, зеро ки дурр дар кон бувад.*

Ва ё Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ фармудаанд:

*Тамоми илмҳо андар вуҷудаш,*
*Ҳамин ваҳйи Раҳмон аст «Қуръон».*

